**АБДУЛЛОҲ**
**МАШРАБ САЙФУЛЛОҲ**

# БУҲРОНИ ҲУВИЯТ

**(вижагиҳои нохудогоҳӣ бо истифода аз бархурдҳои муосири фарҳангҳо: таъсиргузорӣ, ё худ таъсирпазирӣ)**

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**АБДУЛЛОҲ**
**МАШРАБ САЙФУЛЛОҲ**

# БУҲРОНИ ҲУВИЯТ
**(пажӯҳиши илмӣ-фарҳангӣ)**

***Душанбе***
**“Дониш”**
**2023**

УДК: 338. 974
ББК
**Абдуллоҳ М. С.** Буҳрони ҳувият (пажӯҳиши илмӣ-фарҳангӣ):
монография – Душанбе: “ДОНИШ”, 2023, - 330 саҳ.
Зери назари президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик **Фарҳод Раҳимӣ**
**Муҳаррири масъул:**
**Музаффарӣ М. –** аъзои вобастаи АМИТ, д.и.ф., профессор;

**Муқарризон:**
**Олимов Кароматулло –** академики АМИТ, д.и.ф., профессор;
**Ғаффор Мирзоев** – д.и.ф., профессор
**Мусаҳҳеҳ:**
**Илҳоми Баҳром –** ҳуқуқшинос

Дар монография авзои кунунии вижагиҳои густариши ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои мухталиф бо дарназардошти ҳамоҳангӣ ва тасодуми онҳо бо хусусиёти ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, омилҳои дохилӣ ва хориҷии соири ҳувиятҳо дар иртибот бо андешаҳои фалсафии замони постмодернизм баррасӣ ёфтааст. Муаллиф бархурди ду тарзи тафаккур ва дуализми фарҳангии тоҷиконро дар мисоли ду дидгоҳ (ориёӣ ва сомӣ) ошкор намуда, бар ин андеша мутмаин мебошад, ки боовариҳои динӣ дар тоҷикон бинобар замшавии таассуб имкон намедиҳад, ки онҳо дорои ҳувияти фарҳангии воҳид бошанд.

Дигар масоиле, ки дар монография мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, тақсимбандии тамаддунҳост. Ба ин масъала С. Ҳантингтон ва А. Тойнби машғул шудаанд,

аммо тақсимбандии файласуфи амрикоӣ дар китоби "Бархурди тамаддунҳо" дар пояи авомили динӣ сурат пазируфтааст, дар ҳоле ки фарҳангҳо ва тамаддунҳо ба ҳайси аносири тобеъ аз адён набудаанд. Баръакс, дин дар ҳайати фарҳангҳо шомил буда, бинобар вижагиҳои он баррасӣ мешавад. Дигар ин ки андешаи Ибни Халдун дар китоби "Муқаддима" ҷоиз ба ёдоварист, ки тибқи он мардуми бадавӣ бидуни истифода аз дин қудратро идора карда наметавонанд.

Бахши муайяни монография қиёс шудани ҳувияти фарҳангӣ дар замони муосир бо худогоҳии асримиёнагӣ маҳсуб мешавад. Муаллиф алорағми пажӯҳишҳои муҳаққиқин ҳувияти муосирро дар муқобили худогоҳии қаблӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Монография ба мутахассисони фалсафаи фарҳанг, фалсафаи иҷтимоӣ, фарҳангшиносӣ ва онҳое, ки ба таҳқиқи масъалаҳои фарҳангӣ машғуланд, тавсия карда мешавад.

**ISBN**

**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2023**

# Мундариҷа

**Муқаддима.........................................................6**

**Боби I. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир**

1.1. Вижагиҳои ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир дар илмҳои ҷомеашиносӣ....................31

1.2. Консепсияи ҷомеаи модерн ва тарҳи ҳувияти фарҳангии он аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ...........91

1.3. Нақши омилҳои фарҳангӣ дар ташаккули ҳувияти ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф..................121

**Боби II. Масъалаҳои ба ворисиятгирии хотираи фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

2.1. Фазои фарҳангӣ ва масъалаи синтезу баҳамоии фарҳангҳо дар ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон.................................................. 173

2.2. Арзишҳои ҷомеа дар қаринаи ба ворисиятгирии анъанаоти фарҳангӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон.......................................237

2.3. Баррасии масоили худогоҳӣ ва афкори фалсафии Ибни Сино бо пайравонаш аз мактаби машшоия......................................................291

Хулоса.........................................................308

Адабиёт.......................................................314

# МУҚАДДИМА

Дар тамаддунҳои муосир асоситарин бархурди бисёрҷабҳа, аз як сӯ, ҷаҳонишавист, аз сӯйи дигар дар ин замина мушкилоти ташаккулёбии ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир маҳсуб мешавад. Ҳувияти фарҳангии ҷомеа падидаи мураккабу басе барои баррасии пайваста эҳтиёҷдоштаи иҷтимоиву равонӣ мебошад, ки ниёзҳои равонии фардро ҷиҳати "Ӯ кист? Ҷои вай куҷост?" ва амсоли онҳо фарогир буда, дар иртибот бо ягонагии муҳит ҷиҳати таҳия ва бартарии умумияте чун умумияти забонӣ, динӣ ва миллӣ густариш меёбад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ беш аз пеш ҳувияти фарҳанги миллӣ нуфуз карда, оқибат ба сатҳи болоии хеш такмил хоҳад ёфт, чунки дар фарҳанг аносир намемиранд, балки васеъ мешаванд ва тараққӣ мекунанд. Аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқ бо ҳадафи шиносоии стратегӣ - тактикӣ дар заминаи мушкилиҳои ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон иҷро мегардад. Муваффақ шудани ҷомеаи мазкур дар фазои ҷаҳонӣ дар шароити шаклгирии иқтисоди бозорӣ ҷиҳати тақвият ёфтани пояҳои давлат ва ҳувияти фарҳангии шаҳрвандон арзёбӣ мешавад. Махсусан, дар шароити ҷаҳонишавӣ ё худ ҷаҳонисозӣ, ки раванди мазкур бештар ба суди қудратҳои ҷаҳонӣ ва дар зиёни кишварҳои рӯ ба инкишоф баррасӣ мешавад, гурӯҳе аз давлатҳоро

ҷиҳати дастрасии истиқлоли давлатӣ ва гурӯҳи дигарро бобати маҳви вижагиҳои истиқлолхоҳӣ бинобар роҳандозӣ шудани аҳдофи геосиёсӣ дармеёбем, ки воқеияти ҷаҳони муосирро дар бар кардааст. Бинобар ин, тасмим гирифтем масъалаи ҳифзи истиқлоли давлати тоҷиконро дар чунин авзоъ бо дарназардошти рушди илмҳои ҷомеашиносӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Айни замон, ҷомеашиносии Ғарб дар таҳмили андешаҳое ва кирдорҳое сахткуш мебошад, ки онҳо дар таърих мавқеъ наёфта, зимни рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа дар замони постмодерн ба партов мубаддал гардидаанд. Пеш аз ҳама, дар зумраи инчунин партовҳои маънавӣ мо таассуб ва зӯроварии диниро мушоҳида карда, бегумон ба хулосае меоем, ки агар Ғарб фақат аз роҳи ҷудо кардани дин аз давлат дар замони Эҳё рушди ҳамаҷонибаро барои давлатҳои дар ғарби Аврупо қарордошта таъмин гардонид, вале кунун ҷиҳати боздошти кишварҳои рӯ ба инкишоф ва таъмин намудани қудрати ҷаҳонии худ андешае дар қолаби ҳамоҳангии дину давлат таблиғ карда, ба зуҳур ва фаъолияти густурдаи аҳзобу наҳзатҳову гурӯҳҳои террористии сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Эҷод намудани монеаҳо дар рушду тақвият ёфтани истиқлол дар дилхоҳ мамлакат маҳсули тафаккур ва идеяи ҷаҳонисозӣ аст, ки нақши калидии баҳамовариро

дар фаъолияти сиёсии раҳбари давлат инкор мекунад ва низоми сиёсиро тавре баррасӣ медиҳад, ки ба ормонҳо ва нақшаҳои геосиёсии абарқудратҳо мувофиқ бошанд. Аз ин хотир, ҳеҷ давлати рӯ ба инкишоф дар мусоидат ва дар муноқиша бо Иттиҳоди Аврупо наметавонад истиқлоли давлатиро дар ҳудуди кишвари хеш ҳифз кунад ва зарурати барпо кардани равобити густурда бо боқимонда қудратҳо пайдо мешавад. Ин вазъи кишварҳоро дар шароити ҷаҳонисозӣ метавон дар таъсис ёфтани иттиҳоди нави давлатҳо, аз ҷумла ИДМ пажӯҳиш намуд ва хулоса баровард, ки давлатҳо ба худии худ дар замони постмодерн наметавонанд истиқлоли худро ҳифз кунанд.

Хусусияти маводи омӯхташуда бо истифода аз усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва фалсафӣ барои муайян намудани робитаи ғояҳои илмӣ, ки дар заминаи давомдор ё муқовимат бо ҳам алоқамананд, мусоидат мекунад. Маълум аст, ки вазъият дар ташаккулёбии инсон мусоидат мекунад. Дар чунин шароит инсон, бо вуҷуди нохудогоҳӣ, дар тақвияти ҳувияти инфиродии хеш нақши босазое мегузорад. Воқеан, мо шароитҳоро ҳангоми таваллуд интихоб намекунем, чунки эшон дар муҳити хос зода ва ташаккул меёбанд. Аммо, ҳар қадаре, ки инсон аз таҷрибаи зиндагӣ дарси ҳаёт омӯзад, ба камол расид, худро ҳамчун шахс ташаккул медиҳад.

Дарки моҳияти ҳувият дар чаҳорчӯби назарияи ҳувият ба унвони вижагии аслии ҳастии инсон сурат мегирад, чунки маҳз ин масъала то кунун аз марзи баҳси ҷомеашиносон канор нарафтааст.

Бинобар тағйирёбии муҳит ва сатҳи ҷаҳонбинии сиёсӣ мушкилии шахсият ва эътимод надоштани ӯ ба низомҳое, ки ҷомеаҳо онҳоро арзишҳои хеш пиндоштаанд, зуҳур карда, дар дохили давлатҳо ва қитъаҳо проблемҳои зиёде эҷод мекунанд. Яке аз чунин мушкилиҳо пойбандӣ ба донистани масъулиятест, ки онро ҳар фарде бидуни таҳқиқ анҷом медод, чунки шахс дар ҷомеа такмил меёбад ва масъулиятшиносӣ фақат идомаи ҳамон камол аст. Аммо масъулият аз байн намеравад, балки дар ҳолатҳои заъфу рушд қарор гирифта, ғолибан дар шакли ғайрианъанавӣ зоҳир мегардад.

Ташаккули ҳувияти "фаромиллӣ" ва мисли он "трансмиллӣ" дар ҳоли ҳозир дар заминаи мунокишаҳои байналмилалӣ аз буҳрони ҳувияти фарҳангҳои миллӣ оғоз гардида, одамон, ғолибан дар ҷустуҷӯи ормонҳои инфиродии сатҳи ҷаҳонӣ, хештанро маҳв менамоянд. Айни замон аксари ҷавонон ба Аврупо ва Амрико ҳиҷрат намуда, он ҷойҳоро макони тамаддуни муосир ва ғолиб бар соири тамаддунҳо пиндоштаанд.

Бухрони маънавӣ дар самти фарҳангҳои миллӣ бо дахолати тамоюли ҷаҳонишавӣ эҷод гардида, ин ҷараён таъсиргузории милалу давлатҳоро заиф сохта, худмуайяншавии афрод дар иҷтимоъ ормонҳои навро тавлид менамояд. Бинобар ин, аҳамияти ормонҳои миллӣ дар низоми ҳувияти иҷтимоии шахс коста шуда, зеҳни инсон пайваста ба майдони ҳаводиси глобалӣ мубаддал гардидааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи зикршуда, аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ, хеле актуалӣ ба назар мерасад.

Иқтисоди миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ хоҳем-нахоҳем аз ду ҷониб баррасӣ мешавад: яке бартариҳое, ки ин раванд барои иқтисоди миллӣ фароҳам овардааст, дигарӣ бегуфтугӯ он камбудиҳое ҳастанд, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо худ тавлид мекунад. Ду раванд дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ роҳандозӣ мегардад: яке либерализатсияи савдо ва дигаре трансмиллӣ шудани иқтисодиёти ҷаҳонӣ. Аввалӣ бо дарназардошти давраи муосири тавсеаёбии робитаҳои тиҷоратии байналмилалӣ бо афзоиши сатҳи нуфузи мутақобили давлатҳо нисбат ба якдигар мушаххас мешавад. Бо ин аҳвол, давлатҳое, ки муваффақиятҳои пешравро дар бозори байналмилалӣ ишғол мекунанд, ҳамчунин, бештарин таъсирро дар шаклгирии қонунҳои тиҷорати ҷаҳонӣ доранд. Бинобар ин, озодсозии тиҷоратро метавон навъи коҳиш ё

рафъи монеаҳои ҳаракати маҳсулоти аз хориҷ ба бозорҳои миллии кишварҳо аз тариқи ҳазфи маҳдудиятҳо номид. Давлатҳо дар сиёсати тиҷоратии худ бо таъини масири байни озодсозӣ (либерализатсияи савдо) ва ҳимоятгарой (протексионализм) маҷбуранд нисбат ба манфиат ва зиёнҳои эҳтимолӣ ҳангоми интихоби маҷмӯае аз иқдомот теъдоди хоссеро бобати ҳифзи нашъунамои иқтисоди миллӣ эҳё гардонанд. Айни замон, чаҳорчуби хориҷӣ дар қолаби муоҳидаҳои байналмилалӣ агарчӣ то ҳадде ба озодсозии тиҷоратӣ кумак кунад, аммо бо вуҷуди ин давлатҳоро маҷбур кард ба дунболи иқдомоти дигаре барои ҳимоят аз бозорҳои дохилӣ ҷиҳати рафъи мушкилиҳо чора андешанд.

Раванди фаромиллӣ шудани иқтисоди ҷаҳонӣ на танҳо натиҷаҳои мусбатро барои кишварҳои тавсеаёфта ба ҳамроҳ дошт, балки мушкилоти бисёреро низ ба бор овард. Бо воридгардии фановариҳои ҷадид ва интиқоли тавлид ба кишварҳои дигар омили коҳишёбии шуғл ва афзудани мушкилиҳои иҷтимоӣ шуд. Барои кишварҳои миллӣ натиҷаи манфии фаромиллӣ шудани иқтисод дар ин ё он воқеият баён мешавад, ки ширкатҳои фаромиллӣ ағлаб манофеи миллии кишварҳои мизбонро нодида мегиранд. Ба ҳамин далел, нақши давлатҳои миллӣ дар ҳоли заъифӣ қарор гирифта, бархе аз вазифаҳои онҳо ба созмонҳои ғайридавлатӣ

мунтақил мешаванд. Аммо паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ бештар дар кишварҳое камтар тавсеаёфта эҳсос мешавад, ки тавсеаи мустақили онҳо таҳти фишори кишварҳои тавсеаёфта ғайри мумкин мешавад. Ба ибораи дигар, арзишҳои фарҳанги муосир ғолибан вижагиҳои тиҷоратӣ дошта, масъулин бо ҳар роҳе мехоҳанд аз намоишу шоу-барномаҳои интеллектуалӣ манфиат бубинанд. Миллионҳо одамон ба кишварҳои мутараққӣ муҳоҷират карда, қувваи кории хешро мавриди харидфурӯш қарор медиҳанд. Валекин, бо вуҷуди ҳамаи имкониятҳо аксар маводи шуҳратёфта бо роҳҳои тақаллубӣ истеҳсол шуда, ба оммаи васеи мардумон дастрас мегарданд. Шояд ҳаминро ба назар гирифта, ширкатҳо истеҳсоли дар корхонаҳои манотиқи дигар ба вуқуъ пайвастаро бо арзиши поён ба фурӯш мегузоранд. Бинобар ин, хусусияти хоси раванди ҷаҳонишавӣ иборат аз ин аст, ки башар бештар маҳсулоти зиёноварро харидорӣ карда, аслро аз тақаллубӣ фарқ намегузоранд ва аз вижагиҳои номатлубе пайгирӣ мекунанд, ки оқибат онҳоро охурбин месозад. Агар се даҳсола муқаддам ҷавонон маълумотро аз китобҳову осорхонаҳо дастрас менамуданд, ҳоло ҳозир бештарини онҳо дилхоҳ маълумотро аз интернет ҷустуҷӯ мекунанд ва бо истифода аз он тавассути телефонҳои мобилӣ ҳафтаҳову моҳҳо дар ҳуҷраҳо ва бидуни шуғл доштан ба варзиши бадан вақти

гаронмояи худро сипарӣ месозанд. Чунонки Зигмунд Фрейд мутазаккир шудааст, ҷомеаи башарӣ айни замон дар ҳоли нохудогоҳӣ қарор дошта, қобилияти дарк кардани аксар масоилро надорад.

Аз ин ҷо муайян гашт, ки берун аз миқёси фарҳанги муайян дигар аносири фарҳангӣ ҳукмронӣ менамоянд, ки баъзан онҳо барои ҳар шайъ бегонаанд, аммо рӯоварии инсони муосир ба вижагиҳои фарҳанги бегона аз зумраи хусусияти ҳувияти фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Пажӯҳандагони ватанӣ бештар ба сатҳи худогоҳии миллӣ дар гузашта ва имрӯз таваҷҷуҳ зоҳир намуда, яке аз омилҳои ташаккули ҳувияти фарҳангии ҷомеаро дар худшиносии таърихӣ мебинанд. Аммо афкори боэътимодро таҳқиқҳое фаро гирифтаанд, ки ба ҷанбаҳои иҷтимоии фарҳанги ҷаҳонӣ ва вижагиҳои ҳувият ихтисос ёфтаанд. Гузашта аз ин, дар замони соҳибистиқлолӣ нақши Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи вижагиҳои фарҳангӣ хеле барҷаста арзёбӣ мегардад. Номбурда ҷиҳати эҳёи фарҳанги ориёӣ ва таҷлили бузургдошти шахсиятҳои таърихие, ки асолати тоҷикӣ доштаанд, нақши боризе дошта, маҳз бо ибтикори ӯ 1100-солагии силсилаи Сомониён, 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Соли

бузургдошти Имоми Аъзам Абуҳанифа ибни Нуъмон ибни Собит, 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, 700-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва амсолашон роҳандозӣ шуданд, ки чунин чорабиниҳо ҷиҳати тақвият ёфтани раванди густариши ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат карда, осори бузургони гузашта барои шаҳрвандони кишвар дастрас мегардиданд. Лозим ба ёдоварист, ки хусусиятҳои ҳувияти фарҳангӣ дар таълифоти эшон чун “Тоҷикон дар оинаи таърих”[1], “Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ”[2], “Имоми Аъзам. Рӯзгор, осор ва афкор”[3], “Забони миллат-ҳастии миллат”[4] таҳқиқ шуда, вижагиҳои ҳувиятии тоҷикони муосир дар онҳо мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Махсусан, ин андеша бештар дар китоби “Чеҳраҳои мондагор”[5] мушоҳида мегардад.

Ба таҳқиқи раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди маънавии ҷомеа асарҳое бахшида шудаанд, ки муаллифони онҳо дар самтҳои мухталифи илми муосир нуфузи махсусеро соҳиб шудаанд. Аз

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён, - Душанбе: “Ирфон”, 2009, Китоби якум, - 704 с.
[2] Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ, - Душанбе: “Ирфон”, 2006, - 372 с.
[3] Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам. Рӯзгор, осор ва афкор, - Душанбе: 2009.
[4] Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат,
[5] Эмомалӣ Раҳмон. Чехраҳои мондагор – Душанбе: “Эр-граф”, 2016, - 364 с.

ҷумлаи онҳо яке Шакурии Бухороӣ[6] ва дигарӣ Акбари Турсон[7] ҳастанд, ки тарзи тафаккури эшон аз ҷониби нигорандаи рисола баррасӣ шудааст. Масоили марбут ба худшиносии миллӣ ва фарҳангӣ дар чаҳорчуби ҷаҳонсозии муосир бо дарназардошти таҳқиқи осори гаронбаҳои ниёгон дар осори илмии академикҳои АМИТ Баҳоваддинов А.,[8] Диноршоев М.,[9] Олимов К.,[10] ва аъзои вобастаи АМИТ Музаффарӣ М.,[11], Муҳаммад А.Н.,[12] Усмонзода Х.У.[13] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи ин сатрҳо зимни баррасии мавзуъ ҷиҳати посух ёфтан ба суолҳое, ки фалсафаи постмодерн ба миён гузоштааст, ба таҳқиқи осор ва мероси таърихии тоҷикон рӯ оварда, тамоили эҳёшавии фарҳанг ва тамаддуни гузаштаро дар мисоли мероси аҷдоди ориётабори мо дар чаҳорчуби пажӯҳишҳои файласуфони ватанӣ инъикос менамояд. Яке аз

---

[6] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо, - Душанбе: «Дониш”, 2009, - 576 с.
[7] Турсон А. К смене культурных эпох Средней Азии. – Очерки истории и теории искусств таджикского народа, - Душанбе: 2018, с. 13-67.
[8] Баҳоваддинов А. Очеркҳо оид ба таърихи фалсафаи тоҷик, - Душанбе: 1961, - 332 с.
[9] Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино, - Душанбе: “Эр-граф”, 2017, - 656 с.
[10] Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ, - Душанбе: 2014.
[11] Музаффари М. Системная антропология, - Душанбе: «Дониш», 2021, - 218 с.
[12] Муҳаммад А.Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа, - Душанбе: “Империал-Групп”, 2018, - 168 с.
[13] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, - Душанбе: “Дониш”, 2020, - 212 с.

бардоштҳои нигоранда тағйирхӯрӣ ва таҳрифи мероси хаттӣ мебошад, ки пас аз нобудшавӣ боз чандин маротиб таҳия гардида, ормонҳои фарҳанги аҷдодиро то замони муосир оварда расонидаанд.

Таҳлили ҷанбаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ дар осори ҷомеашиносон чун Ятимов С.,[14]Шоисматуллоев Ш.,[15] Шоазимов П.,[16] Бекзода К.,[17], Раҳимов С.,[18] ва дигарон ҳувайдо мегардад. Бояд мутазаккир шуд, ки дидгоҳи нави ҷомеашиносони тоҷик ба масоили пажӯҳишӣ дар қиёс бо замони шуравӣ ошкортаранд ва метавон хулоса кард, ки замони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати рушди фарҳанги миллӣ шароити мусоид фароҳам омадааст.

Дар таҳқиқи мавзуи матраҳшуда андешаҳои муҳаққиқони хориҷӣ аз қабили Ҳантингтон С.,[19]

---

[14] Ятимов С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат, “Ҷумҳурият”, - 24.11.2021.

[15] Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в годы независимости: социальные и социокультурные трансформации, - Душанбе: «Дониш», 2018, - 159 с.

[16] Шозимов П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство, - Душанбе: «Ирфон», 2003.

[17] Бекзода К. Аз таърихи худшиносии тоҷикон, - Душанбе: “Дониш”, - 2006, - 148 с.

[18] Рахимов С. Актуальные проблемы таджикской культуры, - Душанбе: «Дониш», 2020, - 445 с.

[19] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - 635 с. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций, - М.: АСТ, 2016, - 640 с. Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах, - М.: Прогресс-Традиция, 1968, - 240 с.

Эриксон Э.,[20] Гидденс Э.,[21] Хабермас Ю.,[22] Тойнби А.,[23] Фрейд З.,[24] Шпенглер О.,[25] Бек У.,[26] З. Бауман З.,[27] Ясперс К.,[28] Бодриёр Ж.,[29] Деррида Ж.,[30] Нора П.,[31] Фукуяма Ф.,[32] Фридман Т.,[33] Фуко М.,[34] Хотамӣ ва дигарон омӯхта шуда,

---

[20] Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Прогресс, 1996, - 344 с.

[20] Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне, - М.: Весь Мир, 2003, - 248 с. Хабермас Ю. Техника и наука как «идеология», М., Параксис, - 2007, 208 с.

[21] Гидденс Э. Устроение общества, - М.: 2005, 528 с. Гидденс Э. Модерн и самоидентичность, - М.: 1991.

[23] Тойнби А. Постижение истории, М., Рольф, - 2001, 640 с. Тойнби А., Хантингтон С. Вызовы и ответы. Как гибнут цивилизации, М., Алгоритм, - 2016, 288 с.

[24] Фрейд З. Я и Оно, М., «Эксмо», - 2015, 160 с. Фрейд З. Психология масс и анализ человеческого Я, М., - 2016, 192 с.

[25] Шпенглер О. Закат Европы. Очерки морфологии мировой истории, М., - 1993, 165 с.

[26] Бек У. Что такое глобализация? Ошибки глобализма – ответы на глобализацию, М., -2001, 304 с.

[27] Бауман З. Глобализация. Последствия для человека и общества, М., Весь Мир, - 2004, 188 с. Бауман З. Спор о постмодернизме, Социальний журнал, 4 ноября 1994 г., с. 69-80.

[28] Ясперс К. Смысл и назначение истории, - М.: Политизат, 1991, - 527 с. Ясперс К. Введение в философию, - М.: Пропилеи, -2000, 192 с. Ясперс К., Бадрияр Ж. Призрак толпы, - М.: 2007, - 272 с.

[29] Бадрийяр Ж. Общество потребления, - М.: Республика, 2006, - 269 с.

[30] Деррида Ж. Письмо и различие, - М.: 2000, - 495 с.

[31] Нора П. Мест памяти, 1999, - 328 с.

[32] Фукуяма Ф., Бродель Ф. Триумф глобализма. Конец истории или начало? - М.: 2019, - 240 с.

[33] Фридман Т. Плоский мир: краткая история XXI века, - М.: АСТ, 2007, - 608 с.

[34] Фуко М. Воля к истине – по ту сторону знания, власти и сексуальности, - М.: Касталь, 1996, - 448 с.

дидгоҳҳои онҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Муаллиф муътақид аст, ки пажӯҳишҳои ҷомеашиноси амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон бинобар дар миқёси васеъ паҳн шудани таҳқиқоти анҷомдодааш дар мавриди ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир дар заминаи бархурди тамаддунҳо нуфузи бештар пайдо карда, ақидаи ӯ ҷиҳати бартарӣ доштани ҳувияти фарҳангии амрикоӣ вокунишҳои паёпайро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба вуҷуд овардааст. Муҳаққиқони ҳувияти фарҳангӣ бо дидгоҳҳои гунонун масоили мазкурро пажӯҳиш намуда, ҷиҳати баррасии тамоили иҷтимоии фарҳанг ва тамаддун иктифо кардаанд. Махсусан, нигоҳи ҷомеашиносони амрикоӣ ва аврупоӣ дар ин пешгуфтор мавриди баррасӣ қарор гирифта, бархурдҳои зеҳнии уламои муосир омили рушди илм муаррифӣ шудаанд. Муосирият замони нав аст ва ғолибан онро бо вожаҳои “модерн” ва “постмодерн”[35] муаррифӣ мекунанд. Илова бар ин, пайванди ногусастании байни ҷаҳонбинӣ ва моделҳои пешниҳоди давлатдорӣ чун саркӯбгари қудрати давлатӣ зербинои илзомомези Иммануил Кант аст, ки яке аз фаслҳои рисолаашро “Дин танҳо дар ҳудуди ақл” номидааст[36], аммо ҷиҳати дарки

[35] Линдси Б. Глобализация: повторение пройденного, - М.: 2005, - 415 с. Лиотар Ж. Состояние постмодерна, - М.: 1998, - 160 с. Терборн Г. Мультикультуральние общество//Социологическое обозрение, 2001, №1, с. 50-67.

[36] Кант И. Сочинения: в 8 томах, - М.: 1994, Т. 6, - с 33.

калидвожаҳое чун қудрат, давлат, сиёсат, иҷтимоъ ва ғайра бояд истилоҳи ҳамоҳангеро интихоб мебояд кард, ки нигошта бо илм бархурд пайдо накунад. Масалан, қудрат сиёсӣ аст ва онро давлатӣ пиндоштан аз ғалатҳоест, ки зимни таҳқиқ бар хеш раво мебинем. Ба наздикӣ ҷиҳати нашр мақолае овარданд, ки “Амири беватан” унвон дошт, аммо амир қаблан ватандор аст ва агар дар ҳоли фирор қарор дошта бошад, пас ӯро амири фирорӣ бояд гуфт, на амири беватан, чунки амир дар ҳеҷ сурат беватан намегардад. Вале бояд иқрор кунем, ки олиҷаноб Иммануил Кант, ки дар Ғарб инқилоби маънавиро роҳандозӣ кард, рӯоварие бас иғвогарона ба динро ошкор гардонид, чунки иғво аз хотири мудохила аст ва онро беш аз пеш дар пӯшиши дину мазҳабҳо истифода намуда, барои миллатҳои оҷиз таҳмил мекунанд, аммо ҳадаф аз таҳияи инчунин мақсадҳои стротегии як абарқудрат абарқудрати дигар аст. Бинобар чунин суратпазирии ҳадафҳои геополитикӣ кишварҳои бидуни коркард содиркунандаи ашёи хом чун Сурияву Либия ва Ироқу Афғонистон ба яке аз марказҳои таваҷҷуҳи ҷаҳониён мубаддал карда мешаванд, ки дар марзҳои онон гуруҳҳои террористӣ фаъолият мекунанд. Онҳо таҳияшуда аз ҷониби хадамоти мустағбираи кишварҳои дорои қудратҳои ҷаҳонӣ ҳастанд ва миссияи онон низ аз тезутунд намудани авзои сиёсии ҷаҳон

иборат мебошад. Суйиистифода шудани дину мазҳаб низ аз хотири ҷалб намудани афроди мазҳабӣ нисбат ба мақсадҳои геополитикӣ буда, амалан татбиқ сохтани ормонҳои сиёсии абарқудратҳост. Геополитика дар замони муосир силоҳе дар дасти қудратҳои ҷаҳонӣ аст, ки бартарии иқтисодиву фарҳангии худро аз соири давлатҳо таъмин намуда, ҷиҳати татбиқи он боз раванди дигареро бо унвони "ҷаҳонисозӣ" бар дӯши кишварҳо вогузоранд. Дигар калидвожаҳое ҳастанд, ки аз дидгоҳи давлат ва ҳуқуқ дар чандин маънӣ истифода мегарданд, аммо истифода аз истилоҳи "давлатдорӣ" ба қавли доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҷӯрахон Маҷидзода бояд бамаврид бошад. Диди тамаддунии типологияи давлат, дар таълимоти Арнолд Тойнби зимни баррасии тамаддунҳои худмухтор баррасӣ ёфтааст. Мавсуф бо истифода аз баъзе критерияҳо, чун дин боз 13 тамаддунҳои мустақилро ҷудо карда, дар баробари тамаддуни арабӣ эрониро низ зикр менамояд.

Назарияпардозони муосир консепсияҳои мукаммали фалсафаи муосириятро таҳия намуда, ҷиҳати ба буҳрон гирифтор омадани ҳувияти фарҳангӣ ва соири ҳувиятҳои дигар дидгоҳҳои мухталифро ироа намудаанд. Мудерн фаҳмиши нави вақт ва фазо аст: суръат, ҳаракат, иртибот, сафар, динамизм, ноорома ва инқилоби

фарҳангӣ вижагиҳои аҳди интиқодӣ дар таърихи муосирият мебошад. Баъзеҳо мудернро ба таври дигар таъриф кардаанд, чунки бисёриҳо боварӣ доранд, ки муосирият замони ғалаба аст. Ақли инсонӣ бар эътиқоди суннатӣ (асотирӣ, динӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ ва ғ.) ва замони инкишофи афзоиши афкори илмиву ақлӣ дар пероҳани нохудогоҳии пай дар пай, аммо муосирият аслан маҷмӯаи фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ мебошад, ки тақрибан аз асри XV - ва беҳтараш, аз пайдоиши нуҷумшиносии муосир, ихтирооти табъу нашр ва кашфи қитъаи Амрико - то имрӯз давом кардааст. Аз рӯйи ин ду таъриф, замони мудерн дар Аврупо аз Эҳё оғоз мешавад. Инқилобҳои зеҳнӣ ва илмии Г. Галилей, Т. Гоббс, И. Нютон, К. Лейбнитс ва Р. Декарт афзудани тафаккури муосирро дар ин айём ифода мекарданд. Воқеан, бо дарназардошти тарҳи нави ҷудошавии улум дар замони Эҳё улуми табиӣ аз фалсафа ва соири қонунҳои табиӣ заминаи ихтисосӣ пайдо карданд, аммо ин ки мо мегӯем, ки фаҳми пурраи физикаи квантӣ ғайриимкон аст, ҳамон назарияи арастуиро бозгӯ мекунем, ки фарзияи донистану надонистани олам матраҳ мешавад. Чунки дар пажӯҳиш ҳеҷ фарзия истиқлол надорад ва яке идомаи дигарӣ маҳсуб мешавад. Дигар ин ки таҳқиқи муосир агар алайҳи пажӯҳиши пешиниён намебуд, мо навовариро дар улуми табиатшиносӣ мушоҳида

намекардем, чунки илм дар асли хеш дар заминаи инкор рушд мекунад ва дилхоҳ ҷомеа низ агар бо гузаштаи хеш бо диди тасодум барнаояд, ҳастии хешро таъмин намекунад. Аҳамияти ақидаҳои Зигмунд Фрейд дар ин бобат хеле муҳим аст. Фрейд ғайрро реша ва ибтидои тамоми харакатҳои иҷтимоӣ медонад. Аз сӯйи дигар, экзистенсиализм ва феноменология чун ду ҷунбиши муҳими фалсафии мудерн ба мушкилӣ ва ногузирии инсонӣ таваҷҷуҳ мекунанд. Дар ибтидои садаи XX Зигмунд Фрейд суоли муҳимеро ба миён гузошт: Оё он чизе ки ман ҳамчун "ман" медонам, воқеан "ман" аст?! Номбурда бо таъкид бар аҳамияти зеҳнӣ дар ташаккули шахсият ва муайян кардани рафтору кирдор ва ангезаҳои фард, дарки ғайри шуури шинохти инсониро таъкид кардааст. Фрейд ба мо таълим дод, ки шуур бисёрҷанба аст ва гузашта ҳамеша дар сатҳи ҳозира ҷараён мегирад ва назари моро ба ҷаҳони имрӯза ранг медаҳад. Ин услуби нигориш вокуниш аст ва нимаи дувуми садаи XIX дар кишварҳои Ғарб тарзи таҳқиқ вижагиҳои интиқодӣ касб карду танқиди ошкоро омили таблиғ шуд. Бояд иқрор намуд, ки дар заминаи бархурдҳо ва ҳамоҳангии байни фарҳангҳо ва тамаддунҳо омезиши аносири фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир мушоҳида мешавад ва оқибати чунин омехташавӣ бояд ба густариши фарҳангҳои хос бо дарназардошти аз байн

рафтани фарҳангҳои кучак биоварад. Махсусан, дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф раванди муосирсозӣ чӣ бо ихтиёрӣ ва чӣ бо истифода аз ҷабр далели мусоидат ба омехташавӣ маҳсуб мешавад.

То кунун теъдоде аз мушкилоти марбут ба ҷаҳонишавӣ ва ҳувияти фарҳангӣ ҳануз ба таври комил омӯхта нашудааст. Ба вижа, маводи фарогире ҷиҳати пажӯҳиши зидди ҷаҳонишавӣ бо дарназардошти мушкили зеҳният хеле кам ҳастанд ва бо сабаби камтаваҷҷуҳӣ ба арзишҳои суннатӣ маводи қонеъкунанда низ таҳия нагардидааст. Тамоили мазкур аз он иборат аст, ки айни замон густариши ҳувияти нави фарҳангӣ мушоҳида мешавад ва бинобар таҳоҷуми иттилоотӣ, ки сартосари ҷаҳони муосирро фаро гирифта, аввал таҳмилу таъсири тамаддуни ғолиб бар инсонҳо ва аз ҷониби дигар фарҳангсолорӣ, фарҳанграбоӣ ва фарҳангсозӣ дар сатҳи милалу дували рушдкунанда мушоҳида мешавад. Махсусан, ҷониби дувум аҳамияти таърихӣ дошта, намунаҳои онро ҳангоми омӯхтани таърихи башар таҳқиқ мекунем. Гузашта аз ин, ҳар кишвари минтақа ҷиҳати эҳё намудани фарҳанги миллӣ ва такмили ҳувият дар инсонҳо ба фарҳанграбоӣ пардохта, меъёрҳои мавҷудбударо убур кардаанд. Масалан, қазоқҳо Абулбашарро қазоқ ва туркманҳо худро нахустин сокинони Осиёи Марказӣ изҳор намуда,

бо чунин тавзеҳдиҳӣ ва ба ворисиятгирии хотираи фарҳангӣ дар байни миллатҳо эҳсоси бадбинӣ нисбат ба ҳамдигарро эҷод менамоянд.

Мушкилии асосӣ дар густариши ҳувияти фарҳанги миллӣ барои тоҷикон таҳқиқи тамаддунест, ки онро ориёиҳои қадим офаридаанд ва бидуни чашмдошт ба иллати таассуби мазҳабӣ орифу оммии ин миллат аз хотири мутлақият дар ҷаҳонбинии динӣ аз фарҳанг ва тамаддуни қабл аз исломии худ ибо мекунанд. Маҳз розҷуии динӣ ва майл бар хурофот тоҷиконро аз мутаҳҳидшавӣ боздошта, намегузорад, ки онҳо чун миллати воҳид арзи ҳастӣ кунанд. Дар таърих бештар ду навъи тафаккур тақвият ёфтаанд: яке ориёӣ ва дигаре сомӣ. Фикри ориёӣ дар сангнабиштаҳои мехӣ, осори маслаки Зартушт, Монӣ ва Маздак, ҳамчунин, дар андарзномаҳои паҳлавӣ инъикос шуда, беш аз андешаҳои ҳоким дар аҳди бостон вижагиҳои дунявиро татбиқ намудаанд. “Абасто”, “Динкарт”, “Бундаҳишн” ва баъдан, дар осори паҳлавӣ чун “Аёткори Зарирон”, “Менуи хирад”, “Шаҳристони Эрон” ва амсолашон агарчи гетиоройӣ чун роҳи пок тавсеа намешавад, вале дунё мазаммат нагардида, масъалаи тарки он низ матраҳ наёфтааст. Бинобар фикри мазкур неку бад дар дунё содир гардида ва макони баррасӣ ё баҳогузорӣ ба онҳо ҳамин дунёст, чунки кирдору рафтору пиндори

нек аз хотири дунёст, ки он ҷо башар ҳаёт ба сар мебарад. Бар хилофи ин андеша, боз тафаккуре ҳануз аз замонҳои бостон то кунун дар шаклҳои мухталиф матраҳ мешавад, ки инҷониб онро фикри сомӣ муаррифӣ мекунам. Тибқи вижагиҳои хос, ин андеша ғолибан, дар китобҳое чун “Забур”, “Таврот”, “Инҷил” ва то ҳадде дар гуфтору рафтори муслимин низ баррасӣ ёфта, пояи асосии он таҳти унвони “раҳбоният” барои башар таҳмил ёфта ва мегардад. Хусусияти ин тарзи тафаккур ғайри дунявист ва дар солшумории масеҳӣ беш аз 2000 сол инҷониб ба “тарки дунё” даъват ба амал оварда, хилватгузиниро роҳи дурусти худошиносӣ муаррифӣ менамояд. Тибқи андешаи ориёӣ, инсон чун махлуқи Яздон дар таъини сарнавишти хеш ихтиёр дошта, бо дарназардошти худогоҳии инфиродӣ зиндагиро худ ба нақша мутобиқ месозад. Дар сурати аз хеш дар ғафлат қарор доштани башар бо дарназардошти чунин тарзи тафаккур, ки ба дунё дар баробари охират ниёзи башарро иқрор кардааст, инсон ба дигарон имкон медиҳад, ки дар сарнавишти вай дахолат дошта бошанд. Андешаи сомӣ дар ин маврид чунин аст: инсонро Худо офарид то ӯ холиқи худро бишносад, аммо ин ки мо оқибат мемирем ва ба сӯйи паврвардигор бармегардем, беҳтар он аст, ки дунёро тарк кунем ва лоаққал, дар дунё

хилватгузиниро пеша намоем. Ин андеша дар мадди аввал, аз ҷониби рӯҳониён дар ҳамаи адён таблиғ ёфта, ҳоли ҳозир силоҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ҷиҳати дар ҳоли рукут ва инҳитот қарор додани кишварҳои рӯ ба инкишоф маҳсуб мешавад. Ҳатто, сафарномаҳо дар гузашта ва имрӯз ду навъи афкори мутазаккирро тавсеа додаанд: Сафарномаи Носири Хусрави Қубодиёнӣ андешаи дунявӣ дошта, мусанниф дар он бо сабки хос воқеанигорӣ намудааст, аммо бар хилофи ӯ Абдураҳмони Ҷомӣ дар сафарномаи ирфонии худ бо унвони "Хираднномаи Сикандарӣ" хусусиятҳои тафаккури сомиро то андозае иблоғ кардааст. Аз ин хотир, проблемаҳои ҳувияти фарҳангиро дар раванди ҷаҳонишавӣ муайян кардани мавқеи худро дар фазои фаромиллӣ ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки ҳануз дар шароити ҷаҳонишавӣ, бахусус дар заминаи тамоюлҳои ба ҳам мухолиф, дониши фалсафӣ ва назариявии проблемаи ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир нокифоя аст. Аз ин рӯ, аҳамиятнокии омӯзиши фалсафӣ ва методологии проблемаи табдилёбии ҳувияти фарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ барои дарки хусусиятҳои рушди тамаддуни муосир комилан муҳим аст.

Бо истифода аз осори маънавӣ, бавижа Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ,[37] Ибни Халдун,[38] Аҳмади Дониш,[39] Алии Шариатӣ[40] ва доктор Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ[41] мафҳуми "дунё"-ро аз дидгоҳи эътиқодӣ баррасӣ карда, манбаи аслии дунёбезориро дар раҳбоният дидан мумкин аст. Чунонки маълум аст, фарҳанг бидуни навсозӣ вуҷуд надорад, он ҳамеша ягонагии анъана ва навовариро дарбар мегирад. Масалан, дар садсолаи ахир бинобар шомилшавии кишвари мо ба Иттиҳоди Шуравӣ густариши бисёрфарҳангӣ мушоҳида мешуд ва андешаи дӯстии халқҳо бо дарназардошти ормонҳои умумишуравӣ тақвият ёфта, сатҳи худогоҳии фарҳангӣ такомул пазируфт. Аммо дар ин садсола рӯхдодҳое низ буданд, ки миллатҳоро муттаҳид сохта, густариши ҳувияти чандфарҳангиро тақозо мекард. Дар ин ҷода нақши забон, театр, кино, меъморӣ, маориф ва иттилоот бағоят барҷаста арзёбӣ шуда, ҳар соҳа бо равиши хоси Шуравӣ такмил меёфт. Махсусан, соҳаи маорифи Шуравӣ ҷиҳати маҳви

---

[37] Мавлавӣ. Маснавии маънавӣ, - Теҳрон: "Нашри замон", 2001, - 730 с.
[38] Ибни Халдун. Муқадимма. Иборат аз ду ҷилд, ҷ. 1, - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2019, - 688 с.
[39] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Иборат аз ду китоб, - Душанбе: 2017. Аҳмади Дониш. Меъёр-ут-тадайюн, - Душанбе: "Эр-граф", 2010.
[40] Шариатӣ А. Сухане дар бораи китоб, суханронӣ дар рӯзи ифтитоҳи анҷумани китоб, - Теҳрон, 1356, 40 с.
[41] Лоҳурӣ М. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, - Душанбе: "Эр-граф", 2010, - 270 с.

камсаводӣ ва ташаккули шахсият аз низомҳои беҳтарини сатҳи ҷаҳонӣ дониста мешуд. Санъат ва ба вижа театру кино дар ҷаҳонбинии фарҳангии аҳолӣ нақши муайяне доштааст. Махсусан, иштироки ҳамаи халқиятҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар омехташавии фарҳангҳо нақши бориз гузошт. Ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон солҳои 90-уми асри гузашта тағйир ёфта, гироиши мардумон ба мазҳабҳои иртиҷоӣ тавассути гирдиҳамоиҳо оғоз гардид. Масалан, дар тазоҳуроти соли 1991 шиорҳои Инқилоби исломии Эрон садо медоданд ва майли тазоҳурчиён ба "шиаи исноашария" онҳоро водор мекард, ки аз андешаҳои сиёсии Оятуллоҳ Хумайнӣ пайравӣ кунанд. Далели ин гуфтаҳо шиорҳои зер мебошанд: Амрико, Амрико, марг ба найрангатон, Хуни шаҳидони мо мечакад аз чангатон. Мисоли дигар: Салли ало Муҳаммад, Бӯйи Хумайнӣ омад. Далоили мазкур гувоҳӣ медиҳанд, ки аъзои ҳизби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯи наҳзати исломӣ ду даҳсола пеш аз тазоҳуроти соли 1991 ҷиҳати ғасби қудрат омодагӣ дидаанд ва ҳануз дар Ҳизби Шуравии наҳзати исломӣ, ки дар Қазон ба фаъолият машғул буд, ҳадаф гузошта буданд, ки алайҳи низоми Шуроҳо аз зӯроварӣ ва тахрибкорӣ истифода хоҳанд кард. Бинобар ин, шиаи исноашария аз як тараф ва аз ҷониби дигар

исломи сиёсии амрикоӣ барои бархе аз муслимини кишвар имкон фароҳам ов월дан, ки аввал барои интиқоли Инқилоби исломии Эрон мусоидат кунанд ва баъдан, амалҳои террористиро ҷиҳати татбиқи исломи сиёсӣ роҳандозӣ кунанд. Оҳиста-оҳиста баъзе масъалаҳои марбут ба вижагиҳои навсозии фарҳанг – нусхаҳои тағйироти фарҳангӣ муайян карда шуданд. Масалан, дар қиёс ба баъзе аносири фарҳангӣ чун заргарӣ, кулолӣ, зардӯзӣ, фалак, шашмақом, мо тағйиротро бобати забону маориф ва иттилоот бештар мушоҳида мекунем. Баҳси забон дар кишвари мо оғози садаи гузаштаро ба ёд меорад. Агар он замон ашхоси дар Туркия таҳсилгирифта мавҷудияти забони тоҷикиро инкор мекарданд, дар давраи муосир гурӯҳи фироркардаи тоҷикони хориҷ аз Тоҷикистон имрӯз ин ақидаро тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ таблиғ менамоянд. Ҳадаф аз инкори забони миллӣ роҳандозӣ шудани ҳадафҳои геосиёсӣ аст ва тағйири низоми маорифи замони Шуроҳо низ бо мақсади ғофил кардани онҳоест, ки дар кишварҳои пасошуравӣ зиндагӣ ба сар мебаранд. Динобар ин, дар замони муосир бо вуҷуди таҳмили унсурҳо ҳамон хусусиятҳои иртиҷоӣ аз байн мераванд ва аносири аслии фарҳанги миллӣ побарҷо ҳастанд. Масалан, анъанаҳое, ки ниёз ба танзим доштанд ва иҷрои онҳо барои мусалмонони кишвари мо

муфлисшавӣ дониста мешуд, баробари татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим (2007, 2017), нуфузи хешро торафт коста мегардонанд, чунки гурӯҳҳои иртиҷоии ҷомеаи Тоҷикистон бо истифода аз сатҳи пазироии хурофоти динӣ манфиатҷӯ мебошанд ва онҳоро ошкор сохтан чандон мушкил нахоҳад буд. Ба ақидаи мо, муосирсозии ҷомеаҳо ва фарҳангҳои суннатӣ, бо фарогирии дигаргуниҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар кишварҳои гуногун ба амал меоянд, ҷаҳонишавии фарҳангро тақвият мебахшад. Гузашта аз ин, муосирсозии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф бо дарназардошти хориҷ шудан аз марҳалаи саноатӣ дигаргуниҳои иҷтимоиро дар сохти анъанавии иҷтимоӣ дар бар мегирад ва хислатҳои ҳар миллат метавонад танҳо дар заминаи фарҳангсолорӣ ошкор шуда, ҷиҳати эҳёшавии фарҳанги миллӣ ҳастии худро идома бахшад. Фарҳанги истеъмор фарҳанги миллӣ нест ва нахоҳад буд ва агар замоне ниёгони мо иҷборан фарҳанги бегонаро истиқбол намудаанд ва марҳала бо марҳала он фарҳанги ғосиб дар зеҳни мо чун фарҳанги миллӣ қарор дорад, лек дар ҳеҷ сурат наметавон гуфт, ки айни замон фарҳангеро пайгирӣ мекунем, ки ниёгони мо онро офаридаанд. Фарҳанге, ки бо қимати захми ҷисмонӣ ба даст омадааст, арзише надорад ва аз бефарҳангӣ хеле зараровартар аст. Дар дунё нест

фарҳанге, ки он марбут ба як миллат бошад, чунки дар мароҳили гуногуни таърихӣ миллатҳо омезиш ёфта, фарҳангҳое боқӣ гузоштаанд, ки алҳол дар тақвияти якдигар умр ба сар мебаранд ва аз гумон дур нест, ки раванди ҷаҳонишавӣ иртиботи фарҳангҳоро боз қавӣ гардонад. Агар саҳеҳтар баён созем, омезиши фарҳангҳо оқибат фарҳангҳое ва тамаддунҳоеро тавлид мекунад, ки аз лиҳози муҳтаво онҳо фарогир аз мардумони қитъае мебошанд ва наздикшавии миллатҳо дар асри ҳозир далели он аст.

# Боби I. Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир

## 1.1 Вижагиҳои ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир дар илмҳои ҷомеашиносӣ

Яке аз мафҳумҳои муҳиме, ки бояд руйи он таваҷҷуҳи илмии лозим сурат гирад, мафҳуми ҲУВИЯТ (identity) аст. Ҳувият мафҳуми решаии ҳамаи мабоҳиси иҷтимоӣ мебошад, ки дар сурати равшан нашудани он, ҳамаи ин мабоҳис дучори тирагӣ ва ибҳом хоҳад шуд ва гуфтугӯи илмӣ дар робита бо онҳо мушкил мегардад. Чунончӣ зарурат дорад пиромуни ҳар баҳсе ибтидо мафоҳими он равшан таъриф шавад ва масоили мухталифи онҳо баён гардад. Бар ин асос дар ин сатрҳо чанд нукта дар робита бо ҳувият матраҳ хоҳад шуд. Вожаи "ҳувият" (identitu) реша дар забони лотин дорад ва аз Identas, ки аз IDEM, яъне "монанд ва яксон" реша мегирад. Ин вожа дар як маъно ба вижагии яктоӣ ва фардият, яъне тафовутҳои асосие, ки як шахсро аз ҳамаи касони дигар ба воситаи ҳувияти "худаш" мутамоиз мекунад, ишора дорад ва дар маънои дигар ба вижагии ҳамсонӣ, ки дар он ашхос метавонанд ба ҳам пайваста бошанд ва ё аз тариқи гурӯҳ ё мақулот бар асоси сувари муштараки барҷастае назири вижагиҳои қавмӣ ва ғайра ба дигарон пайванданд, далолат дорад. Дар фарҳанги Муъин омадааст: "Ҳувият, ҳақиқати шайъ ё шахсе, ки муштамил бар сифоти ҷавҳарӣ бошад, яъне он чӣ

ки муҷиби шиносоии шахс бошад”[42]. Дар айни замон, проблемаи ҳувияти фарҳангӣ, ки дар ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволи “Ман дар фарҳанг кистам?”, тавсифи ҳолати мансубияти шахс ба як куллии фардӣ - фарҳанги ӯ ифода ёфтааст ва ҳувият мафҳумҳои зиёдеро дар бар мегирад: “аслӣ”, “монандӣ”, “мувофиқӣ”, “мансубият”. Норавшании мафҳум дар он аст, ки дар тарҷума аз инглисӣ “identity” чунин маъно дорад: 1) асл; 2) фардият; 3) шахсият. Дар ҷомеае, ки ба оянда ва рушди устувор нигаронида шудааст, ҳувияти фарҳангӣ ба асли ҳаётии мавҷудияти он табдил ёфта, аъзои ҷомеаро дар атрофи арзишҳои умумӣ муттаҳид мекунад. Якчанд навъи ҳувият матраҳ мешавад. Ҳувияти фарҳангӣ муҳимтарин навъи ҳувият аст, ки ҳам аз лиҳози сохт ва муҳтаво ва ҳам аз лиҳози шароити замонӣ бояд мавриди таваҷҷуҳи амиқу ҷомеъ қарор гирад, зеро ҳувияти фарҳангӣ ба сурати ҷиддӣ дар таҳқиқи соири ҳувиятҳо нақш дорад. Дар воқеъ, фард ба дуруст бояд фарҳанги худро шинохта, дарк карда ва вуҷуҳи имтиёзи онро нисбат ба соири фарҳангҳо бидонад, ҳамчунин, қадрдони он бошад ва ба парвариши фарҳанги худ талош намояд. Ҳувият ба сурати куллӣ иборат аст аз вижагиҳо ва хусусиятҳои ҷудокунанда ё

[42] Муъин Муҳаммад. Фарҳанги амид, Ҷилди 2, - Теҳрон: 1363, - с. 1363.

шахсияти як фард. Ба иборати дигар ҳувият ишора дорад ба маҷмӯае аз хусусиёт ва вижагиҳо, ки ин хусусиёт зимни он ки миёни иддае аз мардум муштарак аст, онҳоро аз ғайри худашон ҷудо мекунад. Бар ин асос монандӣ (similarity=ҳаммонандӣ) ва тафовут (difference=фарқ кардан) ба лиҳози маъноии унсурҳои аслӣ ва ягонаи зоти мафҳуми ҳувият мебошанд. Бо ин ҳисоб чунончӣ агар гидроген ва оксигенро аз об бигирем, "об" будани он аз байн меравад, агар айният ва тафовутро аз маънои мафҳуми ҳувият бигирем, дигар ҳувият маънои худро аз даст медиҳад. Бо ин ҳисоб шабоҳат, айният ва тафовут масоили "аразӣ" барои ҳувият нестанд, зеро дар сурати салби аразиёт моҳияти як падида аз байн намеравад. Дар ҳоле ки зотиёт бар акси он мебошанд. Албатта, таърифҳои дигаре низ аз ҳувият вуҷуд доранд, вале онҳо низ бо ибороти дигар ва дуру наздик ба ҳамин маъно ишора доранд.

Бо таваҷҷуҳ ба таърифи боло масъалаи зуҳури ҳувият барои инсон ба оғози зисти иҷтимоии он бармегардад ва ба иборати дигар ҳувият марбут ба буъди иҷтимоии инсон аст ва ба буъди сирфан фардии ӯ тааллуқ намегирад. Ба сухани дигар агарчӣ ҳувият дар нигаришҳо ва эҳсосоти шахсӣ ва фардии афрод инъикос мегардад, вале бистар ва заминаи ба вуҷуд омадани он зиндагии ҷамъии инсонҳо мебошад.

Бар ин асос бархе дар таърифи ҳувият мегӯянд: Ҳувият иборат аст аз “дарки мо аз ин ки чӣ касе ҳастем ва дигарон чӣ касоне ҳастанд ва мутақобилан дарки дигарон аз худ ва ғайри худ (ки шомили мо низ мешавад)”[43]. Мунаққиди Ғарб Иқболи Лоҳурӣ ҳамин баёнияро дар пӯшиши шабеҳ изҳор мекунад: “Одамӣ танҳо бо тараққӣ кардан ва расидан ба биниши ҷадиде аз оғозу анҷоми хеш ва донистани ин ки аз куҷо омада ва ба куҷо хоҳад рафт, метавонад ба иҷтимое пирӯз шавад, ки ангезаи корҳои он рақобатҳои ғайриинсонӣ аст ва тамаддунеро барандозаду онро аз нав кунад, ки ба иллати таззоди дарунӣ миёни арзишҳои сиёсию динӣ ваҳдати худро аз каф додааст”[44]. Лозим ба зикр аст, ки итлоқи мафҳуми ҳувияти ба вижагиҳое ҳаммонанд ва мутамоиз таърихи чандон зиёд надорад. Бар ин асос, агарчӣ тафовут ва монанди инсонҳо амри қадимӣ аст, вале “ҳувият” номидани ин тафовутҳо ва ташобуҳот амри ҷадид мебошад. Мақсад ва шароити монандиҳо ва тафовутҳо дорои ҷинсҳои мухталиф мебошанд. Гоҳе аз ҷинс маърифат ва огоҳӣ аст. Пайдост, ки маърифат ва огоҳӣ дорои мисдоқҳои мухталифе монанди маърифат ба хештан, ҷаҳон, ҷомеа, таърих, оянда ва ҳоказо мебошад. Ба унвони мисол бархе

[43] Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Пргресс, 1996, - с. 37.
[44] Иқбол М. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, - Душанбе: Дониш, 1995, - с. 243.

инсонҳо бо донистани таърихи масалан 3000 солаи гузаштагон аз ғайри худашон фарқ мекунанд ва дар айни ҳол бо дигар донандагони ин таърих муштарак мешаванд. Ё касе, ки ҷаҳонро дорои ибтидо ва интиҳо медонад, аз касе, ки чунин бовар надорад, фарқ мекунад ва дар айни ҳол бо бовармандони ин огоҳӣ муштарак мешавад. Дар ин сурат метавон гуфт: масалан фалон одам аз лиҳози таърихӣ дорои фалон навъи ҳувият аст ва ҳамин тавр аз лиҳози ҷаҳонбинист. Албатта, инсон метавонад аз чанд навъи маърифат огоҳӣ дошта бошад ва ҳувияти худро аз онҳо таркиб диҳад. Ба унвони мисол аз таркиби огоҳии хос аз таърих, ҷомеа ва ҷаҳон ҳувиятҳои мухталифе шакл гирифтааст, ки ҳувияти миллӣ аз ҷумлаи онҳост. Ба иборати дигар дар ингуна маворид аз таркиби чанд навъи ҳувият як ҳувияти дигар ба вуҷуд омадааст. Бар ин асос инсонҳо ҳамеша дорои ҳувиятҳои пароканда ва ё мураккаб мебошанд, ки ба сурати шабакавӣ онҳоро дар шароити гуногун шахсият ва ташаххус мебахшад. Гоҳе мумкин аст ин тафовутҳо ва монандиҳо аз ҷинси рафторҳои хос дар заминаҳои гуногун бошад. Ба унвони мисол дар ҳолатҳои шодӣ, мисли хонадоршавӣ: миллатҳои ҷаҳон дорои русумот ва суннатҳои хоссе ҳастанд, ки барои мардумони африқоӣ аксаран бегона аст. Ва ба ҳамин шакл мавориди ташобуҳ ва тафовут метавонад дорои ҷинсҳои

дигаре низ бошад. Авомили ҳувиятсоз барои инсон мухталиф мебошанд. Гоҳе хонавода аст, гоҳе ҷомеа ва гоҳи дигар худи фард. Албатта, ҳаводиси иҷтимоӣ ва таърихӣ низ нақши муҳим дар шаклгирии ҳувиятҳо доранд. Ба унвони мисол дар шаклгирии ҳувияти миллӣ нақши истеъмор босазо мебошад, чунончӣ мушкилоти ношӣ аз ҳокимияти калисоро низ дар Ғарб дар эҷоди ҳувияти миллӣ наметавон зикр накард. Ҳувият қобили тақвият, бозхонӣ, бозтафсирӣ ва ҳатто қобили дурандозӣ ва тағйир аст ва бар ин асос ҳеҷ ҷабри ақлӣ ва табиӣ дар доштани ҳувияти хос вуҷуд надорад. Инсонҳо дар хеле аз мавориди ба бозхонии ҳувияти худ мепардозанд ва чӣ басе ҳувияти гузаштаи худро рад намуда, ҳувияти ҷадидро қабул мекунанд. Ҳувиятҳо бинобар вусъат ва шуои ташобуҳот ва тафовутҳо метавонанд мухталиф бошанд. Ба унвони мисол вижагаҳои ношӣ аз маҳалли зисти як инсон ба ӯ ҳувияти маҳдуд ва мутаносиби иртиқоъ ба маҳалли зистро медиҳад. Аз тарафи дигар ҳувияти динӣ бо таваҷҷуҳ ба густурдагии ҳузури дин метавонад густурда ва васеъ бошад. Мисли ҳувияти исломӣ, масеҳӣ ва ғайра, ки сайри густурдае аз инсонҳоро аз саросари дунё дар бар мегирад. Ҳувият ақлӣ, илмӣ ва мубтанӣ бар воқеият нест ва чӣ басе вижагиҳои як фард ё як гуруҳ бо меъёрҳои ақлӣ ва илмӣ метавонад ҳамхонӣ надошта бошад. Акси ин масъала низ

дуруст аст. Яъне чунин нест, ки ҳатман ҳувият зидди ақлӣ, зидди илмӣ ва мубтанӣ бар таваҳҳум ва ҷаҳл бошад. Бар ин асос ҳувиятҳо ҳам метавонанд ақлӣ ва илмӣ бошанд ва ҳам набошанд.

Ҳувият бинобар қавле ҳамон худшиносии аҳди асримиёнагист, ки бузургони илму ирфон онро муҳаққиқ шудаанд ва дар асри ҳозир фақат ном иваз намудааст. Эрик Эриксон – равоншиноси маъруфи қарни муосир, ки дар таҳқиқоташ ба ҳувият аҳамияти зиёд додааст, менависад: “Ҳувият, ки навҷавон дар садад аст то ба таври рушан ба он мувоҷеҳ шавад, ин аст, ки ӯ кист? Нақше, ки бояд дар ҷомеа ифо кунад, чист? Оё ӯ як кӯдак аст ё бузургсол? Оё ӯ тавоноии онро дорад, ки рӯзе ба унвони як ҳамсар ё падар ё модар бошад? Оё ӯ алорағми нажод, мазҳаб ё заминаҳои миллӣ, ки ӯро аз назари мардум камарзиш ҷилва медиҳанд, эҳсоси эътимод ба нафс дорад? Иҷмолан, барои таърифи “ҳувият” метавон гуфт: Агар одамӣ барои пурсишҳои зер посуххҳои мутмаин ва мутақоидкунандае биёбад, дар ҳақиқат ҳувияти хешро бозёфтааст. Бидонад ҷойгоҳ, манзалат ва мартабати ӯ дар дунё чист? Огаҳ бошад, ки чи пайвандҳо, риштаҳо ва иртиботҳои ӯро ба худ ва ҷаҳони хориҷ аз худ мутааллиқ месозад? Дарк кунад, ки чӣ нақшҳо, вазоиф ва масъулиятҳое дар қиболи худ ва дигарон бар уҳда дорад? Дар ниҳоят нисбати

худро ба гузашта, ҳоли ҳозир ва оянда ба дурустӣ бидонад”[45].

Дар илми ҷомеашиносӣ ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир дар қиёс бо падидаи ҷаҳонӣ шудан, ки худ айни ҳол ҷаҳонсозист, баррасӣ мешаванд. Аввалан, ҳувият чун истилоҳ чӣ маънӣ дорад ва муҳтавои он аз чӣ иборат мебошад? Яъне, ин калидвожа кай ба илм ворид шудааст ва онро аз кадом хотир истифода кардаанд? Бинобар ин, сароғоз бояд мафҳуми “ҳувият” ва алоқамандии онро бо забонҳо таҳлил намуд. Сониян, ҷиҳати баррасии ҳувияти фарҳангӣ ва соири ҳувиятҳои дигар ҷомеашиносон пажӯҳишҳо кардаанд ва бо дарназардошти навиштаҳои илми муосир дар ин маврид тарзи тафаккур ва биниши фарҳангии башар дигаргун гардидааст. Агар бар ин ақида эътимод варзем, ки ҳувият шакл ё навъи муосири худшиносӣ мебошад, пас маълум хоҳад шуд, ки мавзуи зайл аз қадиммулайём самти асосии аксари донишмандони ҷомеашинос будааст ва аз аҳди бостон то кунун мавзуи ҷавҳарии улуми ҷомеашиносиро ташкил мекардааст. Шуруъ аз Афлотуну Арасту ва бинобар пайдоиши машшоиёну ишроқиюн дар қарнҳои миёна, замони Реносанс, ки эҳёи улум маҳсуб мешавад,

[45]Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Прграсс, 1996, - С. 112.

то замони муосир бобати баррасии ҳувияти фарҳангӣ муҳаққиқон осор нигоштаанд. Ду нафар равоншинос, ки аввалӣ амрикоисту Э. Эриксон ном дорад ва нахуст ӯ вожаи “ҳувият” – ро дар илм ҷорӣ карда, бештар ҳувиятшинос истиқбол мегардад ва дувумӣ британист бо номи Энтони Гидденс ва яке аз назарияпадозони “ҷаҳонишавӣ” маҳсуб мешавад, аввалӣ мавсум ба “Ҳувият: хурдсолӣ ва буҳрон” китобе иншо намудааст, ки онҷо масоили ҳувияти фарҳангӣ шадидан таҳқиқ мешавад. Дигарӣ бо номи “Мудерн ва худҳувият” асаре нигоштааст, ки онҷо муҳимтарин авомили ҷаҳонишавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, назарияи тамаддунҳо баррасӣ ёфтааст.

Э. Эриксон муътақид аст фарде, ки қодир ба ёфтани арзишҳои мусбат пойдор дар фарҳанг, мазҳаб ё идеолужии худ нест, идеолҳояш ба ҳам мерезанд. Чунин фарде, ки аз дар ҳам рехтани ҳувият ранҷ мебарад, наметавонад арзишҳои гузаштаи худро арзёбӣ кунад ва на соҳиби арзишҳое мешавад, ки ба кумаки онҳо битвонад озодона барои оянда тарҳрезӣ намояд. Мафҳуми ҳувият айни замон дар илмҳои ҷомеашиносӣ ҳануз аз соли 1960 инҷониб, ки он ҳангом Э. Эриксон дар китоби хеш “Ҳувият: хурдсолӣ ва буҳрон” онро ҳамаҷониба таҳқиқ менамояд, васеъ истифода шуда, дар ҷомеаҳои муосир истилоҳи мазкур ҳамагонро фарогир мебошад.

Инсон бинобар дарку фаҳмиши мансуб будани худ ба қишр ва бо дар назардошти эҳсосҳои муайяне ҳувиятро соҳиб шуда, баробар бо воридшавӣ ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ сатҳи ҳувияти дар худ доштаро такмил медиҳад. Инсон хоҳу нохоҳ бо муҳите пайванд аст, ки ормонҳои дар он ташаккулёфтаро истиқбол мекунад ва таъсири муҳит дар фард падид меояд, аммо камоли нерӯманде дар шахс имкон фароҳам меорад, ки ӯ дар муҳити хеш таъсиргузор бошад. Аз ин хотир, гуногунрангии иҷтимоӣ ва ихтилофи андеша барои тавлиди қишрҳои мухталиф боис гардида, ҳамаи онҳо дар омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ, миллӣ ва амсоли дигар нуҳуфтаанд ва бо дарназардошти ин авомил ҳувиятҳои гуногун ташаккул ёфта, дар авзоъ ва аҳволи фард аз инҳо танҳо яке нуфуз пайдо мекунад, ки маърифати ӯ онро қобили қабул медонад. Дар иртибот бо масъалаи мазкур дар бархе аз афрод ҷанбаи динии ҳувият ғолиб меояд ва дар гурӯҳи дигар нуфузи ҳувияти миллӣ мушоҳида мешавад. Аммо Эриксон баробари ҳувият боз истилоҳи “буҳрони ҳувият”-ро истифода карда, хотирнишон месозад, ки инсонҳо бинобар оғози ҷанги ҷаҳонӣ ба буҳрони ҳувияти шахсӣ мубтало гардиданд: “Бинобар афтодан дар шароити шадиди ҷанг онҳо ҳисси ҳувияти шахсиятро аз даст доданд ва тадовуми замони онҳо ҳам контрули хешро бохт. Бинобар

ин, камина бобати аз даст додани ҳувияти нафс (эго) суҳбат кардам. Баъдан мо ҳамон нуқсҳои муҳимро дар ҷавонон пайхас намудем. Падидаҳои мушобеҳе дар онҳо аз авомили даргириҳои ботинӣ буд, ки бинобар чунин тасодуме дар ҳамаи мавридҳо ибораи “сардаргумии ҳувият” ташхиси хоссеро пешниҳод мекунад”[46]. Бар хилофи Эриксон ва муқобил бар натиҷаҳои равандҳои муосир Ф. Фукуяма аст, ки даргириҳоро баробар бо инқилобҳо таъбир карда, таъсири мусбати онҳоро дар такмили ҳувияти инфиродӣ қайд мекунад: “Бо таваҷҷуҳ ба пешрафти густурдаи тамаддун, ҳатто ҷангҳои хунин монанд ба ҷангҳои нополеуниро файласуфон метавонанд аз назари иҷтимоӣ ба унвони натоиҷи пешраванда тафсир кунанд, зеро онҳо боиси густариши шаклгирии ҷумҳурихоҳӣ шудаанд”[47].

"Ҳувияти гурӯҳӣ" -ро Эрик Эриксон ҳамчун шомилшавии шахс ба ҷамоаҳои гуногун ҳисобида, онро ҳисси субъективии ваҳдати ботинӣ бо муҳити иҷтимоии худ дастгирӣ мекард. Вай инчунин алоқаи наздики буҳрони ҳувият ва буҳронҳои рушди иҷтимоиро таъкид кард. Азбаски буҳрони ҳувият, чун қоида, вақте

---

[46] Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Пргресс, 1996, - с. 25.

[47] Фукуяма Ф., Бродель Ф. Триумф глобализма. Конец истории или начало? – М.: АСТ, 2016, - 240 с.

сар мезанад (таҳти таъсири буҳрони шадиди иҷтимоӣ), ки парокандагии ғояҳо ва арзишҳои ҳукмфармо бар пояи  фарҳанги сиёсӣ одамонро маҷбур мекунад, ки дастурҳои нави маънавӣ барои дарки ҷойгоҳи худ дар ҷомеаи тағйирёбанда, робитаҳо бо давлат ва муҳити иҷтимоии атроф дошта бошанд[48].   Дар миёнаи асри XX ҳувияти миллӣ худро ҳамчун истилоҳи маъмултарин барои ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангии миллат муаррифӣ кард. З. Фрейд яке аз аввалинҳоест, ки ҷудо кардани мафҳумҳои ҳувияти гурӯҳӣ ва фардиро пешниҳод кардааст. Вай аз он бармеояд, ки шахс худ аз худ ва одами оммавӣ падидаҳои гуногун мебошанд, шахсияти инфиродӣ ва шахсияти гурӯҳӣ аз як қатор омилҳо вобаста аст[49].

Тарҷумаи ҳоли шахсро ба фикри  Энтони Гидденс комилан собит кардан мумкин нест, зеро шахс бояд рӯйдодҳои дар ҷаҳони беруна рӯйдодаро пайваста ба "ҳикоя" -и пайваста дар бораи худ ҳамҷоя кунад. Имрӯз мо беш аз ҳарвақта ба иттилооте дастрасӣ дорем, ки ба мо имкон медиҳад, ки сабабҳо ва оқибатҳои амалҳои худро инъикос кунем. Дар баробари ин, мо бо хатарҳое, ки бо оқибатҳои номатлуби амалҳои мо алоқаманданд, рӯ ба рӯ мешавем. Мо маҷмӯи ривоятҳои биографӣ, нақшҳои иҷтимоӣ ва тарзи

---

[48] Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Пргресс, 1996, - с. 44.
[49] Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Пргресс, 1996, - с. 99.

ҳаётро таъсис медиҳем, нигоҳ медорем. Иёлоти Муттаҳида ва Ғарб нуфузи сиёсию иқтисодии худро тавассути савдои ғояҳо муҳофизат мекунанд ва тақвият медиҳанд. Қудрати онҳо на бар парчам, балки ба тасвири маъмул асос ёфтааст. Ҳамзамон, ин раванд бо хоҳиши ҳифзи ҳувияти этномаданӣ, миллии онҳо ҳамроҳӣ мекунад, ки он дар шакли огоҳии шахс дар бораи худ ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи муайяни этникӣ зоҳир мешавад. Ҷанбаи мусбати равандҳои имрӯза бо он алоқаманд аст, ки ҷаҳонишавии робитаҳои иҷтимоии одамон онҳоро аз доираи муайяни фарҳангӣ берун оварда, бо стандартҳои фарҳангҳои дигар ошно мекунад. Дар ин раванд нақши махсусан муҳимро қудрат ва шиддати системаи иттилоотию коммуникатсионии ҷаҳонӣ ба даст меорад. Соҳаҳои истеъмол ва фароғат, ба истилоҳ фарҳанги оммавӣ, дар саросари ҷаҳон торафт бештар якранг мешаванд, аз ҷиҳати "мундариҷа" -и худ дар ҷамъиятҳои мансуб ба тамаддунҳои гуногун каме фарқ мекунанд. Фарҳангҳои миллӣ бо зуҳуроти гуногуни ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла бо раванди шиносоӣ, нусхабардории тарзи ҳаёти бегона, ба истилоҳ "ғарбӣ", "амрикоӣ", тарзи тафаккур, арзишҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ дучор омадаанд. Яъне, буҳрони ҳувиятҳо агар дар ҳама ҷо мушоҳида мешавад ва хусусияти  ҷаҳониро касб кардааст, лекин феълан, инсони муосир аз бисёр ҷиҳат

ҷомеаро мункир аст, аммо на бо татбиқи навъҳои мухталифи раҳбоният (дунёбадбинӣ) мисли маслаки таърихии қаландария ва маломатия, чунки гӯшанишинии муосири ҳамзамонони мо бо шиори зайл роҳандозӣ мешавад: “Дар ҷамъият бош, аммо дар он махлут нашав”. Аксар ҷавонони муосир, ба вижа дар Ғарб бастани ақди никоҳ ва тавассути он тавлиди наслро василаи побандӣ аз дигарон пиндошта, амалан онҳоро татбиқ намекунанд, дар ҳоле ки аз авомили густариши шахсият яке барпо кардани оилаи солим дар муҳити солим маҳсуб мешавад. Агар гӯем, ки ҷавонони муосир масъулиятшинос нестанд, иштибоҳи шадиде хоҳем кард, чунки ҳар фарде аз афрод дар ҷомеа барои муаррифии ормонҳои дарунии хеш талош варзида, яке бинобар усулҳои худмуайянкунии инфиродӣ барпо намудани оиларо аз авомили заъфи маънавии хеш медонад, дигарӣ бошад, зиндагиро бидуни маблағҳои калонҳаҷм тасаввур намекунад ва савумӣ дар такмили хеш ҷомеаро монеа дониста, ба он бовар аст, ки баъзе анъанаҳои муҳити фаъолият ӯро аз такомули зеҳнӣ бозмедоранд, дар ҳоле ки ягона муҳит, ки ба густариш ёфтани шахсияти инсон мусоидат мекунад, муҳити иҷтимоии ӯст. Муҳаққиқи “ҷаҳонишавӣ” Энтони Гидденс менависад: “Вақте ки таъсири анъанаҳо ва маросим ва дар миқёси умумиҷаҳонӣ заъиф мешаванд, асосҳои

шинохти ҳувияти инфиродӣ низ пайваста тағйир меёбанд ва дар сатҳи шахсият баррасӣ мешавад. Дар шароитҳои анъанавӣ чунин эҳсос аз сабаби устувории мавқеи иҷтимоии инфиродӣ дар ҷомеа нигоҳ дошта мешуд. Вақте ки анъанаҳо қудрати худро аз даст медиҳанд ва интихоби озодонаи роҳи ҳаёт бартарӣ пайдо мекунад, ин тағйирхӯриҳо ҳар як шахсро водор хоҳад кард, ки ҷиҳати дарки он бетараф набошанд. Дар чунин шароит, инсон бояд назар ба пештара фаъолтар буда, дар эҷод ва такмил додани ҳувияти инфиродии худ ҷаҳд намояд”[50].

Энтони Гидденс ба афкори Эриксон ва Фрейд ақидаи интиқодӣ дошта, муътақид аст, ки онҳо дар пешниҳоди афкори ҷомеашиносии худ ба иштибоҳ рафтаанд. Масалан, дар асари илмие таҳти унвони “Танзими ҷомеа” чунин менигорад: “Ба нақл аз Эриксон ағлаб бояд таваҷҷуҳ дошта бошем, ки бархе аз идеяҳои ӯро бо маҳдудиятҳои қобили таваҷҷуҳе пазируфтаем, аммо муътақидем, ки камтарин ҷанбаҳои ҷолиб аз кори Эриксон бештар ӯро сутудааст ва ин дар ҷиҳати таҳқиқ мавриди шаклгирии “ҳувияти нафс” ва мароҳили рушди шахсият аз замони таваллуд то навҷавонӣ ва пас аз он аст. Эриксон нигоҳе интиқодӣ ба равиши маърифатии Фрейд дар мавриди “эго” ва робитаи он бо ҷомеа дорад

[50] Гидденс Э. Ускользающий мир: как глобализация меняет нашу жизнь. – М.: Весь Мир, 2004, - с. 19.

ва то ҷое далел аст, ки формулҳои Фрейд аз назари ҷомеашиносӣ нокофӣ ҳастанд. Фрейд дар навиштаҳои худ бар мутуни мавриди пазириши заиф (монанди бахшҳои муосир дар бораи равоншиносии омма) такя кард. Дар инҷо метавонед як ихтилофи умдаро мушоҳида кунед. Худи Фрейд ва пайравони мутааддиди ӯ мафҳуми қобили қабуле аз ҷомеаи мутамоизро тавсия надодаанд. Бинобар ин, аз дидгоҳи Эриксон мафҳуми "Эго" тавассути Фрейд аз тариқи мухолифат бо табиати ғайриқонунии ҷамъият ва ғаризаҳои аввалияи он сохта шудааст"[51].

Гидденс аз баъзе дидгоҳҳо, ки ба Эрик Эриксон мутаалиқ ҳастанд, розӣ нест ва бавижа, мафҳуми "эго-ҳувият" – ро қобили қабул намедонад. Тибқи назари Гидденс, мафҳуми мазкур фақат дарҳамбарҳамиро эҷод карда, моро аз асли масъала барканор месозад. Дар давраи тағйироте, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба башар тақдим намуд, инсон пеш аз ҳама ба авзои бuҳронии ҳувият гирифтор омад. Буҳрони ҳувияти миллӣ дар ҳама ҷо мушоҳида мешавад, яъне хусусияти ҷаҳонӣ дорад. Сабабҳои чунин буҳронро метавон ҷаҳонишавии иқтисодӣ, урбанизатсия, ҷаҳиши шадид дар рушди нақлиёт ва коммуникатсия, афзоиши муҳоҷирати аҳолӣ, хатми Ҷанги Сард номид. Муҳоҷират,

[51] Гидденс Э. Устроение общества, - М.: Академический Проект, 2005, - 110.

ҷойивазкунии беохир аз як ҷо ба ҷои ҳам муваққатӣ ва ҳам доимӣ боиси омезиши мардумони нажодҳою фарҳангҳои мухталиф гардид. Проблемаҳои миллӣ ва қавмӣ яке аз масъалаҳои шадидтарин ва дардноктарин дар ҷаҳони муосир мебошанд. Ин падида (дар адабиёт бо номи "парадокси этникӣ" маъруф аст) як навъ аксуламал ба тамоюли афзоиши муттаҳидсозии фарҳанги маънавӣ ва моддӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ шудааст. Ҷаҳонишавӣ ба шахсияти инсон таҳдид мекунад ё ҳадди аққал шароити ташаккулёбии онро ба куллӣ тағйир медиҳад. Якум, ҷаҳонишавӣ ба он оварда мерасонад, ки муносибатҳои байни одамон аз доираи ҷомеаҳои миллӣ-давлатӣ берун рафта, хусусияти фаромиллӣ пайдо мекунанд. Аҳамияти ин баст бузург аст: дар ниҳоят, ҷомеаи анъанавии бузурги инсонӣ, ки инсон худро узви он ҳис мекард, кишвар, миллат, давлат буд. Ҷаҳонишавӣ ин мушаххасотро нест мекунад. Ба қавли Гидденс : "Вақте ки таъсири анъанаҳо ва маросим ва дар миқёси умумиҷаҳонӣ заъиф мешаванд, асосҳои шинохти ҳувияти инфиродӣ низ пайваста тағйир меёбанд ва дар сатҳи шахсият баррасӣ мешавад. Дар шароитҳои анъанавӣ чунин эҳсос аз сабаби устувории мавқеи иҷтимоии инфиродӣ дар ҷомеа нигоҳ дошта мешуд. Вақте ки анъанаҳо қудрати худро аз даст медиҳанд ва интихоби озодонаи роҳи ҳаёт бартарӣ пайдо мекунад, ин

тағйирхӯриҳо ҳар як шахсро водор хоҳад кард, ки ҷиҳати дарки он бетараф набошанд. Дар чунин шароит, инсон бояд назар ба пештара фаъолтар буда, дар эҷод ва такмил додани ҳувияти инфиродии худ ҷаҳд намояд”[52].

Энтони Гидденс дар асари худ “Модерн ва худҳувият” шахсияти худшиносиро ҳамчун падидаҳои фарҳанги муосир нишон додан мехоҳад. Диққат ба он ҷалб карда мешавад, ки худи мавзуи худшиносӣ дар ҷомеашиносӣ ва таҳқиқоти фарҳангӣ беш аз пеш бо исрор шунида мешавад. Гидденс фарзияи худро дар бораи сохтори ҳувият пешниҳод мекунад. Ҳувият ду қутб аст: аз як тараф, мутобиқшавӣ, унсгирӣ (конформизм), аз тарафи дигар, худсарӣ. Дар омӯзиши ҳувият чун механизми мутобиқшавии равонии шахсият ва нақши назаррасро Зигмунд Фрейд гузоштааст, ки номбурда гумон меравад барои аввалин бор истилоҳи ҳувиятро ба кор бурдааст. Мавсуф дар китобе мавсум ба “Ман ва Он” низоми равонии инсонро ба “ман”, “он” ва “мани номаҳдуд” ҷудо карда, муътақид аст, ки маҳз мазҳари ахир ба унвони “садои дарунии афрод” ва чун нерӯи қазоваткунанда дарк мегардад[53]. Дар дигар рисолаи хеш, ки “Равоншиносии омма ва таҷзияву таҳлили

---

[52] Гидденс Э. Ускользающий мир: как глобализация меняет нашу жизнь. – М.: Весь Мир, 2004, - с. 95.

[53] Фрейд З. Я и Оно, - М.: «Эксмо», 2015, - с. 15.

инсонияти “Ман”” номида мешавад, Фрейд дар бахши ёздаҳуми он бо унвони “Марҳилаи шахсият” аз ду навъи молихулиё ишора мекунад: “Ман ҳеҷ монеае ҷиҳати мавриди инобат қарор додани эътирози “ман” алайҳи “ман”-ормонро барои ду навъи молихулиё намебинам”[54]. Аммо дар таърифи “равоншиносии омма” Фрейд чун асабпизишк ва муҳаққиқи равоншиносӣ истифода аз маводи кокаинро дуруст пиндошта, бемориро аз хусусиёти авом медонад ва дар баёни ҳақиқати мардум нохудогоҳиро зам менамояд, яъне аксар бо худ зулм мекунанд, ки далели нохудогоҳист ва аққал ба маърифати худӣ рӯ меорад, ки ҳастиро тақвият мебахшад. Инак, он тафсирҳое, ки Фрейд ба омма нисбат додааст: “Маҳвшавии худогоҳии шахсият ва бартарӣ ёфтани шахсияти нохудогоҳ, ҳамгунии равишии ҳасосияту ормонҳо, ки тамоил ба табдили фаврии дар амал илқошуда доранд, вижагиҳои аслие ҳастанд, ки фардро дар ҷамъият мушаххас мекунад. Ӯ дар ҳоли ҳозир дигар худаш нест ва табдил ба як худкор (автомат) мешавад, ки дар он иродаи худи онҳо вуҷуд надорад. Бинобар содалавҳӣ онҳо қудрати таҳқиқи худро надошта, ҳеҷ кадомро бидуни тардид намедонанд”[55]. Стюарт Холл менависад, ки ҳувияти фарҳангиро

[54] Ҳамон ҷо, с. 60.
[55] Фрейд З. Психология масс и анализ человеческого Я, - М.: «Азбука», 2016, - с. 170.

дар равобити байни идомаи таърих ва шикастҳои доимии он пайдо метавон кард. Дар ҳоле ки қатъияти таърих ва номутобиқатии ҳувият шарикони ногузири тағйирёбии доимии иҷтимоӣ мебошанд, баррасии таърих ҳамчун хатти мустақим ва шикастнопазир ба одамон ҳисси ҳувият ва мансубият ба фарҳанги онҳоро медиҳад. Агар хотираи таърихӣ манфиатҳои миллӣ ва аз ин рӯ, сиёсати давлатро мустақиман муайян кунад, пас хотираи таҳрифшуда ҳамеша манфиатҳои бардурӯғро ба вуҷуд меорад, на манфиатҳои аслии миллиро. Ин маҳз хатари асосии таҳрифи таърих аст. Аз назари Стюарт Холл мафҳуми "ҳувият"–ро бояд аз се манзур мавриди баррасӣ қарор дод: аввал озодандешӣ, дувум ҷомеашиносӣ ва савум аз назари постмодернизм. Дарки ҳувият ба шеваи тартибӣ бар эътиқод ба нақши таъинкунандаи ақл, мунҳасир ба фард, мутобиқ ба моҳияти воқеии инсон ва ҷомеа аст. Хирад пояи аслии фард аст, ки зимни таваллуд пайдо шуда, дар тӯли зиндагӣ маҳфуз мемонад. Зеҳн ва хиради фард ҳувияти ӯро таҳия мекунанд. Дидгоҳи ҷомеашиносӣ дар дарки ҳувият нишон медиҳад, ки ҷомеаи имрӯз чӣ қадар печида аст. Дар ин ҷо дарки ҳувият бо "онҳо", ки барои ӯ муҳит ҳастанд, иртибот дорад. Мо худро бар ҳувияти фарҳангии афроди дигар нишон медиҳем ва арзишҳои ҷадидро дарк менамоем. Дидгоҳи постмодернизм дар мавриди

ҳувият ин эътиқод буда метавонад, ки ҳеҷ ҳувияти собит абадан вуҷуд надорад. Дар ҷаҳони Ғарб ақидаи “нохудогоҳ” тавассути Фрейд роҳандозӣ шуд. Ба қавли ӯ, ҳувият бар асоси равиши равонӣ шакл мегирад, ки истилоҳан ба он нохудогоҳ номгузорӣ шудааст. Бинобар ин, ҳувият бахше аз огоҳӣ нест, ки аз замони тавлид дар мо шакл мегирад, балки маҳсули фаъолияти нохудогоҳ аст. Ҳувият як фазои пуршудаи қаблӣ дар даруни шахсият нест, балки як падидаи ноқис аст, ки доимо зимни мурочиат ба берун пур мешавад. Мо бар дигарон тамаркуз мекунем ва ҳар ончиро, ки аз афроди дигар дарк мекунем, аз худ ба дигарон вогузор месозем. Аввал ин ки ҳувият мутаноқиз аст. Сонӣ, ҳеҷ ҳувияти аслии воҳиде вуҷуд надорад, ки ҳувиятҳои мухталифро таъмин дода ва тобеи он қарор бигирад. Ба унвони мисол, аз назари силсиламаротиби робитаҳои инсонӣ барои як фард ҳеҷ ҳувияте мутобиқ бо мавқеияти иҷтимоии ӯ вуҷуд надорад. Сеюм, дар ҷаҳони мудерн ҳувияти мутамарказ бар мавқеияти иҷтимоӣ дар ҳоли нобудист ва бо зуҳури феменизм ҳувиятҳои ҷадиде дар арсаи сиёсат зоҳир шуд. Чаҳорум, омезиши фарҳанг бо сиёсат ҳувияти мубтанӣ бар тафовутро ба вуҷуд меорад. Нигоҳи аксар муҳаққиқин ба назарсанҷиҳои асабпизишк ва равоншинос Зигмунд Фрейд интиқодист ва ба вижа ба андешаи ин ки инсони хурд бояд ҳувияти

ҷинсиро биомӯзад, чунонки дар ин маврид мавсуф ба Эдип муроҷиат мекунад, боиси инкори тафаккур ва тарзи баёни ӯ шудаанд. Махсусан, Иқболи Лоҳурӣ бинобар бархурд бо ӯ чунин менигорад: “Дар давоми маҳз зистан “худ” будан аст ва “худ” будан қобилияти гуфтани “ман ҳастам” доштан аст. Дараҷаи ишроқии “ман ҳастам” аст, ки мақоми як шайъро дар силсилаи маротиби ашё муайян мекунад. Мо низ мегӯем, ки “ман ҳастам”. Мани “ман ҳастам” – и мо табъӣ аст ва аз тамоюзи миёни худ ва нохуд бармехезад”[56]. Агар Иқболи Лоҳуриро чун инсони воқиф аз улуми табиатшиносии муосир ба худаш пиндорем, бархе аз вокунишҳояш ҷиҳати ақоиди бидуни парда иншошудаи Фрейд мубҳам боқӣ мемонад, вале агар ба Иқбол тибқи тасаввур ва тафаккури динӣ наздик шавем, бархе аз дидгоҳҳояш аҳамияти хешро тағйир медиҳанд, чунки андешаи ин ки тамаддунҳо мутафоввит ҳастанд, алҳол кӯҳна шудааст ва пешниҳоди дифоъ аз хатари рушдкарда ё худ таҳмили ин ақида, ки яке бар дигарӣ бартарӣ дорад, дар ҷаҳони имрӯз ғайри ақлӣ маҳсуб мешаванд. Пажӯҳиш воҳидтарин роҳи дастрас ва дастнорас будан аст, ки имкон медиҳад инсонро то ҷиҳати ангезаҳои дарунӣ дарк намояд. Ба қавли Иқбол: “Агар хушбахтии Ман дар зиндагӣ барои шахси

[56] Иқбол М. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, - с. 84.

дигаре иллати бадбахтӣ бошад, хушбахтии Ман ва бадбахтии Ӯ ҳеҷ иртиботе надоранд. Вале озмоиши рӯзона ва улуми физикӣ бар пояи вуҷуди мустақили модда бино шудааст. Пас беҳтар он аст, ки ба сурати муваққатӣ чунин фарз кунем, ки ҷисму рӯҳ ду чизи мустақил аз якдигаранд, ки аз тариқе асроромез бо якдигар муттаҳид шудаанд"[57].

Дар ибтидои асри XXI масъалаҳои марбут ба омӯзиши проблемаҳои ҳувияти фарҳангӣ диққати зиёдро ба худ ҷалб карда, дар атрофи омӯзиши онҳо оид ба ҷанбаи таърихӣ шумораи зиёди баҳсу мунозираҳо ба амал омадаанд. Дар ин рисола мушкилоти ҳувияти фарҳангӣ дар ҷомеаи муосир баррасӣ мешавад ва таҳлили нақши ҳувият чун омили муттаҳидсозии ҷомеа ба он арзиши муносибатҳои милливу фарҳангии ҳувият дар шароити ҷаҳонишавӣ баҳогузорӣ шудааст. Мафҳуми "ҳувият" муносибати фалсафаро бо соҳаҳои дахлдори назария ва амалияи иҷтимоӣ инъикос мекунад. Муҳимияти масоили ҳувияти фарҳангӣ имрӯз низ боқӣ мемонад, зеро дар он муносибати фард ба фарҳанг инъикос шуда, мавҷудияти хусусияти асили фарҳангӣ, ки ба ҳар гурӯҳ ва шахсони алоҳида хос аст, эҳсос мешавад. Дарку фаҳмиши фалсафии проблемҳои ҳувият аз ҳарвақта бештар

---

[57] Иқбол М. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, - с. 142.

муҳим маҳсуб мешавад, зеро имрӯз худшиносӣ ва муносибат ба дигар хусусиятҳои фарҳангӣ (миллӣ, мазҳабӣ, қавмӣ, синну сол) табиати муносибатҳои ҳамаҷонибаро дар воқеияти муосир муайян мекунад. Оё метавон хусусияти миллиро аз фарҳанг баровард? Бо миллат ва ҷомеаҳои фарҳангӣ чӣ гуна муносибат кардан мумкин аст? Шумо кадом давраи таърихиро бояд интихоб кунед? Оё имкон дорад, ки хислати гурӯҳи этникиро ба як шахс ба тариқи худкор тарҳрезӣ кунед? Суоли умумии башардӯстона ба миён меояд: оё илми муосири ҷомеашиносӣ воситаҳои таҳлили чунин падидаи бисёрарзишро дорад? Ҳувият дар тасвири фарди ҷаҳонӣ барои ҳар як фарҳанг чӣ мавқее дорад? Мартин Ҳайдеггер бо ишора ба хусусиятҳои хоси илми муосир, мафҳуми "тасвири ҷаҳон" -ро таҳия кард. Умуман, ӯ моҳияти замони муосирро дар он медид, ки ҷаҳон ба тасвир табдил меёбад. Тибқи гуфтаи Ҳайдеггер, «тасвири ҷаҳон» як намунаи воқеиятест, ки онро инсон ифода мекунад ва барои шуури ӯ шаффоф аст. Азбаски мафҳуми "тасвири ҷаҳон" ифодаи лафзӣ дорад, пас омӯзиши он дар модели лингвистикии шахсият дар гуфтугӯи истифодаи калима имконпазир аст. Тасвири ҷаҳон маънои нусхаи иҷрошавандаро надорад, аммо он чизе, ки дар навбати сухан шунида мешавад, мо тасвири чизеро месозем: “Дар ошкор шудани ҳастӣ он чӣ ба назар

мерасад, нигарони дунё будан бо пӯшишҳои худманишӣ мавзуи шинохти назарии “ҷаҳон” нест, балки ба унвони як мавҷуди мутақобилест, ки қабл аз риёзӣ ба тафсири падидоршинохтӣ ворид гардидааст”[98, с.40]. Мартин Ҳайдеггер равиши илмии хешро аз падидоршиносӣ ҳусни оғоз бахшидааст. Ӯ муътақид аст, ки шинохт ва фалсафа реша дар таърихи ҷомеа доранд ва замон масъул аст, ки таъсиси ҷаҳонро уҳдадор бошад. Бинобар ин, маншаи шинохт бо дарназардошти паҳлӯҳои расмию ғайрирасмиаш дар ашколи улуми ҷадид ва маърифати рӯзмарра аз ҳувияти вижагии таърихӣ бархурдор буда, маҳсули муҳиту замон маҳсуб мешавад. Ҳувият ба пиндори Ҳайдеггер, маъқулае аз ҷинси шинохт ва маърифат аст. Бинобар ин, ин падидаи муосир, ки шакли такмилхӯрдаи худогоҳии таърихист, айни замон мавзуи аслии ҷомеашиносӣ ва ҳатто фалсафа мебошад. Китоби “Ҳастӣ ва замон”, ки аз шоҳкориҳои Мартин Ҳайдеггер аст, агарчи зоҳири фалсафӣ дорад, аммо ҳадафи ҷомеашиносиро дунбол мекунад ва ҳадаф аз ин нигориш посух ба ин пурсиш аст, ки оё маърифати созандаи ҳувият дар иртибот бо дунёи зиндагии яке аз муҳимтарин калидвожаҳо дар улуми фалсафӣ аз нимаи дувуми садаи XIX то кунун дар Урупо чӣ нақше дорад? Инак, он посухи файласуф: “Агар вуҷуди рӯзмарраи ҳар фарде бо дигаре зоҳиран аз назари ҳастишинохтӣ

наздик мешаванд, дар асл мутафоввит аз пули нақд аст, пас вуҷуди худи шахс ҳануз ҳам метавонад мутафоввит бошад, чунки бо ин ҳол худхоҳӣ аз ҳувият дар печидагиҳои таҷрибии “Ман” ҷудо мешавад”[58].

Хулосаҳо табиист, ки муҳокимаи масъалаи дараҷаи мустақилияти шахс, ки ҳувият ҳамчун падидаи дастаҷамъӣ метавонад ба он мудохила кунад, эҳё менамояд. Ин суолро аввалин назариётчии ҳувият - Э. Эриксон низ муҳаққиқ шуда, барои посух ёфтан ба он саъй намудааст. Дар ин робита, ӯ ду тасаввуроти ғалатро баён мекунад. Маънои якум бо он фарзия алоқаманд аст, ки шахсияти комил ба конформист хос аст ва ҳисси ҳувият тавассути тобеи комили шахс ба ҳадафҳои муқарраргардидаи иҷтимоӣ ва мутобиқати бечунучаро ба талаботҳои тағйироти иҷтимоӣ ба даст меояд. “Бешубҳа”, менависад ӯ, “ҳеҷ як нафс берун аз равандҳои иҷтимоӣ, ки прототипҳо ва нақшҳои коршоямро пешниҳод мекунанд, рушд карда наметавонад. Аммо, як фарди солим ва нерӯманд ин нақшҳоро ба равандҳои минбаъдаи Он мутобиқ мекунад ва ба ин васила дар ҳифзи раванди иҷтимоӣ саҳм мегирад”[59]. Тибқи гуфтаи Э. Эриксон, маънои фиреби дуюм ба онҳое дахл дорад, ки худро ба

---

[58] Хайдеггер М. Бытие и время, - Харьков: Фолио, 2003, - с. 70.
[59] Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Пргресс, 1996, - с. 53.

омӯзиш ва ҷустуҷӯи яксолорӣ мебахшанд ва онҳо ин корро гӯё дар берун ва аз он гурӯҳе, ки онҳо тарк кардаанд, зиндагӣ мекунанд.

Гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба захираи фарҳанги воҳид ворид шуда, таҳкурсии миллатро эҷод мекунанд, ки дар навбати аввал аз фарҳанги миллӣ иборат буда, дар қиёс бо фарҳанги этникӣ мутафоввит мебошад. Чунки ҳамаи фарҳангҳои этникӣ қобилияти мутобиқшавӣ бар муҳити иқомати хешро дошта, табиат, таърих, муҳити иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ, илму техника ва ҳоказоро дар бар мегирад ва чун инсонҳо раванди баҳамоии худро дарк менамоянд, ҷараёни густариш оғоз ёфта, қонешавии эҳтиёҷҳои инфиродӣ боис мешавад, ки бинобар роҳандозӣ шудани ҳадафҳои умумӣ онҳо ба фаъолият шуруъ кунанд. Дар натиҷа, ин фаъолият ба ташаккули маҷмӯаи нодири фарҳангӣ мерасад, ки на фақат дар замон маҳфуз мемонад, балки аз насле ба насли дигар аз ҳисоби ҷамъшавии гуногунии фарҳангӣ мерос мемонад. Маҳз ҳамин омил фарҳангҳои этникиро ба ниҳоде мубаддал месозанд, ки мисли ҳамдигар набуда, яке дар қиёс бо дигарӣ мутафоввит мебошад. Феълан, дар ҷаҳон фарҳангҳои воҳиди этникӣ дар ҳоли хатарзо қарор дошта, бо дарназардошти вижагиҳои хеш дар бархурд бо фарҳангҳои ҷаҳонӣ қарор доранд.

Ҳувияти фарҳангӣ огоҳӣ аз мансуб будани фард ба як ҷомеаи фарҳангии хос аз тариқи худшиносӣ бо намунаҳои фарҳангии он аст. Дидгоҳҳои мухталифе ҷиҳати баррасии нақши ҳувияти фарҳангӣ вуҷуд дорад. Бархе аз муҳаққиқон онро унсури аслии ташкилдиҳандаи ҳувияти инфиродӣ медонанд, дар ҳоле ки дигарон онро яке аз ҷанбаҳои ҳувияти иҷтимоӣ пазируфтаанд. Гузашта аз ин, ҳувияти фарҳангӣ бидуни таҳқиқи тамаддунҳо қобили қабул нест ва дар шароити ҷиҳонишавӣ низ ағлаб муҳаққиқин ба ҷуз ҷомеашиносони олмонӣ муътақиданд, ки фарҳанг тамаддун аст ва бархурди тамаддунҳо аз авомили рушд ва тараққии ҷомеаҳои муосир мебошанд. Аммо мушкилӣ ҷиҳати баррасии тамаддунҳо мекунанду ҳатто бо он махлут мегарданд, лек боз тамаддунҳое ҳастанд, ки дар муқовимат бо тамаддуни Ғарб қарор доранд. Дар ҳақиқат, тавре ки Э. Эриксон менависад, амрикоиҳо кишвари худро ҳамчун “ватан” ба маънои мустақим ва “сарзамини ниёгонашон” дарк намекунанд. Онҳо ин кишварро қариб бо алам, ғайримантиқӣ ва воқеъбинона дӯст медоранд. Аммо Самюэл Ҳантингтон муаллифи китобест, ки “Мо кистем? Чолишҳои ҳувияти миллии Амрико” ном дорад ва дар пешгуфтор мусанниф қайд кардааст, ки таълифоти хешро

“ба вижагиҳои ҳувияти миллии амрикоӣ ихтисос додааст”[60].

Мавсуф ҷиҳати мушаххас кардани ҳувияти хеш ғалабаи ҳувияти амрикоиро таъкид намуда, қасди худро аз нигоштани ин рисола дар посух додани суоле мебинад, ки “чи чизе амрикоиҳоро ба унвони як миллат муттаҳид карда ва чи чизе онҳоро аз соири мардум мутамоиз намудааст?”[61]. Гузашта аз ин, зимни баррасии вижагиҳои ҳувияти хос ба амрикоӣ, Ҳантингтон аз истифодаи бархе ибораҳо чун “миллати ҷаҳонӣ” ва “абарҳувият”[62] бо самимият ҳарф зада, мутазаккир мешавад, ки сияҳпӯстони амрикоӣ низ бинобар амрикоӣ будани худ ифтихор доранд.

Ҳантингтон маънии ҳувиятро чунин тасвир кардааст: “Ҳувият иборат аст аз худогоҳии фард ё гурӯҳ ва маҳсули худшиносӣ буда, дар ин маънист, ки ман ё шумо вижагиҳои хосе дорем, ки манро аз шумову шуморо аз онҳо мутамоиз менамояд”[63]. Аммо ҷомеашинос зимни баррасии мавзуъ амрикоиву аврупоиро дорои ҳувияти воҳид пиндошта, онҳоро дар муқобили

---

[60] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - 635 с.

[61] Ҳамон ҷо, с. 26.

[62] Хантингтон С. Столкновение цивилизаций, - М.: АСТ, 2016, - 640 с.

[63] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - с. 51.

худогоҳии муслимин мегузорад, дар ҳоле ки заъфи ҳувияти фарҳангии кишварҳои исломӣ дарки номақбули миллат маҳсуб мешавад, ки мансубияти миллии худро дар пояи бовариҳои динӣ хулоса кардаанд. Вале Ҳантингтон ин ҳақиқатро пинҳон гузошта, барои бартарӣ додани худиҳо бар бегонаҳо кӯшиш менамояд. Инак он муқобилгузорӣ: "Аҳамияти ҳувияти миллӣ дар фарҳангҳои гуногун ба тариқи мухталиф дарк мешавад. Ҷаҳони ислом бо тавзеҳи ҳувиятҳо ба шакли U мушаххас мешавад: қавитар тааҳҳуди комил ба хонавода ва ҳамчунин, тааҳҳуд ба ислому уммати он; вафодорӣ ба миллату давлат байни ин қутбҳо нуҳуфтааст ва нисбатан заъфи худро нишон медиҳад. Дар ҷаҳони Ғарб баръакс, барои ду нафар дар қуруни гузашта тавзеҳи ҳувиятҳо шабеҳи як U нақшгузор ба назар мерасад: миллат дар болои ин рақам далолат бар вафодорӣ ва фидокории амиқ, вафодортар аз вафодорӣ ба хонаводаву имон дошт"[64]. Бо вуҷуди дидгоҳҳои мазкур мусаннифи рисолаи басе маъруф иқрор мекунад, ки ҳастӣ аз нестӣ пайдо шуда, боз пас аз муддате дар нестӣ маҳв хоҳад шуд. Бинобар ин, зимни таҳқиқи фарҳанги

---

[64] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - с. 20.

амрикой, ки аз нигоҳи ӯ дар пояи протестантизми бритонӣ бунёд ёфтааст, ба чунин хулосае меояд: “Фарҳанги амрикой дар муҳосира аст. Буҳрони ҳувияти миллӣ дар ҳама ҷо мушоҳида мешавад, яъне, вижагиҳои ҷаҳониро дорост”[65].

Васоити фарҳангӣ аз қабили афсонаҳо, сурудҳо, китобҳо, мақолаҳо ва ғайра дар маҷмуъ хотираи таърихиро ташкил медиҳанд. Хотираи таърихӣ қобилияти пурасрорест, ки ба ҳар шахс хос аст. Ин қобилият дар амали дуҷонибаи муайян кардани таърих дар худ ва худ дар таърих роҳандозӣ мешавад. Ҳамчун қобилияти маънавӣ, хотираи таърихӣ фаъол аст, яъне нисбат ба мундариҷаи объективии он бетараф нест. Аз хотираи таърихӣ маҳрум кардани шахс аст ва ӯро аз худмуайянкунии маънавӣ маҳрум кардан, яъне маҳви шахсияти ӯст. Дар марҳилаҳои поёнии ҳаёти таърихӣ хотираи иҷтимой умуман вуҷуд надорад. Хотираи иҷтимой дар давраи аввали мавҷудият тасодуфӣ мешавад. Ҳар гуна таълимоти сиёсӣ ба хотираи таърихӣ муроҷиат мекунад ва агар ин хотира дар наслҳо ё минтақаҳои гуногун ба ҳам мувофиқат накунад, пас ин таълимоти сиёсӣ имкониятҳои гуногуни муваффақиятро хоҳад дошт. На танҳо С. Ҳантингтон, балки муҳаққиқони дигар низ сатҳи мушаххаси муттаҳидшавии мардумро дар

[65] Хантингтон С. Столкновение цивилизаций, - М.: АСТ, 2016, - с. 16.

тамаддун таъкид мекунанд. Ҳамин тавр, Ф. Фукуяма бо ишора ба тағйирёбии фарҳангҳо дар нимаи дуюми асри XX нақши динро дар густариши ҷомеа изҳор намудааст. Ин андешаро идома дода, С. Ҳантингтон менависад: “Бинобар таҳлилҳо, тамаддун, ҳамчун ҷомеаи олии фарҳангии одамон ва дараҷаи васеътарини шинохти фарҳангӣ, илова бар он чизе, ки одамонро аз дигар намудҳои биологӣ фарқ мекунад, пазируфта мешавад. Он ҳам аз ҷониби унсурҳои умумии объективӣ, аз қабили забон, таърих, дин, урфу одатҳо, институтҳои иҷтимоӣ ва ҳам аз ҷониби худшиносии субъективии одамон муайян мегардад. Якчанд сатҳи шинохти одамон мавҷуд аст. Масалан, сокини Рум метавонад худро дар дараҷаҳои гуногун ҳамчун румӣ, итолиёвӣ, масеҳӣ, аврупоӣ ва ғарбӣ дарк кунад. Тамаддуне, ки вай ба он тааллуқ дорад, сатҳи баландтарин аст, ки ба ӯ барои возеҳ шинохтани худ кумак мекунад. Тамаддунҳо бузургтарин “мо” мебошанд, ки дар доираи он ҳама худро фарҳангӣ дар хона ҳис мекунад ва худро аз ҳама “онҳо” фарқ мекунад”[66].

Ин ҷо муҳаққиқ тамаддуни Ғарбро аз соири тамаддунҳо ҷудо карда, ба он эҳтироми хоссеро иқрор менамояд ва гузашта аз ин, боз идома

[66] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - с. 11.

медиҳад, ки ҳар фарҳанге тавассути қиёс бо ғайри худ шинохта мешавад. Зимни баррасиҳои ҳувияти фарҳангии ҷомеа ҳамоҳангии кишварҳо мушоҳида мешавад. Агар Русияро чун ҳудуди Аврупо дониста, боз фарҳангҳои зидди урупоиро дар ин кишвар таҳқиқ кунем, бешак ба баъзе хусусиятҳои дар Тоҷикистон ҷойдошта ҳамоҳанг мешавем. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишвари ориётабор дар минтақа аст ва ҳамаи ҳамсояҳояш ғайри ӯ маҳсуб мешаванд, аммо ягонагии тамаддун дар минтақа дар тӯли ҳазор соли ахир дини воҳид мебошад. “Масъалаи ҳувияти амрикоӣ бешубҳа беназир аст ва дар айни замон он на танҳо ба Амрико хос аст” менависад С. Ҳантингтон. - Баҳсҳо дар бораи ҳуввияти миллӣ кайҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи замони мо шудаанд. Қариб дар ҳама ҷо одамон аз худ мепурсанд, ки онҳо бо ҳамватанони худ чӣ умумияте доранд ва онҳо аз дигарон чӣ фарқ мекунанд, мавқеи худро аз нав дида,тавассути минбарҳо табодули афкор менамоянд. Мо кистем? Мо ба куҷо тааллуқ дорем? Ҷопониҳо ба ҳеҷ ваҷҳ тасмим гирифта наметавонанд, ки онҳо ба Осиё тааллуқ доранд (бинобар мавқеи ҷуғрофии ҷазираҳо, таърих ва фарҳанг) ё ба тамаддуни Ғарб, ки онҳо бо он бо шукуфоии иқтисодӣ, демократия ва сатҳи техникии муосир алоқамананд. Эрониёнро аксар вақт “мардуме дар ҷустуҷӯи ҳувият” тавсиф мекунанд, Африқои

Ҷанубӣ ба ҳамон ҷустуҷӯҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва Чин бо Тайван "мубориза барои ҳувияти миллӣ" -ро идома дода, дар "вазифаи пароканда ва ислоҳ кардани ҳуввияти миллӣ" ғарқ мешавад. Дар Сурия ва Бразилия, мегӯянд таҳлилгарон, "буҳрони ҳувият" вуҷуд дорад, Алҷазоир "буҳрони харобиовари ҳувиятро" аз сар мегузаронад, дар Туркия буҳрони зикршуда боиси ихтилофҳои пайдарпай дар бораи ҳуввияти миллӣ мешавад, дар Русия "буҳрони амиқи ҳувият" эҳёи муноқишаи асри нуздаҳум байни ғарбиён ва славянофилҳо - мухолифон ба ҳеҷ ваҷҳ созиш карда наметавонанд, хоҳ Русия як кишвари аврупоӣ бошад ва хоҳ кишвари авруосиёӣ..."[67]. Суоли таҳлилӣ ба миён меояд: воҳиди тамаддун чист? Дар аввали асри XIX ба ин суол ҷавоби бечунучаро гирифта шуд: тамаддун як кишвари мутамаддин аст. Вақте ки мо дар бораи як кишвари алоҳида сухан меронем, мо инчунин имкониятҳои шиносномаро дар назар дорем. Аввал давлат аст. Маълум аст, ки баъзе халқҳо давлатдории худро надоранд. Дуввум ҷомеаи этномаданӣ мебошад. Вақте ки мо, масалан, миллат мегӯем, хеле возеҳ мефаҳмем, ки дар бораи кӣ сухан меронем, ки бо онҳо худро аз рӯйи забон, аз рӯйи ахлоқ, бо анъанаҳои муқарраршуда шинохтаем. Ниҳоят,

[67] Хантингтон С. Столкновение цивилизаций, - М.: АСТ, 2016, - с. 16.

шахсияти сеюм қаламрав аст. Кишвар дар харитаи ҷуғрофӣ макони муайянест, ки инсон метавонад бо он иртибот дошта бошад. Агар шахсияти "кишвар" -ро бо чизи дигаре муайян кардан оғоз шавад, дар баъзе ҳолатҳо буҳрони шахсият имконпазир аст.

Бидуни шак чунин равандҳо, мисли заъфи аҳамияти пояҳои миллии ҳувияти шахсият, сустшавии эҳсоси индивид ҷиҳати мансуб будан ба давлат, ҷомеа ва фарҳанги муайян, таблиғи ақоиди трансмиллӣ ва душаҳрвандӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ пурзӯр мешаванд ва ормони “инсони ҷаҳон будан” тарвиҷ меёбад. Ҳамчунин, раванди худмуҳофизакорӣ ба вуқуъ пайваста, майли фардро нисбат ба мансубияти хеш илқо мекунад. Ҷаҳонишавии фазои фарҳангии инсони муосирро бо фарҳангу иҷтимоъҳои гуногуне ошно сохта, ӯро гирифтори ҳувияти мураккаб намуд. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки мафҳуми “ҳувият” бинобар паҳншавии васеъ дар илму публитсистика ғолибан чун фаҳмиши беихтиёрона ва худошкор истиқбол мегардад. Аз лиҳози этимологӣ ва вобаста ба истилоҳи лотинии identifico (шабоҳат додан, монанд кардан) ҳувият дар илми муосир мафҳумҳои анъанавии “худшиносӣ” ва “худмуайянкунӣ” -ро танг карда, аксар мавридҳо ҳаммаънои онҳо истифода шудааст. Бо вуҷуди ин, пажӯҳиши ҳувият душвор ба мушоҳида мерасад, чунки хориқаи мазкур аз меъёри

омӯхташавии анъанавии таҳқиқи илмӣ мелағжад ва чунонки Самюэл Ҳантингтон дар ишора ба муҳаққиқи муосир зикр намудааст: “чунон ҳатмист, на ҳамчун фарқият”, чунки бо худ бисёрии номуайянро ҳомил аст. Монанд ба ин баҳогузорӣ ба муҳаққиқи бонуфӯзи ҳувият Эрик Эриксон иртибот дорад, ки мафҳуми мавриди баррасӣ қарордоштаро “ҳамаворидшуда” номидааст[68].

Ҷоиз ба ёдоварист, ки чунин нигоҳҳо аз ҷониби муҳаққиқин бисёранд ва бо овардани камтарини онҳо иктифо мекунем, аммо ҳувияти сохташудае, ки дар муслимин то кунун боқӣ мондааст, замоне миллатҳои Ғарбро аз тараққӣ бозмедошт ва онҳо ҷиҳати таъмин намудани рушди бардавом ҳамаи монеаҳоро бо ғалабаи Эҳё аз майдони зиндагӣ канор гирифта, алҳол дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳамаи канормондаҳои хешро, ки замоне ба хеш муносиб надиданд, бар дигарон таҳмил менамоянд. Гузашта аз ин, қудратҳои ҷаҳонӣ аз авзоъ ва аҳволи миллатҳои рушдкунанда воқифанд ва хеле хуб дарк мекунанд, ки агар уламои як миллат ҷиҳати бепарвоии ҳаммеҳанон нисбат ба таалluқи миллии худ таҳқиқҳои назаррасе анҷом диҳанд ҳам, худ бинобар хориҷ шудан аз минбарҳову

---

[68] Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Пргресс, 1996, - с. 100.

толорҳо ҳамон тааллуқи маҳаллии хешро иблоғ менамоянд. Яъне зиёии ин кишварҳо танҳо дар навиштор худшиносанд, аммо дар кирдор дунболи ҳамон тааллуқи маҳаллии худ буда, масоилро дар сатҳи маҳал баррасӣ мекунанд. Ин саратонро милале аз Шуравӣ мерос гирифтанд. Бинобар ин, барпо кардани низоъ ва дигар афкори таҳмилӣ барои қудратҳои ҷаҳонӣ он қадар душвор нест, чунки зиёиёни як маҳалро дар муқобили дигар маҳал гузоштан кофист, ки низоъ ба вуқӯъ пайвандад. Илова бар ин, ҳувияти сохташудаи марбут ба дину мазҳаб миллатҳоро водор мекунад, ки дар суду зиёни қудратҳо чун силоҳ истифода шаванд. Таассуби динӣ, маҳаллӣ ва миллӣ дар зиёни миллатҳост ва ҳеҷ миллате бо истифода аз таассуб рушд накардааст. Чунки лаззатёбӣ гуногун мешавад ва ҳар кӣ аз кору омӯхтан лаззат дарёфт накард, пас дигар лаззатҳое, ки барояш дастрас мегарданд, маснӯист, зеро мароҳили дарки ҳувияти фарҳангии ӯ хеле маҳдуд буда, ба андозаи он дилхушиҳое қаноат мекунад, ки чандон барояш муфид нест ва чунин зиёни дар суд гӯё нуҳуфта ҳамин ҳубби маҳал аст. Ҳама чиз аз зиёни судмонанде оғоз мегардад, ки ҷараёни табдили ормонҳоро ба амал бозмедорад ва идеолҳое, ки амалан татбиқ намешаванд, ҷуз суханпардозӣ чизе нестанд. Аксар инсонҳо муътақиданд, ки дар сарнавишти онҳо дигаре дахолат меварзад ва ин

гуна биниши ғайриилмӣ онҳоро дар нохудогоҳии бардавом нигаҳ медорад.

Дидгоҳҳои мухталифи ҷаҳонишавӣ мавҷуданд. Тибқи яке аз онҳо, ҷаҳонишавӣ умумияти объективии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии тамаддунҳо ва фарҳангҳо, кишварҳо ва халқҳои гуногунро (ва дар муддати кӯтоҳ - ҳама) инъикос мекунад, ки табиатан дар марҳилаи кунунии таърихи ҷаҳон ташаккул ёфтааст. Тибқи нигоҳи дигар, ҷаҳонишавӣ натиҷаи субъективии тавсеаи фарҳангии ИМА мебошад, ки маҷбуран дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, меваи таассуфовар ва ибтидоии сиёсати таҷовузкори империализми ҷаҳонист. Агар мо бо дурустии назари аввал розӣ шавем, ҷаҳонишавӣ сарнавишти ногузири башарият ва фарҳанги ҷаҳонӣ дар ояндаи дур аст; агар мо нуқтаи назари дигарро қабул кунем, ҷаҳонишавӣ васвасаи заҳролуд аст, ки аз он ҳарчӣ бояд худро раҳо карда, онро аз дохили ҳар фарҳанги асил раҳо бояд кард. Дар як ҳолат, ҷаҳонишавӣ тақдири тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ ба назар мерасад; дар дигараш, ин майдони муборизаи шадидтарини фарҳангҳои маҳаллӣ барои зинда мондан, ҳифзи асолати рӯҳӣ ва арзишӣ мебошад. Мавқеи махсусро дар ин самт дин мебозад. Баъзеҳо бар ин назаранд, ки дин дар эҷоди тамаддунҳо нақши муҳиме дорад. Масалан, машҳуртарин муҳаққиқи мавзуи

мазкур олими шинохтаи амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон дар китоби “Бархурди тамаддунҳо” 7 ё худ 8 тамаддунро рақобатпазир медонад, аммо аз ин 8 тамаддун яке исломӣ, дигарӣ исломӣ-андалузӣ ва савумӣ арабист. Ба араб нисбат додани ислом иштибоҳи уламои Ғарб аст ва чунонки академик Алоуддин Баҳоваддинов низ қайд намудааст: “Бо дарназардошти ин тамоил, таърихшиносони манфиатҷӯ, ҳатто бузургтарин андешаманд чун Ҳегел аз як ҷониб тамоми фалсафаи Шарқро ба араб итлоқ намудаанд, ва аз ҷониби дигар, тасдиқ мекунанд, ки фалсафаи араб як навъ қадаме дар рушди фалсафа набуда, мулоҳизаҳои фалсафии арабҳо танҳо дар доираи схоластик рушд ёфтаанд”[69].

Алҳол, Ҳантингтон зимни таснифи тамаддунҳо нақши арабро дар се тамаддун ҷой додааст, ки навъе аз беэътиноӣ ба мардуми эронтабори аҳди қадим маҳсуб мешавад, вале новобаста ба ин иштибоҳот бино ба ташхиси Самюэл Ҳантингтон, тамаддуни Ғарб дар баробари ҳуҷумҳои худ қудрати хешро аз даст медиҳад. Тибқи пешбиниҳо, то соли 2025 савумин қисми ҷамъияти ҷаҳон мумкин аст дар ҳавзаи нуфузи ҷаҳони ислом бошанд. Бинобар ин, Ҳантингтон оянда ҷаҳонро мушкиле аз

[69] Баховаддинов А. Очерки по истории таджикской философии.

“бархурди тамаддунҳо” медонад, ки дар миёни дигар мушкилоти ҷаҳонии башар аҳамияти ғолиб пайдо хоҳад кард. Муҳаққиқи дигар фарҳангшиноси амрикоӣ Арнолд Ҷозеф Тойнби мебошад, ки теъдоди тамаддунҳоро ба 21 адад бурдааст. Мавсуф дар рисолаи “Дарки таърих” чунин менигорад: “Теъдоди тамаддунҳои шинохташуда андак аст. Мо фақат тавонистем 21 тамаддунро барҷаста эълон кунем, аммо метавон фарз кард, ки таҷриба ва таҳлили дақиқтар тамаддунҳои мустақили камтар аз 10 ададро ошкор кунад”[70].

Гузашта аз ин, Тойнби мутаъқид аст, ки тамаддунҳоро шахсиятҳои эҷодкор офарида, рушди онҳоро тавассути омма таъмин менамоянд: “Ман ҳаргиз худамро намешинохтам ва мутаваҷҷеҳ намешудам, агар аз фурсати тамос бо дигарон маҳрум мешудам, чунки барои дарки худ шинохти дигарон лозим аст... Ҷомеа чизе нест ва наметавонад бошад ҷуз воситае, ки афрод аз тариқи он иртибот барқарор мекунанд. На ҷомеаҳо, балки шахсиятҳо таърихи башарро месозанд. Ин воқеият, ки рушди тамаддунҳо кори аққалиятҳои худогоҳ аст, ки аксарияти маҳрум аз эҷодкорӣ дар ҳамон марҳилае, ки буданд, қарор мегиранд, ҳақиқат аст”[71]. Шакурӣ ба тақсимбандии тамаддунҳо мухолиф аст, ба

[70] Тойнби А. Постижение истории (сборник), - М.: Рольф, 2001, - с. 87.
[71] Тойнби А. Постижение истории (сборник), - М.: Рольф, 2001, - с. 285.

пиндори ӯ фақат ду тамаддун боқӣ мондаанд, ки яке дар муқобили дигаре вуҷуд дорад: “Дар ҳудуди садаи XX ва XXI дар ҷаҳон моҳиятан на шаш навъ тамаддун, ки дар дастабандии Арнолд Тойнби мебинем, балки танҳо ду тамаддун вуҷуд дорад, ки тамаддуни Ғарб ва тамаддуни Шарқ аст. Ин ҳам бояд фаромӯш нашавад, ки аҳли тамаддуни Ғарб танҳо худро мутамаддин медонанд, танҳо Ғарбро ҷаҳони мутамаддин мехонанд, дигаронро аз доираи тамаддун берун мегузоранд”[72].

Бояд иқрор кард, ки қитъаи Аврупо айни замон ба ғарбиву шарқӣ ҷудо шуда, қисмати ғарбии он ба манотиқи шарқиаш роҳбалад аст ва таърих низ гувоҳ аст, ки шарқ аз ғарби Аврупо таъсирпазир мебошад. Ба ибораи дигар, фарҳанги ғарбӣ бар шарқи қитъа таҳмил шуда, ҳануз ҳам майли номаҳдуде ба он фарҳанг дар кишварҳои шарқӣ мушоҳида мегарданд. Аз лиҳози эътиқодот низ шарқ аз ғарби қораи Аврупо мутафовит аст, дар ғарб, ки дар қиёс бо шарқ хеле пешрафта мебошад, аҳолӣ пайрави фирқаи католитсизм буда, пас аз Эҳё ғолибан ба мазҳаби протестантӣ майл намудаанд, аммо дар шарқ, ки бештари аҳолӣ славян ҳастанд, барои худ фирқаи провославиро эҷод карданд. Ҳамчунин, дар қораи Осиё низ ҳамин авзоъ мавҷуд буда, пайравони Конфутсий ва Буддо аз

[72] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо, - Душанбе: Дониш, 2009, - с. 208.

кишварҳое, ки аҳолии онҳо аксар оритабор мебошанд, фарқ мекунанд ва чунин тасодумро дидаву боз Шарқро бо як фарҳангу тамаддун баррасӣ намудан қобили қабул намебошад. Агар гӯем, ки дар таърихи башар асосан ду тарзи тафаккур дар мисоли ориёӣ ва сомӣ бо якдигар бархурд доштаанд, саҳеҳтар мебуд. Ин ду тарзи тафаккур новобоста аз қитъаҳо аз ҳастии хеш дарак додаанд ва дар садсолаҳои охир фикри сомӣ, ки дар оянда бо вожаи "раҳбонӣ" баррасӣ хоҳем кард, дар Ғарб ба унвони наҳзати "массонизм" ва фирқаи ихтифоӣ арзи ҳастӣ намудааст. Чунки тафаккури сомӣ раҳбонӣ буду тарзи андешаи ориёӣ дар пояи дунявият баррасӣ меёфт ва тафовути онҳо дар ҳамин вижагиҳо маҳсуб мешавад. Дигар омили рушди тамаддунҳо аз дидгоҳи Тойнби марҳилае таҳти унвони "муроқибат ва бозгашт" аст ва барои исботи ин фикр муаллиф номҳои бисёреро аз зумраи Буддо, Конфутсий, Муҳаммад, Ибни Халдун, Макиавелли ва дигарон мутазаккир мешавад, ки дар ин марҳила қарор дошта, оқибат номовар шудаанд: "Рушди тамаддун ин гомгузории марҳилавист, на пешрафти иҷтимоиву қадаме ба пеш ниҳодан, балки гурез аст ва лаҳзаҳое ба вуқӯъ мепайвандад, ки ҳамзамон бо ду по аз замин баланд мешавед. Таърих намунаеро медонад, ки аққалияти эҷодкор дар посух вориди марҳилаи ҷадиде аз муроқибату бозгашт

мешавад ба чолиши ҷадид қабл аз ин ки системи иҷтимоӣ вақт дошта бошад"[73]. Дар воқеъ, ҳиҷрат ва низоми муроқибату бозгашт аз омилҳои рушди маънавии инсон пазируфта мешаванд ва дар миёни тамадунҳову фарҳангҳо фақат ҳамоне ғолиб аст, ки ин системро аз сар гузаронидааст. Ҳантингтон низ фарҳанги амрикоиро бо хислатҳои муҳоҷиратии он тавсиф карда ба худ суол медиҳад, ки чаро амрикоиҳо зуд – зуд аз як мавзеъ ба мавзеи дигар ҳиҷрат менамоянд? Баибораи дигар муҳаққиқини амрикоӣ бо истифода аз дин мехоҳанд дар кишварҳои ҷаҳони савум манфиатҳои хешро роҳандозӣ кунанд ва барои расидан ба ин ҳадаф онҳо бо ҳар роҳу восита ба таблиғи ҷаҳонбинии динӣ мепардозанд, чунки аз таҷрибаи Ғарб хеле хуб медонанд, ки омили пасрафти миллате ё давлате барпо кардани ҳукумати афродест, ки дар дини хеш басе мутаассиб ҷилвагар ҳастанд.

Ҷоиз ба тазаккур аст, ки айни ҳол дар сароғози садаи нави масеҳӣ ҷангҳои салибӣ таҳти ихтилофоти мазоҳиби исломӣ ҷараён гирифта, дар ҳудуди кишварҳое, ки шаҳрвандонашон ғолибан мусалмонон маҳсуб мешаванд, андешаҳои таҳмилӣ бо ниқоби ислом роҳандозӣ мегарданд. Бинобар ин, дар ҳамаи кишварҳое, ки аҳолии онҳоро мусалмонон ташкил мекунанд,

---

[73] Тойнби А. Постижение истории (сборник), - М.: Рольф, 2001, - с. 316.

бенизомӣ ва бетартибиҳо ҳукумат карда, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пояи низоъ гӯё рушд мекунад. Чунончи, марзи Афғонистон бо дарназардошти ғасб гардидани он аз ҷониби террористон мавсум ба Толибон аз зумраи дахлварзиҳоест, ки қудратҳои ҷаҳонӣ баҳри манофеи геополитикии худ ин саҳнаи сиёсиро эҷод менамоянд. Сиёсисозии дин дар замони муосир идомаи ҳамон ҷанги сардест, ки феълан ба набарди иттилоотӣ ва ё ин ки таҳоҷуми хабарӣ табдил ёфтааст. Аммо таҳоҷуми хабарӣ ҷиҳати дигаргун сохтани низоми сиёсӣ ниёз ба тафаккуре дорад, ки дар як давлат не, балки дар ҳамаи давлатҳо амалан татбиқ шавад. Дидгоҳи Освалд Шпенглер ба масоили ҷаҳонишавӣ аҷиб аст, чунки номбурда назар ба тамаддун, бештар ба фарҳанг эътимод дорад. Дар китобе бо номи "Ғуруби Аврупо" тазаккур медиҳад, ки Ғарб барои ҳамаи фарҳангҳо чун марказ пазируфта шудааст: "Камина ин тарҳро барои урупоиён номоварӣ хоҳам кард, ки бар асоси он ҳамаи фарҳангҳои олӣ роҳи худро дар атрофи мо ба унвони маркази кулли ҷаҳон қарор медиҳанд"[74].

Самюэл Ҳантингтон дар соли 1993 мақолае бо унвонии мутазаккир дар маҷаллаи "Foreigh Affairs" мунташир сохта, онҷо мушкилиҳои глобалии ҷаҳониёнро ифшо мекунад. Пас аз се

---

[74] Шпенглер О. Закат Европы, Очерки морфологии мировой истории, - М.: 1993, - с. 35.

сол Ҳантингтон асарро дар шакли китоб нашр намуда, дар илми ҷомеашиносӣ инқилоб менамояд. Мавсуф бо истифода аз ҳақиқати парчамдории бархе аз кишварҳои славянӣ ҷиҳати тағйирёбии ҳувиятҳои фарҳангӣ иктифо намуда, дар оғози рисола ба матраҳсозии шаклгирии намодҳои фарҳангӣ мепардозад: “Дар ҷаҳони пас аз ҷанги сард парчамҳо монанди соири намодҳои фарҳангӣ чун ҳувиятҳо, ҳатто салибдориву кулаҳгузорӣ дорои муҳтавое ҳастанд, зеро фарҳанг аҳамияте ногуфтанист ва барои ағлаб инсонҳо ҳувияти фарҳангӣ аз зумраи муҳимтарини аносир маҳсуб мешавад”[75]. Ҷомеашиноси амрикоӣ беш аз пеш ба таҳқиқи тамаддунҳо пардохта, ихтилофу ҳасосияти бадбиниро дар миёни милали соҳибтамаддун аз авомили низоъҳо ва даргириҳои асосии ҳазорсолаи савум баррасӣ мекунад: “Дар ин дунёи ҷадид бузургтарин, муҳимтарин ва хатарноктарин даргириҳо байни табақоти иҷтимоӣ, фақиру ғанӣ ва байни мардуми бо ҳувиятҳои фарҳангии мутафовит рух нахоҳад дод. Ҷангҳои қабилавиву қавмӣ, даргириҳо ва бурузи хушунат байни кишварҳои дорои тамаддунҳои мухталиф ба вуқуъ

---

[75] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - с. 10.

мепайванданд”[76]. Муаллиф тамаддунҳоро воҳиди аслии таҳлили равобити байналмилалӣ арзёбӣ мекунад. Мақсуд аз тамаддун низ як мавҷудоти фарҳангист, аммо тамаддун ҳам бо таваҷҷуҳ ба аносири айнии муштарак таъриф мешавад ва ҳам бо таваҷҷуҳ бо вобастагиҳо ва қаробатҳои зеҳнию дарунии инсонҳо. Ҳантингтон пас аз таърифи тамаддун ишора мекунад, ки бо афзоиши рӯзафзуни ҳувияти тамаддунҳо симоиояндаи ҷаҳон бар асоси куниш ва вокуниш байни тамаддунҳои аслӣ шакл хоҳад гирифт. Баррасии ин тамаддунҳо, ки донишманд дар пояи амрикогироӣ анҷом додааст, бештар шабеҳи муқовимат байни қудратҳост, аммо суоли матраҳ ин аст, ки чаро тибқи андешаронихои Ҳантингтон тамаддунҳо бо якдигар бархурд хоҳанд кард? Ӯ мегӯяд: “Дар оянда қобили пешбинӣ ҳеҷ тамаддуни ҷаҳонгире вуҷуд нахоҳад дошт, балки дунё бо тамаддунҳои гуногуне хоҳад буд, ки ҳар як ногузир аст ҳамзистӣ бо дигаронро биомӯзад”[77]. Аз дидгоҳи Ҳантингтон ғарбиён қавитарин тамаддунро офариданд ва ин тамаддун боз солҳои минбаъда низ мавқеи бартариро аз соири тамадунҳо нигаҳ медорад. Бинобар пайдо шудани рақобат ва дар ин замина

[76] Хантингтон С. Столкновение цивилизаций, - М.: АСТ, 2016, - с. 14.

[77] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - с. 7.

татбиқ ёфтани бархурди онҳо муҳаққиқи амрикоиро ба хулосае меорад, ки агар ағлаб тамаддунҳо бо Ғарб ҳамоҳангӣ дошта, нусхабардори он бошанд, аммо боз ду тамаддуне низ ҳастанд, ки бо Ғарб муқовимат хоҳанд кард: “Ғарб солҳост, ки қавитарин тамаддун аст ва солиёни дароз ҳамонҷурӣ хоҳад монд. Бо ин аҳвол қудрати он дар робита бо тамаддунҳои дигар дар ҳоли коҳиш қарор дорад, дар ҳоле ки чигуна Ғарб сайъ мекунад арзишҳои худро тайъид кунад ва манофеи хешро дар ҷомеаҳои ғайриғарбӣ дифоъ бинмояд, ки бархе аз онҳо дар рӯ ба рӯи интихоб ва бархеи дигар дар ҳоли тақлид аз Ғарб ҷиҳати пайвастан ба он ва гурӯҳи дигар дар ҳоли идғом бо ин тамаддун ҳастанд. Ҷавомеъи дигар, ки конфутсиёӣ ва исломӣ мебошанд, ҷиҳати тақвияти қудрати иқтисодӣ ва низомии худ барои муқобила бо Ғарб ба дунболи он ҳастанд. Бинобар ин, меҳвари аслии сиёсат дар замони муосир пас аз итмоми ҷанги сард тавозуни қудрат ва таъомули сиёсии тамаддунҳои ғарбӣ ва ғайриғарбӣ маҳсуб мешаванд”[78]. Самюэл Ҳантингтон дар китоби худ вожаи «тамаддун» -ро чунин шарҳ медиҳад: “Тамаддун васеътарин ҷомеаи фарҳангист. Тамаддун гурӯҳбандии васеи фарҳангии одамон ва доираи васеи ҳувияти фарҳангии онҳоро ифода мекунад -

[78] Хантингтон С. Столкновение цивилизаций, - М.: АСТ, 2016, - с. 15.

ба истиснои он, ки одамонро аз мавҷудоти зинда фарқ мекунад. Тамаддун инчунин бо чунин унсурҳои умумии объективӣ, ба монанди забон, таърих, дин, анъанаҳо, институтҳо ва худшиносии субъективии одамон муайян карда мешавад. ... Тамаддунҳо ин ҳамон бештарини "мо" мебошанд, ки инсон худро дар хона фарҳангӣ эҳсос мекунад ва ҳамзамон моро аз ҳамаи "онҳо" - онҳое, ки дар берунанд, ҷудо мекунад"[79].

Раванди ҷаҳонӣ шудан нобаробариро дар ҷаҳон такмил дода, бартарии якеро бар дигариҳо исбот намуд. Махсусан, муҳаққиқини Ғарб ба бартарии ҳувияти фарҳангии амрикоӣ аз соири ҳувиятҳо иқрор ҳастанд ва ин андеша тавассути бознигариҳои ихтисосӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқони ҷаҳонишавӣ авомили бартарӣ пайдо кардани амрикоиро аз дигар милали дунё дар фарҳанги хос ба протестантизми британӣ марбут донистаанд. Чунончи, Тойнби дар рисолаи "Чолишҳо ва посуххо. Тамаддунҳо чӣ гуна мемиранд?", дидгоҳи мазкурро пешниҳод менамояд: "Дар таърихи Ғарб протестантизм билофосила қабл аз ғасбкории он сӯйи уқёнус ва эҷоди иқоматгоҳҳои наздибаҳрӣ пайдо гардид, аммо дар садаи XVIII муқовимати мардуми

[79] Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - с. 25.

Аврупо барои бартарӣ дар ҷаҳони моварои уқёнусӣ бо пирӯзии комили протестантҳои англисзабон анҷом ёфт. Натиҷаи ҷанги ҳафтсола ояндаи ҳамаи Амрикои Шимолро аз доираи қутби Шимол то Рио - Гранд ҳаллу фасл намуд. Ин сарзамин иқоматгоҳи намояндагони милали ҷадиди мансуб ба ғарби Аврупо гардид, ки пояҳои фарҳангии онҳо дар нусхаи тамаддуни ғарбии англо – протестантӣ реша дошт”[80]. Аммо Тойнби чун мухолифи ақлгиройӣ аз ҷониби ҷомеашинос Карл Поппер интиқод шуда, иштибоҳи ӯ дар он мушоҳида мешавад, ки номбурда Марксро ақлгиро дар пояи андешаҳои Ҳегел ном бурдааст. Дар ин замина Поппер дар китоби “Ҷомеаи кушода ва рақибони он” бо таваҷҷуҳ ба интиқоди Тойнби чунин менигорад: “Таъсири Марксро арзёбӣ намуда, Тойнби ба хулосае мерасад, ки гӯё “қазовати таърих ба он мерасонад, ки ягона дастоварди мусбати Маркс бедор кардани шуури иҷтимоии масеҳият мебошад. Ба муқобили чунин арзгузорӣ, албатта, баъзеҳо эътироз карда метавонанд”[81]. Албатта, ин ҷо рисолаи дифоъ аз таълими Маркс наметавонад ақлгироии интиқодиро маҳв бинмояд, чунки ғайри Тойнби боз ҳазорон

[80] Тойнби А., Хантингтон С. Вызовы и ответы. Как гибнут цивилизации, - М.: Алгоритм, 2016, - с. 9.
[81] Поппер К. Открытое общество и его враги (в 2 томах). – М.: 1992, с. 229.

ҷомеашиносон фалсафаи классикиро мунтақид мебошанд. Вале Макс Вебер ҳангоми таҳқиқи решаи протестантизм, ки католитсизм маҳсуб мешавад, инкори сарватҳои зеризаминиро аз омилҳои пасравии онҳо пиндоштааст: “Бегонагии бузург аз ҷаҳон, ки мушаххасоти сармоядорист, вижагиҳои зоҳидона ва дар тарафдорони худ бетафовутии хоссеро нисбат ба сарватҳои заминӣ парваридан ормонҳои дар худ нуҳуфтаро инкор мекунад”.

Тойнби зимни барасии омезиши тамаддунҳо дар шароити мубҳами иқлимиву ҷуғрофӣ фикри С. Ҳантингтонро натиҷагирӣ карда, бархе аз падидаҳои муосирро бо тамаддунҳо номусоид медонад: **“**Ба қавли Ҳантингтон, бинобар бархурдҳои тулонӣ дар манотиқи роиҷбуда тамаддунҳо дар гузашта ва дар ҳоли ҳозир ба сатҳи болоие расидаанд. Инчунин нома дар мавриди иттисоли тамаддунҳо тавассути “камарбанди иқлимӣ” баръакси ин баёния аст, ки бар асоси он моҳияти чархаи падидаҳои иқлимӣ барои тавсеаи тамаддунҳо мусоид нест”[82]. Тибқи андешаи Ҳантингтон тамаддун дар муқобили барбарият истифода шуда, бо фарҳанг алоқаманд мебошад. Ҳар касе аз зумраи ҷомеашиносон теъдоди муайяни тамаддунҳоро зикр намудаанд.

[82] Тойнби А. Постижение истории (сборник), - М.: Рольф, 2001, - с. 16.

Дар ин маврид метавон гуфт, ки тамаддунҳо низ замони рушду инҳитот дошта, бархе аз онҳо бинобар ҳаводиси таърихӣ мемиранд. Аммо инҷо ҳадаф аз баррасии тамаддунҳо ҳувиятҳои фарҳангӣ маҳсуб мешавад, чунки барои баррасии вижагиҳои ҳувияти фарҳангии марбут ба ҷомеаҳои муосир таҳқиқи тамаддунҳо низ аз мақсадҳои асосӣ мебошад.

Ҷаҳонӣ шудан иқдоми амалии назарияи ҷанги тамаддунҳои Сэмюэл Ҳантингтон аст, ки ӯ тамаддуну фарҳанги Ғарбро ягона тамаддуни ҳақиқӣ меҳисобад ва хоҳони пирӯзии бечунучарои он бар дигар тамаддунҳост. Ҳантингтон вижагиҳои тамаддуни Ғарбро дар таҳаммулгароӣ, озодбаёнӣ, инсонӣ будан мебинад ва дигар тамаддунҳоро дар ҳалли мушкилоти башарият баставу ноком ва худраъю худсар муаррифӣ мекунад. Ин ҷомеашинос, ки тамаддуни Ғарбро мероси Юнон, протестантизм, Ренессанс ва забонҳои аврупоӣ медонад, натиҷа мегирад, ки ин тамаддун арзишҳоеро, аз ҷумлаи ҳокимияти қонун, озодибаёнии иҷтимоӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи башар доро мебошад, ки дар дигар тамаддунҳо аз ин арзишҳо хабаре нест. Мушкилоти ҳувияти миллӣ бори аввал дар Юнони Қадим ба миён омад. Маҳз дар он ҷо принсипи лингвистӣ ва фарҳангии худшиносӣ таҳия шудааст: ҳар касе, ки забони юнониро медонад, эллинӣ аст ва касе, ки бо забони дигар

гап мезанад ва урфу одатҳои гуногунро риоя мекунад, ваҳшӣ аст. Ва пас аз понздаҳ садсола дар асри XIX файласуфони аврупоӣ як консепсияи гуногуни худшиносӣ пешкаш карданд. Он ба ду ғоя асос ёфта буд. Аввалин аз ҷониби Руссо: ҳуқуқи мардум ба мавзуи асосии сиёсат. Дуввумро назариётчиёни миллатгароии олмонӣ ва англисӣ - Ҳегел, Гизот, Бокл ва дигарон таҳия кардаанд: табиати миллатҳо ғайримантиқӣ аст, онро бо ягонагии забон, хун ва анъанаҳои фарҳангӣ муайян мекунанд.

Дидгоҳи махсусро Бринк Линдси изҳор доштааст. Мавсуф алорағми ҷонибдорону мухолифини ҷаҳонишавӣ ба хулосае меояд, ки як садсола пеш дастовардҳои ин раванд истиқбол мешуданд. Ӯ дар китоби "Ҷаҳонишавӣ: такрори гузашта. Номушаххасии ояндаи сармоядории ҷаҳонӣ" чунин менависад: "Истилоҳи "ҷаҳонишавӣ" алҳол муд шудааст, аммо мафҳуми мутазаккир қадимист. Воқеият ин аст, ки ҷаҳонишавӣ ҳарчанд бо номҳои мухталиф як садсола пеш мустаъмал будааст. Ҳатто дастовардҳои ӯ дар робита бо андозаҳои имрӯз қобили таваҷҷуҳ буд"[83]. Ба қавли Ясперс, ваҳдати ҷаҳонӣ бидуни қудрати воҳид хоҳад буд, вагарна бозгашти башар ба ғуломдорӣ аз эътимод дур нест: "Импературии ҷаҳонӣ сулҳро

---

[83] Линдси Б. Глобализация: повторение пройденного. Неопределенное будущее глобального капитализма, - М.: Интермедиатор, 2005, - с. 57.

бар рӯйи Замин аз тариқи як қудрати воҳид эҷод мекунад, ки ҳамаро аз ҳар марказ таҳти султаи худ дармеоварад. Ин қудрат бар хушунат устувор хоҳад монд. Назми ҷаҳонӣ як ваҳдат бидуни як қудрати воҳид аст”[84].

Улрих Бек дар рисолае бо номи “Чи чизест ҷаҳонишавӣ? Иштибоҳоти ҷаҳонӣ шудан – посух ба ҷаҳонишавӣ” раванди ҷаҳони шуданро идеологияи қудратҳои ҷаҳонӣ меномад: “Ман ҷаҳонишавиро дар мафҳуме дарк мекунам, ки бозори ҷаҳонӣ фаъолияти сиёсиро ҷобаҷо карда, онро ҷойгузин месозад. Барои ман ин идеолужӣ тасаллут бар бозори ҷаҳонист. Ин барнома бар асоси як асли ғайри иқтисодӣ амал мекунад. Чандбуъдӣ шудани ҷаҳонишавиро танҳо ба як буъди иқтисодӣ коҳиш дода, ба сурати хатте аз қабили экологӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҷомеавӣ-тамаддунӣ фақат мавриди таваҷҷуҳ қарор додани онҳо дар зери абъоди ғолиби бозори ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад”**[85].** Гузашта аз ин, номбурда ибораи “сармоядорӣ бидуни кор” – ро истифода карда, раҳбарони ширкатҳои фаромиллиро намуна меорад, ки бинобар дар вазъи нобаҳангом қарор гирифтани ширкатҳо фарзандони худро ҷиҳати таҳсил ба беҳтарин

[84] Ясперс К. Смысл и назначение истории, - М.: Политиздат, 1991, - с. 316.
[85] Бек У. Что такое глобализация? Ошибки глобализма – ответы на глобализацию, - М.: Пргресс-Традиция, 2001, - 304 с.

Донишгоҳҳои аврупоӣ интиқол медиҳанд. Ҳамаи ин тибқи андешаронии Бек талаботи ҷаҳонишавист[86]. Ҷаҳонишавӣ бинобар андешаи Улрих Бек диалектикии ғайримутамарказ аст ва раванде, ки дар он глобалӣ ва маҳаллӣ ҳамчун зиддияти фарҳангӣ вуҷуд надоранд, балки ҳамчун принсипҳои ба ҳам алоқаманд, ки ҳамдигарро дар назар доранд. Аммо ҳазор сол муқаддам ниёгони мо ҷиҳати пажӯҳиши улуми дақиқ чун ҳандаса, ҳисоб, тиб, риёзиёт, кимиё, ҳайъат ва амсолашон камари ҳиммат барбаста, осори гаронбаҳое боқӣ гузоштаанд, ки фақат номҳои Хоразмӣ, Берунӣ, Тусӣ, Розӣ ва Бӯалии Синоро ин ҷо ёдрас намудан кифоя аст. Лек бобати нақши онҳо дар улуми дақиқ иқтибосе аз Иқболи Лоҳурӣ меорем, ки номбурда фориғуттаҳсили Донишгоҳҳои Ғарб буду ҳадалимкон аз ҷараёни таҳмилии понисломизм пайравӣ мекард ва бешубҳа яке аз мубаллиғини илму дини муосир дониста шудааст. Инак он иқтибос: "Бояд ба хотир дошт, ки дар риёзиёт аз замони Батлимиюс (165-87) то замони Хоҷа Насируддини Тусӣ ҳеҷ кас ба ҷидд дар душвориҳои исботи қатъияти асли мавзуи ду хатти мутавозии Уқлидус (Эвклид) бар макони махсус наяндешида буд. Тусӣ пас аз ҳазор сол оромишу итминони хотиреро, ки бар риёзиёт

---

[86] Ҳамон ҷо, с. 18.

ҳукмфармоӣ дошт, мунағғас кард ва дар зимни кӯшише, ки барои беҳтар кардани сурати баёнии ин асли мавзуъ ба кор бурд, ба зарурати тарк кардани макони маҳсус мутаваҷҷеҳ шуд. Ба ин тартиб шолудае, ки албатта норасо барои наҳзати фазои ғайриуқлидусӣ ё фавқи фазои асри ҳозир фароҳам сохт. Берунӣ дар таваҷҷуҳ ба чизе, ки дар риёзиёти ҷадид исми "тобеъ" ба он медиҳанд, аз лиҳози илмии маҳз ба адами кифояти назари истон дар бораи ҷаҳон доштан таваҷҷуҳ пайдо кард. Ин низ инҳирофе аз андешаи юнонӣ буд. Мафҳуми "тобеъ" унсури замонро дар тасвире, ки аз ҷаҳон месозем, ворид мекунад. Чунин назаре "собит"-ро ба сурати мутағайир дар меоварад ва ҷаҳонро на ҳамчун ҳастӣ, балки ҳамчун ҳудус ва таквин менигарад. Шпенглер чунин мепиндорад, ки андешаи риёзии тобеъ аломати мушаххаси Мағрибзамин аст ва ҳеҷ фарҳанги дигар ҳатто ишорае ҳам ба он накардааст. Иддаои Шпенглер дар мавриди таъмими Берунӣ аз формули дарунёбии Нюттон аз тавобеи мусаласотӣ ва татбиқи он ба ҳар навъи тобеи дигар албатта дуруст нест. Табдили мафҳуми адад аз камияти маҳз ба нисбати маҳз дар воқеъ бо таваҷҷуҳи Хоразмӣ аз илми ҳисоб ба илми ҷабр оғоз шудааст. Берунӣ гоми асосӣ ба тарафи амре бардошт, ки Шпенглер онро ба унвони афроди замонӣ васф карда, ва дар воқеъ интиқоли зеҳнро аз вуҷуд ба ҳудус ва таквин

намоиш медиҳад. Пешрафти ҷадиди риёзиёти урупоӣ бештар дар ин ҷиҳат аст, ки хусусияти таърихии зиндаи замонро аз он ҳазф кунад ва онро ба сурати намоиши маҳзе аз фазо нишон диҳад. Ба ҳамин ҷиҳат аст, ки назари Уайтхед дар бораи нисбият беш аз назарияи нисбияти Эйнштейн муҳаққиқони исломиро ба худ ҷалб намудаанд. Чи дар назарияи Эйнштейн замон хусусияти гузаро буданро аз даст медиҳад ва ба сурати асроромез ба фазои комил интиқол пайдо мекунад"[87].

Илми муосир ин ки мегӯем: фалон ихтироотро мусалмон ё худ масеҳӣ анҷом додааст, қабул надорад, чунки илм маводе нест, ки танҳо ба як гурӯҳи одамон тааллуқ дошта, аксари онҳо ба илм дастнорас бошанд. Илм барои инсон ва аз хотири беҳтар зистани ӯст ва ҷаҳонбинии илмӣ инсонро аз доми таассуб мераҳонад. Тибқи мушоҳидаҳои ҷомеашинеоси араб Ибни Халдун, илм истеъдоду қобилиятҳои инсонист, ки ҳамеша ба омӯхтан ниёз дорад, аммо илмро ғолибан, пешае ҷиҳати касби рӯзӣ сохтаанд ва бавижа дар замони муосир ин андеша исбот мегардад. Рушди тафаккури техникӣ бошад, таъмин намудани амнияти инфиродист, чунки агар инсони муосир донишҳои техникии заиф дошта бошад, ӯро суиистифода кардан осонтар аст ва тавассути

[87] Иқбол М. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, - с. 177.

иғвогарӣ метавон ӯро пойбанд сохт. Албатта ҳама чиз суду зиёни худро дорад. Аз ҷумла илм низ ва мо бисёр мушоҳида ҳам кардаем, ки маълумоти дастрасшуда аз ду паҳлӯ иборат буда, ҳар ду ҷониб истифода мешаванд, ки муҳтавои инро дар бархурди илму дин дидан қобили қабул мебошад. Аммо ихтирои таҷҳизоти барқӣ ва ғайраҳо тибқи андешаронии муқаррарии бо таассуби ғайриэътимоднок мусаллаҳгардида шиддати майдони магнитиро афзоиш дода, ба инсон дарди сар меоваранд, ё худ таъсири манфии онҳо дар тандурустии одамон мушоҳида карда мешавад. Масалан, бо роҳи технология гарм кардани сард ва монанд ба онро аз як ҷониб рушди ҷомеа пиндорем, бегуфтугӯ инчунин пешрафт аз дигар тараф паҳлӯҳои зиёновари худро барои башар дорад. Гузашта аз ин, тавозуни меҳнати фикрӣ ва меҳнати ҷисмонӣ дар асоси пешрафти илму техника аз меъёри муқаррарӣ убур карда, афзалияти меҳнати фикрӣ тавассути интернет, компутер ва амсолашон инсонҳоро танбалу бераҳм месозанд. Ва чунин андешарониро метавон идома дод, чунки дар муҳити шаҳру русто бархурди ақидавӣ вуҷуд дорад ва маҳз ҳамин бархурд сабаби рушд маҳсуб мешавад. Аз ҳамин хотир, набояд ин тасодуми фикриро аз байн бурд, чунонки болшевикҳо карданд ва бузургтарин иштибоҳи онҳо низ иборат аз ин буд, ки тасодумро дар фикрронӣ

нест карданд. Аз ин иқтибос чунин бармеояд, ки табиат бо дарназардошти таззод тавлидкор аст ва рушди ҷаҳонбинӣ пазируфтани тафовутест, ки аз табиат ба ҷамъият мегузарад, вагарна ҳеҷ махлуқе ба худии худ мавҷуд нест, агар ин нобаробариҳо барои ӯ мутафовит бошад. Гузашта аз ин, қонуни кашиш новобаста аз хоҳишҳои мо вуҷуд дорад ва тибқи онҳо эҳсосҳои ҳамаи махлуқот муштарак мебошанд. Пас инсон бинобар талаботи биолужии хеш дорои ҳувиятест, ки қабл аз ҳама ба ирс ва абнои ҷинси ӯ, тафаккур, фарҳанг ва тамаддун тааллуқ дошта, ормонҳоеро тавлид менамояд, ки хоси ҷаҳонбинии ӯст. Аз ҳамин лиҳоз, яке аз авомили инҳитоти маънавии тоҷикон дар гузашта ва имрӯз инкори ҷаҳонбинии илмист, ки ин тамоил заминаҳои таассуби динӣ доранд.

Зигмунт Бауман ба раванди ҷаҳонишавӣ нигоҳи дигаре пешниҳод кардааст. Номбурда паёмадҳои раванди мазкурро барои ҷомеа ва инсон чунин матраҳ месозад: “Оё мо универсалӣ ҳастем ё моро ҷаҳонӣ мекунанд? Ин эҳсосинороҳаткунанда аст, ки ҳама чизи хориҷ аз контрулро намепазирад. Амиқтарин мафҳуми ҷаҳонишавӣ номаҳдуд, ғайри қобили контрул ва мустақил мебошад. Ҷаҳонишавӣ бенизомии ҷаҳони муосир аст”[88].

---

[88] Бауман З. Глобализация. Последствия для человека и общества. – М.: Логос, 2004, - с. 35.

Донишманди тоҷик Шакурии Бухорой бар раванди мазкур унвони “ҷаҳонгарой” баҳогузорӣ намудааст, ки онро алҳол пешкаш мекунем: ““Ҷаҳонгарой” дар ин навиштаи мо муродифи “ҷаҳонӣ шудан” – глобализм аст. Глобализм ва глобализатсияро ба форсӣ ҷаҳонӣ шудан ва ҷаҳонсозӣ гуфтаанд. Дар Тоҷикистон онҳоро ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳонкунонӣ меноманд. Бисёре аз аҳли кор чи аз муодили форсӣ ва чи аз муодили тоҷикии истилоҳоти глобализм розӣ нестанд. Ба пиндори банда, агарчи маъноро то андозае дуруст ифода мекунанд, шакли истилоҳӣ надоранд ва шоистаи он нестанд, ки онҳоро истилоҳ қарор бидиҳем”[89]. Академик Акбари Турсон дар тадқиқоте бо унвони “Ояндашиносии равандҳо ва хатарҳои ҷаҳони муосир” андар суди зиёни ҷаҳонисозӣ пажӯҳиш намуда, зимни баррасии раванди ҷаҳонишавӣ таваққуф мекунад ва онро падидаи замони муосир намедонад: “...оғози таърихи ҷаҳонисозиро аз замони шаклгирии Империяҳо мансуб донистан дурусттар аст. Ба ин маънӣ Куруши Кабир ва Искандари Мақдунӣ нахустин глобализаторҳо буданд”.

Дар аксари мавридҳо таҳлилҳову таҳқиқҳо тарзи баёни таҳмилӣ дошта, дур аз воқеият қарор доранд ва ҳангоми ошноӣ пайдо кардан бо чунин

[89] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо, - Душанбе: Дониш, 2009, - с. 201.

нигораҳои фиребандаи муосир дар зеҳни шумо ин фикр ғалаба мекунад, чунки мақсад дар нигораҳои муосири таҳмилӣ дар пӯшиши бархурдҳо муҷассам гардида, ҳатто беҳтарин муҳаққиқони сиёсати вақтро гумроҳ хоҳанд кард. Аз ин хотир, чунин мушоҳида мешавад, ки сухан сеҳр асту суханвар соҳир боқӣ мемонад ва чун аксари мардумон таъсирпазиранд, месазад ононро бо истифода аз сеҳри сухан гумроҳ кард ва барои тавтиа алайҳи низоми сиёсӣ омада намуд. Раванди мазкур дар марказҳои сиёсии таҳқиқнаёфта ва пажуҳишгоҳҳои тахассусии таблиғӣ баррасӣ шуда, бо дарназардошти дифоъ аз сиёсати байналмилалии ҷаҳонишавӣ ба ҷаҳониён таҳмил мегарданд ва ҳадаф аз татбиқшавии инчунин ҷараён сиёсигардонии миллатҳову ақаллиятҳои миллӣ нест, балки гумроҳгардонии онҳост. Ҷое, ки давлат аст, низоми сиёсии муайяне онҷост ва ҳатман ба ин низом гурӯҳе мухолифанд. Дар оила низ системи бархурдҳо вуҷуд дорад ва яке барои нуфуз пайдо кардан бар дигарон аз хотири пешгирӣ намудани тавтияҳо дигареро чун паёмовар истифода мекунад, чунки агар тавтиаҳо пешгирӣ нашаванд, низоми хонавода дер ё зуд барҳам мехӯрад. Ба ҳайати ин ё он ҳукумат ашхоси муайяне ворид мегарданд, ки шумо аз онон истиқбол нахоҳед кард. Аммо ин сабаб нест, ки шуморо дар муқобили ҳукумат қарор диҳад,

чунки мухолифат ба ҳокимият пояи қоноатмандӣ набуда, балки норизоият аз систем аст. Муҳоҷиратро рахт барбастани зеҳнҳо баррасӣ намуда, бо ин васила тағйир додани низоми ақидатӣ дар дохили кишвари муайян низ ҳамоқат асту бас! Чунки авзои сиёсӣ дар дохили давлат бо авзои сиёсии ҷаҳон иртибот дошта, баъзан бархурдҳои шадид дар ин ҳамоҳангиҳо падидор мегарданд ва ҳақиқат маҳз дар натиҷаи инчунин бархурдҳои сатҳи ҷаҳонӣ ошкор мешаванд.

Тақсимбандии ҷомеаҳо ба тамаддунҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ бо мақсади татбиқсозии ҳадафҳои геосиёсии кишварҳои абарқудрат анҷом пазируфтааст ва бидуни шак аксар ҷомеашиносони муосир бинобар ҳифзи арзишҳои фарҳанги ғолиб якеро дар муқобили дигарӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Сабки муқоиса аз сабки ҷустуҷӯи манфиат тафовут дорад, аммо зимни баррасӣ ва таҳқиқи масъалаҳои ба фарҳангҳо ва тамаддунҳо иртиботдошта ҳақиқат пинҳон мемонад ва дар чунин осор мо маводи таблиғии мухолиф ба илмро мушоҳида мекунем.

## 1.2. **Консепсияи ҷомеаи модерн ва тарҳи ҳувияти фарҳангии он аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ**

Таҳлили баъзе мафҳумҳои муосири ҳувияти фарҳангӣ ба се равиши асосӣ (тамаддунӣ, инфиродӣ, ҷомеашиносӣ) гурӯҳбандӣ шудаанд. Равишҳои мазкур ҳамдигарро таъсиргузорӣ намуда, боиси тақвият ёфтани ҳар сеи равиш мешаванд. Омили асосии бо ҳам пайвастани онҳо мавзуи воҳид маҳсуб мешавад. Мушкили ҳувияти фарҳангӣ ҳамеша мубрам буд ва боқӣ мемонад, зеро вижагиҳои ҳувияти фарҳангӣ ва иртиботи онҳо ба гурӯҳҳо ва афрод хос буда, ҳамеша як далели раднопазир баррасӣ ёфтааст. Тафовутҳои фарҳангӣ ва гуногунии онҳо ногузир боиси пайдоиши баҳодиҳии мухталифи дидгоҳӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми омӯзиши муфассали проблемаи ҳуввияти фарҳангӣ бояд таҳлили ҳамаҷониба ва амиқи баъзе мафҳумҳои ҳуввияти фарҳангӣ, ки ба назари мо бештар таваҷҷуҳ доранд, зарур аст. Ҳувият дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ пайваста тағйир меёбад. Мушкилии ҳувият дар ин раванд таъини мавқеи худ дар фазои иқтисодии фаромиллиро дар бар мегирад. Ҷаҳонишавӣ қавитарин имтиҳони ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ буда, василаи асосии рафъи он муколамаи фарҳангҳост. Аммо ин дар заминаи буҳрони ҳувият ва дарки ҷомеаҳои мухталиф омӯхта шуда, боиси пайдо шудани дидгоҳҳои

гуногун хоҳад шуд. Дар илми ҷомеашиносии муосир ҷиҳати баррасии муосирият консепсияҳои мухталиф мавҷуданд, ки яке дунболи дигаре қарор гирифтаанд. Аввалан, назарияи шахсияти Э. Эриксон бо назарияпардозиҳои З. Фрейд бобати тақвиятёбии ҳувияти фарҳангӣ ҳамоҳанг мебошанд, аммо ин назарияҳо аз ҷониби Э. Гидденс истиқбол нагардид ва баръакс, ҷомеашиноси англис назарияи "сохтёбии расотарин" – ро интишор намуд, ки ба қавле навъе таъсирпазирӣ аз тарзи тафаккури Маркс маҳсуб мешавад. Назарияи ҷомеашинос Ю. Хабермас низ қобили зикр мебошад, ки таҳти унвони "Кунишҳои иртиботӣ" машҳур аст ва мутобиқ ба ин назария инсонҳо бо мубоҳисаҳои истидлолӣ, тавофуқу ҳамкорӣ ба дунболи дастёбӣ ба фаҳми муштарак мушарраф ҳастанд. Хабермас дар "назарияи интиқодӣ" – и худ, ки неомарксизмро бо мактаби Франкфурт бо дидгоҳҳои ҷомеашиносии муосир пайванд медиҳад, ҳувиятро реша дар анъанаоти байни рушди фардӣ ва иҷтимоӣ медонад. Консепсияи "ҷомеаи кушода", ки бори аввал ин истилоҳ аз ҷониби файласуфи фаронсавӣ Анри Бергсон дар санаи 1932 истифода шудааст, дар фаҳмиши Карл Поппер намунаи мустақили демократӣ ва ғайрисармоядорӣ маҳсуб мешавад. Мавсуф бобати ҷомеашиносии илм таваққуф намуда, зимни баҳогузориҳои таҳқиқӣ муҳити иҷтимоиро

мавзеи баррасии тафаккури илмӣ пиндоштааст: “Ҷомеашиносии илм тасдиқ мекунад, ки тафаккури илмӣ, хусусан, тафаккур дар бораи мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ на дар ҷойи холӣ, балки дар муҳити иҷтимоӣ рух медиҳад. Бар он унсурҳои замири нохудогоҳ ё берун аз доираи худогоҳӣ таъсир мерасонад. Ин унсурҳо, ҳангоме ки мутафаккир ба мушоҳида мепардозад, аз диди худи ӯ пӯшида мемонанд, зеро ба истилоҳ ҷойгоҳ ё муҳити иҷтимоии ӯ ташаккул меёбад. Муҳити иҷтимоӣ низоми пурраи эътиқодот ва назарияҳоеро муайян мекунад, ки дар назари ӯ бешубҳа, ҳақиқӣ ва худаён зоҳир мешавад”[90].

Дар садаи гузашта ва асри ҳозир бинобар рушди ҷомеаҳо худмуайянкунӣ низ дар шакли ҳувиятҳо беш аз пеш баррасӣ шуда, андешаи буҳрони фарҳангҳою тамаддунҳо талқин мегардад. Мудерн зинаи аввалияи таърихии муосирият аст, ки ҷояшро ҳатман ба зинаи дувуми таърихӣ таҳти унвони постмодерн вогузор хоҳад кард. Бинобар ин, бо муваққатӣ будани рӯзҳои мо дар кишварҳои тавсеаёфтаи Ғарбу Шарқ онҳо ба унвони як давраи таърихӣ мутафовит ҳастанд. Мудерн чун марҳилаи таърихи ҷадид таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҳувияти фарҳангиро падид овард, постмодерн бошад, буҳрони ҳувиятҳоро дар раванди ҷаҳонишавӣ

---

[90] Поппер К. Открытое общество и его враги (в 2 томах), - М.: Культурная инициатива, 1992, - с. 191.

тақвият бахшид. Дар воқеъ, постмодернизм бозтоби назарии яктарафаи буҳрони ҳувиятҳо дар замони муосир аст. Мудерн ва постмудерн вижагии ҷудонопазир аз ҷомеа ва фарҳанги Аврупост ва алҳол дар мафҳумоти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ мавриди истифода қарор мегирад. Файласуфи фаронсавии садаи XX Жак Франсуа Лиотар дар таълифоти хеш таҳти унвони "Авзои постмодерн" муосириятро чунин тасвир кардааст: "Мавзуи ин таҳқиқ вазъияти дониш дар пешрафтатарин ҷомеаҳои имрӯзӣ аст. Тасмим гирифтем онро "постмодерн" биномем. Ин вожа дар қораи Амрико аз қалами ҷомеашиносон ва мунаққидон мутаваллид шуд. Баёнгари вазъияти фарҳанг пас аз дигаргуниҳоест, ки қавоиди бозӣ дар илм, адабиёт ва ҳунар дар поёни қарни XIX таҳаммул ёфтанд. Дар инҷо мо ин таҳавуллотро дар робита бо буҳрони достоннависӣ дар назар хоҳем гирифт"[91].

Илова бар ин, фалсафаи постмодернизм бозтоби бадбинонаи буҳрони ҳувияти анъанавӣ ва гуманизми классикӣ мебошад. Постмодернизм вокунише алайҳи буҳрони ҳувияти фарҳангӣ дар ҳоли тавсеаёбист. Ба ибораи дигар, постмодернизм фалсафаи гуногунандеши навоваронаест, ки воқеияти ниҳоӣ барои ӯ ваҳдат буда наметавонад, чунки он тамоиз асту бас. Дар

[91] Лиотар Ж. Состояние постмодерна, - М.: Алетейя, 1998, - с. 9.

ҳеҷ сурат ҳувият нест, балки теъдоди ҳангуфти парокандагиро илқо хоҳад кард. Монанди консепсияҳои “тамаддун” ва “ҳамгирой” ва бисёре дигар мафҳумҳои калидӣ дар давраи таърихи мудерн идеяи “универсализатсия” ибрози умедворӣ ва қасду азми росих барои барқарории назмеро дошт, ки дар замони гузашта фарогири ҷомеаҳо буд, аммо идеяи ҷаҳонишавӣ бо зуҳури потенсиали манбаҳои давлатҳо ва баландпарвозиҳои ақли муосир мутаваллид шуду оқибат масоибе барои инсон ва ҷомеа ба бор овард. Ба қавли Пъер Нора: “Истилоҳи ҳувият як вожагунаест маънавӣ ва мушобеҳ ба он чӣ ки бо вожаи “таърих” иттифоқ уфтодааст, аз як мафҳуми фардӣ ба як мафҳуми ҷамъӣ табдил шуд. Ҳувият як фардро мунҳасир ба фард будани худ мушаххас мекунад”[92].

Барои постмодернизм ҳеҷ пешрафте наметавонад матраҳ шавад ва аҳамият пайдо кунад. Ҳама чиз нисбӣ аст. Дониши мо натиҷаи забони машруту тамрини иҷтимоист. Ин сохторҳои забонӣ бо ҳеҷ вазъияти мустақил марбут нестанд ва амали иҷтимоӣ ҳамеша маҳдуд ба ашколи маҳали ҳастӣ аст. Зеҳни башар наметавонад на танҳо ба ҳақиқат, балки ба ҷаҳонӣ будан низ тазоҳур кунад. Вижагиҳои муҳити вазъияти постмодерн ин аст, ки усулан

[92] Нора П. Мест памяти, СПб, 1999, - с. 19.

наметавонад ба унвони як ҷаҳонбинӣ ё худ фалсафае муштарак вуҷуд дошта бошад. Чун адами тамаркузи ҳастӣ, постмодернизм ба унвони тахрибкунандаи ҳамаи гироишҳо, макотиби фалсафӣ ва ҷаҳонбинӣ амал мекунад. Бадбинӣ, яъсу навмедӣ ва беэътимодӣ ба воқеият низ аз вижагиҳои боризи ин тафаккур маҳсуб мешавад. Ҳегел, ки мафҳуми "мудерн" – ро ба унвони замони нав дар иртибот бо заминаи таърихӣ истифода кардааст, ормонҳои дарунии инсонро аз ду ҷониб баррасӣ карда, дугунагии рафтору пиндорро дар ӯ қоил аст, чунки ҳама гуна мушаххасоти марбут ба инсон аз як ҷониб мовароитабиист, аммо аз сӯйи дигар дар табиат маҳфуз мебошад ва воқеият барои инсон нисбиятро тақдим медорад. Мавсуф пайгирӣ аз дидгоҳе дорад, ки дар пояи таззод баррасӣ мешавад ва ҳеҷ шайъ ҷиҳати шинохт бидуни баррасии самти муқобил имкон надорад. Баррасии фалсафии таззоди табиат ва рӯҳ, ҳису ақл, Ман ва на Ман, маҳдуд ва номаҳдуд, ки дар тасодум бо якдигар қарор доранд, роҳи посух ҷустан ба буҳроне дониста шудааст, ки дунболи рушд меравад, аммо нақди фалсафии ақл наметавонад ниёзҳоро қонеъ кунад, ки худ натиҷаи айнии он маҳсуб мешавад. Ҳегел ақлро ба унвони худшиносии оштидиҳанда аз рӯҳи мутлақ талаққӣ медиҳад: "Ин вижагӣ бо шароити ҷаҳонӣ будан муртабит аст. Кули

мавҷудоти олам восита аст, ки бар рӯйи он ҳама ҳувиятҳо, ҳама тавоноиҳо ва ҳама ҳаводис ба худ озодии тавлид ва хушбахтӣ медиҳанд”[93].

Юрген Хабермас аз зумраи муҳаққиқони муосирият аст ва дар пешгуфтори рисолае таҳти унвони “Гуфтмони фалсафӣ дар бораи мудерн” омилҳои ба ин мавзуи баҳсбарангез рӯйоварии хешро чунин изҳор кардааст: “Мудерн –лоиҳаи нотамом”, дар асли худ фақат унвони гузорише буд, ки дар моҳи сентябри соли 1980 зимни дарёфти ҷоизаи Адорно қироат кардам. Ин мавзуи баҳсбарангез аз ҳамон овон то имрӯз маро аз худ дур насохтааст. Ҷанбаҳои фалсафии мавзуъ торафт дар сатҳи огаҳшавии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷо гирифт. Интиқодоти навсохторгаро аз ақл чашмандозеро эҷод мекунад, ки дар он гом ба гом талош доштам ин мавзуи баҳсбарангезро тармим бинмоям. Баҳси фалсафии мутааллиқ ба вожаи “мудерн” аз охири садаи XVIII дар сатҳи як мавзуи фалсафӣ матраҳ шуд. Ин баҳс дар аксар мавридҳо ба масоили эстетикӣ ворид мегардид, аммо ман маҷбурам матраҳшавии мудернро дар ҳунар ва адаб инҷо лағв кунам”[94]. Мавсуф дар оғози китоб мафҳуми муосириятро шарҳ дода, онро вокунише алайҳи заминаҳои таърихии ақлгироии ғарбӣ медонад:

[93] Гегель Г.В.Ф. Философия права, - М.: Мысль, 1990, - 288.
[94] Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне, - М.: Весь Мир, 2003, - 7.

“Мафҳуми муосирият ба маҷмӯаи бо ҳам иртиботдоштаву мутақобил ишора дорад: ба самти ташкили сармоя ва таҳияи манобеъ; ба тавсеаи нерӯҳои истеҳсолӣ ва афзоиши баҳраварии меҳнат; ба иҷрои қудрати сиёсии марказӣ ва шаклгирии ҳувиятҳои миллӣ; ба густариши ҳуқуқи мушорикати сиёсӣ, тавсеаи зиндагии шаҳрӣ, таҳсилоти мактабӣ ва ғайра. Муосириятро ба унвони як модел барои раванди тавсеаёбии иҷтимоӣ алайҳи заминаҳои таърихии ақлгароии ғарбӣ донист. Бинобар ин, ҷараёни муосирият дигар ба унвони ақлоният талаққӣ намешавад”[95]. Хабермас зимни баррасии муосирият пояҳои асосии замони навро дар осори фалсафии аҳди классикӣ чун Ҳегел, Вебер ва Нитше ҷустуҷӯ карда, ҷиҳати таносуби дидгоҳҳои мутафаккирони гузашта нисбат ба муосирият изҳори андеша менамояд. Ба қавли Хабермас: “Ҳегел аввалин касе буд, ки раванди озодии замони навро ба сатҳи як мушкили фалсафӣ расонид. Мудерн аз таъсири илҳомбахши аксуламали хориҷӣ худогоҳии навинро дар бар гирифту дар мушкилиҳо ончунон номаълум монд, ки Ҳегел бо дарк намудани авзоъ ва вижагиҳои хоси муосирият ба унвони мушкили фалсафӣ метавонист иктифо карда, онро аз зумраи номафҳумии таълимоти

---

[95] Ҳамон ҷо, с. 10.

худ баррасӣ созад. Ҳегел фақат файласуфе нест, ки ба даврони мудерн мутааллиқ аст, балки ӯ аввалин файласуфе маҳсуб мешавад, ки замони мудерн барояш мушкил эҷод кардааст”[96]. Хабермас пас аз баҳогузориҳои хеш ба Ҳегел, ҷиҳати нақши Нитше ва Ҳайдеггер ба муосирият ҳусни оғоз мебахшад ва зимнан таъкид месозад, ки дувумӣ дар асл пайрави аввалӣ будааст: “Нитше ҳадаф дошт, ки баҳси муосириятро аз худ дур созад. Аҳдофе, ки Нитше дунбол мекард, Ҳайдеггер ба дунболи ӯ аз тариқи як интиқоди куллӣ ба кумаки нобудии метафизики ғарбӣ талош меварзид”[97]. Лек машҳуртарин истилоҳ, ки аз замони Арасту то кунун мавриди истифода қарор гирифтааст, ин метафизика аст, ки дар мероси хаттӣ чун илоҳиёт баррасӣ мешавад, аммо Хабермас муосириятро аз замони классикӣ маҳз бо ҳамин истилоҳ мутафовит донистааст: “Идеяи оғозу анҷоми метафизика потенсиали буҳронии худро бо шароити зер мадюн аст: Ҳайдеггер монанди Нитше дар даруни тасаввури замонии муосирият ҳаракат мекунад. Огоҳии муосирият аз замон ба қавли Ҳайдеггер, оғози асри ҷадид бо вежагиҳое мушаххас мешавад,

---

[96] Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне, - М.: Весь Мир, 2003, - с. 13.
[97]Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне, - М.: Весь Мир, 2003, - с. 64.

чунонки фалсафаи огоҳӣ бо номи Рене Декарт муртабит аст”[98].

Албер Камю дар китобе мавсум ба “Марди шӯришгар” фоҷиаи метафизикиро чунин ба қалам овардааст: “Шӯриши метафизикӣ исёни як инсон алайҳи сарнавишти худ ва алайҳи кулли ҷаҳон аст. Ин шӯриши метафизикӣ аҳдофи ниҳоии инсон ва ҷаҳонро ба чолиш мекашад”[99]. Мафҳуми мудерн, ки бар асоси назарияи қудрат тавсеа ёфтааст, Нитшеро водор мекунад, ки ба интиқоди ақл пардохта, алайҳи ақлгироии Ҳегел худро хориҷ аз уфуқҳои ақл қарор диҳад. Ӯ арзишҳоеро, ки дар иртибот бо фалсафаи ҳунари модерн тақвият пазируфтааст, ба расмият намешиносад ва муътақид аст, ки дидгоҳи ҳунарӣ имкон фароҳам меорад то тавассути равишҳои илмӣ анҷом пазируфта, бинобар нигариши мовароуттабиӣ шаклгирии бадбиниву шаккокиро касб намояд. Фалсафаи ирода ба қудрат аз зумраи арзишҳоест, ки Нитше иддаои тавоноии интиқод аз ғайритабииро пешниҳод менамояд. Шаккок донишманде, ки дунболи ифшои инҳирофоти ирода ба қудрат худро ба унвони вокунише матраҳ месозад ва бо истифода аз равишҳои инсоншиносӣ, равонӣ ва таърихӣ

---

[98] Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне, - М.: Весь Мир, 2003, - с. 86.

[99] Камю А. Бунтующий человек, - М.: Издательство политической литературы, 1990, - с. 23.

муосириятро дар заминаи қиёми нерӯҳои қудратиаш дар ҳеҷ сурат истиқбол нахоҳад кард. Аммо қудрат дар мафкураи урупоӣ, ки бо фарҳанги интиқод мусаллаҳ аст, ба маънии ихтиёр дарк мешавад, чунки ихтиёр дар умур маҳз ҳамон қудратеро иқтизо хоҳад кард, ки расман чун фармонравоӣ пазируфта шудааст: "Саранҷом, чи касе эътироз мекунад, ки фикре ворид шудааст? ки Ман магар андеша тавлид мекунад?.. Аз ин се воқеияти дохилӣ, ки зоҳиран зомини иллият будаанд, аввалин ва қонеъкунандатарин ҳақиқат ирода ба унвони иллат аст. Мафҳуми Ман ба унвони иллат баъдан мутаваллид шуд, пас аз он ки иллият бо таваҷҷуҳ ба иродае, ки дода шуд, ба унвони таҷрибӣ таъсис ёфт"[100].

Мартин Ҳайдеггер сайъ мекунад аз ҳавзаи нуфузи фалсафаи зеҳният хориҷ шавад, вале фаробунёдгароии таърихии ҳастӣ маълум мекунад, ки мавсуф бар тафаккур мутамарказ шуда, оқибат хешро аз пажӯҳиши бисёрҷониба канор мегирад. Номбурда бар тафовут, ки байни ақлу зеҳн вуҷуд дорад, таваҷҷуҳ намекунад. Пайомади дигаре аз фалсафаи баъдии Ҳайдеггер ҳамон хулосае хоҳад буд, ки нақди мудерн ба таҳқиқи илмӣ истиқлоли зеҳнӣ мебахшад. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки улуми давраи муосирият иддаои ақлро канор гузошта, ҷиҳати тағйирёбии

[100] Ницше Ф. По ту сторону добра и зла, - М.: Эксмо, 2008, - с. 779.

фановарӣ дар улуми табиатшиносӣ бозтобе амалист ва нахустин қудрати истеҳсолӣ маҳсуб мешавад. Муҳаққиқи яҳудиасли лаҳистонӣ Зигмунт Бауман, ки муқими Бритониё пас аз ҷанги ҷаҳонӣ шуд, дар мақолае бо номи “Баҳси постмодернизм” бештар аз лоиҳаҳо ва нусхабардориҳое ҳарф мезанад, ки таърихи ҷадиди башар ба онҳо рӯ овардаанд. Мавсуф зимни баррасии муосирият давраи муҳассилиашро ба ёд оварда, бо тааҷҷуб ба баррасии мавзуи марбута оғоз менамояд, ки замони нав давраи кул нест, балки ҷуз бо ҳар баҳонае ҷиҳати муаррифии худ иқдом мекунад: “Шояд амиқтарин ва боарзиштарин вижагии замоне, ки мо маҷбур будем зиндагӣ кунем, шомили ин воқеият аст, ки на танҳо фикр намекунад, балки наметавонад худро ба унвони “пружа” тасаввур кунад. Маҳбубияти ногаҳонии арқом ва фаровонии исмҳо дар шумори афрод зоҳир мешавад, ки замоне фақат бар онҳо амал мекарду имрӯз мо ба пружаҳо зиндагӣ дорем ва машғули ҳали мушкилоту мураттабсозии умур ҳастем, аммо на ин фаъолиятҳо, на танҳоӣ ё ҷамъӣ анҷом мешавад, на мушкилот ҷамъ мегардад. Муҳимтарин чиз ин аст, ки дар байнашон мушкилиҳо ҳеҷ вуҷуд надоранд”[101]. Ба қавли ӯ, тамаддуни муосирро фақат тасодуми

[101] Бауман З. Спор о постмодернизме, Социальний журнал, 4 ноября 1994 г., с. 69-80.

дохилӣ аз байн мебарад ва авомиле, ки ба зуҳури он боис шуданд, ҳамчунин барои нестшавии замони нав кумак хоҳанд кард. Агар ба мушкилиҳои ҷаҳони муосири Ғарб назар афканем, ба зудӣ пай мебарем, ки мушкилии асосӣ дар замони муосир сарпечии насли нав аз издивоҷ маҳсуб мешавад, дар ҳоле ки башар рӯз аз рӯз бинобар таваллуд ва таҳияи созмони хонаводагӣ афзун мегардад. Пас дар аҳди постмодернизм ҷомеаи Ғарбро, ки дар пояи бахши протестантии масеҳият ҳувияти фарҳангии мутааллиқро идома медиҳанд, чи паёмадҳо интизор аст? Тибқи андешаронии файласуфи нимаи дувуми садаи гузашта Мишел Фуко, барои пайдо кардани қудрат ҷамъият зарур мебошад. Ба қавли ӯ, таърих натиҷаи амал на аз авомили ақлонӣ ва огоҳона, балки аз нерӯҳои ғайримантиқӣ ва нохудогоҳ аст: "Мардум монанди меваҳои замин ва мутаносиб бо сарвату манобеъе, ки дар кори худ ба даст меоваранд, таксир мешаванд. Муддатҳост истидлол мешавад, ки агар кишваре мехоҳад сарватманд ва қудратманд бошад, бояд ҷамъияте дошта бошад. Ба ин ҳол, барои аввалин бор ҳадди аққал ба унвони як омили доимӣ ҷомеа иддао мекунад, ки оянда ва сарвати он на танҳо бо теъдод ва фазилати шаҳрвандон, на танҳо бо қавонини издивоҷ ва созмони хонаводаи онҳо, балки бо шевае, ки ҳар кадом аз онҳо робитаи ҷинсӣ

доранд, ба унвони ҳадафи мудохила дар назар гирифта мешавад”[102]. Инчунин матраҳшавии масъала ҳануз аз баёнияҳои Ҳегел ва махсусан Нитше сарчашма мегирад. Вақте ки дувумӣ зимни баррасии ирода ба қудрат ва он сӯйи некиву бадӣ масеҳиятро маҳвкунандаи инсон номида, гузашта аз он, қудратро дар маънии ихтиёр баррасӣ кард ва ба аҳволи ғарбиён тамасхур намуд, ки ҳар фарде аз афрод дунболи барпо кардани хонаводае умри гаронмояи хешро сипарӣ мекунад, ва монанд ба ин баёнияҳо урупоиён муҷаррадиро аз оиладорӣ бартар донистанд. Агар Мансури Ҳаллоҷ “аналҳақ” гуфту сангсор шуд, аммо Нитше ҷиҳати тақвияти худогоҳии инфиродӣ Ҳудоро мурда пиндошту исрор намуд, ки некӣ ҳомили бадӣ аст[103]. Фуко ин марзҳоро гузашту муосиринро даъват намуд, ки барои расидан ба ҳувияти такмилёфта Яздонро бикушед то дар худ бақо ёбед, аммо паҳншавии ин ақидаҳо инсонҳоро дар ихтиёрдорӣ мустаҳкам сохт, вагарна эътимоду эътиқоди мардум чун занҷирае онҳоро побанд карда, дар ҳеҷ сурат намегузошт, ки шаҳди озодиро бичашанд. Бинобар ин, постмодернизм арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро куллан тағйир доду дигар арзишҳоро, ки қаблан дар замонҳои

---

[102] Фуко М. Воля к истине: по ту сторону знания, власти и сексуальности. Роботы разных лет. – М.: Касталь, 1996, - с. 120.
[103] Ницше Ф. По ту сторону добра и зла, - М.: Эксмо, 2008, - с. 522.

пеш истиқбол намеёфтанд, оммавӣ кард, яъне фарҳанги замони ҷадид ба куллӣ тағйир хӯрду бараҳнагии маънавӣ мунташир шуда, марзҳои адабро мунҳасир сохт. Матлаби “марги Худо” маҷозист ва Худо ҳадафи зиндагӣ маҳсуб мешавад, ки бо даргузашти ӯ ҳаёти инсон дигар маънӣ надорад. Дар постмодернизм мафҳуми Худо намоде аз ҳузури иллати ҷомеаи ниҳоят аст ва истиораи марги Худо ба тартиб радди идеяи иллати хориҷӣ маҳсуб мешавад. Таносуби бархурд ва ҳамгироии муосирро дар ҷомеаҳои ғарбӣ Фуко чунин тасвир мекунад: “Ман комилан аз ин воқеият огоҳ ҳастам, ки номуайянии хосе дар тарҳи ироашуда нуфуз мекунад. Ин хатар вуҷуд дорад, ки ин номуайянии мутасаввир дар зеҳни башар бояд ҳамаҷониба таҳқиқ шавад. Садҳо маротиб қаблан такрор кардаам, ки таърихи ҷомеаҳои ғарбӣ дар садсолаҳои ахир қудратҳои ғайри мустабидро нишон медиҳанд. Ман суханронии хешро ба гунае сохтор додам, ки ин мафҳумро аз бозӣ истинбот кунам, дар ҳоле ки вонамуд кардам дар мавриди интиқоде, ки дар ҷойҳои дигар анҷом мешавад, чизе намедонам” [95, 179]. Ҷомеаҳои ғарбӣ дар даврони модерн ва постмодерн ғолибан ба интиқоди хирад иштиғол доштанд ва маҳз нақди ақлонӣ онҳоро рушд бахшид, аммо зуҳури афроди интеллектуал, ки дар кишварҳои Шарқ таҳти унвони рушанфикр

дарк мегардад, пояҳои устуворе аз пешиниён дошт, чунки дар кишварҳои Ғарб аз аввал фикр бо воқеият пайваст буд ва ҳеҷ суханваре зимни баёни андеша дар осмон муаллақ набуд. Мишел Фуко бошад, дар рисолаи хеш таҳти унвони "Ирода ба ҳақиқат – Дар тарафи дигари дониш, қудрат ва ҷинсият" интеллекти ҳақиқиро чунин ба қалам овардааст: "Вазифаи фарди интеллектуал ин нест, ки ба дигарон бигӯяд чӣ кор кунанд. Ба чи ҳаққе ин корро мекард? Лутфан, ҳама пешгӯиҳо, ваъдаҳо, дастурот ва барномаҳоеро, ки интеллект дар ду қарни гузашта тадвин кардаанд ва паёмадҳои онро акнун медонем, ба хотир биспоред. Вазифаи интеллект ин нест, ки иродаи сиёсии дигаронро шакл диҳад, балки ба кумаки таҳлиле, ки дар заминаҳои худ анҷом медиҳад, шавоҳиду фарзияҳоро дубора зери суол мебарад ҳамонтур, ки шинохташуда аст. Қавонину муқарраротро муҷаддадан арзёбӣ кунед ва бар асоси ин мушкили муҷаддад (ҷое, ки вай ба унвони як рушанфикр тиҷорати хоси худро ирсол мекунад), дар шаклгирии бархе иродаҳои сиёсӣ мушорикат дошта бошед (ҷое, ки нақши худро ба унвони шаҳрванд ифо мекунад)"[104]. Фуко, Деррида ва чандин файласуфони фаронсавӣ ҷиҳати баррасии

[104] Фуко М. Воля к истине: по ту сторону знания, власти и сексуальности. Роботы разных лет. – М.: Касталь, 1996, - с. 321.

баҳси муосирият “назарияи фаронсавӣ” – ро бунёд гузоштанд, ки дар фалсафаи муосирият бо номи “фалсафаи тафовут” машҳур мебошад. Деррида фалсафаро ба унвони шакле аз нақди матнӣ тамрин мекард, аммо муҳимтарин бахши фалсафаи постмодернизм сохторгарой ва нисбигароии маърифатӣ аст, ки ба истилоҳ воқеиятро таваҳҳум пиндоштаанд ва ба қавли онҳо, ҳақиқатро наметавон бидуни ибҳом фаҳмид. На танҳо интиқоди фалсафаи классикӣ, балки рушди устувори улуми табиатшиносӣ низ ба зуҳури муосирият замина ба вуҷуд овард.

Бузургтарин мунаққиди ақл Фридрих Нитше алорағми ҳамаи муҳаққиқин дар садсолаҳои сипаришуда вақтро дар баробари фазо таҳлил намуда, муътақид аст, ки инкори вақт инкор кардани ҳастии хеш мебошад: “Ҳар касе ки ба вақти худ ҳамла мекунад, ӯ фақат метавонад ба худии хеш ҳамлае анҷом диҳад. Қавитарин дороии ман ғалаба бар худ аст”[105]. Шояд аз ҳамин хотир бошад, ки Жак Деррида дар китоби худ “Мактуб ва тамоиз” алорағми таззоди дохиливу хориҷӣ даъват ба амал меоварад, ки бояд дар системи классикӣ иқтисоди ҷадиде таҳия кард, ки бар нафъи тарафайн хидмат кунад. Номбурда ба бознигарии фикрӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ҷустуҷӯи фалсафаи ҷаҳонист, чунки

[105] Ницше Ф. Сочинение в 2 томах, том первый, - М.: 1990, - с. 728.

эътимоди қавӣ дорад, ки фалсафаи урупоӣ ҷавҳари идеологияи таҳмилпазир мебошад. Бинобар ин, равиши хондани як матнро ба унвони бахше аз сохтори шаклӣ тавсеа медиҳад ва онро стратегияи чунин сохторе баррасӣ намуда, муътақид аст, ки муқаддамоти фалсафиро бо истифода аз ин сохтор метавон ҷудо кард: "Мо муътақидем, ки мафҳумҳои ҷадид ва муделҳои наве аз навъи иқтисодро ҷустуҷӯ кунем, ки аз системҳои мутақобили метафизикӣ фирор бинмояд. Мо мехоҳем иқтисодеро дар даруни ин систем ошкор кунем, ки тавассути навъи хосе аз сохторгирой ба нафъи дигарӣ ба таври интиқодӣ пазируфта нашудааст"[106].

Дидгоҳи дигар ҷиҳати муаррифии постмодерн ин ҷомеаи масрафкунанда аст. Ба қавли муҳаққиқи фаронсавии постмодернизм Жан Бодрийёр, воқеиятҳои иҷтимоӣ ба унвони як табақа ё қавм аз байн мераванд. Мавсуф Амрикоро ҷомеаи масрафкунанда номида, муътақид аст, ки ин кишвар дар ҳоли табдил шудан ба як саҳрои иҷтимоӣ қарор дошта, онҷо ҳамаи арзишҳои башарӣ маҳв мешаванд. Дар китобе бо унвони "Ҷомеаи масрафӣ" муҳаққиқи фаронсавӣ пояи асосии ҷомеаҳои навинро аз нодонӣ медонад: "Тибқи ҳамон тарҳ метавон гуфт, ки мушаххасан масраф ҳамонтавр, ки дар

[106] Деррида Ж. Письмо и различие, - М.: 2000, - 29.

инҷо таъриф кардем, дониши ҷаҳон нест, аммо ҷаҳли комил низ онро ба унвони НАДОНИСТАН муаррифӣ мекунад” [10, 16]. Иддае аз муҳаққиқини ғарбӣ ва ғайриғарбӣ ҷомеаи Аврупоро чун ҷомеаи масраф муаррифӣ карда, ҷомеаи амрикоиро низ ҷомеаи исроф хондаанд, ки даъват ба қаноат дар онҳо маъное надорад. Воқеият дар кишварҳои тавсеаёфта ҳамин аст, ки бинобар сатҳи олии хидматрасонӣ дар тамоми соҳаҳо инсонҳо мутафаккир нестанд, чунки ба ҷойи онҳо амалҳояшонро робот иҷро мекунад ва афзоиши бекорӣ низ дар баъзе манотиқи дунё омили асосии ҳиҷрати онҳо ба ҷомеаҳои рушдкунанда аст. Аз ин дидгоҳ метавон хулоса кард, ки тараққӣ айни замон инқироз асту буҳрон аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ногусастанист. Ясперс зимни баррасии фарҳангҳои бостонӣ муътақид аст, ки инсон он замон ҳануз ба худогоҳии воқеӣ нарасидааст, аммо бо таваҷҷуҳ бо замони муосир як навъ дилсардиро дар ботини инсонҳо пайхас намуда, иртибот доштани онҳоро чунин баррасӣ менамояд: “Ба далели эътиқод ба аҳамияти иҷтимоъ, ки дар зиндагии рӯзмарра нуфуз карда, ба дилсардӣ ва ҳисси нобоварӣ ба ҳамдигар табдил ёфтааст, пайванди наздик байни мардум на чандон дуртар аз замони мо вуҷуд дошт, ки ба нудрат иртиботро ба як мушкили хос табдил мекард. Мардум аз ин калимот розӣ буданд, ки

мо метавонем бо ҳам дуо кунем, аммо бо якдигар суҳбат накунем”[107].

Ҷомеашинос ва равонпизишк Эрих Фромм, ки дидгоҳи интиқодӣ ба Зигмунт Фрейд дорад, яке аз омилҳои буҳрони муосириятро дар табиати инсон мебинад, ки дар навбати худ омода аст ҷиҳати суд ёфтан зиён бар ҷомеа бирасонад. Номбурда бар ин бовар аст, ки инсонро табиат барои рафторҳои нопокаш маҳв мекунад. Кӯшишҳои инсон дар замони муосирият бештар ба худи ӯ иртибот доранд. Фарқ надорад, ки аз амали фарде афрод зиён мебинанд ё на! Ба қавли Фромм, инсон дигарбора ба ваҳшоният бармегардад ва шояд буҳрони ҳамаҷониб аз ҳамин хусусият шурӯъ шавад ва агар аз ин дидгоҳ ҳувиятҳоро баррасӣ кунем, хулоса ин хоҳад буд, ки тақвият ёфтани босуръати ҳувиятҳои фарҳангӣ гувоҳ аз он аст, ки онҳо рӯзе боз ба буҳрони шадиде гирифтор мешаванд. Ба қавли Тойнби, постмодернизм ба марҳилаи ниҳоии таърихи Аврупои Ғарбӣ табдил хоҳад шуд. Ҷаҳон билохира ҳамоҳангии худро аз даст хоҳад дод. Аммо Энтони Гидденс аз зумраи ҷомеашиносоне мебошад, ки тақсимбандии сегонаи ҷомеаҳоро пешкаш кардааст: суннатӣ, мудерн ва мудерни мутааххир. Мавсуф то давраи инқилоби санъатиро давраи суннатӣ, аз инқилоби санъатӣ

---

[107] Ясперс К. Смысл и назначение истории, - М.: Политиздат, 1991, - с. 520.

то соли 1960 – ро давраи мудерн ва аз соли 1960 ба баъдро давраи мудерни мутааххир меномад. Ба қавли Гидденс, алҳол мо дар садаи постмудернизм қарор надорем. Ӯ вижагиҳоеро, ки назарияпардозон ба постмудернизм нисбат медиҳанд, мепазирад, аммо муътақид аст ин вижагиҳо ба маънои поёни давраи мудерн нест, балки нишонаи такмили мудерн аст. Ба назари Гидденс, мудерни мутааххир бахши дувуми мудерн мебошад ва ба давраи постмудерн ҳеҷ иртибот надорад.

Инҷо зарур донистем афкори ғайриғарбиро ҷиҳати баҳогузорӣ шудани муосирият матраҳ кунем. Ризо Доварии Ардаконӣ аз зумраи муҳаққиқине маҳсуб мешавад, ки нисбат ба ояндаи пурфоҷиаи ҷомеаҳои тавсеаёфтаи Ғарб изҳори ақида намудааст. Мавсуф дар таснифоте бо номи “Дар бораи илм” бидуни оҳанги маънавӣ мондани Аврупоро мутазаккир мешавад: “Мо акнун дар давраи постмодерн умр ба сар мебарем. Дар ин давра башар дигар чандон дар банди савдои тараққӣ нест ва бо ин ки зиндагӣ дар саросари олам ҳар рӯз ва рӯз ба рӯз дигаргун ва боз ҳам дигаргун мешавад, вале ин дигаргунӣ, бештар як амри қаҳрӣ аст, на дар ҷиҳати сохтану пардохтани ҷаҳоне, ки Ғарб дар қарни ҳаждаҳум ба он умед баста буд. Ғарб дигар оҳанг надорад”[108]. Гузашта аз ин, муҳаққиқи

[108] Ардаконӣ Р. Дар бораи илм, - Душанбе: Дониш, 2010, - с. 59.

эронӣ нақди постмодернро баррасӣ карда, маҳвшавии асли фалсафаро аз доираи имкон берун медонад: “Нақди постмодерн дар воқеъ нақди субективият аст. Албатта, ин бад-он маънӣ нест, ки субективият аз миён рафтааст. Як асли фалсафа бо мухолифату баҳс ва чуну чароии сирф аз миён намеравад, балки то асли дигаре ҷои онро нагирад он асл муассир ва маншаи асар аст. Аммо вақте дар асле аз усули фалсафа шак раво доранд, метавон ҳадс зад, ки футуре дар фалсафаи замон пайдо шудааст”[109]. Файласуфи тоҷик Усмонзода Х.У. муҳтавои муосириятро дар маънии “беҳтар аз ҳама”, “беҳтар аз пешина” ва “танҳо ба ҳозира хос” дарк карда, зимни баррасии илмии муосирият эътироф мекунад, ки дар фалсафаи иҷтимоӣ чандин маънии вожаи мазкур пазируфта шудаанд: “1) муосирият – яъне дар зинаи инкишофи саноати сармоядорӣ қарор доштан ва ё ин марҳилаи инкишофро тай намудани ҷомеаҳо. Дар ин маврид таъкид мегардад, ки мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дар сафи пеши кишварҳое, ки ин марҳиларо пушти сар намуданд, қарор доранд... 2) муосирият – яъне бо пайравӣ аз намунаи рушди кишварҳои аврупоӣ ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи худро ба роҳ мондани кишварҳои ғайриғарбӣ... 3) муосирият – яъне табиӣ ҷараён гирифтани ҳаёти ҷомеаҳо дар марҳилаи муайяни замони нуҷумӣ, ки новобаста

---

[109] Ҳамон ҷо, с. 109.

аз мавқеи ҷуғрофӣ ва сатҳи рушдашон ба ҳолати имрӯза алоқамандӣ дорад... 4) муосирият – яъне дар заминаи алоқамандии дастовардҳои тамаддуни саноатӣ ва анъанаҳои худӣ дар сатҳи “беҳтар аз пешина” ва хос ба ҳозиразамон ташкил намудани ҳаёти ҷамъиятӣ”[110].

Чунин хулоса бармеояд, ки фарзияҳои ҷадид дар мавриди замони нав мухталифанд ва ҳар муҳаққиқе дар баёни консепсияи худ далел меоварад, аммо ин нукта бебаҳс мебошад, ки ҷомеаҳои тавсеаёфта ба мушкилиҳои нав рӯ ба рӯ мешаванд. Бинобар ин, рушди бемайлон ва тавсеаёбии номаҳдуд башарро аз проблемаҳои пайдошуда озод намекунад. Ҳақиқати башар дар тасодум ошкор мешавад ва дар ҳеҷ сурат тафовут бинобар тараққии ҳангуфте аз байн намеравад. Айни замон дар сартосари Ғарб сайри маънавии нохудогоҳӣ мушоҳида мешавад, ки тамоили мазкурро ағлаб донишмандони урупоӣ ва амрикоӣ муҳаққиқ шудаанд, аммо зуҳури чунин шабоҳат, ки буҳрони худогоҳист, ба ному андешаи Нитше иртибот дорад. Худшиносии ба таври мудовим густаришёфтаро мавсуф рад кард ва ба бунёди ирода ва ихтиёр дар фалсафа асос гузошт, ки пайваста дидгоҳҳои пешиниёнро лағв мекунад. Номбурда ба инсон рӯ оварду ӯро воқиф намуд, ки қудрат хориҷ аз вуҷуди ботинии

---

[110] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, - Душанбе: Дониш, 2020, - с. 29.

ту ҳузур надорад ва ончи ки дар бегонагон ҷустуҷӯ дорӣ, табиати туст, ки ҳануз ҳам нашнохтаӣ, аммо барои маърифати он табииёт ақл зарур нест, чунки некро тавассути бад мешиносанд ва ҷиҳати тақвияти худогоҳӣ бояд инсон дар нохудогоҳӣ ворид гардад, вагарна ҳамаи навъҳои худшиносӣ бо дарназардошти муоситартарин шаклгирии он мавсум ба ҳувият бидуни роҳандозӣ танҳо дар зеҳн боқӣ мемонад. Инсон замоне меофарад ва дар даврае месӯзонад ва сӯхтану сохтан амри табиати ӯст, аммо мо як ҷонибро истиқбол мекунем ва ҷониби дигарро на, лекин ҳамин иштибоҳи башар ӯро айни замон дар буҳрони маънавӣ қарор додааст. Бинобар ин, зинаи нави ҳувиятҳо дар ҷомеаҳои тавсеаёфта дар заминаи нохудогоҳӣ тақвият меёбад, чунки инсони муосир надонистанро аз донистан авлотар дониста, худро тавре вонамуд месозад, ки аз ҳама чиз бехабар мебошад. Ҳатто барои муаррифии хеш чандон иштиёқ надорад, саҳеҳтар агар гӯем, инсони муосир, ки ҳамаҷониба рушд кардааст, барои баррасии худ ниёз надорад. Аммо маҳрумият аз давлатдории миллӣ низ таассуб аст, ки нобудкунандаи ҳувият шинохта мешавад. Бармегардем ба баҳсҳои физикӣ, ки омӯзиши он имрӯз ҷолиб баррасӣ мегарданд. Масалан, ҳар модда тибқи назарияи муосири сохти атом ва молекулаҳо хосияти магнитӣ дорад ва ҳаргуна ҳаракат хусусияти сарбастаро инъикос

менамояд. Ба ибораи машҳур, табиат аз магнетикҳо иборат мебошад ва мусоидсозӣ дар он пайваста рух хоҳад дод, чунки ҳар гуна майдони магнитӣ ва электрӣ бо мусоидсозии ҳамаҷониб эҳёро тавлид мекунад. Вале дар раванди ҷаҳонишавӣ авзои кишварҳо тағйир ёфта, анъанаҳои нек аз байн мераванд ва навовариҳои камарзиш дар ҷомеаи шаҳрвандӣ нуфуз пайдо мекунанд: “Марҳилаи аввали ташаккулёбии ин марҳилаи трансформатсионӣ аз он бармеояд, ки ҷараёни ҳодисаҳои олами муосир ҳарчанд нақшу авомили фарҳангиро дар қатори авомили иқтисодӣ дар таъмини рушду суботи кишварҳо ҳарчи бештар боло мебаранд, вале зуҳури падидаҳои марбут ба истифодаи нерӯи нарми тобеъсозии кишварҳо, вусъатбахшии инқилобҳои ранга, беэътиноӣ ба дахлнопазирии истиқлолияти кишварҳо, фалаҷшавии баъзе ниҳодҳои байналмилалӣ низ меафзояд. Бо такя ба тақвияти омили фарҳангӣ шароит фароҳам омад, ки кишварҳо имкони на танҳо ба ворисият гирифтани мероси миллӣ, танзими мутавозини рафтори аҳли ҷомеа, эҳёи анъанаҳои беҳтарини ҷомеасозии ниёгони хеш, инчунин заминаи татбиқи зарфиятҳои зеҳнию навовариҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаҳои худ пайдо кунанд”[111]. Таъсири раванди

[111] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, - Душанбе: Дониш, 2020, - с. 111.

ҷаҳонишавӣ омили асосии пайдоиши хислатҳои номатлуб дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ маҳсуб мешавад: “Пайравӣ аз чунин роҳи ба мақсади қонеъсозии талаботи ба дастовардҳои тамаддуни муосир ноил шудан ҳавасмандии аксари насли ҷавонро аз таҳсили мудавому бетанаффус, заҳмати ҳамешагӣ ва ғайра коста месозад ва ба афзоиши зуҳури амалҳои номашруъ, ғайримеъёрӣ ва каҷрафториҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат майли татбиқи ба оянда нигаронидашудаи талаботҳо камтар мешавад ва одамон саъй менамоянд дар фосилаи наздиктарини замони ҳозира онро ба даст оранд. Маҳз бо чунин гароиш арзишҳои насли муосир аз наслҳои гузашта, ки барояшон пешбинии ташвишҳои наслҳои минбаъда низ бегона набуд, аз ҳамдигар фарқ мекунад”[112].

Агар масъалаи моҳияти ҷаҳонишавиро чун пояи асосии таҳқиқ баррасӣ кунем, бешубҳа эътирофи синтезу баҳамоии шакл, сохтор ва муҳтавои рушди давлати ҷудогона, шахсиятҳои иҷтимоӣ ва этникӣ ногузир мебошад. Одам, эҳтиёҷоти худро ба амният ва мансубият ба ҷомеа қонеъ карда, бошуурона худро бо як ҷомеаи миллӣ шинос мекунад ва ҳисси "мо" -ро

---

[112] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, - Душанбе: Дониш, 2020, - с. 125.

ташаккул медиҳад. Аз тарафи дигар, ӯ ниёзҳои аслиро қонеъ карда, ҷомеаи худро аз дигарон ҷудо мекунад, хосият ва бартарии онро дар муқоиса бо дигар ҷомеаҳо муайян мекунад ва ҳисси «онҳо» -ро ташаккул медиҳад. Ҳукумати оқил, нигаҳбони ҳувияти миллӣ, инчунин дар бораи ҳифзи берун ғамхорӣ мекунад, ки як «бегона» -ро ифода мекунад. Усули шиносонаи ҷустуҷӯи шахсият душманеро меҷӯяд, ки бар зидди ӯ муттаҳид шавад. Усмонзода Х.У. ҷиҳати пайванди ҳувият бо муосирият иктифо карда, номуайяниро бо такя бар андешаҳои уламои русзабон чун В. Г. Федотова, В. А. Калпаков ва ғайра шарти зарурии замони муосир ва ба вижа барои насли нав пешбинӣ мекунад: **“...**Вақте ки фард мустақил мешавад, ӯ ҷойи пештараи худро дар низом аз даст медиҳад ва муайянии навро пайдо намекунад. Ӯ маҳкум ба номуайянӣ мегардад. Барои ӯ қисмати худро назорат кардан сода нест, ӯ боварииро ба ҳувияти хеш, ки барояш тавассути мақоми иҷтимоӣ ё ҷойгоҳаш дар мартабаи муносибатҳои ҳокимиятӣ ба даст омада буд, гум мекунад. Вале маҳз масъалаҳои марбут ба ҳувияти фарҳангӣ ва ваҳдати иҷтимоӣ дар заминаи бархӯрдҳои таърихӣ дар Аврупо роҳро барои густариши муосирият боз намуданд. Миллат ҳамчун умумияте ташаккул меёбад, ки дорои мушахассот дар шакли ҳувияти миллӣ аст. Ваҳдат ҳамчун посух ба талоши густаришёбии

муосирият инкишоф ёфт. Муосирият фардро аз табиат, аз мадори алоқаҳои пешкашнамудаи ҷомеа бо дигарон озод намуд”[113].

Дар воқеъ, яке аз падидаҳои асосии илми ҷомеашиносӣ дар замони муосир ҷаҳонӣ шудани фарҳангҳо ва тамаддунҳост. Муҳаққиқони ҷаҳонишавӣ ин равандро шарҳҳои мухталиф дода, оғози онро аз солҳои 80-уми садаи гузашта пиндоштаанд. Минбаъд ҷаҳонишавӣ ба илм ворид гардида, аз мавзуҳои асосии он мубаддал гардид. Карл Поппер ба кӯшишҳои озодихоҳона ва башардӯстонаи тарсоён шак дошта, бар ин бовар аст, ки “Таърих дорои маънӣ нест”: “Ман инкор намекунам, ки таъбири таърих аз нуктаи назари масеҳият низ монанди ҳар гуна дини дигар имконпазир аст. Албатта, эътироф накардани он номумкин аст, ки ба кадом дараҷа мо, сокинони Ғарб барои ҳадафҳои хайрхоҳона ва талошҳо ба сӯйи инсондӯстӣ, озодӣ ва ғайра мадюни дини масеҳӣ ҳастем”[114]. Саҳеҳтар агар таҳқиқ кунем, иқдомҳои кишварҳои Ғарб ҷиҳати мудернсозии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф агар бо шиори ҳифзи ҳуқуқ, таъмини озодӣ ва суботи кишварҳост, аммо дар асл ҷуз татбиқи манофеи геосиёсӣ дигар чизе буда наметавонад. Садаи

---

[113] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, 2020, - с. 29.

[114] Поппер К. Открытое общество и его враги (в 2 томах), - М.: Культурная инициатива, 1992, - с. 243.

XXI замони ба хайру дӯстӣ иштиғол варзидани қудратҳои ҷаҳонӣ нест. Дигар ин ки интиқоди Поппер аз ақидаи Тойнби фақат ҷиҳати интиқоди ӯ аз фалсафаи Маркс сурат мегирад ва дар асл бошад, Тойнби ба таърих нигоҳи дигар дорад. Махсусан, ӯ ҷомеаи Ғарбро дар тамоми муддати вуҷудаш номуваффақ донистааст: "Бинобар таҳқиқи ҷомеае, ки мо онро "ғарбӣ" меномем, ошкор хоҳем кард, ки он тамоил бар вусъатёбии доимӣ дорад. Бо ин аҳвол, бояд эътироф кунем, ки ҷомеаи мазкур дар тамоми муддати вуҷуди худ ҳаргиз дар ҳар се барномаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ муваффақ нашудааст"[115]. Дар замони муосир монанди гузашта тамаддуни ҷаҳонӣ воқеан, дар навъҳои ҷомеаҳои миллӣ ба унвони падидаи мудерн бештар тамоиз шудааст, аммо Бергсон ва Поппер аз ҷомеаҳои баста ва боз навъи фарҳангро бо қиёс аз тамоиз муаррифӣ мекунанд, лек комилан баста ва ба ҳамон андоза комилан боз вуҷуд надорад. Аммо Карл Поппер дар рисолае таҳти унвони "Ҷомеаи кушода ва рақибони он" ҷомеаҳои пӯшидаро шабеҳи рамаи сутурон пиндошта, ҳузури ғуломдориро дар онҳо баъзан дуруст ва дар баъзе мавридҳо қобили қабул намедонад. Илова бар ин, мавсуф рақобатро барои мақому мартаба байни аъзои ҷомеа

[115] Тойнби А. Постижение истории (сборник), - М.: Рольф, 2001, - с. 35.

муҳимтарин бахши тавсифии ҷомеаи кушода медонад. Андешаронии мусанниф бештар тасаввурист, агарчи зимни баҳогузориҳояш масоили аз байнравии ҷомеаи пӯшидаро чунин тасвир мекунад: “Шояд сабаби бузургтарини фурӯпошии ҷомеаи пӯшида рушди нақлиёти баҳрӣ ва тиҷорат буд”[116]. Яъне, рушду тараққии ҷомеаи пӯшидаро кушода намуда, барои муаррифии хос омода месозад, аммо ҳақиқати аҳволи ҷомеаҳо ҳаргиз чунин нестанд. Фақат дар ҷомеаи пӯшида қудрат дар маънии мансаб дарк мегардад, вале ҷомеаи кушода зимни пажӯҳиш дар мафҳуми қудрат ихтиёрро мепазирад. Ба ибораи саҳеҳтар, агар қудрат мансаб пиндошта шавад, он дер ё зуд аз байн меравад, чунонки ҷомеаи пӯшида бо мурури вақт ҷойи худро ба ҷомеаи кушода хоҳад дод, аммо дар сурати ихтиёр пиндоштани қудрат маълум мешавад, ки ихтиёр аз аносири маҳвшаванда нест. Гумон меравад, ки Фридрих Нитше ҷиҳати истифода аз ибораи “ирода ба қудрат” ҳамон ихтиёреро дар назар дошт, чунки ҳеҷ қудрате болотар аз ихтиёр вуҷуд надорад. Агар Поппер шахсияте таъсирпазир аз дигарон бошад, Нитше ба ҳайси таъсиргузор ва омили дигаргунӣ дар фалсафаи Ғарб мебошад.

[116] Поппер К. Открытое общество и его враги (в 2 томах), - М.: Культурная инициатива, 1992, - с. 185.

## 1.3. **Нақши омилҳои фарҳангӣ дар ташаккули ҳувияти ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф**

Дар густариши ҳувияти мансуб ба ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф омилҳои фарҳангӣ нақши бориз дошта, имкон фароҳам меоранд, ки шаклгирии шахсият марҳала ба марҳала анҷом пазирад. Бартарии фарҳанг аз вижагиҳое иборат аст, ки инсон ба онҳо бидуни мамоният дастрасӣ меёбад, чунки инсон фарҳанг меофарад, аммо фарҳанг низ инсонро меофарад. Дар дунёи мудерн, ки таомули фарҳангӣ танҳо ба муҳоҷирати ҷамъият маҳдуд намешавад, балки метавонад аз тариқи ҳунар, адаб, ахлоқ, расонаву синамо интиқол ёбад, фарҳангҳо бо дарназардошти вижагиҳои худ ба рӯйи якдигар бозтоб мешаванд, бештар ҷиҳати тавсеа ва пазириш аз онҳо дастрас ҳастанд. Бинобар ин, бархе аз вижагиҳои фарҳангиро метавон истиқбол намуд ва дар фарҳанги худ ғунҷонид. Фарҳанг бидуни шак ҳувиятро меофаринад. Фарҳанг тамоил дорад то эҳсоси хосе аз худро дар фард шакл диҳад. Бузургтарин аҳамияти шиносоӣ барои инсонҳо ҳамон иртибот бо дигарон маҳсуб мешавад, ки аъзои хонавода, дӯстон, ҳамсоягону ҳамсабақон ва ғайраро бо зиндагии муштарак дар маҳалли тавлид ва иқомату фаъолият муттаҳид месозанд.

Расонаҳо танҳо ниҳод нестанд, балки авомили таъсиргузоре барои сохтани ҳувият мебошанд. Манбаҳои дигаргунии ҳувияти ҷамъӣ

(коллективӣ) аз фаъолияти эҷодии нухбагони маорифпарвар ва аҳли зиё иборат аст. Мушкили ҳувият дар сатҳи шахсиятҳо ба вуҷуд хоҳад омад, чунки афроди муаррифишуда ба худ иҷоза медиҳанд, ки аз мазоҳири мухталифи иҷтимоӣ монанд ба ҳувияти ҷамъӣ ё миллӣ ба маънои шахсияти миллӣ истифода бинмоянд, дар ҳоле ки муҳити иҷтимоӣ дар замони муосир ба дахолати афроди ғайри тахассусӣ ниёз надорад. Шаклгирии ҳувият таҳти таъсири омилҳои иҷтимоӣ қарор мегирад ва авомили иҷтимоии марбут ба шаклгирӣ ва ҳифзи ҳувият тавассути сохтори иҷтимоӣ таъин мешавад ва баръакс, ҳувияти эҷодшуда аз тариқи огоҳии фардӣ ва сохтори иҷтимоӣ ба як сохтори иҷтимоии муайян вокуниш нишон медиҳад. Ҳувиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф як кайфияти таърихии пӯёе аз эҳёшавии ҳастии миллатҳост. Ин як таърихи хосе дониста мешавад, ки тавассути навовариҳо, яъне модернсозии муҳити иҷтимоӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ироа мешавад. Бояд таъкид кард, ки имконоти дарки “мо” ва “онҳо” дар фарҳанг бо моҳияти фарҳангҳое муртабит аст, ки ҷаҳони фарҳанги миллиро ташкил медиҳад. “Онҳо” мардумоне аз як ҷомеаи бегона ва бар “мо” мутафовит ҳастанд, ки дар ҳеҷ сурат ба “мо” тааллуқ надоранд. Бинобар ин, фосилаи байни “мо” ва “онҳо” аз тафовути фарҳангҳо сарчашма

мегирад. Аммо ҳувиятҳои хос ба тоҷикон маскун дар қитъаи Осиё асту аксар милали осиёӣ бо мо аз лиҳози мансубияти нажодӣ ва низоми ақидатӣ тафовутҳои фоҳиш доранд. Бинобар ин, тоҷикон тибқи омилҳои марзӣ бо гӯяндагони гурӯҳи забонҳои олтой наздиканд ва аз лиҳози бовариҳои динӣ бо гурӯҳи сомӣ, лекин аз нигоҳи иртиботи нажодӣ онҳо бо аврупоиҳо қаробат дошта, алҳол дар миёнароҳ қарор доранд. Махсусан, бовариҳои динӣ тоҷиконро бо ақвоме наздик сохтааст, ки бо онҳо ҳеҷ ҳамоҳангии таърихӣ надоранд ва ин омилҳо дар густариши ҳувияти фарҳангии мутааллиқ ба тоҷикон мушкилӣ эҷод мекунад. Вале омилҳои мазкур ғолибан хориҷӣ ҳастанд ва ҳадди аққал ин авомил дар вижагиҳои ҳувияти фарҳангии дохили кишвар таъсиргузор аст. Ба вижа, таблиғи созмонҳои бо номи ислом муаррифишудаи тахрибкор ва шомилшавии шаҳрвандони мамлакат ба узвияти онҳо, ки фаъолияти экстремистиашон ҳамаро дар таҳлука овардааст. Ҷомеашиноси фаронсавӣ Морлен Лорюэл зимни баррассии ҳувияти кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти таҳияи сиёсати хориҷӣ аз гироиши номаҳдуди халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ нисбат ба Туркияву Эрон изҳори андеша намудааст: “Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии худ иддаои Туркияро дар нақши “бародари бузург” шадидан

маҳдуд сохтаанд, ки солҳои 90 – уми садаи сипаришуда кӯшиши дар ҳувияти туркӣ муттаҳид сохтани ҳамаи миллатҳои минтақа зуҳур гардид. Дар равобит бо Эрон низ чунин гироиш мушоҳида мешавад”[117]. Алҳол, дар дохили кишвари тоҷикон гироиши аҳли зиё, пеш аз ҳама уламо ба Эрон чун ба кишваре ки бо мо ҳамзабон ва таъриху фарҳанги воҳид доранд, бешумор аст, аммо гиравидан ба ғайри худ дар замони муосир маҳвшавист ва ҳеҷ ҳувияти такмилёфтае гироиш ба чапу ростро қабул надорад. Рӯзноманигор ва узви ҷамъияти файласуфони Амрико Томас Фридман зимни иқомат доштанаш дар Бангалори Ҳинд фикр мекард, ки майдони рақобати ҷаҳонӣ ва марказҳои пажӯҳишӣ ба як шабакаи ҷаҳонии муттасил табдил ёфтаанд. Бавижа, фановарӣ, ниёзмандӣ ва нигариш ба ҳувият ва масоили марбут ба он ба унвони як масъалаи ҳамешагӣ матраҳ хоҳад шуд. Номбурда, бо дарназардошти ин ки бахше аз ҷамъияти Ҳинду Чин дар бозори ҷаҳонӣ кор мекунанд, тағйиротеро мебинад, ки қарор аст ояндаро аз дидгоҳи ҷаҳонишавӣ таъин кунад. Замони дарёфту дастрасии истқлоли давлатӣ бо бархурд ва мунοқишаҳои шадиди гурӯҳҳои мухолиф оғоз гардида, оқибат қудрати сиёсӣ неруҳои мутаассиби исломгароро бинобар

[117] Морлен Ларюэль. Внешная политика и идентичность в Центральной Азии, - М.: 2013, - с. 13.

иштиғол доштан дар интиқоли инқилоби исломӣ ва роҳандозӣ шудани навъҳои мухталифи терроризм мутаҳҳам намуданд. Агар дилхоҳ неруҳои сиёсӣ дар дилхоҳ кишваре бо дарназардошти интиқоли ормонҳои миллии мансуб ба аҷнабӣ фаъолият бинмуда, кӯшиши татбиқ сохтани низоми таҳмилӣ мекунад, дар ҳеҷ сурат муваффақ нахоҳад шуд. Чунин истротужӣ дар кишварҳои пасошуравӣ бештар мавриди роҳандозӣ қарор доштаанд ва дар ҳамаи давлатҳои собиқ Шуравӣ шуруъ аз солҳои 90-уми садаи гузашта сенарияи бо татбиқи роҳҳои мухталиф дахл варзидани аҷнабӣ дар умури дохилии он кишварҳо мушоҳида мешавад. Аммо бо пажӯҳиши ин ки чаро тибқи аҳдофи геополитикӣ ҷиҳати тағйир додани низоми сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаллиғини қудратҳои ҷаҳонӣ намунаи инқилобии исломиро интихоб кардаанд, моро аз лавозим аст, ки аввалан, объект ва сонияи, субъекти геополитикаи муосирро дастрас намоем. Лозим ба ёдоварист, ки қудрат аз васеъ паҳншавии муслимин бохабар ҳастанд ва хеле хуб дарк менамуданд, ки раванди мазкур сатҳи густариши ҳувияти фарҳангии кишварҳои тавсеаёфтаро ноком мегардонад. Масалан, ҷомеашиноси амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон борҳо гӯшзад мекард, ки ҳувияти ғолиб бар соири ҳувиятҳо, яъне ҳувияти фарҳангии амрикоӣ, ки дар пояи

протестантизми британӣ ташаккул ёфтааст, дар авоили садаи XXI бинобар нуфуз ёфтани ормонҳои мутааллиқ ба ислом осеб мебинад ва ИМА чун кишваре, ки таҳияи сиёсатҳо ғолибан дар марзи ӯ ба вуқуъ мепайванданд, ҷиҳати ягона усули нигаҳдошти қудрат, ки ҳувияти аҳолии он аст, ба инқирози маънавӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар ҳоле ки маҳз Ҳантингтон бо дарназардошти таҳияи сенарияи ошкорбаёнӣ (плюрализм) зарбаи маънавӣ бар пайкари низоми сусиёлистӣ зада, марги болшевизмро таъмин намуд, аммо дар масъалае, ки хоси мақолаи мост, таҳияи "панисломизм" дар як замон баробар бо "саҳюнизм" ва "сусиёлизм" эҷод шудааст, бештар матраҳ хоҳад шуд. Иқрор мебояд кард, ки ҳануз дар садаи гузашта қудратҳои ҷаҳонӣ тавассути афроди илзомшуда (Ризохони Паҳлавӣ, Камол Мустафо Отатурк, Муҳаммад Алии Ҷанноҳ ва дигарон) дар мамлакатҳои мусалмоннишин андешаи бартарӣ доштани исломро аз соири адён ҷойгузин сохта, маҳз бо истифода аз эҷод намудани таассуби динӣ кишварҳоро аз рушд боздоштанд ва муқаддам аз он бинобар таблиғи Саид Ҷамолуддини Асадободӣ ва Шайх Муҳаммад Абдуҳ таҳти унвони "панисломизм" муслимини дунёро бо истротегияҳои номақбуле чун "ваҳҳобия", "салафия", "баҳовия", "ҳизбуттаҳрир","ансоруллоҳ","ихвонулмуслими" ва ҳоказо мубтало сохтанд. Бинобар ин, бо

дастрас шудани истиқлоли сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ инчунин таассуб ва тахрибкорӣ дар рафтору гуфтори пайравони Нурӣ ва соири афроди заҳролудшуда мушоҳида мешуд, чунки мо истиқлолро дар соли 1991 соҳиб гардидем, аммо олиҷанобон аз ҳизби наҳзат ҳануз соли 1986 тазоҳурот ҷиҳати интиқол намудани Инқилоби исломии Эрон дар водии Вахш барпо намуда буданд. Чаро маҳз Эрон, ки он ҷо ба шиаи исноашария мақоми давлатӣ дода шудааст? Бештари мубаллиғини амрикоӣ, ки бо пардаи коршиноси улуми ҷомеашиносӣ ба минбарҳо раҳбарӣ мекунанд, баробар бо таҳияи сиёсати мусоид ҷиҳати гирифтор кардани кишварҳои рӯ ба инкишоф аз иртиботи ирсии аҳолӣ суиистифода мекунанд, ки бобати исботи фикр метавон аз вожаи “бародари бузург” истифода кард. Барои аксар кишварҳои пасошуравӣ (Озарбойҷон, Узбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон) чунин бародаркалон Туркия аст, ИМА ва Иттиҳоди Аврупо аз мавқеъ ва вазъи ин кишвар васеъ истифода мекунанд, аммо барои Тоҷикистон фақат Эрон бародари бузург аст ва ҳамчунин, дар хориҷи кишвар низ хеле хуб дарк кардаанд, ки аҳли зиёи Тоҷикистон аз худ бештар ба Эрон эътимод доранд. Шояд ҳамин омили мутазаккир сабаб шуд, ки солҳои интиқоли инқилоби исломӣ анбуҳи бузурги ҷомеаи Тоҷикистон ҷиҳати пайдо кардани

паногоҳи сиёсӣ маҳз Эрон ва шиаи дувоздаҳимомаро интихоб карданд. Вале як нафар ватандӯст ва худогоҳ аз зумраи тоҷикон пайдо шуд, ки ин раванди басе зиёноварро боздошту ҷиҳати баргардон кардани фироориён иқдом намуд.

Омилҳои фарҳангӣ, ки дар ташаккули ҳувияти ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф нақш доранд, аз дидгоҳи мо инҳо мебошанд:

- Арзишҳои маънавӣ, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ мешавад;
- Маниши миллӣ, ки сарчашмаи он сарнавиштсоз мебошад;
- Идеяҳо, анъанаҳо ва ҷашну маросими миллӣ, ки хусусияти эҳёшавӣ доранд;
- Фаъолиятҳои маънавӣ, ки қудрати рақобат кардан бо таассуби диниро моликанд;
- Татбиқи сиёсати фарҳангсолорӣ, ки имкон медиҳад то фарҳанг ва аносири миллии он аз ҷониби фарҳанг ва тамаддуни ғолиб маҳв нагардад;
- Дигаргуниҳои фарҳангӣ ва рақобатпазирии онҳо дар замони постмодерн, ки бинобар татбиқи раванди ҷаҳонишавӣ маҳвшавии фарҳангҳо ва ҳувиятҳоро ба бор овардааст;
- Бархурди ҳувиятҳои хос ба миллату давлати рӯ ба инкишоф, ки густариши ҳар якеро тасодуми байни онҳо таъмин мекунад. Масалан, тасодуми байни ҳувияти миллӣ бо ҳувияти динӣ дар

замони постмодерн имкон фароҳам меорад, ки инсонҳо таассубро аз худ хориҷ созанд.

Китоби Ҳантингтон "Тартиботи сиёсӣ дар ҷомеаҳои тағйирёбанда" то имрӯз яке аз муҳимтарин асарҳо оид ба масъалаҳои қудрат ва нақши он дар ислоҳот ва инкишофи ҷаҳони ҳозира боқӣ мемонад. Дар баробари шакл гирифтани давлатҳои соҳибистиқлол, фарқияти байни даъвоҳои онҳо дар бораи мавқеи сазовор дар ҷаҳони  муосир ва низоми анъанавӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ вуҷуд дошт. Коршиносони ғарбӣ тибқи назарияи «муосирият", яъне мудернсозии мамолики ҷаҳони савум ба ҷомеаҳои типи ғарбӣ табдил додани кишварҳои рӯ ба инкишофро пешгӯӣ карданд. Аз ин рӯ, «муосирият" -ро аксар вақт бо «ғарбшавӣ» (аз инглисӣ "western" – ғарбӣ, "westerners" – маскуни Ғарб) ифода мекарданд. Ба таъбири Ҳантингтон, навсозиҳои сиёсӣ дар кишварҳои тавсеанаёфта ба эҷоди режимҳои сиёсии қобил ба давомпазирӣ аст. Мудернсозӣ ва дар ҳоли мудерншавӣ қарор доштани кишварҳои рушднокарда ба қудрати ҷаҳонӣ табдилёбии Амрико мусоидат хоҳад кард ва бидуни тардид онҳо барои моделсозии кишварҳо омодаанд. Ин манзараи сиёсиро ҷомеашиноси амрикоӣ чунин тасвир мекунад: "Мудернсозӣ, яъне навсозии сиёсӣ дар амал ҳамеша мусталзими тағйир ва маъмулан тахрибкории низоми сиёсии суннатӣ

аст, аммо лузуман мунҷар ба тағйироти қобили таваҷҷуҳе зимни пешрафти иҷтимоии густурдаи муосирсозии иҷборӣ содиқ аст. Айни ҳол, пешрафт нисбат ба дигар аҳдофе, ки муҳаққиқон бо навсозии сиёсӣ муртабит мекунанд, чун демократӣ, субот, тамоизи сохторӣ, идеологияи муваффақ, якпорчагии марзиву миллӣ ва амсолашон ҳадди аққал машкук ҳастанд”[118]. Ф. Фукуяма дар пешгуфторе, ки дар чопи тозаи китоби “Тартиботи сиёсӣ дар ҷомеаҳои тағйирёбанда” навишт, назарияи дар ин китоб будаи Ҳантингтонро нокифоя баррасӣ карда, бузургтарин мушкили онро пешбинӣ накардани суқути Шуравӣ ва низ суботи сиёсӣ дар кишварҳои арабӣ донист. Дар воқеъ, Ҳантингтон чунин меандешид, ки сегонаи тавсеаёфта дар мисоли ИМА, Британиё ва Шӯравист, ки дуи аввал низоми демократӣ ва савумӣ низоми диктотуриро роҳандозӣ мекунанд, аммо мунаққид чунин меандешад, ки низоми тотолитарӣ дар ҳеҷ сурат тавсеаёфта нахоҳад буд. Аммо авзоъ ва аҳволи инсонҳоро дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф алайҳи он тафаккур ва худбиниҳое дармеёбем, ки Фрейд онҳоро дар ҷавомеъи тавсеаёфта бинобар ҳақиқати табиати хулқ “нохудогоҳ” пиндоштааст. Дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф инсонҳо худогоҳиро дар пайравӣ аз

[118] Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах, - М.: Прогресс-Традиция, 1968, - с. 37.

тамаддунҳои ғолиб ва пайгирии ҳувияти фарҳангии амрикоӣ тасаввур карда, ҳиҷрат ба Ғарбро ҳадаф қарор додаанд. Аммо неруҳои иҷтимоие низ ҳастанд, ки ҷиҳати риоя аз фарҳанги миллӣ, махсусан, пӯшишҳои мутааллиқ ба миллияти худро ҳатмӣ дониста, дигаронро водор менамоянд, ки дар риояи вижагиҳои фарҳангии хос сахткӯш бошанд. Масалан, ҳарф задан бо лаҳни аҷнабӣ дар мавзеъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф хеле маъмул мебошад, чунки ҷавонони нохудогоҳ ҷиҳати ҷалби дигарон ин амалро анҷом медиҳанд, лекин нерӯҳои истиқлолхоҳ онҳоро маҳкум карда, зери тозиёнаи танқид қарор медиҳанд. Аввалан, ин ҷо аз як ҷониб майли шадидан пайгирона ба фарҳангҳои ғолиб пайхас карда мешавад, аммо аз ҷониби дигар, аксуламале дар муқобили раванди ҷаҳонишавӣ бо дарназардошти дифоъ аз ҳувиятҳои миллӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин, вазъияти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ моро водор мекунад, ки ба асрори таърих рӯ оварда, ба замони Пётри Кабир ва ислоҳоти ӯ бознигариеро анҷом диҳем, омилҳои “ғарбзадагӣ” дар он овонро таҳқиқ кунем ва тавассути ин амал ба бархе аз пурсишҳое бобати рухдодҳои муосир посух гӯем. Таърихшиносон ҳоло ҳам баҳс мекунанд, ки бо кадом мақсад император Пётри Кабир дарро ба Аврупо бозкушоуӣ карду марзҳои фарҳангҳоро аз байн бурд? Баъзеҳо бар

он ақидаанд, ки подшоҳ Русияро ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ оварда, имкони воридшавии ӯро ба Балтика татбиқ намуд. Дигарон қайд мекунанд, ки аз Аврупои тараққикарда на танҳо мӯдҳои номувофиқи дунявӣ аз қабили шимҳо, ҷуробҳо ва пойафзолҳо барои мардон ва либосҳои танги урупоӣ бо мӯдҳои кӯтаҳшуда барои занон, балки зулму зино низ ба Русия ворид шуданд. Бори аввал либоси аврупоӣ аз ҷониби Пётри ҷавон дар замони "Лашкаророии хандон" роҳандозӣ шуд - даъватшавандагон либоси олмонӣ мепӯшиданд, аммо андешаи подшоҳ ҷиҳати ба бар кардани либосҳои русӣ дар тӯли солҳои 1697-1698 дар Сафорати Бузург дар Аврупо ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар тӯли ду сол, Пётр ба Аврупо сафар карда, аз Ҳолланд ба Англия ҳиҷрат намуд, ба либосҳои русӣ бо чашми бегона нигарист ва дар он анъанагироии номаҳдуд ва тамоили шарқиро диду чун ислоҳотгар бо чунин фарҳанги пушокпӯшӣ мувофиқ наёмад. Дар санаи 29.08.1698 Пётри Кабир ба хона баргашта, фармони «Дар бораи пӯшидани либосҳои олмонӣ, дар бораи тарошидани ришу муйлаб" -ро содир кард. Аз занон талаб карда мешуд, ки либоси олмонӣ пӯшанд. Барои дӯхтан ва ороиш додани либосҳои русӣ ва фурӯхтани онҳо маҳкум ба ҷазо ва бадарға мешуданд. Дар дарвозаҳои девори атрофи шаҳри Сафед дар Маскав,

пайкараҳо гузошта шуданд, ки дар онҳо намунаҳои либосҳои хориҷӣ таблиғ меёфтанд. Пётри Кабир умедвор буд, ки тағйири либос Русияро дар сатҳи миллатҳои урупоӣ боло мебардорад. Ин омол амалӣ нашуд. Аврупоиҳо барои тиҷорат кардан ба Русия рафтанд, вале шитоб накарданд, ки онро ҳамчун кишвари мутамаддини аврупоӣ эътироф кунанд. Дар натиҷаи иҷборан таҳмил кардани фарҳанги аврупоӣ, қишри олии иҷтимои Русия солҳои дароз аз анъанаҳои миллӣ барканор шуданд. Ҷиҳати баҳогузорӣ кардани ислоҳоти таърихии Пётри Кабир ағлаб пажӯҳишгарон хулосаҳои мухталифро изҳор кардаанд, аммо бештарини муҳаққиқин дар садади ин ақида мебошанд, ки иҷборан фарангӣ кардани мардуми Русия оқибат масоиби дардзо ба бор овардааст. Зӯран мутамаддин кардани ҷамъияте оқибат онро побанди ҳамон тамаддун хоҳад кард ва ҳамеша гироиш ба он мекунад, чунки бовар дорад тамаддуни Ғарб бар соири тамаддунҳо ғолиб омада ва осори он дар ғайри ӯ бартарӣ ёфтааст. Анисимов Е.В. ҷиҳати зуран тағйир додани фарҳанг ва тамаддуни миллати рус чунин хулосаро муносиб дидааст: “Пётр бо тағйири фарҳанг ва муаррифии чизи ҷадиде дар он ба таври мудовим бисёре аз ниҳодҳои иҷтимоиро тибқи манобеъе, ки фарҳанги ғарбиро тағзия мекарданд, рад кард. Ӯ ислоҳоти бузурги

давлатиро анҷом доду ваҷҳи иҷтимоии ҷомеаи Русияро тағйир намуд, аммо бо интихоби он чи дар Ғарб мехост, ба Русия овард ва ба навъе аз нусхаҳои ғарбӣ давлату сохторҳои иҷтимоии ҳар чизеро мисли порлумонтаризм ва ҳукумати маҳаллӣ, ки ба он муртабит буду ду унсури муҳими фарҳанги урупоӣ бар он устувор аст, қатъ кард"[119].

Магар геополитикаи муосир, ки дар пояи ҳувияти марзии фарангӣ бунёд мешавад, бо дарназардошти муҳтаво аз юришҳои салибии асримиёнагӣ мутафоввит аст? Андешаи зистан дар Ғарб ва он ҷо мавқеъ пайдо кардани мо ҷуз таблиғи ин мавзеъ ва таҳмили фарҳанги мардуми он монанд ба раҳо кардани худ аз банди волидайн, озодиҳои ҷинсӣ бидуни никоҳ бо мақсади зистан барои хеш на аз баҳри дигарон ва амсолашон арзиши умумибашарие нест, ки дар истиқболи он ганҷ бикӯшем. Он чизе, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ гуфта ва аз он бар нафъи худ суиистифода мекунанд, худро аз ғайри хеш мутафовит донистан аст. Масалан, муҳоҷиратро баррасӣ мекунем, ки тибқи хоҳишҳои қудрат дар Ғарб кадомин гурӯҳи одамон бояд ба ин мавзеъ ҳиҷрат кунад. Ҷомеашиноси амрикоӣ Иммануил Валлерстайн дар як тадқиқоти густурда чунин хулосаро воҷиб дидааст: "Дар воқеъ, аксар

[119] Анисимов Е.В. Культурные реформы Петра Великого, - М.: Центрполиграф, 2010, 424 с.

мардуми Шимол ба маънои воқеии калима аз идеяи марзҳои боз ваҳшат доранд. Аммо сиёсатмадорон дар рубъи қарни ахир усулан ба ин самт нарафтаанд. Британиё аввалин давлате буд, ки монеаҳои навинеро барои аз мавзеи худ дуртар андохтани маскунони собиқ кишварҳои истеъморӣи хеш эҷод кард. Танҳо дар соли 1993 се иттифоқи муҳим рух дод. Парлумони Олмон пазирои аз паноҳандагонро ба шиддат маҳдуд кард, зеро аз тарси ин ки сокинони шарқи Урупо мумкин аст чунин авзоъ ва ҳолатро касб кунанд. Дар Фаронса давлат қавонинеро ба тасвиб расонид, ки на танҳо муҳоҷирати кишварҳои истеъморӣи собиқро маҳдуд мекард, балки ҳатто гирифтани шаҳрвандиро барои фарзандони муҳоҷироне, ки дар Фаронса мутаваллид шуда буданд, душвор месохт"[120]. Аммо бартар донистани фарҳанги миллӣ-марзии Мағрибзамин аз соири фарҳангҳо аз зумраи аҳдофе нест, ки риҷоли сиёсии ин сарзаминҳо таҳмили онро бар ғайри худ муносиб дидаанд. Густариши ҳувияти миллии урупоӣ рафъи марзҳо набуд. Онҳо ҳатто дар гуфтору кирдорҳояшон ихтилофи марзиро риоя мекунанд. Аммо барои ғайри хеш онон фалсафаи мешсозиро эҷод кардаанд ва бар василаи он ғайри худро имкон медиҳанд, ки ҳамеша дар шинохти хеш шак оварад. Бинобар

[120] Валлерстайн И. Анализ мировых систем и ситуация в современном мире, - СПб: Универсальная книга, 2001, - с. 205.

ин, вокунише алайҳи ҷаҳонишавӣ дар асри ҳозир мушоҳида мешавад ва онро ҷомеашиносон "маниши миллӣ" ном ниҳодаанд. Рукни асосии маниши миллиро ҳувият ташкил медиҳад ва заъфи ҳувият инсонро намегузорад то ояндабин бошад. Ӯ беҳбудии хонаводагии хешро берун аз ҷомеаи шаҳрвандӣ тасаввур карда, ҳамеша дар садад мешавад, ки чӣ гуна авзоъи хонаводагии худро беҳтар гардонад. Ӯ фикр карда наметавонад, ки сарватҳои доштааш дар мулки рушднокарда суде надорад. Бинобар ин, бо дарназардошти чунин каҷфаҳмиҳо ба ғорат намудани мулки хеш камар бубаста, боиси эҷоди монеаҳо дар рушди давлатдории миллӣ мешавад. Буҳрони ҳувиятро ҷаҳонишавӣ ба бор оварда, минбаъд низ беҳувиятиро талқин менамояд, аммо саҳеҳтар мебуд агар мегуфтем, ки ғолиб омадани ҳувияти фарҳангии амрикоӣ бар соири ҳувиятҳои фарҳангӣ минбарҳои фарҳанги миллиро танг намуда, ба онҳо пайравӣ аз тамаддуни Ғарбро илқо мекунад. Муҳаммад Абдураҳмон раванди ҷаҳонӣ шуданро таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки пайравӣ аз тамаддуни ғолиб маънии ҷаҳонишавиро намедиҳад, чунки башар имрӯз фарҳангҳоеро офаридааст, ки худ айни замон ҷаҳонӣ ҳастанд ва ҳеҷ зарурат нест, ки ҷаҳонӣ боз ҷаҳонӣ шавад: "Фарҳанги ҷаҳонии дар ҳоли рушду инкишоф қарордошта каме пештар фарҳанги англосаксонӣ ба шумор мерафт, ки он

таърихан бо ахлоқи протестантӣ алоқаи зич дошт. Аммо дар ҷаҳони муосир кам нестанд мамлакат ва ё минтақаҳое, ки дар раванди тӯлонии рушди таърих фарҳанги хосаи сатҳи ҷаҳониро ташаккул додаанд. Махсусан, Ҳиндустон, Хитой, ҷаҳони араб, Ҷопон, Фаронса ва Россия ба ин мисол шуда метавонанд, ки фарҳанги онҳо дар алоҳидагӣ ба низоми арзишҳои садҳо миллион одамон таъсири амиқ мерасонанд. Дар кишварҳои номбурда аксуламали миллӣ бар зидди ҷаҳонишавӣ нигаронида шуда, ҳамзамон дар миёни аҳолии онҳо рӯҳияи зиддиамрикоӣ низ ташаккул меёбад. Бо дарназардошти чунин вазъият, як қатор муҳаққиқон, аз ҷумла С. Ҳантингтон дар бораи мухолифатҳои тамаддунӣ ибрози андеша намуда, низоъҳои муосири ҷаҳониро бо он асоснок менамояд. Аммо фоҷиаҳои охири асри XX, ки бо ҷангу инқилобҳо ҳеҷ иртиботе надоштанд, С. Ҳантингтонро ба хулосае овард, ки раванди ҷаҳонишавӣ тамаддуни ягонаи ҷаҳониро ба вуҷуд наоварда, баръакс он бархурди тамаддунҳоро метезонад”[121].

Доктринаи “Бархурди тамаддунҳо” дар аксар кишварҳои рӯ ба инкишоф, минҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксуламали олимони гуногунсоҳаро ба вуҷуд овард. Юсуфҷонов Ф.М.

---

[121] Муҳаммад А.Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа, - Душанбе: Империал-Групп, 2018, - с. 65.

дар мақолааш таҳти унвони “Бархурд ва бархурондани тамаддунҳо? Нигоҳи Ғарб ба тамаддунҳои дигар” таълимоти мазкурро шадидан интиқод мекунад: “Низову бархурд байни тамаддунҳо на танҳо идома хоҳад ёфт, балки марҳилаи охирини таҳаввулоти низоъ дар ҷаҳони муосир хоҳад буд. Ин тезиси хотимавии Ҳантингтон як хулосаи хеле дағалу хом барои нигоҳ доштани рӯҳияи ҷанг дар зеҳни амрикоиҳо ва хонандагони дигари ғарбӣ буда, барои стратегҳои Пентагон ва роҳбарияти саноати мудофиавии ИМА, ки дар натиҷаи аз байн рафтани мизони пуриқтидори ҷаҳонӣ, монанди Иттиҳоди Шуравӣ, баъди як марҳилаи ба қавле ороми “ҷанги сард” фаъолияти асосии худро муваққатан аз даст дода буданд, уфуқҳо ва дурнамои нав барои анҷом додани фаъолияти васвосии (манякиашон) дар роҳи нестӯ нобуд кардани давлатҳои осоиштаи ба ақидаҳои онҳо мухолиф ва ба таври сунъӣ ҷорӣ ва паҳн кардани демократия дар фаҳмиши онҳо, фароҳам меоянд. Ин асари Ҳантингтонро метавон ҳамчун дастур ва тавсияи сиёсии стратегӣ арзёбӣ кард, на таҳлили муфассали илмии фарҳангҳо ва тамаддунҳо. Ҳантингтон, ба назари мо, ҳанӯз бо тарзи гуфтор ва рафти татбиқи тадқиқоташ хонандагони асараш ва муҳаққиқи таълимоташро гумроҳ месозад. Аксари далелҳои ӯ ба ақидаҳои ҷонибҳо ва шахсиятҳои дуюм ва

сеюм асос ёфтаанд, ки фаҳмиши моро дар бораи он ки фарҳангҳо чӣ гуна таъсир, рушду таҳаввул мекунанд ва чӣ гуна онҳоро беҳтар фаҳмидан ва дарк кардан мумкин аст, маҳдуд мекунад" [www.osiyoavrupo.tj].

Аз ин натиҷагириҳо чунин бармеояд, ки ҷаҳонӣ шудан бо дарназардошти манофеи геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ ҷаҳонсозист ва агар саҳеҳтар иқрор кунем, ин раванд давоми ҳамон сиёсатест, ки бо номи "тасхири ҷаҳон" машҳур гаштааст ва асосгузораш низ Отто Бисмарк маҳсуб мешавад. Ин назарияи ғайрисаҳеҳ омили асосии сар задани ҷангҳои ҷаҳонист ва ҷаҳонишавӣ низ, ки ғолибан дар маънии "ғарбшавӣ" фаҳмида мешавад, ҷангҳову низоъҳои гӯшношунидеро ба вуқӯъ мепайвандад. Дар ин маврид Муҳаммад Абдураҳмон ҷои дигар мегӯяд: "Аксари ҷомеашиносон ва сиёсатшиносони Ғарб раванди ҷаҳонишавиро ба таври мусбат баҳогузорӣ намуда, ҳамзамон қайд менамоянд, ки ин раванд боиси муттаҳидии сокинони сайёра гардида, низоъҳоро аз байн мебарад ва барои рушди устувори иҷтимоиёт, баробарҳуқуқӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум заминаи хуб фароҳам меоварад. Аммо таҳлили воқеияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ нишон

медиҳад, ки раванди ҷаҳонишавӣ натиҷаҳои куллан баръаксро ба вуҷуд меоварад"[122].

Академик Кароматулло Олимов дар иртибот ба мавзуи фавқ дахолат намуда, ин андешаро баён сохтааст: "Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ дар баҳсҳои илмии муосир глобалисозии фарҳанг аст. Ҷиҳати ташвишовари ин раванд паҳн шудани фарҳанги авомона аст, ки ба арзишҳои бузурги ахлоқӣ ва эстетикии миллӣ, хосатан миллатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иттилоотӣ камқудрат хатар эҷод карда, ба насли ҷавон таъсири манфии он бештар эҳсос мешавад. Ин масъала ба худшиносии фардӣ ва ҷомеа вобаста буда, дар кишварҳои ғарбӣ таваҷҷуҳи файласуфон ва фарҳангшиносонро дар солҳои охир бештар ҷалб кардааст"[123]. Тамаддуни Ғарб танҳо дар сурате рушди тасаввурнопазир кард, вақте ки уламои дину дунё ҷудо намудани динро аз давлат талаб намуданд. Мо бошем, андешаеро таблиғ менамоем, ки тибқи меъёрҳои он дину давлат якест ва ҳамоҳангии онҳо ҷудонопазир мебошад. Ҳеҷ зарурате намемонад, ки шаҳрванд парчами сафед бардошта дар инқилоби исломӣ ширкат намояд, чунки интиқолдиҳандагони инқилобҳо аз зумраи ашхоси зархариде маҳсуб мешаванд, ки

---

[122] Муҳаммад А.Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа, - Душанбе: Империал-Групп, 2018, - с. 99.

[123] Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ, - Душанбе: 2013, - с. 5.

бо дастури аҷнабӣ дар дохили кишвари хеш идеологияи таҳмилии бегонагонро роҳандозӣ мекунад. С. Ятимов аз зумраи ашхоси бохабарест, ки найранги асосии мубаллиғини Ғарбро баррасӣ намудааст. Аз ҷумла дар китоби ӯ ин гуфтаҳоро вомехӯрем: “Нисбати халқиятҳое, ки пайрави ислом мебошанд, бозигарони геополитикӣ маҳз аз ҳамин омили дин, истифода мекунанд. Аниқтараш на худи дин, балки сиёсӣ намудани аҳкоми он. Бо тағйир додани хислатҳои транссендентӣ он ба олоти бозигарони геополитикӣ мубаддал мегардад. Барои паҳнсозӣ ва амиқгардонии ин ақида, ҳамасола миллиардҳо доллар харҷ мешавад. Аҷоиботаш дар он аст, ки худи Ғарб аз ин пушаймон нашуд. Барои он ки имрӯз пурра аз муноқишаву низоъҳои динӣ дур шудааст, чунин ҳолат ба диндорони одӣ ҳам хеле писанд аст. Захираҳои давлатӣ ба самти рушди иқтисодӣ-иҷтимоии худи миллат равона мегардад, на ин ки ба муҳофизат аз терроризм, экстремизм ва идеологияю таълимоти онҳо. Ғарб инро озмуда, боварӣ ҳосил кард ва имрӯзҳо шаклу принсипҳои дунявии давлатдориро пурра татбиқ менамояд”[124]. Воқеъан, бо истифода аз сиёсисозии дин ва аҳкоми он манфиатҳо дар дилхоҳ манотиқ роҳандозӣ мешаванд, аммо масъалаи дунявият хоси мусалмонон буда,

[124] Ятимов С.С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ, - Душанбе: Ганҷи нашриёт, 2015, - с. 21.

афкори дунёбадбинӣ дар заминаи тафаккури тасаввуфи исломӣ таҳмил меёбанд. Бинобар ин, онҳое ки таҳмилгаро ҳастанд, аз таҷрибаи таърихии хеш воқиф ҳастанд, ки дунёбезорӣ тавассути қудрати дин бар давлат роҳ ба сӯйи инҳитот буда, ҷомеаи шаҳрвандиро аз рушду тараққӣ бозмедорад. Маҳз бо ҳамин сабаб онҳо барои ғалабаи ҳувияти динӣ бар ҳувияти миллӣ дар ҷомеаҳои исломӣ талош варзида, ҳатто маблағҳои гушношунидро сарфи назар мекунанд то ба мақсадҳояшон расанд. Дар сурати заъфи ҳувияти миллӣ мусалмонон, ба вижа тоҷикон низ дар хурофот мепечанд ва баҳсҳои дунявӣ сохтани ҷомеаи шаҳрвандӣ аз байн меравад. Бинобар ин, камина тасмим гирифтам, матни ба мавзуи фавқ бахшидашудаи ҷомеашиноси рус А. В. Смирновро, ки ҷиҳати ҳувияти миллӣ - фарҳангӣ ва таносуби он бо ислом маҳсуб мешавад, аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷима намоям ва он мазмун ба сурати зайл мебошад: «Ислом, ки таърихан аз ҷониби намояндагони милали мухталиф пазируфта шуда, дар ҳама ҳолат василаи рафъи мушкилӣ ва масоили гуногуне маҳсуб мешавад, ғолибан чун нишонаи ҳувияти этникӣ пазируфта шуда, тибқи анъанаи мушаххас якмаром баррасӣ меёбад. Масалан, тотор, яъне мусалмон ва ба иборап дигар қавми исломовар шинохта мешавад. Барои муслимин роҳи асосии худшиносӣ буда, ислом имкони хеле хуби вуруд

ба ин фазои ҳувияти миллии сохташударо дорад. Ва ин ҷо, албатта, хатари ҷиддӣ вуҷуд дорад. Ва дар ниҳоят, гуногунии фарҳангии исломӣ. Ислом на танҳо як эътиқод ва фарҳанг, балки тамаддун аст ва тавре ки мо хуб медонем, ҳеҷ фарҳанге ва тамаддуне ҷанг намекунанд. Эътиқодҳо наметавонанд дар мубориза барои ақл ва қалби одамон рақобат кунанд, зеро ҳар эътиқод мехоҳад исбот кунад, ки он ва танҳо он ҳақ аст. Дар акси ҳол, ин эътиқод нест”. Аз зумраи муҳаққиқон бархе ҳувияти сохташудаи диниро омили асосии паркандагӣ ва аз густариш маҳрум мондани тоҷикон ном бурдаанд. Масалан, академик Кароматулло Олимов дар ин маврид таъкид кардааст: “Бепарвоӣ нисбат ба таъкиди тааллуқи миллии худ, омехта кардани тааллуқи қавмӣ бо тааллуқи динию мазҳабӣ ва ё маҳаллӣ худогоҳии миллиро хеле заиф намуда будааст. Яке аз сабабҳои ин ҳодиса бетаваҷҷуҳӣ ва бемасъулиятии зимомдорон ба тараққӣ додани илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ будааст, ки ҷаҳонбинии солим ва илмии мардумро ба вуҷуд меоварад”[125]. Яке аз мавзӯҳое, ки мавсуф ба пажӯҳиши он даст бурдааст, ин сатҳи худшиносии миллӣ маҳсуб мешавад. Аз назари ӯ худшиносии миллии тоҷикон тӯли замони

---

[125] Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ, - Душанбе: 2013, - с. 205.

асримиёнагӣ дар натиҷаи истеъмор коста шудааст ва алҳол бо пайдо шудани истиқлолияти давлатӣ сатҳи худшиносии миллӣ дар миёни тоҷикон рушд мекунад: “Худшиносии миллати мо дар давраҳои гуногуни таърихӣ дар натиҷаи қатлу ғорати оммавӣ ва истеъмори истилогарони аҷнабӣ ва парокандагии иҷборӣ коста гардида буд”[126]. Олими шинохта косташавии сатҳи худшиносии миллиро дар миёни тоҷикон дар бехабарии гурӯҳе аз иҷтимоъ бо номи рӯҳониёни дин медонад, ки бо истифода аз нодонии омма давлатро танҳо аз хотири манфиатҷӯӣ истифода кардаанд. Тибқи андешаи мавсуф бинобар равнақ пазируфтани маорифпарварӣ дар нимаи дувуми садаи XIX густариши худшиносии динӣ мушоҳида шуда, тааллуқи динии инсонҳо дар қиёс бо мансубияти миллӣ бартарӣ пайдо мекунад. Дар замони Шуравӣ бартарии маҳаллии тоҷик аз ҳувияти миллӣ болотар рафта, ҳар фарде аз зумраи тоҷикон мансубияти маҳаллии хешро авлотар медонист. Дар чунин муҳит бегонагирой рушд карду инсонҳои андаке аз ҷомеасозӣ бохабар забони бегонаро аз забони миллӣ бартарӣ доданд ва дар муҳити шаҳрҳо лаҳни аҷнабӣ бар лафзи миллат ғолиб омад. Агар ба осори замони постмодерн таваҷҷуҳ кунем,

[126] Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ, - Душанбе: 2013, - с. 6.

ғолибан эҳсос мешавад, ки ҳувияти фарҳангии амрикоӣ дар пояи протестантизми бритонӣ густариш ёфтааст. Ба ибораи дигар, асосҳои ташаккули ҳувияти амрикоӣ ба қавле масеҳияти лютерӣ мебошад, дар ҳоле ки вокуниши донишмандони Ғарб аз қабили Рене Декарт, Фридрих Нитше, Мартин Ҳайдеггер ва амсолашон ба дини масеҳӣ моро водор мекунад чунин андешаро пайгирӣ намоем, ки садсолаҳо ҷомеаҳои ғарбиро аз рушд маҳз дини онҳо боздоштааст. Аммо суханпардозони муосири Ғарб ҷиҳати таъмин ва аз хатар эмин нигаҳ доштани эҳсоси бартарӣ ва ғолибияти ҳувияти фарҳангии худ навоқизи таърихии хешро, ки марбут ба масеҳияти ҷадид буд, бар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф таҳмил намуда, аз онҳо ҷомеаҳои иқтибосӣ меофаранд ва аз дидгоҳи онҳо дар радифи чунин ҷомеаҳо ислом ва муслимин низ ҳастанд. Дин шакли муайяни фарҳанг аст, ки дар он унсури равоншинохтӣ на бар пояи ақл ва ирода ҳоким мебошад. Ҳолоти мухталифи равонӣ, биниши ирфонӣ ва амсоли онҳо аз асолати дин буда, эътиқод бар ғайри табиат ва вуҷуди биологӣ, яъне мовароуттабиӣ маҳсуб мешавад ва аз вижагиҳои ҷаҳони моддӣ хориҷ аст. Бинобар ин, бо тафаккур ва дидгоҳҳои ирфонӣ густариши ҳувияти фарҳангӣ дар худ мушкилӣ эҷод карда, инҳитот ва буҳрони ҳувиятҳоро тақвият мебахшад. Омили асосии

заъфи ҳувияти фарҳангӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф нуфузи бештар пайдо кардани ҷаҳонбинии динӣ бар тафаккури техникӣ ва таҳқиқоти илмӣ мебошад. Тибқи маълумоти Зигмунд Бауман, ҳини саршумории аҳолӣ дар Лаҳистон вақте ки аз мардум суол мекарданд, ки шумо кистед, онҳо дар посух мегуфтанд, ки аҳли фалон минтақаи кишвар мебошем ва ҳаргиз ба ҳайсияти миллии худ ишора намекарданд. Аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон зимни посух гуфтан ба суоли матраҳшуда намояндагии динии хешро изҳор мекунанд, ки далели эътимоди онҳо ба ислом беш аз фарҳанги миллист. Муҳаққиқи тоҷик Ҷамолиддин Саидзода чунин меандешад, ки ҳувияти миллии тоҷикон бинобар аз байн рафтани силсилаҳои ҳоким чун Сомониён, Тоҳириён, Саффориён хеле барвақт ва ҳазор сол муқаддам ба ҳувияти мазҳабӣ табдил ёфта, аҳамияти фарҳангии худро гум кардааст: “Лиҳозо, бо номи мусалмон мезистанд, аз гуфтани миллати озода ва деҳқон маҳрум шуда буданд, яъне дигар худро на деҳқон ва на озода гуфта наметавонистанд, зеро зердаст шуда буданд, танҳо бо ҳувияти мазҳабӣ мезистанд”[127]. Маҳз ҳамин омили буҳронии ҳувияти фарҳангиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон мушоҳида мекунем, чунки ғалабаи

[127] Саидзода Ҷ. Гар хусрави курт бар далерон назадӣ. Минбари халқ, 2021, №46 (1340).

андешаи раҳбонӣ ва вижагиҳои ирфони сомӣ, ки ҳақиқати ислом онҳоро мункир асту дар замонҳои мухталиф ғолибан аз масеҳият бар муслимин таҳмил ёфтааст, бузургтарин омили заифии ҳувиятҳост. Агар пояи асосии тақвияти ҳувиятро дар муҳити иҷтимоӣ баррасӣ кунем, пас каноргирии таҳмилӣ аз иҷтимоъ инсонро хоҳу нохоҳ ба дунёбадбинӣ меорад, чунки густариши ҳувиятҳо дар муҳити иҷтимоӣ анҷом мепазиранд ва гӯшагирӣ аз он оқибат эҳсоси дунёбадбиниро дар тафаккури инсон ҷойгузин хоҳад кард. Дунёбезорӣ бошад, бешубҳа, маҳвкунандаи ҳувиятҳост. Дар айни ҳол, дар ҷаҳони муосир гурӯҳҳое ҳастанд, ки аз вижагиҳои фарҳанги динӣ ба унвони гироиш ба асолати замони зуҳур ва паҳншавии дин истифода карда, рушди дунявии ҷомеаҳоро ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои худ номақбул медонанд. Бинобар ин, ин фирқаҳо дар муносибат бо фарҳанги миллӣ инзиворо ихтиёр карда, ҳар гуна ҷашну анъанаҳои аз дидгоҳи худ моил ба бединиро мункир мешаванд, вале ҳадафи асосӣ рад кардани навсозӣ ва навоварист, ки низоми давлатиро барои такмилёбӣ омода мекунад. Инзиво мафҳумест, ки ба раҳбонӣ дахолат дошта, навъе аз таҳияҳои сиёсист, ки афроди манфиатҷӯ бо роҳандозӣ шудани он ҳадафҳои муғризонаро пеш мегузоранд. Дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф тантанаи ҷаҳонбинии динӣ бар ҷаҳонбинии илмӣ ва дар асоси

бовариҳои динӣ ва эътиқод баррасӣ шудани ҳувият мушоҳида мешавад, ки омили асосии инҳитоти фикрӣ ва монеаи бузурге дар роҳи ташаккули ҳувияти фарҳангӣ мебошад. Аммо зимни табодули диндорӣ бо маромҳои сиёсӣ фақат таассуб мушоҳида шуда, оқибат таҳмилгирой ҷои таҳаммулпазириро танг менамояд ва барои ғалабаи таассуб бар ихтиёр заминаи мусоиде эҷод мекунад. Ин фикр дар фаъолияти ҳизбу созмонҳое, ки хусусияти иртиботӣ бо дин доранд, исбот шудааст, аммо ҳадаф аз сиёсисозии аҳкоми дин ҳануз дар нимаи дувуми садаи гузашта аксуламале алайҳи Шуравӣ буд ва алҳол ин назария бинобар татбиқшавии хеш дигаргунсозии низоми сиёсии давлатҳоест, ки аксар шаҳрвандонаш муслимин ҳастанд.

Масоили матраҳсозии ҳувияти фарҳангӣ аз замоне ба вуқуъ пайваст, ки фард фаҳмид, ки ӯ ба шинохти вижагиҳои ботинии худ ниёз дорад ва хештанро алайҳи ғайр қиёс намуд ва маҳз тафовутҳоеро зимни қиёс намуданҳо пайхас кард, ӯро водор намуданд, ки мавқеи худро дар иҷтимоъ муайян созад. Шояд муҳимтарин ва гиромитарин эҳсос худогоҳӣ буд, ки то кунун идома дорад ва маҳз ҳамин худогоҳӣ инсонро барои баррасии тафаккури эътиқодӣ водор сохт. Бинобар ин, аз ҳамон лаҳзае, ки инсон барои донистани асрори ботинии хеш иқдом кардааст,

бовариҳои динӣ низ эҷод шудаанд ва ҷомеаҳо дар бахши ҷудогонае мавсум ба дин аҳволи равонии хешро тамиз бахшиданд. Алҳол, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф соҳибихтиёрӣ рукни асосии татбиқсозии раванди муосирсозӣ маҳсуб мешавад. Лекин муосирсозиро аз раванди ҷаҳонишавӣ мутафовит донистаанд. Яке аз маъруфтарин намояндагони назарияи системаи ҷаҳонӣ Иммануил Валлерштейн бар ин назар аст, ки ҷаҳон дар давраи кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ, яъне аз ибтидои асрҳои XV—XVI бо ҷаҳонишавӣ оғоз кард. Сониян, ҷаҳонӣ шудан дар садаи гузашта аз Ғарб ба Амрико интиқол ёфта, муҳоҷирати васеъ яке аз рукнҳои асосии ҳамоҳангии фарҳангҳо гардид. Аммо дар замони муосир баъзан интиқоли суннатҳои дини насрониро мисли сияҳпӯшӣ ва инзиво бо дарназардошти раҳбоният дар ислом мушоҳида мекунем, ҳол он ки дар дини дувумӣ ранги сияҳ чандон мавриди пазириш қарор надоштааст. Дигар ин ки инзиво агар дар бархе аз маслакҳои тасаввуфи исломӣ мушоҳида шаванд, дар фирқаҳои дини исломӣ таблиғи раҳбоният ҳаром муаррифӣ шудаанд. Бинобар ин, омили фарҳангӣ дар ташаккули ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф вижагиҳои фавқулоддаи таҳмилгароии динӣ тавассути гибридкунонии фарҳангҳо ва тамаддунҳост. Гибридкунӣ, яъне дурагасозии фарҳангӣ дар сатҳи ҷамъиятҳо низ

имконпазир аст. Таърих намунаҳоеро аз ин раванд мешиносад, ки дар шароити иқомати тӯлонимуддат дар як муҳити фарҳангии хориҷӣ иттифоқ афтодааст. Зардуштиёни эронитабор маҷбур ба муҳоҷират ба сарзамини Ҳинд шуда, худро ҳамзамон эронӣ ва ҳиндӣ муаррифӣ мекарданд. Ё худ ҳиндиҳое, ки аз издивоҷи мухталиф бо британиҳо ба дунё меомаданд, худро шаҳрванди Ҳиндустон надониста, зимни муаррифии хеш вожаи инглиси ҳиндиро ба кор мебурданд. Бинобар ин, дар чаҳорчуби миқёси бесобиқаи ҷаҳонишавӣ дурагасозии фарҳангӣ издивоҷ ва иртиботи ақвоми наздикро тарҷеҳ медиҳанд, аммо тасаввури ин ки дар ниҳоят ҳамаи миллатҳои рӯйи Замин худро бо фарҳанги воҳид ва ҷаҳонӣ мушаххас бишносад, хеле душвор аст ва ҳануз барои истиқболи чунин андеша башар омода нест ва чунин пешбиниҳое ғайри қобили таваҷҷуҳ буда, танҳо дар тасаввур вуҷуд доранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ гурӯҳҳое ба майдони рақобати сиёсӣ ворид шуданд, ки муҳити маҳдуди эътиқодӣ доштанд ва тафовутҳои фарҳангиро дар ҳеҷ сурат қабул намекарданд. Фаъолияти сиёсии ин фирқаҳо фақат дар заминаи таассуби динӣ баррасӣ мегардид. Ҳамзамон, бинобар соҳиб шудан ба қудрат бо роҳҳои зӯроварӣ, онҳо натавонистанд давлатро идора кунанд ва пас аз фирори онҳо бар дӯши кишвар ҷанги шаҳрвандӣ таҳмил ёфт, ки

аксар таърихшиносон ин воқеаҳоро таҳмилӣ арзёбӣ намудаанд. Оқибати таассуб ва эҳсоси бадбинии хос нисбат ба динҳои дигар метавонад дахолати қудратҳои хориҷиро дар ин ё он кишвари рӯ ба инкишоф ба бор оварад. Аммо сарчашмаи таассуб ва тахрибкорӣ ҳувияти такмилёфтаи динӣ нест ва ҳар кӣ бо дин ошност, мутаассиб намешавад, лекин маслаки раҳбоният ба ислом ва муслимин тавассути масеҳият ворид гардида бошад, дар насроният ин падида аз куҷо интиқол ёфтааст? Ҳануз Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ андар "Маснавии маънавӣ" гӯшанишиниро падидае аз фарҳанги ақвоми сомӣ баррасӣ намуда, бинобар таассуб ба маслаки Исои масеҳ қавми яҳуд онро ба масеҳият ворид месозанд. Вақте ки кутуби динӣ таҳриф ёфт, пайравони адён бегуфтугӯ ба маслакҳое гироиш пайдо мекунанд, ки оқибат таассуб ва тахрибкорӣ зуҳур менамояд. Махлутшавии адён махсусан, ислом бо масеҳият дар тӯли таърих рух додааст. Бархе даъво пеш овардаанд, ки баъзе фирқаҳои тасаввуфи исломӣ бинобар пазируфтани раҳбоният (ин вожа ба маънии тарки дунё далолат мекунад) исломи масеҳишударо мемонанд. Воқеан, буданд маслакҳое, ки ҷиҳати сангсоршавӣ ва ба маломати дигарон дучор омаданро пешаи худ медонистанд ва дар ин қарина ҳатто абру метарошиданд (фирқаҳои маломатия ва

қаландария), аммо ҳақиқати тасаввуфи исломӣ ин даъворо мункир мебошад. Даъват ба тарки дунёро ҳеҷ дине истиқбол накардааст, аммо дар таърихи башар афроде машҳур гардиданд, ки хилватгузинӣ маслаки онҳо буд. Алҳол, навъҳои мухталифи дунёбезорӣ бо дарназардошти тамоили башарбадбинӣ дар татбиқи тахрибкорӣ мушоҳида мешавад, аммо худкӯшиҳои муслимин аслан дахлварзиҳои қудратҳоест, ки намехоҳанд дар замони буҳрони ҳувиятҳо нуфузи ислом дар ҷомеаҳои тавсияёфта назаррас гардад. Аммо печидагиҳои номафҳум дар аҳди постмодернизм, ки билкул анвои раҳбониятро инкор мекунад, ҷиҳати ҳамгироии фарҳангҳо ва тамаддунҳо бо дарназардошти аҳкоми эътиқодӣ осорхонаеро мемонад, ки он ҷо ҳамаи партовҳои маънавии тамаддуни Ғарб интиқол ёфтаанд. “Солиси салоса” ва маслаки руҳбонӣ агар аз зумраи бовариҳои динӣ бошад, пас интихоби гумоштаҳо аз ҷумлаи афроди диндори ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф аз хотири чист? Чаро бузургбародарҳо мутаваҷҷеҳи худ танҳо онҳоеро медонанд, ки ё эҷодкор ҳастанд, ё худ пажӯҳандаи улуми ҷомеашиносӣ, вале муосирсозӣ раванди дигаре маҳсуб мешавад, ки ҷиҳати татбиқи он дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф қудратҳои маҳаллӣ низ талош меварзанд. Барои исботи ин фикр Ҷумҳурии Тоҷикистонро мушоҳида хоҳем кард, ки дар даҳсолаи ахир дар ин кишвар рушди

тафаккури техникӣ ва болоравии сатҳи ҷаҳонбинии илмии шаҳрвандон беш аз дигар мушкилиҳо баррасӣ шуда, таваҷҷуҳ ба навовариҳои сатҳи ҷаҳонӣ афзудааст. Бинобар ин, омилҳои фарҳангие, ки дар густариши ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф сад мегузоранд, падидаҳое ҳастанд, ки аз хориҷ таҳмил мегарданд ва маводи таҳмилшавандаи хориҷӣ аз инҳо иборат мебошанд:

-Таблиғи раҳбоният бо дарназардошти дунёбезорӣ;

-Сиёсисозии адён ва гиравидан ба тахрибкорӣ;

-Вогузории идеяи "бародарбузургӣ" дар симои кишварҳое, ки тибқи дастури Амрико сиёсати хориҷии худро роҳандозӣ мекунанд ва барои кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин бузургбародар Туркия ва Эрон маҳсуб мешаванд;

-Татбиқи муқобилгузорӣ ва бо истифода аз он эҷод намудани моҷароҳои марзӣ.

Агар наздикшавии фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар асри ҳозир мушоҳида шавад, ҳамон андоза аксуламал дар байни миллатҳову давлатҳо ба назар мерасанд ва бешубҳа, муборизаи ошкору ниҳон дар ҳамаи самтҳои фарҳангиро мо мебинем ва дарк менамоем, ки ҳамоҳангии фарҳангӣ бештар дар коғазҳо ва ҳуҷҷатҳои гуногун маҳфуз мемонанд. Барои исботи ин фикр ба замони паҳншавии ислом рӯ меорем, ки навъи

“арабшавӣ” дар Осиёи Марказӣ мушоҳида мешавад. Султон Наврӯзов ин тамоили байнифарҳангиро мақбул намедонад, чунки раванди таҳмилёбии фарҳанги бегона агар дар гузашта иҷборӣ будааст, айни замон тамоили мазкур бо ниқоби бартарӣ доштани фарҳанг ва тамаддуни ғолиб дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф татбиқ мегардад: “Тоҷикон худ аз лиҳози пайдоиши этникӣ дигару аммо дар онҳо забону фарҳанг ва менталитети дигар ҳукумат мекунад, ҳатто пӯшишҳою дини онҳо, ки ғосибони араб бар онҳо таҳмил намудаанд, арабӣ мебошанд. Гӯё мо мавҷуди этникии мансуб ба дуфарҳангӣ ҳастем. Бинобар ин, муллоҳои камсавод мехоҳанд моро барои дар доми хеш гирифтор карданамон ҳамаи самтҳои ҳаётиро суиистифода карда, дину оин ва фарҳангу пӯшишҳои аҷнабиро барои тоҷикон тавсея менамоянд”[128]. Инсон новобаста аз синну сол такмил меёбад ё худ дар мукаммал гардидани ӯ лаҳзаҳои синну солӣ чун ҷавонӣ, айёми барпо намудани оила ва тадриҷан истиқлол ёфтан аз волидайн, давраи куҳансолӣ ва амсоли инҳо мавқеъ доранд. Ва аммо инсонҳо дар синну соли муайян ҳадафҳои муайянро думбол менамоянд ва чун як давраи таърихиро аз ҳаёти хеш гузаштанд, бинобар авзои нав ба вуҷуд омада дар назди худ мақсадҳои нав вогузор

[128] Наврузов С. Синдром деформированного сознания, - Душанбе: Санадвора, 2016.

мекунанд, ки ин тағйирхӯрӣ дар афкори инсонҳо аз такмил пазируфтани зеҳни онҳо гувоҳӣ медиҳад. Масалан, дар ҷавонӣ ба таваллуди чандин фарзанд мусоидат намуда, ин руйдодҳоро санаи таърихии зиндагӣ медонанд ва аз онон фараҳманд мегарданд, аммо пас аз ду даҳсола ҳангоми рафъи мушкилиҳо мутафаккир хоҳанд шуд, ки чаро дар ҷавонӣ ҷиҳати таваллуди мисл зиёдаравӣ намудем? Дар дигар ҷомеаҳо одати издивоҷ ва барпо намудани оила қариб аз байн рафта, роҳҳои нави таваллуди мисл бо дар назардошти пешравии илму техника ва болоравии сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон пайдо шудааст ва зану мард, ки бидуни никоҳ бо ҳам зиндагӣ менамоянд, пойбанди якдигар набуда, озодона умр ба сар мебаранд, вале онҳо низ бо гузашти вақт дар ясу навмедӣ ғутавар гардида, аз худ суол мекунанд, ки чаро ин корро карданду дигариро не? Вале суол ин ҷо матраҳ мешавад, ки чаро ҷои фарҳангу тамаддуни хеш аз ҷониби аҷнабӣ фақат мазҳабу ҳиҷобу ҷиҳод ва анъанаҳои муфлискунанда бар мо таҳмил меёбанд? Чун инсонояндабин нест ва қудрати танзим намудани умури хонаводаашро надорад ва пайваста бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад, ба машварати афроди бегона ниёз дошта, ба онҳо имкон ба вуҷуд меоварад, ки дар масоили хонаводагии ӯ дахл намоянд, яъне дахолат варзидан дар дохили оила аз хориҷ сарчашма

гирифта, ба василаи узви хонаводa татбиқ мегардад. Ҳиҷоби сияҳ дар ҷомеаи Тоҷикистон бори нахуст дар гирдиҳамоиҳои шаҳри Душанбе зуҳур карда, онро муридони афроде дар соли 1991 ба маърази тамошо гузошта буданд, ки тибқи нақша дар нимаи дувуми садаи гузашта Ҳизби исломии шӯравиро дар Қазон таъсис дода буданд, аммо аз лиҳози маънавӣ ва бо дар назардошти шиорҳо ин гирдиҳамоиҳо асолат надошта, нусхае аз Инқилоби исломии Эрон маҳсуб меёфтанд, ки он ҳам (ҳадаф инқилоби исломӣ аст) нақшаи таҳияшуда дар ҳуҷраҳои истихборотӣ аст ва сияҳпӯшӣ низ, ки бори аввал дар тазоҳуроти бонувони шомил ба Ҳизби ҳоло террористӣ эълонгардидаи исломӣ таблиғ гардид, аз зумраи аносири таҳмилӣ ва бардоштҳои номақбул аз «Васиятномаи сиёсӣ», ё худ «Паёмҳои бароат»-и Оятуллоҳ Хумайнӣ дониста мешавад, чунки маҳз ҳамин ду маводи таблиғӣ бидуни монеа ба сарзамини тоҷикон ворид шуда, бо дастури ҳокимон ва ҷонибдорони назарияи интиқолии «давлати исломӣ» дар майдонҳои пойтахт рақсидани муслимин дар авоили солҳои 90-уми садаи гузашта айни замон аз ҷониби сиёсатшиносони дохиливу хориҷӣ исбот шудааст. Аз ҷониби дигар, сияҳпӯшӣ хоси роҳибони тарсой ва роҳибаҳо буда, онҳо тибқи таҳрифоте, ки дар Инҷил пас аз марги Масеҳ ворид шудааст, амал

мекунанд ва гӯшагирӣ аз халқ ва чодарнишинӣ асоси ин таҳрифот буда, дар фаъолияти роҳибон инъикос ёфтааст. Вале тибқи аҳодиси саҳеҳ «Раҳбония дар ислом ҳаром аст», ё худ «Дунёро дашном накунед, ки он низ они худост», аммо роҳ ёфтани сияҳпӯшӣ ва раҳбоният аз насоро бар муслимини дунё аз ҳаводиси замони муосир нест, балки таърихи тулониро дорост. Ҳанӯз дар овони зиндагии муслимини садри ислом кӯшишҳои ворид намудани таҳриф дар Қуръон ва аҳодиси набавӣ ҷиҳати татбиқи «солиси салоса» (шакли ширк, ки тибқи он ба се мабдаъ қоиланд: аб, ибн ва руҳулқудс) ва тағйир ёфтани эътимоди мусалмонон ба мазҳабҳои таҳияшуда ба вуҷуд омаданд, ки дар замони муосир низ дар пӯшишҳои ҷадид ва дар шаклҳои такмилёфта аз хотири дар ғафлат нигаҳ доштани аҳли ислом бар онҳо таҳмил мегарданд. Бархурду бардошти дуҷониба байни исавиён ва мусалмонон дар сартосари таърихи тамаддуни исломӣ мушоҳида мешавад, аммо аз садаи нуздаҳум инҷониб кӯшиши аз саҳна хориҷ намудану бадном сохтани аҳли ислом бо дасти мусалмонон идома дорад ва беҳтарин намуна аз ин саҳнаи маҳвшавӣ бидуни таҳқиқ истиқбол намудани сияҳпӯшӣ ва ҳиҷобҳоест, ки аз ҷониби бегонагон бар мо интиқол шудааст. Боз агар дар дохили як кишвари мустақил аз интишоршавии расму оин ва пӯшишҳои таҳмилӣ ҷилавгирӣ шавад, ҳатман

ҷосусҳои хориҷӣ бо ниқоби муҳофизони ҳуқуқи башар бонги изтироб мезананд ва мегӯянд, ки дар фалон мамлакат ҳуқуқҳои мазҳабии шаҳрвандон пайваста поймол мегардад.

Рӯ бар бегонагон овардан ва ё бегонагирой махсуси ин ё он миллат нест, балки чун нақшаи таҳияшуда аз ҷониби бегонаест, ки мехоҳад ба сарчашмаи асрорҳои оилае роҳ ёбад. Эҳсоси дахл намудан, ки бо таассуб омехта аст, дар ниҳоди ҳамаи инсонҳо мавҷуд аст, аммо бархе аз афрод ин ҳасосиятро амалан татбиқ намуда, ба таври иҷборӣ нуфузи худро дар гардани ашхоси ғайр бор мекунанд. Муҳаммад Шакурии Бухорой, ки ба масоили ҳувияти фарҳангӣ ва ҷаҳонсозӣ таваҷҷуҳ намудааст, китобе бо унвони “Хуросон аст ин ҷо” таълиф намуда, омилҳои фарҳангии ҳувиятсозро баррасӣ мекунад, аммо чунонки аз номи рисола бармеояд, мусанниф ин ақидаро дунбол гирифтааст, ки сарзамини тоҷик ҷое таҳмилпазир ҷиҳати истиқбол аз партовҳои маънавии Ғарб нест ва намебошад. Мавсуф бобати масъалаи мазкур менигорад: “Омилҳои бумии анъании ҳувиятсоз бунёди миллии фарҳангро ба вуҷуд меоварад ва ягонагии фарҳангии миллатро таъмин мекунад. Садаи XX ба бунёди миллии фарҳанги халқҳо бисёр зарар овард ва акнун ҳавохоҳони ҷаҳонгарой онро боз сусттар карда, дар байни миллатҳои ҷаҳон якрангиро қувват додан мехоҳанд. Дар ин

маврид ҷаҳонгароӣ моҳиятан ғарбгароӣ хоҳад буд, ҳамрангии миллӣ заминаи ҳамрангӣ бо мардуми Ғарбро омода хоҳад кард. Назарияи адами фарҳанги ягона дар зимни худ мақсаде дорад, ки ҳисси миллӣ, ифтихори миллӣ, умуман, ҳувияти миллиро кам – кам нест карда, барои расидан ба якрангии ҷаҳонӣ, дурусттар ин ки барои расидан ба ҳамрангӣ бо мардуми Ғарб замина омода бисозанд”[129]. Дар ҳар ду ҳолат ин ҷо манофеи аҷнабӣ ошкор мешавад: аввалан, суйиистифода аз ислом ҷиҳати роҳандозӣ шудани ҳадафҳои геосиёсии араб чун гумоштаи қудрати ҷаҳонӣ ва сониян, иқдом аз ҷаҳонишавӣ бо пӯшишҳои такмили демократия, субот ва озодиҳои гуногуне дар ҳошияи шаҳрванди ҷаҳон хостани намояндагон ва миллатҳое, ки дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф иқомат мекунанд. Ба ибораи дигар, ҳамрангии фарҳангӣ тавассути татбиқ ва таҳмили фарҳанги ғолиб дар мисоли тамаддуни Ғарб навъи муосири ғасбкориҳоест, ки дар ҳар садсолае мушоҳида мекунем ва таърихи башар аз чунин иқдомҳо сарозер аст. Муосирсозӣ аз ҷаҳонишавӣ ва тамоили ғарбгароӣ мутафовит аст. Рушди тафаккури техникӣ он маъноро надорад, ки кишвари мо ба ҷомеаҳои тавсеаёфта монанд бошад. Онҳое, ки ҷаҳонишавиро шакли муосири тасарруфи ҷаҳон

---

[129] Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо, - Душанбе: Дониш, 2009, - с. 211.

пиндошта, гироиш ба Ғарбро чун Шакурӣ бохти фарҳанги миллӣ муаррифӣ кардаанд, боз ҳамон васоити ахбори коммуникатсиониро (фақат навъи форсии интернет) иблоғ карда, бузургбародарии Эронро дар шакли гироиш таъкид менамоянд. Пас гироиш ба Ғарб марги ҳувияти миллисту гироиш ба Эрон магар тақвияти он ҳувият аст? Воқеан, ҷаҳонишавӣ омили асосии буҳрони ҳувиятҳост, аммо ҳастии миллиро фақат худи миллат таъмин хоҳад кард ва ин андешаро болшевизм исбот мекунад, чунки дар аҳди Шуравӣ ҷиҳати рушди фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳе зоҳир намешуд ва тибқи ақидаи болшевизм на танҳо миллатҳову фарҳангҳо, балки қудратҳову нобаробариҳо аз байн мераванд. Ғарб ҳақ аст, вақте ки мегӯяд, ки фарҳанги ӯ бар соири тамаддунҳои дигар ғолиб омадааст, аммо пайравӣ ва гироиши фоҳиш аз ин тамаддуни ғолиб фармудаи Ғарб нест, балки инсонҳо бо таваҷҷуҳ бар фарҳангҳои гуногун майл пайдо мекунанд. Ҳатто аксар муосирин бо таваҷҷуҳ бар шароити зист ва сатҳи иқтисодӣ ба ҳиҷрат рӯ оварда, муддатҳо дар кишварҳои Ғарб кору фаъолият менамоянд, аммо фарҳанги бегонаро истиқбол накардаанд. Ҳеҷ миллате фарҳанги бегонаро напазируфтааст ва дар таърих низ пазируфтани фарҳанги бегона танҳо дар сурати ғасб намудани кишваре ва иҷборан шаҳрвандони онро водор кардаанд, ки фарҳанги

ғосибро пайравӣ кунанд. Аммо ҳамин бузургбародарӣ фарҳангфурӯшист ва фақат аҳли зиёи кишвар чи дар гузашта ва чи дар замони муосир ба таблиғи фарҳанги бегона пардохта, аз ин ҳисоб мавқеи иҷтимоии хешро беҳтар сохтаанд. Дар даҳсолаҳои аввали садаи XX фақат ҷавонбухориён, ки нусхаи ҷавонтуркон буданд, ҳадаф аз мавҷудияти хешро дар ин медиданд, ки аморати Бухоро дар ихтиёри Русия намонда, ҷузве аз аъзои Туркияи побанд ба қудрати британӣ бошад. Алҳол, тоифаеро аз зумраи он ҷавонгирой маорифпарвар гуфта, дунболи онҳо рафтаанд ва мехоҳанд бузургбародаре дар умури сиёсии кишвар дахолат дошта бошад. Магар аз ин бештар бегонагирой мешавад? Андешаи "бародари бузург", ки аксар уламои кишварро бар худ мутаваҷҷеҳ сохтааст, дар асл яке аз роҳҳои дар майл ба ғайр қарор додани ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф маҳсуб мешавад. Аҷобатро дар он мебинем, ки донишмандон дигар менависанд, аммо дар рузгор мухолиф бар гуфтаҳои хеш амал мекунанд. Ба ҳар навъе ин тамоил ҳақиқати талх аст, ки дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф мушоҳида мекунем ва бегона низ хеле хуб дарк кардааст, ки авомро агар дар майдонҳои даргирӣ истифода кунад, пас аҳли зиёро метавон ба гиравидан сӯйи ғайр равона кард. Бешубҳа, ин ҳақиқатро дар нигориши аксар афроди пажӯҳишгар мутолеа мекунем, ки дар ҳоли ночор мондани мусаннифро

ифшо месозад. Аз назари мо, ҳамаи навъҳои гироиш пайравиест, ки инсон ҷиҳати маҳви хеш рӯ бар ғайри худ меоварад. Ҷомеаҳои тавсияёфта дар замони муосир дар сурати асл (original) қарор дошта, ҳеҷ гироише бар ғайр накардаанд ва ҳар рӯз барояшон муосир аст, аммо дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф инсонҳо дар фикри анҷом додани рисолати гиравандагӣ ҳастанд ва рушди худро бидуни дахолати бегона тасаввур намекунанд. Агар маорифпарвариро гомҳои нахустини муосирсозӣ пиндорем, пас ягона мунаққиди ҷомеаи дар ғафлат қарордоштаи аморати Бухоро Аҳмади Носируддин аст, ки бо унвони Дониш машҳур асту рисолаҳое чун "Наводир-ул-вақоеъ" ва "Меёр-ут-тадайюн" ба мерос гузоштааст. Лекин ақоиди басе муфид ва раҳнамои ин шахсияти таърихӣ то кунун дар зеҳни тоҷикони муосир ҳамон гуфтаҳои фарангӣ ҷиҳати аз ток мева хӯрдани муслимин таъсир нагузоштааст. Ба вижа, дар илми муосир Аҳмади Дониш дар васати ду ҷаҳонбинӣ муаррифӣ мешавад, ки яке маорифпарварист ва дигаре ҷадидия маҳсуб меёбад, аммо мутафаккир чун ҷадидон ҷавонбухорӣ набуд ва дастпарвардаи макотиби такмилии хориҷ аз қаламрави Аморат намебошад. Гузашта аз ин, ҳамаи андешамандони Бухоро ва Самарқанд дар охирҳои садаи XIX ва аввалҳои асри XX ҷову беҷо пайравии хешро аз афкори Аҳмад махдуми

Бухорӣ иқрор шуда, нақши ӯро дар фазои маънавии ҳамонвақтаи Аморат хеле барҷаста муаррифӣ сохтаанд. Аммо ҳеҷ кадом аз онҳо бо Махдум қиёспазир нест ва танҳо Мароғаӣ бо асари машҳураш таҳти унвони “Сайёҳатномаи Иброҳимбек” ва Мавлоно Иқболи Лоҳурӣ бо таълифоти насриаш зери номгузории “Эҳёи фикри динӣ дар ислом” бо шоҳасари Аҳмади Дониш “Наводир-ул-вақоеъ” мавриди баррасӣ қарор бояд гирифт. Чунки дар нимаи дуввуми асри XIX дар як замон чандин рисолаҳои маорифпарварона иншо гардидааст, ки яке аз зумраи чунин рисолаҳои сиёсӣ асари маъруфтарини Аҳмад Махдуми Дониш бо номи “Наводир-ул-вақоеъ” маҳсуб мешавад. Нависандаи эронӣ Мароғаӣ низ дар рисолаи иншошудааш бо номи “Саёҳатномаи Иброҳимбек” муҳити тангу тор ва фисқу фуҷури Эрони онзамонро ба қалам оварда, дар зиндагии қаҳрамони асар ҳубби Ватанро таҷассум намудааст. Аз ҷумла, мусанниф менигорад, ки давлату миллат агар дар шакл аз ҳамдигар ҷудо ҳастанд, аммо дар маънӣ воҳиданд ва давлатдор касеро гӯянд, ки Ватан бо номи миллати ӯ муаррифӣ мешавад. Ҳамчунин, Аҳмади Дониш низ дар “Наводир-ул-вақоеъ” омили ҳастии башарро дар ободу хуррам сохтани дунё муаррифӣ намудааст: «Ва моро овардаанд то ҷаҳон обод дорем ва баҳрҳо ва конҳо бикшоем ва

аҷоиботи олами арконро зоҳир намоем. Ва моро аз лавозим аст, ки таҳқиқи миллали дунё кунем ва сара аз сақат фарқ бинмоем»[130]. Вагарна масоили баҳамоии фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар дар ҳар даврае аз давраҳои таърихӣ вуҷуд доштааст, аммо дар замони муосир бинобар такмилёбии технологияҳои рақамӣ масъалаи синтези фарҳангҳо васетар мушоҳида мешавад. Ба иборaи дигар, тавассути васоити ахбори коммуникатсионӣ, яъне интернет ва шабакаҳои иртиботӣ чун инстаграм, твиттер, фейсбук, вайфай ва чандин васоити васлкунанда бо фарҳангҳо ошноӣ пайдо карда, ҳатто тарзи хӯришсозии миллатҳоро меомӯзем ва дар мавриди фарҳанги либоспӯшии дилхоҳ миллате тавассути васоити иртиботӣ маълумот пайдо мекунем, лекин некро аз бад ва муфидро аз зарар фақат инсон бо дарназардошти сатҳи ҷаҳонбинии хеш маълум мекунад ва дигарон ӯро дар ҳалли масъала роҳнамоӣ карда наметавонанд. Ихтиёр доштан дар умур низ ба ҳамин маъност, ки шумо бидуни дахолати ғайр маводро барои истеъмол (хоҳ маънавӣ бошад ва хоҳ моддӣ) интихоб мекунед ва агар зарур донед, ба дӯстон барои маслиҳат муроҷиат мекунед. Дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф аҳвол дигар аст ва интихоб низ дастаҷамъист, лекин пояи асосии

[130] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби 2, - Душанбе: Дониш, 1989, - с. 153.

ҳаёти маънавӣ ба якдигар андарз гуфтан маҳсуб мешавад, хосатан, ин насиҳатҳо дар шакли назм баён шаванд, боз беҳтар аст. Барои мисол Шакуриро меорем, ки аз мо даъват мекунад то интернети форсиро мутолиа кунем.

Дар назарияи муосирсозӣ ду ҷиҳат қобили ташхис аст: либерολизм ва консервативизм. Тасаввури либеролии муосирсозӣ равиши мазкурро гузарише аз ҷомеаи суннатӣ ба мудерн, яъне навъи равиши "ғарбгироӣ" менигарист. Ба назари либеролҳо ҳамаи кишварҳо бар асоси мудели воҳид дар ҳоли тавсеа қарор доранд. Вижагиҳои асосии равиши мудернсозиро либеролҳо чунин пиндоштаанд: иқтисоди бозор, навовариҳои иттилоотии ҷадид, падидаҳои иртиботии тавсеаёфта, таҳрики иҷтимоӣ, касратгароӣ, ақлоният ва озодӣ. Ғарбиён зимни баррасиҳои илмӣ баъзан як иштибоҳро такрор карда, ҳамаи дастоварҳои илмии башариро ба қитъаи Аврупо интиқол медиҳанд, гӯё ғайри онҳо дар дигар ҷомеаҳо рушди илм набудааст. Академик А. Баҳоваддинов дар ин маврид нигоштааст: "Онҳо дар талошанд то тавсеаи кулли фарҳанги ҷаҳониро ба тавсеаи фарҳанги Аврупои Ғарбӣ нисбат диҳанд ва соири миллатҳоро канор бигзоранд"[131]. Он ҳангом Туркияи усмонӣ маркази муслимини дунё

[131] Баховаддинов А. Очерки по истории таджикской философии, - Душанбе: 1961, - с. 22.

пазируфта мешуд ва ҳанӯз интиқоли барҷомондагӣ аз ин кишвар бо ниқоби андешаҳои ҷавонтуркон мавсум ба ҷавонбухориён дар охири садаи нуздаҳум роҳандозӣ мешуд. Ин падидаро дар осор ва фаъолияти зеҳнии бархе аз мубаллиғини понисломизм чун Саид Ҷамолуддини Асадободӣ, Шайх Муҳамади Абдуҳ, Мавлоно Иқболи Лоҳурӣ ва Маҳмуди Тарзӣ мушоҳида мекунем. Масалан, Маҳмуди Тарзӣ бештар ба иблоғи урупогирой дар заминаи пантуркизм гом ниҳода, ҷиҳати рафъи нуфузи забони порсӣ дар мулки афғон ҷаҳд намудааст. Ба ибораи дигар интиқоли барҷомондагӣ аз сӯйи кишварҳои муқтадири Ғарб  аз таҷрибаи сиёсати кишваркушоии онҳо гувоҳӣ медиҳад ва он чунонки аз таърих ҳувайдост, мутаҷаддид нест. Фақат беҳад муосир гардидааст. Гузашта аз ин, интиқоли барҷомондагӣ муслиминро аз бузургтарин ганҷинаи зиндагӣ, ки амал ба шумор меравад, маҳрум кардааст.

Таъсиргузортарин омилҳои ҳувиятёбӣ дар ҷомеаи мудерн расонаҳои гуногун ва фановарии иттилоотӣ ҳастанд. Раванди муосирсозӣ дар замони Шуравӣ оғоз гардид ва алҳол дар давраи соҳибистиқлолӣ ин раванд идома меёбад, аммо муҳаққиқон сароғози онро аз даврони маорифпарварӣ дида, ин тамоилро дар осори Аҳмади Дониш ва муосиронаш ҷустуҷӯ

кардаанд. Сабаб чист, ки маорифпарвари тоҷик ғарбиёнро ва тавассути онҳо илмро ташвиқ менамояд? Чунки чунин мепиндорад, ки ягона роҳи рафъи чунин ҷомеаи мушкилзо бо низоми амирии сахт бехабар ва ғуттавар дар ҷаҳлу торикӣ фақат илми муосир аст. Бинобар ин, Ғарбро бо Шарқ муқоиса мекунад ва тавассути қиёс хонандаро водор мекунад, ки танҳо аҳкоми дин роҳи рушди давлат нест, аммо дар аморат аксар одамон чунин мепиндоштанд, ки инсон фақат барои ибодат халқ шудааст ва чунин андеша ғайри хурофот дигар чизе нест. Дониш аз набудани ҷаҳонбинии динии солим ва мусоид ба ислом дар аморат шиква карда, аз он дар хавотир буд, ки донишмандони исломии аморат ҳатто мавқеи дилхоҳ кишвареро дар харитаи сиёсии ҷаҳон намедонанд. Бинобар ин, ба қавли мутафаккир фақат мактабу мадраса кифоя нахоҳад буд, ки илмҳои дунявӣ тадрис шуда, иллатҳои мактабҳову мударрисони ҷоҳил ошкор гардад. Яъне бояд низоми муайяни фарҳанги дунявӣ таҳия шуда, андешаи хурофотӣ ва муаллақ ба осмонро аз байн бурд. Ҷоиз ба ёдоварист, ки дилхоҳ кишваре агар самтҳои дунявии фаъолиятро бозлорад ва фақат ба иқрор андешаи ғайридунявии рӯзи охират қаноат кунад, дер ё зуд ба коми нестӣ мерасад, чунки инкори ҷаҳонбинии дунявӣ инкори ҳастии хеш аст ва хоҳ-нохоҳ моро ба барҳамхурӣ мерасонад.

Эҳёи фикри миллӣ аз Дониш оғоз пазируфта, то кунун идома дорад, аммо ҳеҷ эҳёгаре чун Дониш истиқбол нагардида ва мисли ӯ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Чунки мавсуф фикри мутлақ монанд ба муллоҳои ҷоҳил надорад ва ҳамчунин дар вай ақидаи бозгирифташуда аз бегонагон чун соири маорифпарварон ба мушоҳида намерасад. Маҳз ин ду вижагии осор дар Аҳмади Дониш ӯро дар таҳияи сохти давлатдории ҷадид комёб намуда, водор сохтааст, ки яке дар паноҳи дигаре ва дигаре дар аксуламал бо аввалӣ тақвият ёфта, ҳаматарафа рушд кунанд. Иқдомҳои қудратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муосирсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ боз имкон фароҳам оварданд, ки анъанаҳои миллӣ ва ҳувияти фарҳангӣ эҳё гардида, худогоҳии миллӣ бар асоси бознигарӣ шудани таърих ва мероси хаттии мутааллиқ ба ниёкон таблиғ ёбад. Аммо бо ин ки мо бо такя ба пажӯҳишҳои ҷомеашиносони ватанӣ оғози раванди муосирсозиро аз маорифпарварӣ дониста, кунун ҷараёни мазкурро бо ибтикори қудрати маҳаллӣ арзёбӣ мекунем, пас суол пайдо мешавад, ки он замон авзоъ дар кадом сатҳ буд ва имрӯз аҳвол дар чӣ сатҳе қарор дорад? Ҳануз дар замони Шуравӣ масоили маорифпарвариро, ки зинаи аввали муосирсозии ҷомеаи шаҳрвандӣ муаррифӣ мешавад, теъдоди муайяни ҷомеашиносон пажӯҳиш карда, бештар ҷиҳати

таҳқиқи он ба осори Аҳмадмахдуми Дониш иктифо намудаанд. Файласуфи тоҷик Ғаффор Ашуров маънии аслии маорифпарвариро чунин шарҳ додааст: “Маорифпарварӣ ба таври куллӣ ба унвони падидае аз зиндагии иҷтимоӣ ва андеша дар манотиқ ва кишварҳои мухталиф вобаста ба шароити таърихӣ ба шаклҳои мухталиф ва дар замонҳои гуногун худро нишон медиҳад. Дар маҷмуъ, низомҳои кӯҳани омӯзишу парваришро интиқод мекунад. Аммо омӯзиши хусусияти дунявидошта, баробарӣ, озодӣ ва кароматӣ инсониро тарҷеҳ мекунад”[132]. Маҳз ҳамин кашиши маорифпарварон ба дунявисозии ҷомеаи шаҳрвандӣ аллакай гувоҳӣ медиҳад, ки амирону ҳокимон ҷиҳати бақо ёфтани қудрати дар ихтиёрдоштаашон аз ислом суйиистифода намуда, масоили муқобил гузоштани дунё ва охиратро асоси таълимоти исломӣ муаррифӣ менамуданд ва чунин баррасиҳои нодуруст, ки оқибат дунёбезориро ба бор овардааст, омили аслии пасрафти ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф мебошанд.

Ҷаҳон дар ҳоли ҳозир ба бuҳрони маънавӣ гирифтор омадааст. Ҳар шайъ, ки диданист ва эҳтиёҷ ба шинохтан надорад, чун ҷанбаҳои тиҷорат мавриди хариду фуруш қарор гирифта, дар зеҳни инсонҳо нисбат ба ҳамдигар эҳсоси

---

[132] Ашуров Г.А. Актуальные вопросы просветительства. – Известия АН РТ, 1995, №2 (14), - с. 49-60.

нобовариро эҷод менамояд. Кишварҳои мухталиф новобаста аз низоми сиёсиву иҷтимоии худ дар ин буҳрони маънавӣ гирифтор ҳастанд ва дахолат доштани якчанд давлатҳо дар умури дохилии давлатҳои боқимонда агар дар саросари таърихи башар ҳукумат доштааст, имрӯз низ бо дар назардошти ҳифзи манофеи геополитикӣ бо ниҳодҳои муосир идома меёбад. Аммо роҳҳои дифоъ аз манфиатҳо абарқудратҳоро аз ҳамаи мушкилиҳое, ки башар бо онҳо рӯ ба рӯ меояд, эмин намегузорад. Аввалан, таҳаввулот ғолибан ба ҷомеаи башар хос мебошад ва рушду тараққии колбуд маънои инкишофи узве аз онро надорад. Сониян, ҳама гуна пешрафт боз пасрафт маҳсуб мегардад ва пешравии як ниҳод омили пасравии ниҳоди дигар аст. Солисан, таҳаввулоти фикрӣ, сиёсиву иҷтимоӣ ва моливу иқтисодӣ мушкилиро аз байн нахоҳад бурд ва ҷомеа новобаста аз рушди гушношуниде боз дар уқёнуси мушкилӣ ғутавар мегардад. Аз ин хотир, интиқоли пасравӣ ва рукуд ва бозмондагӣ аз кишваре ба кишвари дигар бо ашколи гуногун аз қабили инқилобҳои вертуалӣ бо дар назардошти таҳия ва таҳмили маслакҳои муосири ҷаҳонӣ, ки аҳамияти умумибашариро дорост, агар натиҷаи муносиб ба бор оварад, низ ҷомеаи ҷаҳониро оқибат захролуд менамояд. Башар ба василаи таҳқиқҳои илми муайян аз гузаштаи дур воқиф гардида,

алъон иртиботи дирӯзу имрӯзро муайян менамояд. Ёдгориҳои илми муосир авомили рушду тараққӣ ва инҳитоти тамаддунро дар чӣ мебинанд? Оё инсон бо мурури замон аз лиҳози зеҳнӣ мукаммал мегардад ё худ инсонҳо чунонки ҳазорсолаҳо муқаддам тафаккур доштанд, имрӯз низ дар ҳамон сатҳ андешаронӣ хоҳанд кард? Магар таҳаввул айни замон инҳитот нест? Агар ба ҷомеаи муосир нигарем, чунин хулоса хоҳем кард, ки башар дар баробари рушд ва тараққӣ боз таназзул меёбад. Бемамониат тамаддуни мудерн таҳмил мешавад, яъне таҳриф аз хотири таҳмил аст ва дар айни замон барои иддае аз даъвогарон ҷиҳати таҳмили истротегияҳои навбунёдашон зарурати таҳриф ворид намудан дар матни қадимтарин осор ва мероси хаттӣ пайдо гардидааст. Бархурди тамаддунҳо бо дарназардошти мероси хаттии башарият аз оғози таърих то имрӯз идома дорад ва ин бархурд танҳо аз хотири ғолиб омадан дар набарди фарҳангӣ бақо ёфтааст. Таҳриф дар осор идомаи ҳамон таҳрифҳоест, ки дар кутуби илоҳӣ ворид намудаанд ва далели муътаммади ин ҳарфҳо равандҳоест, ки башарро аз найранги таҳиягарони фарҳанг ва тамаддуни ғолиб бар соири фарҳангу тамаддунҳои миллӣ воқиф сохтааст ва омили асосии нуфузи гӯшношуниде пайдо кардани постмодерн низ ифшо намудани асрорест, ки дигарон онро пинҳон медоранд ва

барои огоҳии башар монеаҳо эҷод менамоянд. Рисолати таърихии фарҳанг низ аз он иборат аст, ки инсонҳоро новобаста аз мансубияти милливу иҷтимоияшон аз ҳақиқати нуҳуфта воқиф намуда, онҳоро аз сатҳи ҷонвари гӯё ба сатҳи инсони бохабар аз таърихи тамаддуни ҷаҳон расонад. Аз ҳамин хотир,таҳқиқи осор ва афкори фарҳангӣ фақат ба тамаддуне хос нест, чунонки дигар тамаддунҳо низ ганҷи бебаҳои башарият аст ва ҳамаи инсонҳо ҳақи ошно шудан бо афкори ҷаҳониро дар баробар бо дигарон доранд, аммо риҷолдуздӣ ва фарҳанграбоӣ аз махсусиятҳои милали мукаммал маҳсуб намеёбад, балки ин хусусият танҳо хоси қавмҳоест, ки ба иллати надоштани фарҳанги миллӣ аз тамаддунҳои сатҳи ҷаҳонӣ пайравӣ мекунанд ва талош меварзанд, ки бархе аз нозукиҳои онро аз худ бинмоянд, агарчи бадавият алҳол аз лавҳи хотири фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳон зудуда нашудааст ва хирабинӣ низ дар ашколи гуногун дар замони мо баъзан ҳувайдо мегардад, чунки ҷанг рукни фарҳанг набуда, балки нобудкунандаи тамаддун аст. Миллали дунё дар ҳоли ҳозир ҷиҳати гузаштаи ниёкон ва чигунагии фарҳанги онон назари мухталиф доранд. Тоҷикон чун миллати мутамаддин дар тули беш аз ҳазор соли ахир ба ғайри худ эҳтиёҷ надоштаанд ва бинобар доштани тамаддуни мукаммал ғайри худро аз худ

надонистаанд, аммо бо гузашти айём дар аксар маврид мушоҳида мекунем, ки бегонагон бархе аз ниёи моро аз худ кардаанд. Ин амали дарюзамонанд дар таърихи тамаддуни башар риҷолдуздӣ ва фарҳанграбоӣ маҳсуб мешавад ва хоҳем нахоҳем ин дарюзагии таърихӣ муваққатӣ буда, дер давом намекунад.

# Боби II. Масъалаҳои ба ворисиятгирии хотираи фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 2.1. Фазои фарҳангӣ ва масъалаи синтезу баҳамоии фарҳангҳо дар ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон

Хотираи фарҳангӣ аз ҷониби афроди пажӯҳандае чун Морис Халбвакс, Ян Ассман, Пер Нора, Ричард Тердиман, Андреас Хюссен ва дигарон баррасӣ шуда, паҳлӯҳои гуногуни он чун бахши ҷамъиятӣ ва таърихии он таҳқиқ ёфтаанд. Истилоҳи "хотираи фарҳангӣ" аввалин бор тавассути муаррихи фарҳанги динии олмонӣ Ян Ассман истифода шудааст. Аммо фикри мавриди таваҷҷуҳро муаррих ва муаллифи консепсияи "макони хотира" Пер Нора нигоштааст. Ӯ дар ин маврид мегӯяд: "Чунин аз байн бурдани хотира таҳти таҳоҷуми таърих натоиҷи зерро дар бар мегирифт: шикастани як пайванди ҳувияти бисёр қадимӣ, поёни он чи мо ба унвони бадеҳият чун ҳувияти таърих ва хотира таҷриба кардем. Агар худи мо пажӯҳишро ҷиҳати ҳифзи хотираи худ идома медодем, дигар ниёзе надоштем маконҳои хосеро ба ӯ ихтисос диҳем. Хотира зиндагист ва ҳомиле, ки ҳамеша тавассути гурӯҳҳои иҷтимоии зинда бознамоӣ мешавад ва аз ин хотир, дар раванди такомул собит ва ҳифзи фаромӯшии боз асту аз тағйири шаклҳои пайдарпайи он огоҳ нест. Қодир ба давраҳои нуҳуфтаи тӯлонӣ ва

ногаҳонист. Эҳёи таърих ҳамеша як бозсозии мушкилсоз аст ва таърих бознамоие аз гузашта аст”[133]. Хотира ба унвони манбаи амиқи тахайюли башар дар асотири Юнони бостон таҳти унвони Мнемозина, яъне модари муз ва ҳомии илму ҳунар шинохта шудааст. Ин авомил нишондиҳандаи он аст, ки дар асли худ хотираи фарҳангӣ ба унвони иртиботе шоирона бо гузашта буда, ин иртибот ба дурустӣ ёдгирӣ нест ва шабеҳи тахаюлест, ки наздик бо ҳавзаи эҳсосот қарор дорад. Дар воқеъ, аҳвол ва авзои мушкили ҷустуҷӯ ва буҳрони ҳувиятҳо дар чаҳорчуби хотираи коллективӣ бо хатарҳои бисёре рӯ ба рӯст. Аз як тараф, ҷомеа дар ҳоли аз даст додани ҳувияти худ мебошад ва муваққатӣ ба вуҷуд меояд, ки хотираи дастҷамъӣ аз тариқи танзим густариш хоҳад ёфт. Аз нигоҳи файласуф Анри Бергсон хотира интиқоли гузашта ба имрӯз мебошад: “Ба назари ман, ҳеҷ эҳсос, тасаввур ё тамоиле вуҷуд надорад, ки дар ҳар лаҳза тағйир накунад. Биёед идроки басарии як шайъ ва ғайри мутаҳаррики хориҷиро истифода кунем. Ҳатто агар ҷисм бидуни тағйир боқӣ бимонад, агар аз ҳамон тараф ба он нигоҳ кунем, дар ҳамон зовия, дар ҳамон рӯз бо ин аҳвол бардошти ман дар ҳоли ҳозир мутафовит аст. Вале бардоштҳое, ки

[133] Нора П. Мест памяти, - СПб: 1999, - с. 45.

лаҳзае қабл доштам, дар хотираи ман бахше аз гузаштаро ба ҳоли ҳозир мунтақил мекунад”[134].

Кароматулло Олимов ҷиҳати пажӯҳиши “Гуфтугӯи фарҳангҳо” нигоҳи мусбат дошта, зимни иштирок дар хонишҳои илмии Лихачёвӣ, ки 13-14-уми майи соли 2010 дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардид, таҳқиқоте анҷом дода, диди амиқе бобати баррасии “фарҳанги ҷаҳонӣ” изҳор намудааст: “Лозим аст доманаи мафҳуми “фарҳанги ҷаҳонӣ” мушаххас шавад. Оё нишондиҳанда маҷмӯи фарҳангҳои мардуми ҷаҳон аст ё фарҳанги кишварҳои тавсеаёфта? Оё ин фарҳанг равобити байни давлатҳо ва ниҳодҳои ҷаҳонии фаромиллӣ аст, ки муҳтавои сиёсӣ доранду аз лиҳози мундариҷа бештар аз он маҳсуб мешаванд? Барои ҷилавгирӣ аз талаққии фарҳанги ҷаҳонӣ ба унвони аъҷубае (монстр), ки фарҳангҳои дигарро фуру хоҳад бурд, лозим аст усули ахлоқии тавсеаёфта тавассути талошҳои ҷаҳонии бештар ба унвони маъқулаи аслии ин фарҳанг таъин шавад”. Равандҳои мушобеҳ на танҳо дар фазои кушоди фарҳангӣ, балки дар меҳвари замон низ ба вуҷуд меояд. Махсусан, дар хотираи инсонҳо, бахусус дар хотираи таърихӣ бинобар ҷанбаҳои амиқ шаклгирии ҳувият ва ба унвони мисол зуҳури ҳувияти исломӣ бо дарназардошти азамати ислом дар футуҳот ва

[134] Бергсон А. Творческая эволюция, - М.: Эксмо, 2018, - с. 13.

пирӯзиҳояш дар аҳди муслимини садри ислом мушоҳида мешавад. Дар кӯтоҳмуддат дар зеҳни марди соҳибҳувият андешаи бозгашт ва барқарории аҳди расул Муҳаммад ибн Абдуллоҳ ва таҷдиди Хилофат дар кишварҳои мусалмоннишин пайдо шуда, хотираи таърихии ӯ эҳё мегардад, аммо инсони соҳибҳувият азбаски бо гузаштаи фарҳангӣ тавассути кутубу рисолаҳо ва минбарҳои таблиғи таърих ошност, хотираи фарҳангии ӯ бинобар ивазшавии макони худ лаҳзаҳоеро инъикос мекунад, ки ҳувияти ӯ маҳз дар заминаи ҳамон давраи таърихӣ густариш ёфтааст. Дар асл барқароршавии таърихи сипаришуда танҳо дар зеҳн имконпазир мебошад ва баргаштан ба замоне, ки аз нигоҳи соҳибҳувияте давраи гулгулшукуфӣ аст, амалан ғайриимкон буда, навъе аз беморист, ки гирифторӣ инсонро барои татбиқи замони гузашта дар имрӯз водор менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ айни замон кам нестанд афроде, ки эҳёи хилофати исломиро орзу мекунанд ва омодаанд дар ҳайати созмонҳои тахрибкор шомил шаванд. Масеҳият, яҳудият ва соири адён нуфузи худро дар муқобили ба ҷаҳонишавӣ афзоиш додаанд, яъне ғолибан инсонҳо зимни густариши ҳувиятшон тамоили диниро бештар пазируфтаанд, чунки ҳувияти фарҳангӣ аз тариқи ирҷоъ ба гузашта бинобар ҳувияти сохташуда равиши ҷадидеро ба оянда

тарвиҷ мекунад. Аммо натиҷаи паҳншавии ҳувияти сохташуда бо дарназардошти фазо ва вақти хотираи фарҳангӣ буҳрони ҳувиятҳоро мемонад. Раванди омӯзиш ва натоиҷи ҳосил аз синтези фарҳангӣ бо ду нуктаи муҳим мушаххас мешавад. Аввалан, фарҳанг аз нишонаҳое истифода мекунад, ки дорои муҳтавои хосе ҳастанд. Аммо маънии фарҳанги ҳар гуна шайъ ва падидаҳо гоҳе иртиботи чандоне бо нишонаҳо ва маънии хоси худ надорад. Сониян, ҳар ҳавзае аз зиндагии инсонро метавон ба унвони мисол зерсистеми фарҳанг дар назар гирифт, аммо синтези фарҳангӣ бозофаринии ваҳдати рӯҳи фарҳанг бо ҳифзи тафовут дар раванди шаклгирии ӯст. Синтез ба унвони асли фарҳанг, аввалан, мусталзими нуфузи мутақобили ҳунарҳо ва сониян, нуфузи мутақобили танҳо ҳунар аст. Баҳамоии фарҳангҳо дар мисоли асли яҳудӣ доштани ислому масеҳият ва нуфузи фарҳанги ориёиҳои аҳди бостон дар кеши мусалмонӣ дар замони асримиёнагии таърихи башар гувоҳӣ медиҳад, ки омезиши фарҳангҳо дар гузашта будааст ва алҳол дар замони муосир низ аз зумраи ҳақиқатҳоест, ки инкор нахоҳад шуд. Дар даврони постмодерн тавсеаи иқтисод ва илм мунҷар ба пайванди наздиктари халлоқияти ҳунарӣ ва зиндагӣ мешавад. Тамоили рад кардани фарҳанги ғолиб дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф аз вижагиҳои хоси фарҳангҳоест, ки

тӯли ҳазорсолаҳо такмил ёфтаанд. Масоили бозкушоии марзҳои фарҳангӣ барои созмон додани иттиҳод бо фарҳангҳои дигар ҷиҳати ҳифзи ҳувияти миллӣ мухолифанд ва домани муқовимат дар баробари иттиҳоди фарҳангҳо бисёр густурда аст. Барои ҳамгироии фарҳангҳои кишварҳои мухталиф дастовардҳои фалсафиву ҳунарӣ ва иктишофоти илмӣ низ нақш бозидаанд. Аз ҳамин хотир, баъзеҳо идеяи гуфтугӯи мардуме, ки намояндаи фарҳангҳои мухталиф ҳастанд, дар қиёс бо гуфтугӯи фарҳангҳо ва тамаддунҳо пешниҳод кардаанд, чунки омили иртиботи байни фарҳангҳо афроде мебошанд, ки дар замонҳои гуногун таърих сохтаанд. Ҳувият ба унвони роҳе барои баррасии суолҳое аз қабили "Ман кӣ ҳастам?" ва "Ман бо кӣ ҳастам?" ғолибан ба як асли тавзеҳи иҷтимоӣ ва таомули байни фарҳангӣ табдил мешавад. Бархурди тамаддунҳо дар тасодуми анъанаҳо ва раванди муосирсозӣ мушоҳида мешавад. Масъалаи таомули фарҳангҳо дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, зеро ин ё он посух ба он метавонад ба мабнои ҳалли масоили ҳамзистии афроди мутааллиқ ба фарҳангҳои мухталиф табдил шавад. Ҳифзи хотираи фарҳангӣ зимни густариши фазо барои дарки дастовардҳои гузашта ва имрӯз имкон фароҳам меорад, ки иртиботи фарҳангҳо сурат гиранд. Аммо инсони муосир дар муқобили афроди анъанавии

фарҳангҳо ҳеҷ гуна иртибот бо дарназардошти дилбохтагӣ ва макони фарҳангӣ – иҷтимоиро надорад, чунки рушди техник ва пешрафти номаҳдуди иқтисодии ҷомеаҳои тавсеаёфта ашхосро аз ҳадафҳову дастовардҳои камназир маҳрум сохта, лаёқати эҷоди чизе ҷадидро дар ниҳодҳояшон барҳам додааст. Инсони замони постмодерн торафт асолати аслии хешро бохта, ба нусхаофаринӣ машғул мегардад, ки ин омил дар натиҷаи ғалабаи фарҳанги ом ҳаматарафа рушд кардааст. Карл Ясперс ва Жак Бодриёр, ки дар таълифи рисолаи "Ҷамъияти арвоҳ" ҳаммуаллифанд, рушди техникии замони муосирро сабаби пайдо шудани мушкилиҳои пайҳам донистаанд: "Техник дунёи мукаммалро эҷод нахоҳад кард, аммо дар ҳар марҳала мушкилоти ҷадиде дар ҷаҳон бунёд менамояд ва дар натиҷа, вазифаҳои ҷадид – фановарӣ на танҳо ба далели нуқси он боиси афзоиши ранҷ мешавад. Ӯ бояд ноқис бимонад ё нобуд шавад. Таваққуф барои ӯ ҳамеша анҷоми ҳастӣ маҳсуб мешавад"[135]. Гузашта аз ин, муаллифони асари мазкур ҳақиқати инсони муосирро дар ҷомеаҳои тавсияёфта таҳқиқ намуда, сабабҳои майл пайдо накардани инсонҳоро ба издивоҷ ва барпо намудани оила дар ин дидаанд, ки вуҷуд доштани хонавода ниёзи инсонро ба манзили истиқоматӣ, ҳамбастагӣ, шеваи зиндагӣ ва эҳтироми хос

[135] Ясперс К., Бадрияр Ж. Призрак толпы, - М.: Алгоритм, 2007, - с. 51.

талаб мекунад. Бинобар ин, ҳеҷ касе тасмим гирифтааст, ки оё баъди издивоҷ мехоҳад инсон бимонад ё на? Албатта, посухи аксар муосирин қонекунанда нест, яъне онҳо ҷиҳати гурез аз мушкилӣ аз барпо кардани оила сарпечӣ мекунанд. Яке аз аносири рафъи мушкил дар фаъолияти инсони муосир интеллекти маснӯӣ мебошад, аммо бинобар каноргирии инсон аз фаъолият рушди технологияҳо ва тафаккури техникии башар ин мавҷуди маънавӣ тадриҷан аз лиҳози маънавӣ мемирад. Шояд бештар рӯоварии башар дар замони муосир ба дунявият моро ба чунин хулоса овардааст, лекин дар саросари таърихи худ инсон ғолибан ғайримаънавӣ буданд ва ҳамон интеллектҳои маснӯиро мемонданд, ки айни замон дастурро беҳтар аз инсон иҷро мекунад. Хабермас дар китобе таҳти унвони "Фановарӣ ва илм чун "идеология"" бо дарназардошти низоми тафовутии инсон ва техникаро чунин шарҳ додааст: "Дар маънии ин ки оё мо аз навъи чаҳорчуби кибернетикӣ барои таҳлил истифода кунем ё накунем, тафовуте вуҷуд надорад, агар низоми иҷтимоиро мутобиқ ба ин мудел ба унвони системи "инсон-мошин" созмондиҳӣ кунем"[136]. Ба қавли муҳаққиқ, то поёни қарни XIX вобастагии илм аз фановарии муосир

[136] Хабермас Ю. Техника и наука как «идеология», - М.: Параксис, 2007, - с. 90.

мушоҳида нашудааст, яъне алҳол илм ва фановарӣ ба ҳамдигар побанд ҳастанд ва бидуни техника илми муосирро тасаввур кардан нашояд: "Дар ин росто, илми муосир тобеияти хос бар хилофи улуми фалсафии қадимӣ касб мекунад. Улуми таҷрибӣ аз замони Галилей дар ҳоли тавсеа будааст ва бинобар ин, улуми ҷадид бо таваҷҷуҳ ба худ дониш тавлид мекунанд, аммо адами вобастагии мутақобили илму техник то поёни қарни XIX вуҷуд надоштааст"[137]. Мусаннифи китоб ақидае пешниҳод мекунад, ки тибқи он аз қудрати идеологияи ҷадид, яъне печидагии илм бо фановарӣ вуҷуди фарҳангии ҷомеа осеб мебинад ва қабл аз ҳама ба забон дар муҳити иҷтимоӣ зиён мерасад: "Дар ин миён идеологияи нав ҷиҳати алоқаи муртабит бо ҳар ду шароити асосии вуҷуди фарҳангии мо – алоқа ба забон, дақиқтар ба иртибот дар ҳолати оддии шакли забони иҷтимоӣ ва фардият осеб мерасад"[138].

Дар ҷаҳон ҳануз аз давраҳои бостон Ғарбу Шарқ алайҳи якдигар қарор доштанд ва ҳатто бозгашти Ғарб ба Шарқ имрӯз низ гоҳ-гоҳе аз ҷониби ҷомеашиносони фарангӣ масъалагузорӣ мешаванд. Дар натиҷаи ин ҷудоӣ арзишҳои

---

[137] Хабермас Ю. Техника и наука как «идеология», - М.: Параксис, 2007, - с. 79.

[138] Ҳамон ҷо, с. 101.

фарҳанги ҷадиде эҷод шуд, ки ба ҷойгоҳи вижаи ақл, озодӣ ва шахсият ҳамроҳ буд. Карл Ясперс ҷиҳати бозгардидани дубораи Ғарб чунин андешаро пешниҳод мекунад: “Аврупо қитъаи бостонӣ аст, ки аз раҳми модаре чун Осиё ҷудо шудааст. Оё метавон фарз кард, ки Аврупо бо шикасти дубора ба Осиё бозгардад?”[139]. Дар асрҳои XIX ва XX буҳрони фарҳанги аврупоӣ масъалаи ҳамоҳангии Шарқу Ғарбро муҷададан матраҳ намуд. Ин навбат мо таҳти таъсири дидгоҳи Хабермас хоҳем буд, ки худ иҷозаи тафсири густурдае аз ин мафҳум мебошад: “Иштибоҳ хоҳем кард, агар ҷаҳоншиносии Замони навро бо аҳди муосир як маром истиқбол кунем” [102]. Ясперс ин суолро ба шарҳи зер матраҳ мекунад: “Чи чизе дар Шарқ ёфт мешавад, ки битвонад камбудиҳои Ғарб ва он чиро, ки аз даст додааст, ҷуброн кунад?”[140]. Аз назари мо, тафовути байни Шарқу Ғарб на танҳо дар сатҳи ҷаҳонбинӣ ва рушди донишҳои техникӣ, балки дар мавқеъ ва мартабаи инсонҳо ҷиҳати баҳогузориҳои ахлоқӣ, фаҳмишҳои динию ирфонӣ ва тафовути фоҳиш дар фарҳангҳоест, ки ҳар ду ҷониб дар тӯли ҳазорсолаҳо офаридаанд. Кароматулло Олимов

---

[139] Ясперс К., Бадрияр Ж. Призрак толпы, - М.: Алгоритм, 2007, - с. 91.

[140] Ясперс К., Бадрияр Ж. Призрак толпы, - М.: Алгоритм, 2007, - с. 90.

низ дар як мақолаашон таҳти унвони “Давлатҳои миллӣ ва ниҳодҳои ҷаҳонӣ: таамул дар роҳҳои шаклгирии фарҳанги ҷаҳонӣ”, ки соли 2010 дар китоби ыудогона интишор ёфтааст, чунин менависанд: “Ҷиддитарин таззодҳо, ки байни ҷаҳонбинӣ ва идеология шомил мебошанд, динӣ ва дунявӣ ҳастанд. Ба таври мутаноқиз дар шароити ҷаҳонишавӣ дин гоҳе ба унвони механизме барои ҳифозат аз фарҳанги миллӣ амал мекунад ва ин муддат омили ташкили ҳувияти миллӣ хоҳанд буд.

Аммо Шарқ аз нигоҳи шарқиён ба таври мухталиф баррасӣ шудааст. Асари Фитрат таҳти унвони “Мунозира”, ки соли 1909 интишор гардид, дар асоси як мунозираи кӯтоҳ аз “Наводир-ул-вақоеъ” бармеояд. Аз ҷониби дигар, ин асар дар баҳси сайёҳи бухорӣ бо як нафар фарангӣ мунозираи рушду тараққӣ бо зулму торикист ва як намуд таҳмил намудани зисту фаъолият ва андешаронии Ғарб ба Шарқ маҳсуб мешавад. Тибқи ақидаи Аҳмади Носируддин дар “Наводир-ул-вақоеъ” Шарқ мебоист бидуни пайравӣ аз Ғарб рушду тараққӣ кунад, аммо Фитрат дар “Мунозира”-аш таҳавулоти Бухороро бидуни таҳмили андешаронии аврупоӣ ғайриимкон меҳисобад. Агар Аҳмади Дониш дар китоби дигари хеш ба унвони “Мейёр-ут-тадайюн” мазҳабгароиро омили асосии барҷомондагӣ ва паркандагии

муслимини Бухоро донистааст, пас Абдурауфи Фитрат дар “Мунозира” баҳси шиаву суннатро ба асри худ ғайри қобили қабул дониста, пешравии ҷомеаи Бухороро дар пайравӣ аз озодандешии Туркияи усмонӣ мебинад ва ҳатто гумон ҳам надорад, ки мамлакати зикршуда танҳо нусхаи кишварҳои Урупост ва урупоиҳо ба василаи туркҳои усмонӣ ақидаи хешро ба кишварҳо интишор менамоянд. Агар Аҳмади Дониш дар васфи Русияи подшоҳӣ фақат ба тавсиф  қаноат кунад, Фитрат бо роҳи таблиғ низоми сиёсии урупоиро бар ҷомеаи Бухоро таҳмил менамояд. Айнӣ махсусан дар «Таърихи Инқилоби фикрӣ дар Бухоро» низоми подшоҳиро мавриди интиқоди шадид қарор додааст, аммо ӯ низ дар китоби мазкур макотиби усули ҷадид ва чӣ гуна бо кумаки тоторҳои Қрим бори нахуст кушода шудани инчунин мактабҳо дар Бухорову Самарқанд маълумот додааст, вале Айнӣ сабабҳои дар Бухорову Самарқанд ба фаъолияти эмиссарӣ пардохтани муллоҳои тоторро таҳқиқ накардааст. Ӯ низ аз ашхоси мубориз ва ҷонибдорони мактабҳои усули нав буд, фикр мекард, ки муллоҳои тотор низ мисли дигар муслимини аз лиҳози маънавӣ пешрафта нисбат ба ҷомеаи Бухоро хайрхоҳ ҳастанд. Маҳз ҳамин тарбияи нодуруст дар рӯҳияи эътимод ба афроди диндор тоҷиконро дар аксар маврид тобеи андешаҳои аҷнабӣ намудааст, дар ҳоле ки

домулло Айнӣ ба одамони диндор илтифоти барҷаста доштааст.

Замони пайдоиши ҷавонбухориён аз он шаҳодат медиҳад, ки дар миёни тоҷикон бо далели интишори ақоиди понисломистӣ густариши тафаккури миллӣ ба назар намерасад ва ҳатто чунин ашхоси сиёсатмадор ва донишманд чун Мирзо Сироҷи Ҳаким дар баёни ақидаҳои худ тамоюлоти динӣ доштаанд. Аммо таҷрибаи таърихии тоҷикон далели муътамад аст, ки тарзи тафаккури динӣ ва панисломистӣ барои тоҷикон оқибат бо ғалабаи пантуркизм анҷом пазируфтааст. Маҳз ҳамин эътимод ба ақидаҳои динӣ сабаб гардид, ки тоҷикон дар тақсимоти милливу марзӣ бо дахолати худи тоҷикҳо аз давлатдории миллӣ маҳрум гашта, дар сарзамини хеш аз бегонагон тобеъ гардиданд, чунки инкор намудани тоҷик ва таъсиси давлати воҳиди Туркистон минбаъд гӯё имкон ба вуҷуд меовард, ки муслимини Осиёи Миёна аз тобеияти болшевикҳо озод гардида, давлати ягонаи исломиро дар масоҳати бузургтар ташкил намоянд. Иқрори бархе аз ходимони бонуфузи давлатӣ мисли Абдуқодир Муҳиддинов, Файзулло Хоҷаев, Аббос Алиев ва амсолашон аз ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳанд. Дар охири садаи бистум низ маҳз бо ғалабаи андешаи динӣ бар ақидаи миллӣ дар тоҷикон қудрати сиёсӣ ба дасти чандин муллоҳои аз

сиёсат бехабар уфтод ва хатари аз байн рафтани давлати миллӣ ба вуҷуд омад, ки онро бо талошҳои камназир фарзандони садоқатпешаи тоҷик чун Нусратулло Махдум, Шириншо Шоҳтемур ва ғайра барқарор сохта буданд.

Ҳар миллате аз бурду бохти таҷрибаи таърихӣ омӯхта, ояндаи хешро пешбинӣ менамояд, аммо барои тоҷикон ибратомӯз он аст, ки дар таърихи начандон дур онҳо пайваста бо як иштибоҳ зарбаи марговар ба пайкари худ мезананд. Тақсимоти милливу марзии соли 1924 ҳамин гуна зарбаи ҳалокатбор буд ва ҳеҷ душмане бовар надошт, ки тоҷикон пас аз хӯрдани чунин зарбаи марговар боз бар по мехезанд. Ҳаракати босмачигарӣ низ дар асоси тафаккури динии заифгардида берун аз марзи Тоҷикистон таҳмил гардида буд ва бо ғалабаи аксулинқилобиюн Тоҷикистон ба тобеияти Бритониё меафтид. Сабаб чист, ки тоҷикон бештар аз меъёр ба тарзи тафаккури динӣ мувоҷеҳ мебошанд? Чунки ҳамаи таълимоти интиқолгардида дар пӯшиши дин ба тоҷикон таҳмил мешавад ва тағйир хӯрдани низоми сиёсиро бо ширкати тоҷик пешбинӣ мекунанд. Алъон ҷудогона тадрис ёфтани таърихи сиёсӣ новобаста аз давраҳои таърихӣ ба маънии як қадам ба пеш мебошад, вале ин таърихи сиёсӣ низ мисли таърихи пешин дар пояи андешаронииҳои ховаршиносони аҳди Шуравӣ

бунёд ёфта бошад, пас аз эҳёи илм ва мустақилияти он аз баҳогузориҳои ховаршиносони хориҷӣ чӣ суд бардоштан имкон дорад! Имрӯз ҳар як тоҷики Тоҷикистон ба худ суол медиҳад, ки чаро таблиғкунандагони макотиби усули ҷадид дар Самарқанду Бухоро дар нимаи дуввуми садаи нуздаҳум ғолибан тоторҳои Қрим будаанд? Чаро аксар сарварони наҳзатҳои зиддиинқилобӣ ва ба истилоҳ босмачигарӣ ғайритоҷик буданду аз хориҷи мамлакат кумак мегирифтанд? Чаро дар тақсимоти милливу марзии соли 1924 онҳое, ки ҳастии тоҷикро мункир шуда, онро чун миллати воҳид қабул надоштанд, чандеашон худ тоҷик буданд, нахостанд Тоҷикистон Ҷумҳурии мустақил шавад? Чаро аксар сенариянависони гирдиҳамоиҳои солҳои 90-уми садаи гузашта тоҷик набуданд? Чаро шиорҳои Анҷумани Ҳизби наҳзати исломӣ дар соли 1992 ғайри тоҷикӣ буд? Шояд онҳо барои интишори ин ақидаи бардурӯғ аз қудратҳои ҷаҳонӣ дастур гирифта буданд?

Омилҳои дар инҳисор қарор доштани тоҷикон инҳоянд:

- рондани онҳо сӯи кӯҳистон тибқи тақсимоти марзии аз мафҳуми миллӣ фарсаххо дур дар соли таърихии 1924 солшумории масеҳӣ;

- маҳрум сохтани эшон аз марказҳои тамаддуне чун Самарқанд, Бухоро, Чоч, Балх, ки аҷдоди онҳо офаридаанд;

- муғултабор будани акноф ва ба гурӯҳи забонҳои олтоӣ шомилшавии забонҳои ҳамсоягони онҳо;

- таноқузи масоили марбут ба об ва барпошавии низоҳои обӣ дар минтақа;

- дуализми эътиқод бинобар саркуб ва бадном шудани бовариҳои динии онҳо пас аз зуҳур ва паҳншавии ислом;

- сайри маънавии аҷнабӣ дар густариши ҳувияти миллии онҳо;

- ба розҷӯии динӣ (фанатизм) гирифтор будани 90 дар 100 тоҷикони муосир ва бехабарии эшон аз ҳашмати тамаддуни ориёӣ;

- ба кӯҳистониву вилоятӣ ҷудо кардани тоҷикон ва барпо намудани ҳубби маҳал дар сиришти онҳо.

Яке аз омилҳои асосии тақвият ёфтани ҳувияти фарҳангии миллатҳо забони онҳост ва ҳануз дар аҳди Шуравӣ забонҳои миллату халқиятҳои воридбуда дар давлати Шуроҳо авзоъ ва аҳволи нигаронкунандаеро аз сар мегузарониданд. Бинобар татбиқи сиёсати бозсозӣ бештари забонҳои миллӣ мақоми давлатӣ гирифтанд ва барои додани унвони давлатӣ ба забони тоҷикӣ даргириҳои ҳам маънавӣ ва ҳам ҷисмонӣ ба вуқуъ пайвастанд. Дар воқеъ, забони миллат дар ҳифзи ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф нақши муассиреро мебозад, чунки забони коргузории

давлатӣ кадоме бошад, соҳибзабон новобаста аз дигар вижагиҳои фарҳангӣ соҳибмартаба буда, дар таҳияи сиёсат ва равобити байнидавлатӣ пешгом маҳсуб мешавад. Намебинед, ки таҳоҷуми хабарӣ аз хориҷи мамлакат ҷиҳати дигаргун матраҳ сохтани масоили марбут ба забоншиносии миллӣ, пеш аз ҳама форсӣ пиндоштани забони тоҷикӣ ва баъдан инкор кардани миллияти тоҷик бо дарназардошти ин ақидаи таҳмилӣ, ки тоҷик арабзодае буд, ки бинобар гум кардани забони худ порсиро қабул доштааст, дигарбора тоҷиконро аз қудрати сиёсӣ дар Меҳани хеш маҳрум созанд ва амсолашон, лекин ин сенарияи солҳои бистуми садаи гузашта кӯҳна шудааст ва татбиқ намудани он душвор, агарчи ҷавонбухориён ва дигар тоифаи зархарид чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷ аз Меҳан мутааддид ҳастанд. Бинобар ин, аносири дигари фарҳанги миллиро бояд ҷустуҷӯ кард, ки таърих мебошад ва барои роҳандозӣ шудани ҳадафҳои геосиёсии қудратҳои ҷаҳонӣ таърихро бояд таҳриф намуд. Чунин ба назар мерасад, ки тамоили мазкур мисли забон ва соири аносири фарҳангӣ дар фазои кушоди муосирият ҳамон масъалаи синтез ва баҳамоии фарҳангҳост, аммо эътирофи густариши ғояи синтез, дастовардҳои илмии Ғарб дар соҳаи гуногун бо арзишҳои маънавии Шарқ, мусоидат ба эҳёи миллӣ, ки ба рушди босуръат нигаронида шудааст, ин ҷо бо

ҳам бархурд мекунанд. Фарҳангшиноси тоҷик Саъдулло Раҳимов ҷиҳати пайдоиш ва тақвияти чунин бархурд дар миёни Шарқу Ғарб таваққуф намуда, оқибат чунин хулосаро воҷиб дидааст: “Бо таваҷҷуҳ ба ин ки Ғарб чӣ гуна осори Мавлоноро муштоқона мутолеа мекунад, шумо меандешед: дақиқан, Шарқ дар кадом самт ақиб мондааст? Дар тараққии моддӣ. Рушди моддӣ ва иҷтимоӣ бо тафаккури амалгароёна ҳамроҳ аст. Аммо оё чунин тафаккуре ҳамеша мунҷар ба рушди арзишҳои инсонӣ мешавад? Чаро дар Ғарб буҳрони рӯҳ вуҷуд дорад? Фард дар як калоншаҳри чандмиллионӣ зиндагӣ мекунад, ки дар он фановарӣ ва хидмат дар авҷи худ ҳастанд, аммо аз танҳоӣ, аз адами таваҷҷуҳ ба мушкилоти рӯҳии худ ранҷ мебарад? Дар Ғарб ҳамроҳ бо тавсеаи фановарӣ, илм, ақлгароӣ, иктишофи кайҳонӣ боз инҳирофи меъёрҳо мушоҳида мешаванд”[141]. Ҷаҳонишавӣ падидаи нав нест, решаҳои равандҳои ҷаҳонишавӣ ба таърих бармегарданд, вале асолати маҳвкунандаи ҷаҳонишавӣ падидаи поёни садаи XX аст. Бозорҳои ҷаҳонишавӣ, технологияҳои ҷаҳонӣ, ғояҳо ва ҳамбастагии ҷаҳонӣ мардуми тамоми кишварҳоро мутаваҷҷеҳи худ сохтааст, аммо ҷаҳонгароӣ, ё худ ҷаҳонсозӣ мушкилиҳои ҷадиде аз қабили ҳифзи муҳити зист, устувории

[141] Рахимов С. Актуальные проблемы таджикской культуры, - Душанбе: Адиб, 1989, - с. 90.

муносибатҳои байналмилалӣ, тезутунд шудани низоъҳои фарҳангӣ ва идеологӣ, тезутунд шудани таҳдид ба амнияти башариро (нашъамандӣ, терроризм, низоъҳои байни миллатҳо ва ғайра) ҳал карда натавонист. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф кайҳо боз ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид шуда, бо бархе аз вижагиҳои мусбати сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Аммо сатҳи тафаккур ва пояи андешаи аксар муосирин ҷустуҷӯ дунболи манофеъ ва қабул доштани мусбат ва инкори манфӣ аст, яъне агар шайъ паҳлӯҳои мусбату манфиро дорост ва тибқи қонуни инкишоф якеро тариқи муқобил шинохтан муяссар мешавад, масалан, некӣ дар бадӣ нуҳуфтааст ва баръакс, лекин афроди муосир бо мо некиро аз бадӣ ҷудо карда, робитаи байни онҳоро қатл менамоянд ва хулосаи ин гуна тафаккур ин аст, ки мусбат аз манфӣ ҷудост, дар ҳоле ки Нитше некиро ҳомили бадӣ гуфтааст ва Муҳаммад ибн Абдуллоҳ қабл аз ӯ дар ҳадисе ин нуктаро тазаккур додааст: "Некии бемаврид зулм аст". Ба ибораи дигар, агар мусбату манфӣ аз якдигар ҷудо бошанд, пас некӣ агар бемаврид ҳам бошад, дар ҳеҷ сурат зулм нест, чунки инсон дар аксар мавридҳо мавҷуди мункиркунандаи худист, вагарна зарурати истиқбол аз ақидаи ғайр боқӣ намемонд. Ба ин монанд раванди ҷаҳонишавист, ки дар баробари вижагиҳои

мусбат боз хусусиёти манфиро низ шомил мебошад ва фақат инсон медонад кадом паҳлӯи онро истиқбол намояд ва кадом самти онро канор бигзорад. Илова бар ин, омилҳои эҷодшуда тавассути таҳия ва татбиқи сохторҳои таблиғӣ инсонҳоро дар ҳоли ҳасосият гузошта, ба онҳо гиравидан ба зуҳуроти муосирро раҳнамоӣ мекунанд, ки оқибат пайравиро дар фаъолияти бештари шаҳрвандон мушоҳида мекунем. Ин ки омма бо пайравӣ аз дигарон маъруф шудааст ва яке аз вижагиҳои фарҳангии мардумӣ низ иборат аз ин аст, ки аксарияти мардум ба худии худ вуҷуд надоранд, бинобар ин, онҳо дунболи касе ҳастанд, ки ӯ дар навбати худ метавонад гумоштаи қудрате бошад ва мехоҳад тавассути ӯ ҳадафҳоеро пайгирӣ кунад, ки бар манофеи миллӣ муқобил буда, низоъ ва даргириҳоро дар минтақа роҳандозӣ намояд. Алии Шариатӣ се навъи ҷомеаро таъкид мекунад: 1. Ҷомеаи бадавии нимаваҳшӣ, 2. Ҷомеаи таърихӣ, 3. Ҷомеаи мудерн. Ба қавли Шариатӣ, навъи савуми ҷомеаҳо вижагиҳои истеъморӣ дошта, дигаронро ба худ тавассути найрангҳои сиёсӣ ром мекунанд: “Таҷрибаи равоншиносӣ нишон медиҳад, ки як фард ба мизоне, ки худашро ҳақир, фоқиди фақр, фоқиди асолат ва фоқиди арзишҳои инсонӣ меёбад, ба ҳамон мизон роми дигаре мешавад. Ва на танҳо

роми дигаре мешавад, балки кӯшиш мекунад то ром шудан ба дигарро ба даст биёварад"[142].

Тибқи андешаи мутафаккири араб Ибни Халдун, саҳронишинӣ ва ҳаёти бадавӣ аз шаҳрнишинӣ ва тамаддун муқаддам аст, вале бодиянишин агар орзу дорад, ки шаҳрнишин гашта, аз тамаддун воқиф шавад, аммо алорағми ӯ шаҳрнишин дар ҳеҷ сурат намехоҳад ба бодиянишинӣ баргардад, чунки марҳилаи иқомат ва фаъолияти иҷтимоии ӯ чандин маротиб дар рушду тараққӣ аз низоми бодиянишинӣ мутафовит буда, аз авомили пайдоиши вижагиҳои махсуси фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Илова бар ин, Ибни Халдун муътақид аст, ки майл ба дунявият низ маҳсули тамаддун ва шаҳрнишинист, аммо ҳаёти бадавӣ инзиворо эҷод мекунад. Мавсуф ҷиҳати тафовут байни ду тарзи зиндагӣ ба таҳқиқ пардохта, оқибат ба хулосае меояд, ки башар аз табиати худ канор рафта, тобеъ аз одоту маънавиёти хеш қарор мегирад: "Инсон сохта ва фарзанди одоту маънавиёти худ мебошад, на фарзанди табиату мизоҷи хеш"[143]. Ба пиндори номбурда, афроди соҳибтамаддун мисли чаҳорпоёни ромгардида ҳастанд ва чун бадавии ваҳшӣ ба шаҳрнишинӣ хӯ

---

[142] Шариатӣ А. Сухане дар бораи китоб, суханронӣ дар рӯзи ифтитоҳи анҷумани китоб, - Теҳрон: Интишороти чопхуш, 1356, 40 с.
[143] Ибни Халдун. Муқаддима. Иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1, - Душанбе: 2019, - с. 307.

гирад, монанд ба ҳамон сутуроне хоҳад шуд, ки башар онҳоро хонагӣ кардааст. Тозагии дигар, ки дар андешаҳои Ибни Халдун мушоҳида мешаванд, аз лаёқати ирсии миллатҳо дар умури идораи давлат мебошад ва муаллифи "Муқаддима" муътақид аст, ки барои тозиён кишвардорӣ фақат ба шеваи динӣ аз қабили паёмбарӣ ҳосил мешавад, аммо тоҷикон агар кишвардориро бо усули дину вижагиҳои мазҳабӣ роҳандозӣ кунанд, ба нокомиҳо мубтало хоҳанд шуд ва ин омилро мо дар гузашта ва имрӯзи тоҷикон мушоҳида мекунем, чунки онҳо аз аҳди бостон ба авомили дунявӣ мусоидат доштанд ва агар дар кишвардории онҳо андаке гироиш ба аҳкоми динӣ содир гардад, бегуфтугӯ қудратро бо ду дасти адаб ба ғайри худ вомегузоранд ва он одат ҳануз аз замони Исмоили Сомонӣ побарҷост, ки номбурда аз ҳисоби тангчашмони асир сипоҳ оросту сабаби аз байн рафтани қудрати сиёсӣ шуд. Назарияи "асабият", ки Ибни Халдун дар "Муқаддима" баён намудааст, назарияи ҳувият аст ва ҷиҳати роҳандозӣ шудани рушди фикрии муслимин ва ғайри онҳо баҳс менамояд. Бархе аз муҳаққиқин назарияи мазкурро "таассуб" пиндоштаанд, вале бо гумони ғолиб метавон гуфт, ки назарияи "асабият" – и Ибни Халдун вижагиҳои ҳувияти фарҳангиро дар замони мудерн дар бар мегирад. Ҳамчунин, ба таъбири Ибни Халдун, ҷаҳонишавӣ

ҷаҳонгушоист ва ин масъала дар китоби якуми "Муқаддима" мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Марказ дар осор ва сангнабиштаҳои аҳди бостон баррасӣ шуда, омили мартаба ва нуфузи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди башарро бо дарназардошти таҳияи марказ ҷиҳати аз лиҳози сиёсӣ идора намудани дилхоҳ ҷомеа инъикос мекунанд. Дар замони муосир бошад, таваҷҷуҳ ба марказ ва рӯоварии аксар шаҳрвандони кишварҳо ба пойтахт аз вижагиҳои густариши ҳувияти фарҳангӣ шаҳодат медиҳад. Лозим ба ёдоварист, ки замони постмодерн бинобар кӯчиши ҳангуфти аҳолӣ аз рустоҳо ба пойтахти давлатҳо муаррифӣ шуда, вижагиҳои ҳувияти фарҳангии миллатҳои муосирро ошкор месозад. Ба ибораи дигар муҳоҷирати аҳолӣ аз як мавзеъ ба мавзеи дигар ва хосатан аз русто ба шаҳр натиҷаи раванди тағйирёбии ҳувияти фарҳангист, ки дар навбати аввал вижагиҳои диалектикиро дар бар мегирад. Агар ин раванд боиси густариши ҳувияти фарҳангӣ намебуд, дар ҳеҷ сурат ҷомеашиноси машҳури амрикоӣ С. Ҳантингтон макони густариши ҳувиятҳоро ба шаҳр ва муҳити шаҳрӣ мансуб намедонист. Постмодерн тавассути раванде муаррифӣ мешавад, ки хусусияти аслии он ҳиҷрат аст ва сафарномаҳое, ки ниёкони мо, тоҷикон ҳазор сол муқаддам офаридаанд, ҳамин вижагиҳои ҳувияти фарҳангии дилхоҳ миллату кишвареро инъикос

намудаанд. Ин натиҷа паҳлуи якҷонибаи масъала аст, аммо паҳлуи дигари масоилро бархурд ва баҳамоии тамаддунҳо ва фарҳангҳо дар бар мегиранд. Бо навъи дигари ҳунари суханварӣ ин хусусиятро метавон ҷаҳонсозӣ гуфт, ки муосирин онро раванди ҷаҳонишавӣ муаррифӣ мекунанд. Инсон, ки дар муҳити русто ва шаҳр маскун мебошад, тибқи қонунҳои муҳит аз фарҳанг ва тамаддун бархурдор аст ва чун миллатҳое, ки аз фарҳангу тамаддунҳои миллӣ маҳрум мондаанд, ночор ба фарҳанграбоӣ муроҷиат мекунанд. Агар муҳити шаҳру рустоаро муқоиса кунем, дер ё зуд дармеёбем, ки дар он фарҳанги ғолиб маҳз он фарҳанге маҳсуб мешавад, ки дар шаҳр густариш ёфтааст. Ё худ рустоии бофарҳанг ба шаҳр ворид шуда, баъзан ба баъзе вижагиҳои он бархурд мекунад. Пас ба ин масъала диққат диҳед, ки шаҳрҳои асримиёнагӣ макони синтезу баҳамоии фарҳангҳо ва гуфтугӯйи тамаддунҳо будаанд, яъне ҷаҳонишавӣ чун падидаи иҷтимоӣ баробар бо пайдоиши нахусттамаддуни башар зуҳур карда, бо мурури замон тақвият ёфтааст. Ҳувияти фарҳангӣ тибқи баҳогузории муосир сатҳи олии шинохти вижагиҳои фарҳангӣ аст, ки бо номи шумо мавриди таҳқиқ ва пажӯҳиши илмӣ қарор мегирад. Бинобар ин, чун мо ба таҳлили муҳити шаҳрнишинӣ иқдом мекунем, хоҳ-нохоҳ он анъана ва хосиятҳои хоси фарҳанги ориёии мансуб ба гузаштагонамон пеши назар

меоянд, ки на фақат барои мо, балки барои дигарон низ мояи фарҳангсолорӣ гардидаанд. Ҷомеашиносон ҳануз дар замони Шуравӣ ин ақидаро иброз доштаанд, ки шаҳри Душанбе осорхонаи таърихи аҳди бостон буда, ҳануз дар асри XVIII барои сокинонаш чандин тамаддун ва фарҳангҳои мухталиф омехта шудаанд, чунки дар миёни афроде, ки дар Душанбе он айём сукно доштанд, ғайр аз муслимин, пайравони яҳудият ва масеҳият низ будаанд ва новобаста аз тафаккур гуфтугӯи онҳо оғоз гардидааст. Душанбе чун маркази маъмурӣ ва аз лиҳози ҳарорат мутобиқ ҷиҳати иқомат ва маскуншавӣ ғайр аз тоҷикони соҳибфарҳанг боз миллали мутамаддинро низ ба худ мутаваҷҷеҳ сохтааст. Ҳануз дар садаи XVIII яҳудиёни Бухоро назди амири манғит арз карданд, ки мехоҳанд ғайр аз маркази Аморат, боз дар мавзеи Душанбе бобати раҳли иқоматгузинии абадӣ иҷозат бигиранд. Он овон дар ин мавзеъ, ки дар манобеъи русӣ "Бухорои Шарқӣ" номгузорӣ шудааст, масеҳиён низ сукунат доштанд ва коршиносони Русияи подшоҳӣ, ки ғолибан, яҳудитабор буданд, ин маконро беҳтарин ва мусоидтарин пиндошта, азм намуданд то мавзеи мазкурро аз марказҳои асосии империотурии Русия дар Ховари Марказӣ табдил диҳанд. Муҳаққиқони муосир ғолибан ба назми Рӯдакӣ ҷиҳати иштиёқи амир ба Бухоро иктифо карда, ин тасвири шоири бузургро то

кунун дар ҳар шакле изҳор менамоянд. Воқеан, ғазали мазкур, ки матлаи аввали он “Бӯйи ҷӯйи Муллиён” аст, вижагиҳои ташаккули ҳувияти фарҳангиро моҳирона ба қалам оварда, дар мисоли амир исбот мекунад, ки яке аз рукнҳои давлатдорӣ ва фарҳангофаринӣ эҳтироми мавзеъест, ки он ҷо давлат идора карда мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки зимни пажӯҳиши илмӣ бобати нахустин шарти давлатсозӣ дар таҳияи марказ ҷомеашиносон бисёр навиштаанд, аммо ин нукта бебаҳс аст, ки маҳз пойтахти кишвар густариши ҳувияти фарҳангии ҷомеаро таъин менамояд ва барои тақвият пазируфтани вижагиҳои он мусоидат мекунад.

Ҷаҳонишавӣ беш аз пеш хусусияти воридшавӣ ба ҷомеаҳои рӯ ба инкишофро касб мекунад ва дар фазои кушодаи фарҳангӣ бо шиори масъалаи синтезу баҳамоии фарҳангҳо масоиле матраҳ мешаванд, ки ба мавзуи зикршуда алоқа надошта, баръакс, тамоили зидди фарҳангиро мунташир месозанд. Дидгоҳи ҷаҳонишавии иқтисодӣ тибқи баҳогузории ихтисосӣ раванди мазкурро ба нафъи кишварҳои тавсеаёфта баррасӣ мекунад ва ин ҷо зарур донистем, ки фикри пажӯҳишгарони иқтисодро матраҳ намоем: Аввалан, дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ тавзеҳи муҷаддади манобеъи тавлид ба нафъи кишварҳои тавсеаёфта сурат мегирад ва ноҳамворӣ дар сатҳи тавсеаи иқтисодӣ ва

иҷтимоии байни гурӯҳҳои фардии кишварҳо, ба вижа кишварҳои рӯниҳода ба инкишоф мушоҳида мешавад. Ҷаҳонишавӣ, бар хилофи равандҳои идғоми иқтисоди сусиёлистии байналмилалӣ, ки замоне иттифоқ уфтод, ба маънои яксонсозии сатҳи тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоии фардӣ ё гурӯҳе аз кишварҳо нест. Сонияи, вобастагии мутақобили иқтисодии байни кишварҳо дар миқёси ҷаҳонӣ ба таври чашмгире мизони осебпазири ҳар як аз онҳоро афзоиш медиҳад. Буҳрони иқтисодии марбут ба қитъаи Осиё дар санаи 1998 ва соири буҳронҳои сохторӣ бар дараҷаи афзояндаи осебпазирӣ маҳсуб мешавад. Солисан, дар натиҷаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ба вижа, озодсозӣ дар иқтисод асарбахши механизмҳои танзими давлатии иқтисоди эҷодшуда тайи даҳсолаҳо рӯ ба коҳиш ниҳодааст. Давлатҳои миллӣ рӯз аз рӯз дар ҳоли мушкилилоти ҷиддӣ зимни тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нотавон мешаванд. Саҳеҳтар агар ин масъалаҳоро пажӯҳиш кунем, бегуфтугӯ чунин хулоса пайдо мегардад: Дар замони Шуравӣ ва тадвини иқтисоди сусиёлистӣ шакли идғоми моликияти хусусӣ бар иқтисоди бозорӣ рақиб буд ва рақобати иқтисоди нақшавӣ бо ғайри худ дилхоҳ натиҷаро ба бор меовард. Шояд ҳамин омили рақобатпазирии ду навъи ҷаҳонбинии иқтисодӣ боис гардид, ки ислоҳоти иқтисодии камназир чун рейганомика ва

тетчеризм нақши бағоят тавсеакунандаро дар кишварҳои ҷудогона иҷро кунад, аммо идғоми иқтисоди нақшавии хос ба кишварҳои пасошуравӣ бо дарназардошти таҳмили раванди ҷаҳонисозии иқтисодӣ рушди кишварҳои рӯниҳода ба тарраққиро боздошту онҳоро бо давлатҳои тавсеаёфта мутамоил сохт. Бинобар ин, алҳол кишварҳои рӯ ба инкишоф аз бисёр ҷиҳат пойбанд аз давлатҳои рушдкарда мебошанд ва созмонҳои ҷаҳонии иқтисодӣ бар манфиати онҳо фаъол ҳастанд, яъне таҳқиқи ҷаҳонишавии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки раванди мазкур лағви заминаҳои рушд барои кишварҳои рӯ ба инкишоф маҳсуб мешавад. Минҷумла, Созмони ҷаҳонии Савдо ва муқаррароте, ки зимни шомилшавии давлатҳо ин созмон тарҳрезӣ намудааст. Ба қавли бисёриҳо, барои кишваре, ки арзиши бағоят пасти қувваи коргариро дорост ва илова бар он, он ҷо ки масоили ҷалби инвеститсия дар сатҳи пасттар баррасӣ мешавад, шомилшавӣ ба Созмони Ҷаҳонии Савдо аҳамияти рушди тадриҷии иқтисодиро фароҳам меорад. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон талош меварзид, ки ба ин созмони мутазаккир шомил гардад. Аммо тарзи сохтор ва роҳҳои татбиқи афкори глобализатсияи қудрат дар замони мо суду зиёнро бо ҳам тавъам сохтааст ва ҳар гуна фоида, ки аз табодули иртиботӣ бо равандҳои сатҳи

ҷаҳонӣ дастрас мешаванд, оқибат дар зиёни кишварҳои рӯ ба инкишоф матраҳ мегарданд ва дар ин маврид лоиҳаҳо гувоҳ ҳастанд, ки ҳар гуна кумакро бо дарназардошти ҳаҷми фоида аз нигоҳи ҳадафҳои геосиёсӣ мавриди таҳмил ва интиқол қарор медиҳанд. Чунки сарнавишти дилҳоҳ минтақа ва миллат дар замони муосир аз дидгоҳи ҷаҳонисозӣ баррасӣ шуда, лағви рушди иқтисодӣ ва рафъи суботи сиёсии дилхоҳ кишвари рӯ ба инкишоф дар пояи ормонҳои ҷаҳонисозии мутаҷҷаддид аст ва ин ақидаро метавон дар иқдомҳое мушоҳида кард, ки қудратҳои ҷаҳонӣ дар кишварҳои Белорус, Қазоқистон ва Тоҷикистон дар ду соли охир дар мисоли тазоҳурот ва роҳандозӣ шудани кирдорҳои террористӣ татбиқ намуданд. Гузашта аз ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози арзиши қувваҳои коргарӣ дар ҳудуди пасошуравӣ ҷои аввалро соҳибӣ мекунад ва воқеан, нерӯи кории мамлакат дар қиёс бо кишварҳои ҳамсоя ва дур камарзиш арзёбӣ гардида, ҳамин омил онро дар кишварҳои тавсеаёфта соҳибтаваҷҷуҳ сохтааст. Сафи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳадди ним миллионро гузаштааст ва агарчи маблағҳои мусоидаткунанда аз хориҷ ба мамлакат ворид мешавад, аммо ин нерӯҳои корӣ агар дар дохили кишвар мавриди истифода қарор мегирифтанд, авлотар мебуд. Чунки тибқи глобализатсияи иқтисодӣ кишварҳо дар бозори ҷаҳонӣ ба ду

гурӯҳ тақсим мешаванд: тавсеаёфта ва рӯ ба инкишоф, лекин рақобати онҳо бар нафъи гурӯҳи аввалия анҷом ёфта, оқибат кишварҳои рӯ ба инкишоф мавзеи гардиши сармояи онҳо хоҳад буд. Бинобар ин, сармоядор дар кишварҳои рӯ ба инкишоф маҳсулотро бидуни коркард ба кишварҳои тавсеаёфта бо арзиши барояш номусоид содир мекунад ва ин маҳсулот, ки ғолибан, кишоварзӣ ҳастанд, монанд ба қувваи корӣ низ камарзиш мебошанд ва ҷиҳати таҳияи фоидаи назаррас аз сармояи мутазаккир чандон комёб намешаванд. Ба ҳамин монанд рақобатҳо дар самти сиёсӣ мушоҳида мешавад ва кишварҳои тавсеаёфта бештар инқилобҳо ва дигар шаклҳои табадуллоти давлатиро ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ интиқол медиҳанд, ки ҳодисаҳои ахири Қазоқистон, Белорус ва Тоҷикистон ин андешаро исбот мекунанд. Ба ибораи дигар, ҷаҳонишавии иқтисод айни замон рукни ҷаҳонисозӣ аст, ки саҳеҳан, ғалабаи қудратҳои ҷаҳониро ба қудратҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ таъмин месозад. Масалан, бидуни роҳҳои муосири байналмилалӣ идғоми иқтисоди Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ номумкин аст, вале чун масъалаи татбиқсозии ҳадафҳои геосиёсӣ матраҳ мешавад, ашхоси ҳавасмандшуда ин роҳҳои байналмилалиро мебанданд ва дар минбарҳои созмонҳои сатҳи ҷаҳонӣ ҷои интиқод аз чунин кирдорҳо боз

ононро имкон медиҳанд, ки роҳбандиро идома диҳанд. Барои исботи ин фикр беҳтарин далел бастани роҳи байналмилалии Душанбе-Кулма дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ аз ҷониби гурӯҳҳои иртиҷоии ҳавасмандгардида маҳсуб мешавад.

Усмонзода Х.У. масъалаи имрӯзикунонии ҷомеаи шаҳрвандиро дар китоби "Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ" чунин баррасӣ кардааст: "... кӯшиши имрӯзикунонии ҷомеа ҳамон вақт раванди ақлониро касб мекунад, ки агар он тавонад сармояи иҷтимоӣ ва менталитети имкони қабулу бозтавлиди навовварҳо доштаи мардумро чӣ дар соҳаи иқтисодию сиёсӣ ва чӣ иҷтимоию фарҳангӣ самаранок истифода барад. Дар алоқа бо ин саволе пайдо мешавад, ки оё анъанаҳои фарҳангии мо метавонанд бо навовариҳои тамаддуни муосир (технологияи нави сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғ.) сари кор дошта бошад, зеро маҳз онҳо замонати имрӯзикунонии ҷомеаро ба душ доранд. Барои мо дар роҳи дарки ин масъала омӯзиши таҷрибаи имрӯзикунонии соири ҷомеаҳои Осиёро омӯхтан мувофиқи мақсад аст"[144].

Кишварҳо ва ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ҷиҳати интихоб байни ваҳдати миллӣ ва гуногунфарҳангӣ ниёз надоранд, чунки мутобиқ ба назарсанҷиҳо ва мушоҳидаҳои роҳандозишуда

[144] Усмонзода Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйирёбии иҷтимоӣ, - Душанбе: 2016, - с. 84.

онҳо метавонанд дар канори ҳамдигар зиндагӣ кунанд. Аммо чандфарҳангӣ сиёсате маҳсуб мешавад, ки ҳадафи он ҳифзи фарҳангҳо ва одобу русуму анъанаҳои ноқис аст. Барои аз байн бурдани чунин расму анъанаҳо, ки зиёиён дар буҷаи афрод доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим таҳия гардид, аммо ин санади ҳуқуқӣ аз ҷониби ашхоси манфиатҷӯ сахт интиқод ёфт. Бо вуҷуди ин, қонун расман ба тасвиб расид ва алҳол маълум мегардад, ки аксари шаҳрвандон аз бори гарони анъанаҳои сохташуда азият мекашиданд. Анъанаҳои хуб мемиранд, чунки онҳо муфид барои омма ҳастанд, лекин анъанаҳои фасодзо боқӣ мемонанд, чунки ҳузури онҳо ба манфиати гурӯҳе хоҳад буд ва агар чунин анъанаҳо аз байн раванд, пас тоифаи манфиатҷӯ мисли домуллоҳо аз суд маҳрум мешаванд. Бояд мутазаккир шуд, ки анъанаҳо дар як сурат судманд хоҳанд буд, ки аз будани онҳо халқи мазлум осеб набинад. Озодии фарҳангӣ барои инсон имкон фароҳам меорад, ки ҳувияти фарҳангии хешро интихоб карда, ҳуқуқи дигаронро ҷиҳати таҳияи худогоҳии фарҳангӣ поймол насозад. Ҷунбишҳои фарҳангсолорӣ дар асри мо таҳдиде барои озодии фарҳангӣ ба бор оварда, мушкилиҳои пайдошударо ҳал карда наметавонанд. Афроде, ки чунин ҷунбишҳоро раҳбарӣ мекунанд, ба бартарии фарҳангии худ

эътиқод доранд ва ба дунболи таҳмили идеологияи худ рафта, умри гаронмояи хешро сипарӣ мекунанд. Солҳои 90-уми садаи сипаришуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандоне, ки исломро аз соири адён бартар দониста, эътимод доштанд, ки онҳо нисбат ба дигарон ба Худо наздиктаранд, дар майдонҳои шаҳри Душанбе тазоҳурот намуданд. Таассуб ва нохудогоҳӣ онҳоро водор кард, ки ҷиҳати татбиқи андешаҳои худ дигаронро ба инобат нагирифта, аксар шаҳрвандонро маҳкум бинмоянд ва дар ин ҷода аз зӯроварӣ истифода кунанд. Ин амалҳои ношоиста то кунун аз лавҳи хотири инсонҳо зудуда нашудааст, чунки ҷабру зулм омили камбудӣ дар фарҳангдорӣ аст ва ҳар кӣ аз ҷумлаи чунин афрод маҳсуб мешавад, оқибат шармсор хоҳад шуд. Он замон фазои кушодаи фарҳангӣ дар кишварҳои пасошуравӣ набуд ва интиқоли бархе аз аносири фарҳангӣ чун филмҳо, тасвирҳо, мусиқӣ, меъморӣ ва ғайра мушоҳида намешуданд. Фақат аз Эрон ярмаркаи фурӯши китобҳо дар санаи 1989 баргузор гардид ва пасон дукони китобфурӯшии “Алҳудо” дар маркази шаҳри Душанбе қомат афрохт, аммо агар таҳкурсии мубаллиғини илсомӣ барвақтар намебуд, ҳеҷ гоҳ бо фурӯши кутуб интиқоли инқилоби исломии Эрон дар кишвари мо роҳандозӣ намешуд. Шояд суол пайдо шавад, ки инқилоби исломӣ интиқол нашудааст, аммо

шиорҳое, ки дар тазоҳуроти соли 1991 мушоҳида мешуд, ҳамагӣ шиорҳои асосии инқилоби исломии Эрон дар соли 1979 буданд. Алҳол, мубаллиғини хориҷӣ дар фурӯши силсилафилмҳои туркӣ ҳамаи меъёрҳои фарҳангиро таҷовуз намудаанд, лекин вазифаи асосии илм иборат аз ин аст, бо боло бурдани сатҳи ҳувияти фарҳангии шаҳрвандон онҳоро аз чанги аҷнабӣ раҳо кунад. Бар хилофи ин, ҷаҳонишавӣ мунҷар ба густариши доимии ҳамгирой ва баҳамоии фарҳангҳо байни мардуме мешавад, ки дар сайёраи мо сокин ҳастанд. Ҷаҳон дар айни замон ба ҳамон андоза ниёзманди эҳтироми бештар ба ҳамгироист, ки фарди дорои ҷаҳонбинии ноқис ва таассубу ҳисси бадбинӣ онро дарк намекунад ва ҳатто барои дарк намудани чунин арзишҳо ниёз надорад. Бинобар ин, фикри бартарӣ додани худ ва фарҳангу тамаддуне, ки аз онҳо намояндагӣ хоҳед кард, басе фаҳмиши аҳмақона аст, ки инсонро дар муҳити иҷтимой оқибат расво карда, чун нотавонбин дар назари ҳама муаррифӣ мекунад. Беҳтар пиндоштани худ аз дигарон василаи дунболи худ раҳнамой кардани онҳост ва Алии Шариатӣ дар ин маврид менависад: “Ғарб бо бад нишон додани мо худашро ба сурати кулли бенуқсон, беайб, дорои ҳамаи имконоте, ки навъи баргузидаи башар метавонад дошта бошад, як кулли мутлақ муаррифӣ кард, ки ҳар чӣ

меандешад, беҳтарин аст ва ҳар чӣ коре мекунад, коре аст, ки беҳтарин аст...”[145]. Ба қавли бархе аз ҷомеашиносони Ғарб, “яке аз далелҳои рад шудани фарҳанги бегона ин аст, ки дар чунин бархурде мавзуи бартарии як фарҳанг ногузир матраҳ мешавад”. Шояд барои афроде, ки собиқаи бадавӣ дошта, дар тӯли таърих ҳамеша фарҳангу тамаддуни милали ғасбгардидаро пазируфтаанд, имрӯз бартарии фарҳанге дар тафаккури онҳо нақши боризе боқӣ гузорад, аммо миллатҳое, ки фарҳанг офаридаанд, зимни ҳамгироии фарҳангҳо бартарӣ додани яке аз онҳо чандон эътимодбахш намебошад. Аммо дар замони соҳибистиқлолӣ дар минтақа ва дар ҳамсоякишварҳо ин баҳогузорӣ васеъ интишор гардид ва миллатҳое, ки таърихи начандон тӯлонӣ доранд, ба худ иҷоза доданд, ки Одам алайҳисаломро чун худ дониста, нахустин инсонҳоро ҳамтабори хеш муаррифӣ кунанд. Ин андеша, ки рӯирост таҳрифи таърих аст, бештар дар Ҷумҳуриҳои Қазоқистону Қирғизистон паҳн гардид ва олимони ин кишварҳо далелҳои маснӯӣ пешниҳод намуданд, ки миллатҳояшон қадимтарин дар сайёра маҳсуб мешаванд. Аммо ин иқдом аз нуқси ҳувияти фарҳангии онҳо мунташир шудааст, чунки агар инсон ва гузашта

[145] Шариатӣ А. Сухане дар бораи китоб, суханронӣ дар рӯзи ифтитоҳи анҷумани китоб, - Теҳрон: Интишороти чопхуш, 1356, 40 с.

аз он, инсони пажӯҳишгар даъвоҳои дар таърих набударо эҷод карда, онҳоро бар худ муносиб бинад, пас ӯ дар ботлоқи нодонӣ ғутавар мебошад. Бар хилофи чунин иқдомоти шармсорона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мероси хаттии ниёкон ба ҳамагон дастрас мешавад ва ҳадаф аз он ин аст, ки ҳар шаҳрванди кишвар бо гузаштаи худ ошно бошад ва эҳсос кунад, ки ниёкони ӯ дар гузашта соҳибфарҳанг будаанд. Муҳаққиқи фалсафаи фарҳанг Саъдулло Раҳимов ҷиҳати иртиботи имрӯз бо гузашта ва дар ин замина кӯшиши муосирсозии дирӯзи башар дахолат карда, дар китобе бо унвони “Масоили мубрами фарҳанги тоҷикон” ин масъаларо шарҳ додааст: “Мо, албатта аз фикри мудернсозии гузашта дур ҳастем. Асосан, бо канор гузоштану маҳкум кардани чунин тамоил дар айни замон мебинем, ки тамоми он қавонини ҷаҳонӣ ва тафаккур, ки тавассути илми ҷадид кашфу тадвин шудааст, ба таври мантиқӣ ва таҷрибӣ механизмҳои оғози коркарди худро дар гузаштаи дур исбот менамоянд”[146]. Метавон ин гуфтори файласуфро посух бар муддаиёни мутаҷаддиди сарнавишти аввалияи башар пиндошт ва ба қавли Алии Шариатӣ маскунони ҷомеаи бадавӣ алъон мисли пешин нимаваҳшӣ ҳастанд, чунки

[146] Рахимов С. Актуальные проблемы таджикской культуры, - Душанбе: Адиб, 1989, - с. 52.

дар зеҳни онҳо аносири фарҳангӣ бегона буд ва кунун ҳам бегона мемонад. Файласуфи тоҷик П. Шоазимов зимни таҳқиқи ҳувияти миллӣ шаклгирии этникии қабоили бадавиро дар гузашта ва имрӯз инкор мекунад: "Ин иштибоҳ аст, ки иддао кунем қабоили кӯчнишин метавонанд ба унвони як қавм бар асоси фарҳанг ва забон шакл бигиранд. Ин вижагиҳо (фарҳанг ва забон) ба унвони муҳаррик ва эҷоди шароит барои шаклгирии ҷомеаҳои иҷтимоии шаҳрӣ талақӣ мешаванд. Кӯчбандии доимӣ аз як қаламрав ба қаламрави дигар шароитеро барои шаклгирии арзишҳои фарҳангии пойдор эҷод намекунад"[147].

Ҳамакнун, бармегардем ба матраҳсозии имрӯзу дирӯзи Саъдулло Раҳимов бобати муборизаи аздод, ки дар андешаи Зартушт мушоҳида мешуд. Мавсуф дар ин маврид мегӯяд: "Зартушт ба дарки ин нукта наздик буд, ки ҷаҳоне дар баробари нигоҳу дарки инсон зотан ба ин таззодҳо қарор мегирад ва асоси дигаргуниҳо, тағйирхӯриҳо ва ҳатто муборизаи аздодро ташкил медиҳад"[148]. Ба қавли файласуф Комил Бекзода, фарҳанге, ки ба тоҷикон мансуб

---

[147] Шозимов П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство, - Душанбе: Ирфон, 2003, - с. 13.
[148] Рахимов С. Актуальные проблемы таджикской культуры, - Душанбе: Адиб, 1989, - с. 49.

аст, аз замонҳои хеле қадимтарин то кунун дар асоси дуализми хештаншиносӣ такмил меёбад: аввалӣ худогоҳии этникӣ буда, бунёдгузори он Ҷамшед мебошад, дувумӣ худшиносии эътиқодист, ки онро Зартушт поягузорӣ кард, аммо фалсафаи Зартушт тибқи андешаи Комил Бекзода дар зеҳни бузургтарин файласуфон шуруъ аз Афлотун то замони зуҳури Ҳегел таъсиргузор будааст. Мавсуф чунин меандешад, ки Фридрих Нитше идеяи абармардро дар шахсияти таърихии Зартушт барои ҷаҳониён муаррифӣ намудааст. Тафовути қобили қабули таълими Зартушт аз соири адён таваҷҷуҳи ӯ бар дунявият ва табиати инсон маҳсуб мешавад ва бар хилофи динҳои насронӣ ва ислом Зартушт таъини сарнавишти башарро дар дӯши вай мегузорад. Инсоншиноси тоҷик Маҳмадалӣ Музаффарӣ бамаврид қайд кардааст: “Ба қавли Зартушт, сарнавишти ҳар фарде дар дастони ӯст, зеро дар ниҳоят чизе ҷуз маҷмӯаи пиндор, гуфтор ва кирдори солеҳ нест. Танҳо натиҷаи муштараки се мазҳари номбурда метавонад масири чархи сарнавишти инсонро тағйир диҳад”[149]. Ин ҷо мо ба муҷиби набудани саҳеҳият дар манобеъ маънаван гуфта наметавонем, ки Зартушт поягузори асли фалсафаест, ки алҳол ба он илми муосир такя мекунад, вале муроҷиат ба

---

[149] Музаффари М. Системная антропология, - Душанбе: Дониш, 2021, - с. 89.

тафаккури ӯ уламои Ғарбро дарки саҳеҳтари ҷамъиятӣ ато намудааст. Масалан, шайъ тавассути тасодум пазируфтаву шинохта мешавад ва нест мавҷуде, ки барои худ зид надошта бошад, чунонки инс дар муқобили ҷинн баррасӣ мешавад ва бар омму хос маълум аст, ки ҷинн нодиданист, аммо маҳз нодиданиҳо ниёз ба шинохтан доранд, яъне инсон нафси хешро намебинад, лек вазифадор аст онро бишносад, аммо мо муътақидем, ки дар гузаштаи дур низ ниёгони мо, тоҷикон ба пажӯҳиш иштиғол доштанд ва мероси гаронҳаҷми хаттие ба имрӯз боқӣ гузоштаанд, яъне ба ибораи саҳеҳтар гӯем, миллатҳо бобати фарҳангофаринӣ дугуна мешаванд: яке меросбар ва дигаре иҷрогар. Меросбар ҳамонест, ки фарҳанг дар хуну рагу пӯсташ нуҳуфтааст ва иҷрогар онест, ки фарҳанги дигареро иҷро ва муаррифӣ мекунад.

Алҳол, дар раванди ҷаҳонишавӣ ва гуногунии фарҳангӣ, амиқтар дар замони синтезу ҳамгироии фарҳангҳо дар ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон чӣ иқдомоте татбиқ мешавад: майл ба табодули фарҳангӣ бо дарназардошти канор гузоштани фарҳанги миллӣ ё худ тақвияти фарҳанги миллӣ ва истиқбол аз ҷанбаҳои мусбати фарҳанги муосир. Ислоҳоте чун тадбирҳои Пётри Кабир дар кишвари мо роҳандозӣ нахоҳанд шуд. Таблиғи либоси миллӣ ва барпо намудани озмунҳову ҳамоишҳои

гуногун ҷиҳати такмил додани тафаккури техникӣ ва боло бурдани ҷаҳонбинии илмии шаҳрвандон аз зумраи чорабиниҳоест, ки раванди муосирсозиро тақвият мебахшанд, вале ин иқдомҳо дар ҳеҷ сурат пайгирӣ аз ҷомеаҳои тавсеаёфта намебошад. Тоҷикистон айни замон барои эҳёи илму маорифи ниёгони худ дар пайвастагӣ аз ҷонибҳои мусоидкунандаи замони постмодернизм дар мисоли технологияи рақамӣ талош меварзад, чунки фарҳанге, ки мо аз ниёи худ мерос гирифтем, созанда аст, аммо ин фарҳангро бо анъанаҳою русуми ғайри қобили қабул омехта кардаанд, ки аз таассуби басе паҳновар далолат мекунад. Инкори таърихи қабл аз исломӣ ва он таърихро чун габру маҷусият пиндоштани аксар муосирони мо фақат аз таассуб сарчашма мегирад ва инкори тафаккури шуубӣ дар асримиёнагӣ низ аз таассуб аст. Аммо эътиқод дар баробари забон аз аҷзои муҳимтарини фарҳанг ҳастанд ва ҳувияти фард ба расмият шинохтану эҳтиром ба фарҳангҳои гуногун метавонад ба тариқи мухталиф таҷаллӣ ёбад. Айни замон дар Иёлоти Муттаҳида бештари ҷашнҳои миллӣ ғайримазҳабӣ ҳастанд, агарчи Самюэл Ҳантингтон густариши ҳувияти фарҳангии амрикоиро дар пояи протестантизми бритонӣ донистааст. Дар Ҳиндустон ба намояндагони динҳои мухталиф иҷоза дода шудааст, ки ҷашнҳо барпо кунанд. Дар Фаронса

бошад, аз 11 ҷашни миллӣ 9 адади он маншаи мазҳабӣ дошта, аз масеҳият сарчашма мегирад, агарчи аз 13 шаҳрванди ин кишвар як нафараш мусалмон маҳсуб мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми танзим намудани ҷашнҳои динӣ чун идулфитр ва қурбон дар замони соҳибистиқлолӣ гузаронида мешавад. Эҳё намудани ҷашнҳои миллӣ аз зумраи Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон айни муддаост. Дигар вижагиҳои фарҳангии кишвар иборат аз ин аст, ки 99 дар 100 аҳолии мамлакат пайравӣ аз дини ислом мекунанд ва аққалиятҳои динӣ вуҷуд надоранд. Аммо ҳувият дар дидгоҳи муосир он худогоҳие нест, ки қаблан дар манобеъ дучор меоем, ё сатҳи донишҳои ҳифзшудае намебошад, ки дигарон ҷиҳати доно будани шумо маълумот пайдо карда, эътироф кунанд, ки воқеан, шумо инсони худогоҳе ҳастед. Муҳим он нест, ки ҳувият чист, балки таърифи чигунагии шаклгирии он муҳим мебошад. Шояд аз ҳамин хотир бошад, ки ҳувияти миллӣ бозтобе аз фарҳанги мансуб ба миллат аст ва вижагиҳои фарҳангии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ба шаклгирии ҳувияте ғолибан дар пояи эътиқодоти динӣ муаррифӣ мешаванд. Акбари Турсон ҳанӯз дар соли 1984 зимни интишори “Эҳёи Аҷам” ба андешаи ин ки аксар мутафаккирони Машриқзамин ҷаҳонбинии исломӣ доштанд, сахт муқовимат намуда, бо далел чунин ақидаро

инкор менамояд: “Хуруҷи зиддидинии Закариёи Розӣ на фақат дар таърихи ислом, балки умуман дар таърихи Шарқу Ғарб (то худи оғози аҳди Ҷадид дар Аврупо) собиқае надорад. Аз ин рӯ, ҳам ҳатто муаррихоне, ки роҳи тайкардаи “тамаддуни исломӣ”-ро аз мавқеи ҷаҳонбинии динӣ муоина намуда, ҳамаро “аз файзу баракат” – и кеши мусалмонӣ медонанд, афкору аъмоли Розиро сарфи назар карда наметавонанд”[150]. Илова бар ин, мутафаккирони Шарқ алайҳи хурофоту таассуб қарор доштанд ва маҳз изҳороти онон буд, ки сабки ривоятиро боздошту такя бар ҳақиқати ҳолро пешниҳод сохт. Пеш аз зуҳури мудерн дар Ғарб низ тамоили эътиқодии миллатҳо бартарӣ доштанд. Шерзот Абдуллозода муътақид аст, ки аксар равияҳои фалсафии Аврупо айни замон аз мавқеи динӣ баррасӣ мешаванд. Мавсуф менависад: “Ҳарчанд, ки имрӯз асоси фалсафии гуманизми либеролии ғарбиро инсоншиносии фалсафие, ки мураккаб аз равандҳои фалсафии гуногун: персонализм, прагматизм, фалсафаи дини протестантӣ, неотомизм ва феноменология ташкил мекунад ва ин ҳам дуруст аст, ки аксари ин равияҳои фалсафӣ бисёре аз масоили инсоншиносиро аз мавқеи динӣ ҳаллу фасл кардаанд, вале рӯҳияи фарҳанги либералистӣ аз ибтидо ҳамон рӯҳияи

[150] Турсунов А. Эҳёи Аҷам, - Душанбе: Ирфон, 1984, - с. 127.

антиқии юнонӣ будааст, ки дар заминаи рӯҳияи динӣ ва асотирии Юнони бостон ташаккул ёфта буд". Дар воқеъ, нахустин суол, ки дар зеҳни инсони мутафаккир меояд, ин аст, ки башар чӣ мавҷудест ва чаро ниёзи фоҳиш ба ғайри худ дорад? Аммо замони постмодернизм ин суолро каме тағйир дод ва гуфт: мо чӣ касе ҳастем ва чӣ чиз боиси тақвият ёфтани ҳувияти фарҳангии мо хоҳад шуд? Аммо фарҳанг вижагиҳое дорад, ки дар ҳар миллате мухталиф ҳастанд, аммо ин вижагиҳо, ки аз забон, дин, анъана ва ҷашну маросим бештар иборат мебошанд, ормонҳои дарунии афродро дар бар мегиранд. Масалан, забон барои гуфтану муошират барпо кардан аст, аммо пояи асосии забон чун хусусияти фарҳанги миллӣ офаридан аст, ё худ анъана фақат пайгирӣ аз суннати ниёгон нест, балки одати расмшудаест, ки бархе аз талаботи башарро қонеъ мекунад, лекин ҳадаф аз фарҳанг ороста доштани ниҳодҳоест, ки ҷомеа онҳоро месозад, яъне на ҳар фарҳанг ва на ҳар инсон созанда аст, яъне агар фалсафа дар тамоили созандагӣ дарк шавад, пас хулоса чунин хоҳад буд, ки на ҳар миллати бофарҳанг фалсафаи хоси хешро бунёд намудааст, чунки фалсафа дар асли худ андешидан бидуни таъсирпазирӣ аз дигарон маҳсуб мешавад. Ҳар инсоне, ки бо хатту имло ошност, метавонад бо навъҳои фалсафаи ҷаҳонӣ воқиф гардида, муҳтавои онҳоро ҳифз намояд,

аммо фақат бо ин роҳ инсон фарҳангзо ва файласуф нахоҳад гашт. Ҳар фарҳанге ва ҳар тамаддуне, ки бартарӣ пайдо кардааст, асолати худро дорад, агарчи масоили синтези фарҳангҳо ва баҳамоии тамаддунҳо дар гузашта ва имрӯз новобаста аз хоҳишҳоямон амалан татбиқ мешаванд. Вақте ки инсон дар фарҳанги худ вижагиҳои созандаро дарнамеёбад, бидуни ихтиёр ба фарҳангҳое мурочиат мекунад, ки алҳол бар соири фарҳангҳо ғалаба кардаанд. Фард новобаста аз ин ки бохабар аст ё бехабар, мехоҳад бофарҳанг бошад, аққалан худро дар ҳузури дигарон бофарҳанг ҷилва созад. Бинобар ин, афроди дар ҳоли нохудогоҳӣ ба Ғарб раҳсипор мешаванд фақат бо як ҳадаф, ки он ҷо фарҳанги ғолибро ҷустуҷӯ кунанд, дар ҳоле ки фарҳанг макон надорад ва агар дошта бошад, ҳатман ботини инсонҳост он, лекин ба ҳамин фарҳангҷуяндагон, боз афроди дар ғафлат қарордоштае низ ҳастанд, ки дар хурофот ва таассуби динӣ хештанро бохтаанд. Бинобар ин, онҳоро интеллекти маснӯӣ гуфта, бар нафъи худ дигарон истифода хоҳанд кард. Махсусан, дар замони муосир, ки аллакай чандин даҳсолаҳо раванди ҷаҳонишавӣ татбиқ мегардад, аммо боз афроде пайдо мешаванд, ки бинобар пайдоиши мушкилӣ роҳи наҷотро дар инкори раванди мазкур мебинанд, бехабар аз ин ки як худи Интернет низоми коммуникатсионии ҷаҳонро

таҳия карда, масъалаи синтезу баҳамоии фарҳангҳоро метезонад. Дар сурати татбиқшавии ҷаҳонсозии нав арзишҳои фарҳангии муқовиматкунандае ба кор меояд, ки роҳҳои маҳвшавии фарҳанги миллиро боздорад. Масалан, анъанаҳое, ки тоҷикон дар садсолаи ахир пайрави он буданд, монанд ба барпо кардани хатнасур, ё худ пас аз марги волидон таҳияи маъракаҳои масрафкунанда чун ҳафту чиҳил ва соли майит кадом инсони аз фарҳанги ҷаҳонӣ бархурдори муосирро бар худ мутаваҷҷеҳ месозад? Мисоли дигар, ҷандапӯшии афроди амр ба маъруфкунанда айни ҳол дар кадом фарҳанги дунёгир пайрав пайдо мекунад? Ин ки онҳо дар ҷамъомадҳо мардумро фирефта, ба онҳо гӯшзад мекунанд, ки агар аз зумраи муслимин бошед, аз дунё ва дунявигарой истиқбол накунед, барои кадом соҳибфарҳанге мақбул хоҳад буд? Новобаста аз тааллуқи миллии худ инсонҳои муосир мехоҳанд аз фарҳангҳое, ки дар ҷомеаҳои тавсеаёфта густариш пазируфтааст, бохабар бошанд ва худро инсони мутамаддин ҷилвагар намоянд. Яъне гироиш дар афкор ва аҳволи мардумони гуногун беш аз пеш мушоҳида мешавад ва майл пайдо кардани онҳо ба фарҳанги бегона бидуни ҷанг нобуд кардани хеш хоҳад буд. Илова бар ин, афроди тиҳимағзе ҷиҳати дифоъ аз дин омодаанд тавассути худкушиҳо ба қудратҳои ҷаҳонӣ эътироз намоянд

бехабар аз ин ки чунин худкушиҳо тибқи сенарияи ҳамон қудратҳо роҳандозӣ мешаванд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар садаи XXI бо сатҳу сифати ҳувияти фарҳангӣ баррасӣ шуда, инсон дар он гаронтарин армуғон шинохта мешавад. Дар ҷомеаҳои рушдкунанда тибқи меъёрҳои илмиву ақлӣ ба ҳар инсоне баҳогузорӣ шуда, фаъолияти ӯ бо дарназардошти сифати ҷаҳонбинӣ ва ҳувияти марзӣ натиҷагирӣ хоҳад шуд. Бешубҳа, кишварҳои мутараққӣ ҷиҳати роҳандозӣ шудани ҳадафҳои геополитикии хеш дигар миллатҳову кишварҳоро омӯхта, бинобар ҷалб намудани гурӯҳе аз дохили давлатҳо бо истифода аз тахрибкорӣ ба ноором кардани низоми сиёсии он давлат иқдом мекунанд. Махсусан, хатари тағйир додани низоми сиёсӣ бо истифода аз инқилоб ва дигар навъҳои табаддулоти давлатӣ тавассути афроди зархарид ба кишварҳои нав истиқлолёфта таҳдид мекунад. Бинобар ин, барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ зарурати таъмин намудани амнияти шаҳрвандон дар фазои орому осоиштаи Ватан пеш омада, нақши зиёиён дар таблиғи ҷаҳонбинии илмӣ дучанд меафзояд, чунки таҳиякунандагони кирдорҳои экстремистӣ кишвари мавриди назарро аз лиҳози пойбандии аҳолӣ ба андешаҳои динӣ баррасӣ мекунанд ва бо роҳҳои таҳмил сохтани ақидаҳои динии родикалӣ барои аз байн бурдани давлате ва кишваре ҷаҳд

менамоянд. Субъектҳое, ки ба онҳо андешаҳои фасодкорӣ таҳмил мешаванд, дар аксар мавридҳо аҳли зиё мебошанд ва аҷнабӣ бо онҳо тавассути "хайрия, "грант" ва дигар шаклҳои иртиботҷӯӣ ҳамоҳанг мешаванд. Омили асосии ба тахрибкорӣ рӯоварии гурӯҳе аз шаҳрвандони кишвар пойбандии онҳо ба боввариҳои динӣ маҳсуб мешавад. Ҳатто бартарӣ доштани ҷаҳонбинии динӣ бар ҷаҳонбинии илмӣ баъзе аз зиёиёни кишварро субъекти таҳмилҳои аҷнабӣ кардааст. Гузашта аз ин, масъалаи бартарии дини ислом аз дигар динҳою мазҳабҳо ва рӯоварии шахсиятҳо ба ин дин ҳамарӯза баррасӣ шуда, андешаҳои пук он ҷо корида мешаванд. Вале бархе аз уламо вазифадор шудаанд, ки бартарии динро аз илм тавассути табъу нашри мақолаҳои оммавӣ исбот намуда, дар мағзи хонанда розҷӯии диниро таҳмил кунанд. Ҷиҳати таҳқиқи тамоили тавсеаёфта дар ҷаҳони муосир камина аз шумо даъват мекунам, ки ба ҷаҳонбинии сиёсиву динии охири садаи XIX ва аввали қарни  XX бо номи панисломизм рӯ оваред, ки амалан чӣ гуна роҳандозӣ шудааст ва чаро наҳзатҳои муосири панисломистӣ дар пояи низомномаи Саид Ҷамолуддин амал менамоянд? Саид Ҷамолуддини Асадободӣ ва дар баъзе сарчашмаҳо Афғонӣ ҳамроҳ бо шайх Муҳаммад Абдуҳ аз сиёсӣ сохтани ислом чӣ мехостанд? Баъдан, чаро оқибати наҳзатҳои панисломистӣ

бо ғалабаи пантуркизм анҷом мепазиранд? Боре шумо наандешидаед, ки маҳз чунин ҷаҳонбинии динии сиёсиро ҷиҳати гумроҳсозии муслимини дунё таҳия намудаанд ва чаро ин ҷаҳонбинӣ маҳз дар замони интишори сотсиолизм ва саҳюнизми байналмилалӣ эҷод гардидааст? Барои посух ҷустан ба суолҳои матраҳёфта моро зарур меояд, ки дар шаклгирии исёнҳои тахрибкорон таваҷҷуҳ кунем. Аммо аввал исломро сиёсӣ карда, хостанд дар назари адён онро бадном созанд, кунун мехоҳанд бо сиёсисозии ислом муслиминро дар роҳандозӣ шудани манофеи геополитикии худ истифода намоянд. Агарчи паҳлӯҳои мусбати таълимоти марбут ба Саид Ҷамолуддин ва Шайх Муҳаммад Абдуҳ чун муқовимат алайҳи ҳукуматҳои султонӣ ва сиёсати истеъмории кишварҳои Ғарб бинобар таблиғи андешаи эҳёи фикри динӣ қобили қабул буд, аммо ин таълимот таҳкурсиеро фарогир аст, ки ҷиҳати истифода аз онҳо ба ифротгароии динӣ санги асос мегузорад. Махсусан, сиёсисозии ислом, таҳияи давлати хоси хилофати исломӣ ва даъвати бозгашт ба аҳди пайғомбар барои аксар наҳзатҳое, ки дар ду садсола ба арсаи ҳастӣ гом гузоштанд, чун сарманшаи ифротгароӣ хидмат намудааст. Аҳзоби сиёсии муосир низ иртиботи худро бо "ҳизбулватан" – и Саид Ҷамолуддин мутазаккир шуда, ҷиҳати тавсеа ёфтани ормонҳои хеш аз таълимоти мавсуф суйиистифода мекунанд. Чаро

понисломизм рушди ҳамаҷонибаи Ғарбро истиқбол накард? Мубаллиғғини ин ҷаҳонбинӣ диданд, ки Эҳёи Рене Декарт дар асоси ислоҳоти Мартин Лютер буда, динро аз давлат ҷудо мекунад, беихтиёр алайҳи он андеша изҳор доштанд ва таълимоти Саид Ҷамолуддин низ бештар ҳамоҳангии дину қудратро дар бар мегирад. Онҳо ба як ҳадис бештар рӯ оварданд, ки тибқи он мулк бо дин тавъам дониста шудааст, вале қабл аз ҳадиси мутазаккир ин андеша аз ҷониби Ардашери Бобак баён гардидааст, чунки агар Оли Сосон ба дин мутаваҷҷеҳ намешуданд, оини онҳо дар зери таъсири масеҳият қарор мегирифт. Мубаллиғғини понисломизм ба интиқоди Лютер пардохта, дар садад буданд, ки чунин фарде набояд аз миёни муслимин зуҳур кунад. Ин ҷо бояд тазаккур дод, ки ҳувияти динии ағлаб муслимини дунё дар асоси нохудогоҳӣ ва бехабарӣ аз аҳкоми дини ислом густариш ёфтааст ва худфиребӣ дар амали онҳо чун худогоҳӣ инъикос гардида, натиҷаи камақлиро мемонад, ки дар таърихи башар назир надорад. Шояд бо дарназардошти ҳамин тамоил аст, ки бархе аз муҳаққиқони болшевизм аз таҳқиқи улуми ҷадиде чун антропология ё ҷаҳоншиносӣ, фалсафаи фарҳанг ва амсолашон дар канор афтода, фақат дар замони соҳибистиқлолии кишвар имкон ёфтанд бо идеяҳои муфиди

фалсафаи Ғарб ошно шаванд. Воқеан, баробари зуҳур кардани понисломизм ва афкори Сайид Ҷамолуддини Афғонӣ ва шайх Муҳаммади Абдуҳ омили асоситарини рушди Ғарб, ки ҷудо кардани дин аз давлат буд, рад гардид ва пайравонашон ҷиҳати рух надодани ин вижагиҳо дар тамаддуни исломӣ ҷаҳонбинии диниро сиёсӣ сохтанд ва кунун тамоми ҷунбишҳо ва наҳзатҳои мансуб ба ислом аз ин сарчашма суйиистифода мекунанд. Хаёлбек Додихудоев зимни баррасии худогоҳии фарҳангӣ ин андешаро иқрор мекунад: "Фарҳанг падидае басо фавқулодда аст ва то замоне, ки тамоми "зарофат" – ҳои "ман" – и инсон баррасӣ нашавад, ин мафҳуми печидаро тавсеа намедиҳем"[151]. Воқеан, бо ҳамин монанд ақидаро Мароғаӣ дар оғози садаи XX зикр намуда, ангушти ҳайрат аз нотавонбинии аввом мегазад, ки надидаву надониста ба аносири фарҳанги ҷадид ҳукм мебароранд ва дилхоҳ инсонро агар хоҳанд маҳкум мекунанд. Ба қавли мавсуф, агар либоси кӯтаҳ пӯшед, дарҳол шуморо ба кофир маҳкум мекунанд ва аз муоширaт бо шумо даст мекашанд. Ҳамин аҳвол дар замони муосир низ побарҷост, агарчи ним садсола муқаддам таҳсил дар мактабу донишгоҳҳоро муносиб намедиданд ва боз афроде низ буданд, ки ҳар як ихтирои техникиро моли кофар гӯён истифода

[151] Додихудоев Х. Культура и цивилизация. Истины и парадоксы традиций, - Душанбе: 2006, - с. 115.

наменамуданд. Гузашта аз ин, маҳсулоте, ки аз хориҷ ворид мегардид, истеъмол намекарданд ва хештанро чун халқ дар муқобили масеҳиён мегузоштанд, аммо ҳануз ҳам боқимондаҳои инчунин хурофот ҳузур доранд ва бо онҳо дар ҳаёти рӯзмарра мо вомехӯрем.

Агар аз дидгоҳи Шакурӣ фақат ду тамаддун боқӣ мондаанд, ки байни хеш бархурд мекунанд ва онҳо Шарқу Ғарб маҳсуб мешаванд, пас нигорандаи ин сатрҳо дар ин ақида аст, ки дар таърихи башар ду фарҳанг бо ҳам рақобат доштаанд ва маҳз вижагиҳои он ду фарҳанг имрӯз низ дар ҳар як ҷаҳонбинӣ зоҳир мешаванд. Он ду фарҳанг ба ориёӣ ва сомӣ итлоқ мешавад ва агар аввалӣ майл ба дунявият дошта бошад, дувумӣ аз раҳбоният муҳтаво мепазирад. Аз ҳама аҷиб ин аст, ки тарзи тафаккури сомӣ дар масеҳият ва ислом ворид гардида, тавассути адён авомили дунявӣ мавриди мазаммат қарор гирифтаанд. Майли дунявӣ, ки дар “Апастак” мушоҳида мешавад, айни ҳол дар фарҳанги Ғарб мақоми авлавиятро соҳиб шудааст. Пажӯҳиши дунё ва тибқи табиати шайъ офаридани осори маънавӣ ба ориёиҳои қадим хос аст, ки то кунун анъанаҳои тарҳрезишудаи онҳо дар ашколи мухталифа аз ҷониби тоҷикон ба таври бояду шояд риоя мегарданд. Исботи ин фикрро дар заминаи таҳқиқи ҷашнҳои ориёӣ чун Наврӯзу Сада ва Меҳргон, ё худ зимни пажӯҳиш дар

фарҳанги либоспӯшӣ ва тановули ғизо метавон дарёфт. Дар ин маврид миллатҳои мутамаддин муқобили ақвоми саҳронишин қарор доранд, чунки дар масоили ғизо саҳро ҷуз гушту шир дигар маводро барои истеъмол тавсиа намекунад, аммо қонуни асосии саҳро иборат аз ин аст, ки муҳити он инсонро аз табиати хеш хориҷ месозад ва маҳз бо дарназардошти авомили мутазаккир қавмҳои бадавӣ ба таълимоти сомӣ ҷиҳати бадбинӣ доштан ба аносири дунявӣ майл пайдо кардаанд. Баъзан чунин ақидаро низ таблиғ намудаанд, ки дар тасаввуфи исломӣ эҳсоси бадбинӣ ба дунё замзама мешавад, аммо бузургтарин намояндаи ирфон, ки Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхист, дар "Маснавии маънавӣ" дунёро алорағми ин таблиғҳои нодуруст чунин шарҳ додааст:

Чист дунё? Аз Худо ғофил будан,
Не қумошу нуқраву фарзанду зан.

Ин ҷо сареҳан изҳор шудааст, ки дунё "тиллову нуқраву фарзанду зан" нест, ки ағлаб инсонҳо маҳз ҳаминҳоро дунё пиндоштаанд ва маънии ирфонии вожаи "дунё" ба қавли Мавлавӣ ғафлат ҷустан аз Яздони пок аст, на чизи дигар. Бо дарназардошти вижагигиҳои рамзии тасаввуфи исломӣ дар афкори риндӣ дунё мавриди мазаммат ва накуҳиш қарор доштааст. Дар осори бузургони илму дин афтодарӯҳӣ ва

андешаи навмедӣ аз дунё бисёр вомехӯранд. Сарчашмаи инчунин пиндорҳо тақвият пазируфтани тафаккури ирфонии андешамандон маҳсуб мешавад. Даъват ба худшиносӣ дар аксар мавридҳо дар заминаи изҳори ақидаҳои бесуд сурат пазируфта, ҳосилаш пайдо шудани эҳсоси дунёбадбинӣ мебошад. Гузашта аз ин, чунин андешарониҳо дар пӯшиши андарзномаҳо изҳор шуда, инсонҳоро аз рушду такмил ва тақвият ёфтан аз лиҳози зеҳнӣ бозмедоранд. Бинобар ин, дар аксар манобеъ, ки дар илми муосир истифода мешаванд, воқеият мавриди баррасӣ қарор намегирад ва беш аз пеш утопия дар шакли тафаккури хаёлӣ баён мегардад. Аз авомили пайдоиши ин тафаккур дар ҷомеаҳои гуногун сохтори иҷтимоъ ва вижагиҳоест, ки ҳар гуна ҷамъият онҳоро парвардаанд. Лекин асоситарин омил дар изҳори тафаккури ғайридунявӣ олитарин сатҳи донишҳои ҷомеашиносист ва чун донишмандон öнчиро медонанд, ки дигарон намедонанд, рафтору гуфтору пиндори аксар мардумонро ба ҳайси омма қабул надоранд. Бинобар ин, дар андешаи онҳо тафаккури раҳбонӣ тавсеа ёфта, тавассути гӯшагирӣ аз мардум мехоҳанд тафовути хешро аз соири одамон исбот карда, бо онҳо ҳамнавъ набудани худро ошкор бинмоянд. Аз ҳамин мавқеъ андешаи дар ғафлат қарор доштани башар зуҳур карда, ба афроди соҳибандеша додани рутбаи

авлиёуллоҳ роҳандозӣ мегардад. Яъне, онҳое ки худро маърифат карданд, башар набуданд ва башар бинобар нуқси маънавӣ, ки зотан дар ӯст, ба ҷурми норасоии ақлӣ дунёро истиқбол хоҳад кард. Оё шумо наяндешидаед, ки ҷиҳати баррасӣ ва бо истифода аз вожаи "дунё" аксар уламои кишвар ба иблоғи "тафаккури раҳбонӣ" замина мегузоранд? Агар тарзи тафаккур ва сатҳи эътимоди тоҷиконро дар давоми садсолаҳои охир таҳқиқ кунем, инчунин хулоса хоҳем кард, ки онҳо бо бардошт аз мероси хаттии барҷомонда дар васфи ақидаҳои исломӣ фақат тафаккури раҳбониро беш аз дигарон қабул доштаанд, дар ҳоле ки ягона дини бо раҳбоният муқовиматкунанда ислом аст ва онҳое, ки рисолаҳо нигоштанд, маънии ирфонии истилоҳи арабии "дунё"-ро барои дигарон таҳмил намуданд ва оқибат шакли порсии он бо унвони "гетӣ" фақат дар осор боқӣ монду дар лаҳни мардумон не. Инак, аркони фарогири ин тамоили дар раҳбоният нуҳуфтаро ин ҷо баррасӣ мекунем:

1. Эҷоди раҳбоният бинобар таҳриф намудани кутуби осмонӣ;

2. Даъват ба гӯшанишинӣ ва таҳияи маслакҳои мухталиф аз хотири иблоғи парешониву паркандагӣ;

3. Мазамматӣ дунё ва ҷилавгирӣ аз рушди ҷамоат;

4. Орзуи сангсор шудан ва бунёд намудани "ишқи марг";

5. Фарсудапӯшии қаландарӣ ва худнамоии ботинӣ ва рафъи таваҷҷуҳи зоҳирӣ;

6. Инкори Иблис ва ҷустани ӯ дар даруни хеш;

7. Даъват ба куштани нафс, на маърифати он;

8. Муқобилгузории дунёву охират ва некию бадӣ.................

Дар тамаддунҳое, ки башар ба мерос гузоштааст, андешаҳои ғайридунявӣ бисёранд ва сабаби пайдо гардидани чунин пиндоштҳои ақлонӣ пеш аз ҳама ноадолатиҳои таърихӣ диниста мешавад. Дар ҳар садсолае аз миёни башар афроди соҳибандешае зуҳур карда, утопияҳои гуногуне эҷод намудаанд, ки дар онҳо ҷомеа бидуни шоҳу гадо тасвир ёфтааст. Сайри маънавӣ ҷиҳати дарёфти фарҳанги бартаридошта зимни ҷустуҷӯҳои гуногун ба мероси хаттии ҷаҳониён табдил ёфтааст, ки ин вижагиҳо бештар дар сафарномаҳои ирфонӣ баррасӣ шуданд. Масалан, "Утопия"-и Томас Мор, ё худ "Хираднома Искандарӣ"-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва амсолашон, аммо чунин сайри худраҳоӣ бо ормонҳои ҷустуҷӯи ҷомеаи орӣ аз ваҳшоният гурез аз ҷомеаест, ки ҳақиқати он муқовимат мебошад. Ин иқдомот бештар ба афроди донишпажӯҳ дахл карда, дунёро аз

омилҳои пойбандӣ ва дар ғафлат қарор доштани одамон муаррифӣ кардаанд. Аммо қабл аз эҳёҳо ва пасон низ дар ҷаҳон донишмандоне маъруфанд, ки табодули инсону ҳайвонро эътироф намудаанд, дар ҳоле ки пешомадони фалсафа инсонро ҳайвон дониста буданд. Дар рӯҳияи ғайри дунявӣ ва алорағми дунё осори арзишманде офаридани инсон қариб ҳар садсолае мушоҳида мешавад, агарчи васфу мазаммат аз дунё аносири печида аст ва хоҳем-нахоҳем чунин вижагиҳо натиҷаи аксуламалест, ки афрод онро эҷод намудаанд, чунки ниҳоди инсонӣ моил ба васф асту интиқод аз бегона, аммо вақте, ки аҷнабӣ кишвареро ғасб карда, миллати онро зери шиканҷа қарор медиҳад, нахустин мубориза алайҳи он шиканҷа албатта тасвири дунёбезорӣ хоҳад буд. Чунки вақте муҳит бо шумо созгор нест ва шумо иртибот бо муҳити хешро ғайри қобили қабул медонед, пас дар чунин ҳолат ягона роҳи ислоҳпазир тасаллут ёфтан бар арзишҳои он муҳит аст, ки шумо он ҷо иқомат доред. Ҳақиқати таърихӣ ҳамаи ин тасодумҳоро ба унвони он манфиатҳое дархост мекунад, ки мутантан аст ва танҳо ғолиб бар мағлуб имкон дорад фарҳанг таҳмил кунад, аммо баъзан мушоҳида мекунем, ки ғолиб фарҳанги мағлубро пазируфтааст. Бо вуҷуди ин, бояд иқрор кард, ки заминаи пазируфтани фарҳангҳою тамаддунҳо зӯроварист ва ҳар кӣ дар набарди зеҳнӣ ғолиб

омад, бар мағлуб андеша таҳмил менамояд. Аз ин дидгоҳ агар тафаккури раҳбониро таҳқиқ кунем, омили зуҳур кардани он нотавонист ва фалсафаи қаноат низ маҳсули ҳамон нотавониҳо буда, рӯҳияи уфтодагиро таҷассум мекунад. Ибни Халдун фирор аз ҷамъият ва хилватгузиниро дар бадавият мебинад масъалаи канор рафтани башарро аз хушгузарониҳо дар иқлими онҳо баррасӣ намудааст. Ба қавли мавсуф, бодиянишинро табиати бадавӣ ва иқлими хоси саҳронишинӣ тобовар ба гуруснагӣ карда, андаруни ӯ қаноатро эҷод намудааст: “Бодиянишинон ва ҳам шаҳрнишиноне, ки дар мазиқаву хушунат мезиянд ва аз шаҳавоту хушгузарониҳо дурӣ меҷӯянд, нисбат ба онон, ки ғарқи нозу неъматанд, диндортаранд ва ба ибодат бештар руй меоваранд, балки мушоҳида мекунем, ки аҳли дин дар шаҳрҳо ва амокини пурҷамъият андаканд”[152]. Яъне, шаҳрҳо ва дигар марокизи тамаддунӣ дар тафаккури дунявӣ перостаанд ва муҳити он ҷо ҷиҳати эҳёи фикри динӣ созгор нест, чунки фикри динӣ ғолибан, дар перояи қаноат, таассуб ва канор рафтан аз хушиҳои инҷаҳон зуҳур карда, оқибат хилватгузинӣ ва тарки ҷамъиятро василаи иртибот бо Холиқ медонад. Ин монандиро дар

[152] Ибни Халдун. Муқаддима. Иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1, - Душанбе: 2019, - с. 244.

табиат низ мушоҳида мекунем. Масалан, пингвинҳои Антарктида бинобар сармои шадидончунон муттаҳиданд, ки байнашон ихтилоф ҷустан аз ҳамоқат мебошад, аммо уқоб, ки ниёз ба ҷамъи ҳамнавъон надорад, аз дигар ҳамнавъонаш канор рафта, фаъолияти хешро дар танҳоӣ созмон додааст.

Башар ба дунё меояд ва аз дунё меравад. Каме саҳеҳтар фикр кунем, дунёро муваққат мебинем ва рӯзе фаро хоҳад расид, ки он анҷом меёбад, валекин бадандешидани дунё ва мазаммат намудани он дар пояи дифоъ аз адён пайдо шудааст. То замони Эҳё башар ҷор мезад, ки дину давлат бо ҳам ҳамоҳанг буда, яке бидуни дигарӣ арзи вуҷуд надоранд. Маълум аст, ки ин андеша бар манофеи афроди рӯҳонӣ хидмат мекард ва онҳо ҷиҳати дифо аз манфиат ин таблиғотро матраҳ менамуданд. Дар маърӯзаҳо дин дар муқобили дунё баррасӣ мешуд ва андешаи мазаммат ва ҳатто инкори дунё маҳз дар ҳамин амр ба маъруфҳо марҳала ба марҳала тарвиҷ меёфт. Гӯё рағбат ба дунё инсонҳоро аз асли масъала, ки ибодат баррасӣ мешавад, дур хоҳад кард. Аммо маслаки раҳбонӣ аз тафаккури раҳбонӣ (хилватгузинӣ ё канор рафтан аз ҷамъият) тафовут дорад, чунки ақидаи мансуб ба баргузидани хилват инсонро водор хоҳад кард, ки бинобар бархурдҳои сатҳи донишандӯзии қишрҳо ва инсонҳо ба андарз гуфтан қаноат

кунад. Андарз бошад, монанд ба дастур аст мубтанӣ бар ин андеша, ки кадом кор бояд анҷом дода шавад ва дигарҳоро набояд дар амал пиёда намуд. Дар чунин ҳолат инсон татбиқкунандаи афкори дигар буда, чун силоҳ дар дасти дигарон хидмат мекунад ва соҳибандеша ҳар гаҳе, ки хоҳад, аз ӯ тир меандозад. Ба ибораи дигар, чун инсон тибқи андешаи дигарон амал мекунад, ва дар умури иҷтимоӣ мустақил нест, нобаста аз натиҷаи фаъолият ба маводи маҳвкунандаи хеш мубаддал мешавад. Дар Шарқ аксар инсонҳо татбиқкунандаи фикри ғайр буда, аз баёни фикри мутааллиқ ба худ иҷтиноб меварзанд. Исботи ин андеша фаъолияти бархе аз муслимини бар мо муосир аз тариқи аҳзобу наҳзатҳои таҳти назорати аҷнабӣ қарордошта ва ба ифрот табдилёфта аст. Агар чунин пиндорем, ки Шарқ дар тасарруфи Ғарб қарор дорад, чандон саҳеҳ нест, аммо мушоҳида мешавад, ки ғарбиён аз хотири қудратталабӣ партовҳои фарҳангии худро монанд ба ҳамоҳангии дину давлат бар машриқиён таҳмил менамоянд. Ғарби муосир рӯҳияи вокунишӣ дошта, онро пайваста тақвият мебахшад. Андешаманд зимни баёни нукот (тезисҳо) бар андешамандони пешин ва муосири хеш аксуламал нишон дода, афкори онҳоро зери тозиёнаи танқид қарор медиҳад. Дар Шарқ бошад, аҳвол бар хилофи Ғарб аст. Он ҷо рӯҳияи ошиқона тарвиҷ ёфта, суннати пешиниён

шадидан бозгӯ мегардад. Бузургтарин иштибоҳи муслимин низ дар гузашта ва алҳол қиёсҳои бемаврид ва муқобилгузориҳои ноҷост, ки тибқи он дин бар зидди дунё баррасӣ ёфтааст. Ҳақиқати инсон шабонарӯзӣ дар таҳқиқи хеш мегузарад ва ин муддат ҳамагон пайи рафъи мушкилот ҳастанд. Агар мо низ дунёбадбиниро чун дунёбезорӣ таблиғ кунем, пас ояндагон фақат розҷӯ мешаванд ва ба дине, ки мо аз он пайравӣ мекунем, ғайри иҷрои воҷиботи он ҳеҷ иртиботе пайдо нахоҳад кард. Яъне, дунёе, ки аҳли тасаввуф онро мазаммат намудаанд, ғафлат ҷӯстан аз худу Худост, на он дунёе, ки мо дарк мекунем, чунки ин ҷаҳонро инкор кардан раҳбоният аст ва раҳбоният хоси ҳамон таҳрифотест, ки башар дар замонҳои мухталиф ба китобҳои осмонӣ ворид сохтаанд. Ҳанӯз дар замони Сомониён файласуфи тоҷик Закариёи Розӣ ҷиҳати анҷом додани амалҳои тахрибкорона мисли худкӯшӣ, ё пӯшидани либосҳои дурушт аз хотири наздикшавӣ ба Худо изҳори нигаронӣ карда, сарчашмаи ин зуҳуротро ҷустуҷӯ мекунад: "Азбаски ҳукми ақлу адл озор ба ғайрро раво намедорад, пас расонидани озор ба худ низ ҷоиз нест. Ин афкор ҳам дорои ҷузъиёти зиёдест, ки ақл дар тавзеҳи он оҷизӣ мекунад. Масалан, амали мардуми Ҳинд дар сӯхтани ҷасадҳои худ ва афкандани худ бар оташи сӯзон ба мақсади ба Худо наздикӣ пайдо

намудан. Инчунин, равиши монавиён дар қатъ кардани хоҳишу нафси худ ҳар гоҳ, ки хотир ба ҷимоъ майл кунад... Дайрнишиниву хонақоҳгузинии исавиён ва дар масҷид гӯшанишинӣ кардани мусалмонон ва худдорӣ аз касб ва камиро дар таъому хӯрдани ғизоҳои ногувор ихтиёр намудан ва пӯшидани либоси дуруштро низ метавон аз ҳамон қабил шумурд"[153]. Ин ҳарф, ки Розӣ ҳазор сол пеш изҳор доштааст, бори дигар исбот менамояд, ки авомили дунёбезорӣ пеш аз ҳама таассуби динӣ-мазҳабӣ маҳсуб мешавад.

Дар бештари маворид дунё дар муқобили дин истифода шуда, замни пазироии он андешаи канор рафтан аз дунё ба унвони наҷот аз олудагиҳои инҷаҳонӣ баррасӣ мегардад. Дунё дар таззод бо вожаи "охират" қиёс шуда, андешаи нодуруст дар мавриди он тавассути амр ба маъруфҳо паҳн гардидааст. Дунёро бештар ба маънии қаноат наварзидан донистаанд ва ибораи "тарки дунё" дар асли пайдоиш дар заминаи аксуламали пурхӯрӣ ва пургӯӣ тавлид ёфтааст. Ба қавли мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Носируддин, сарчашмаи ҳамаи дунёбадбиниҳо ва дунёгароиҳо худхоҳӣ ва нохудогоҳӣ аст: "Ва ҳамаи он хитобот, ки дар боби ашхоси аҳлуннор омада, ҳама омми мутлақ аст. Ва ҳар ҷо дар

[153] Розӣ Закариё. Мунтахаби осор, - Душанбе: Адиб, 1989, - с. 40.

калом ваъдаи биҳишту ҳуру қусур ояд, мосадақи он худро донистан ва ҳар ҷо ваиди дузаху азоб бошад, онро махсуси ғайр донистан...”[154]. Яъне, сиришти инсон иқтизо мекунад, ки ҳамеша хештанро аз бегона афзал шуморад ва худро хуб илқо карда, ғайрро ба бад мутаҳҳам созад ва дар ҳеҷ сурат ғайри худро бар хештан бартарӣ намедиҳад, чунки агар дигарро бар худ афзал донист, пас ҳатман аз бегона таъсирпазир мегардад ва худро дармебозад ва таърих низ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳеҷ рухдоде нест, ки тибқи он миллате аз миллати дигар бидуни ҷанг итоат кардааст. Яке аз авомили гетибадгӯӣ зуҳду тақво ҳастанд ва чун инсон аз хотири қаробат пайдо намудан бо Худо ба риёзат рӯ меоварад, нафси ӯ бештар мехоҳад, ки ба ин амал тақарруб ҷуяд ва оқибат чунин зуҳд аз зумраи аркони нодонӣ зимни адои меъёр мешавад, аммо он низ чун аз садди муқаррааргардида гузашт, бегумон ба раҳбоният табдил меёбад. Асли маънии дунявӣ ба фарогирии шуғл ва дарёфтани мавқеи муносиб дар муҳит ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки онро Аҳмади Дониш дар муқобили тарк ҷамъ пиндошта, якеро алайҳи дигаре муқоиса кардааст: “Фавоиди ҷамъ алалиҷмол он аст, ки мард некӯ бихӯрад, хуш бипӯшад ва ба ҳар кӣ хоҳад, бидиҳад ва бихӯронад ва танокӯҳ ва

[154] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби 2, - Душанбе: Дониш, 1989, - с. 70.

таносул орад ва айши софӣ таҳсил кунад ва зироату тиҷорат намояд. Ва ҳамаи ин маонӣ дар тарк мафқуд бувад, балки маъкӯс, ки давом гурусна бошад ва пашмина ва дурушт пӯшад ва ба касе додан натвонад, балки то тавонад бигирад ва кам бихуспад ва кам бихӯрад ва бе зану фарзанд бошад ва узлат гирад ва дар харобаҳо муқим бувад. Ва ин ду муқаддима ба ҳамдигар зиддонанд, ки ҳеҷ нафс ҷое, ки ҷамъ бувад, таркро ихтиёр накунад"[155].

Инсонро на танҳо гетиоропй ҳарис сохтааст, балки он вижагиҳои бархурдкунанда ба дунё ва дунявӣ, ки дар раҳнамоии динӣ мавҷуданд, ба вижа зимни баррасиҳои охирзамон, башарро ҳарис сохта, онҳоро ҷиҳати канор рафтан аз ҷамъият даъват менамояд. Чун мо нисбат ба вижагиҳои дунё ва охират ҳарис ҳастем, бидуни гуфтугӯ дӯзаху биҳишти дар китобҳо зикршударо дар рӯзгорамон таҳия менамоем. Масалан, нақшофаринии афроди дунёгаро дар адаби миллӣ ва ҷаҳонӣ инъикос шуда, дар ин бобат филмҳои тахассусӣ офарида шудаанд. Ҳамчунин, аз ҳад гузаштагӣ дар масъалаҳои охират аксар диндоронро ба фаҳш раҳнамун сохтааст, хосса маргталабӣ ё худ изҳори андешаҳои фоҳиш чун "ишқи марг". Аммо ниёгони тоҷикон вижагиҳои

---

[155] Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби 2, - Душанбе: Дониш, 1989, - с. 71.

мазҳабӣ надоштанд, чунонки имрӯз ҳастанд. Дар кишвари мо зистан он маъноро дорост, ки шумо дар ҳар лаҳзае тасаввур хоҳед кард, ки Ғайб ба назорат ва неку бади Шумо шарик мебошад, чунки ҳама чиз ва ҳама масъалаҳо тибқи бовариҳои динӣ баррасӣ шуда, ҷиҳати рафъи онҳо ба дин муроҷиат мешавад. Мо ба ҳар шайъ, ки муроҷиат кардем, ҳатман аз он манфиат меҷӯем ва чун дар баррасӣ суд наёфтем, дасту по бармедорем ва ҷойҳоеро муҷаддадан ҷустуҷӯ хоҳем кард, ки он ҷо аққалан манфиати мо бошад. Пас суол пайдо мешавад, ки ҳама гуна пажӯҳиши мо бо дар назардошти манофеи хусусӣ роҳандозӣ мегарданд? Ҳатто комёбиҳоро ба дигарон итлоқ мекунем ва аз бегонагон сипосгузор ҳастем, ки дар таъини сарнавишти мо бо мо шариканд. Аз ҷумла, такопуҳое, ки ҷиҳати баррасии афкор ва фарҳангу тамаддуни исломӣ анҷом медиҳем, оқибат бар зиёни дигарон ва бар суди бархе аз муслимин тарҳрезӣ хоҳад шуд. Чаро? Чунки мо ҳама гуна ҳаводиси рухдодаро аз сарнавишт мебинем ва ихтиёрро дар умур қабул надорем. Агар яке аз ошноён бо мо салом арз накард ва ё худ фарде дар намози ҷамоат аз мо шикоят бурд, бидуни мулоҳиза аз хеш гумонбар мешавем ва мегӯем: чӣ гуноҳе аз мо гузашт, ки Яздон моро маҳкум намудааст! Дар муқовимат зуд доду валвала мебардорем, ки ин ҳама нокомиҳо аз исломситезист. Бубинед: ҳатто

муборизаҳоямон хусусияти мазҳабӣ дошта, дар он ниёзмандиҳои мо таҷассум ёфтаанд. Андаке маҳзун шавем, ҳатман аз худ суолгузорӣ мекунем, ки кадомин амали бадро дар нисбати муслимин анҷом додем. Чун роҳҳои рушди молиявии хонаводагиро напазируфта, амиқан барои такмил иштиёқ надорем ва хештанро ҳамроҳ бо аҳли байт дар чаҳордевори хона маҳбус сохтаем, боз мегӯем, ки дар инҳитоти мо қудрат гунаҳгор аст. Мустазъаф ҳамеша умед бар дигарон дорад ва рушди хуро низ дар эшон меҷӯяд.

## 2. 2. Арзишҳои ҷомеа дар қаринаи ба ворисиятгирии анъанаоти фарҳангӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон

Фарҳанг хусусияти муҳими инсони муосир аст, ки ӯро бо дарназардошти табодул ва ташаккул додани ҷаҳони сунъӣ муаррифӣ месозад, аз аносири дигар ва ғайрифарҳангӣ мутафовит менамояд, яъне мафҳуми фарҳанг муқобили ҷаҳони табиист ва дар оғуши табиат алорағми он баррасӣ мегардад.

Фарҳанг бидуни навсозӣ вуҷуд надорад, он ҳамеша ягонагии анъана ва навовариро фаро гирифта, шаклҳои хешро тавассути тағйирхӯриҳои пай дар пай дар бар мегирад. Имрӯзҳо, ки муосирсозии ҷомеаҳо ва фарҳангҳои суннатӣ, бо фарогирии дигаргуниҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар кишварҳои гуногун ба амал меоянд, ҷаҳонишавии фарҳанг дар сартосари ҷаҳон мушоҳида мешавад. Гузашта аз ин, муосирсозии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф аз марҳилаи саноатӣ берун баромада, тамоми хусусиятҳои онро дар ҷомеаҳои иттилоотӣ дар бар мегирад. Глобаликунонии фарҳанг раванди ба фарҳанги ягонаи ҷаҳонӣ пайвастани фарҳангҳои миллиро ҳануз намефаҳмонад, чунки дар раванди ҷаҳонишавӣ мо ваҳдати муайянеро мушоҳида намекунем.

Синтези фарҳангҳо бо нигоҳ доштани гуногунии фарҳангҳо аз аҳдофе маҳсуб мешавад,

ки раванди ҷаҳонишавӣ онро роҳандозӣ мекунад, аммо аксуламали ҷаҳонисозӣ низ дар тақвияти ҳадафҳое саъй мекунад, ки такмили гуногунии фарҳангҳоро дар замони муосир пайгирӣ хоҳад кард.

Аз омилҳои таърихии ташаккул ва тақвият ёфтани ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир вижагиҳои бархурд ва баҳамоии аносири фарҳангӣ маҳсуб мешавад. Масалан, бинобар қавли ҷомеашиноси муосири амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон, агар асоси ҳувияти фарҳангии амрикоӣ "протестантизми бритонӣ" бошад, бегуфтугӯ пояҳои асосии ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии ориёӣ ва махлутшавии он бо андешаи исломӣ аст, ки алҳол дар анъана ва ҷашну маросими тоҷикон мушоҳида мешаванд. Гузашта аз ин, тамаддуни ориёӣ (эронӣ), ки дар номгӯи А. Тойнби ҷиҳати баррасии тамаддунҳои ҷаҳонӣ ворид гардидааст, майли гуфтугӯ бо ғайр ва баҳамоии тамаддунҳоро инкор намекунад ва чунонки ҳаким Фирдавсии Тусӣ дар "Шоҳнома", дар бахши "Достони дувоздаҳ рух" дар мисоли Пиррони Виса мутазаккир мешавад, ориёиҳо агарчи дар ғасби сарзаминҳои нав мушорикат доштанд, аммо суботи ҷомеаро авлотар шуморида, "баҳамоварӣ" – ро рукни ба ҳадаф мувофиқ медонистанд. Бинобар ин, афкори ориёӣ дар замони хилофати араб ва пасон низ

ҳукумат мекард, агарчи араб бинобар кинварзӣ ба ориёиҳо ҳамаи вижагиҳои фарҳангии онҳоро аз номи худ матраҳ намуда, сохти давлатдории мансуб ба ориёиҳоро бардурӯғ таҳриф менамуданд. Мисоли ин гуна таҳрифсозиҳо “никоҳи маҳорим” ва “умумӣ будани занон” дар бовариҳои динии ориёҳост, аммо таърихи ниёкони мо гувоҳ аст, ки онҳо маслакҳои мухталифе эҷод кардаанд ва дар баробари тавҳид, гурӯҳе аз онҳо ба бутпарастӣ дар марзи Бохтари қадим машғул будаанд. Яъне, на фақат таърих ва бостоншиносӣ, балки хусусиятҳои фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста ба таҳмилшавии ислом феълан анъанаҳои гуногуне ва мансуб ба фарҳангҳои мухталиф мавҷуданд ва агар онҳоро қудрати исломӣ дар таърихи 1400 – солаи худ маҳв накардааст, пас чӣ гуна метавон гуфт, ки раванди ҷаҳонишавӣ ғалабаи ҳувияти амрикоиро бар соири ҳувиятҳо таъмин намудааст? Лекин ҷомеаи Тоҷикистон дар замони муосир ба таҳмили афкори зиддимиллӣ дучор гардида, пояҳои асосии фарҳанги миллӣ дигаргуна баррасӣ мешаванд. Масалан, чун ҳукумати Тоҷикистон иқдом намуд, ки озмуне ҷиҳати баррасии китоби академик Бобоҷон Ғафуров бо унвони “Тоҷикон” роҳандозӣ хоҳад кард, ҳатман дар васоити ахбори коммуникатсионӣ аз забони олимони Ғарб ин андешаи номақбуле расонаӣ шуд, ки

ниёкони мо ҷиҳати ҷалби сайёҳӣ ва тиҷорат ба бутсозӣ машғул мегардидаанд, дар ҳоле ки омили асосии интишори ин ақида, ки бо таърих моҷаро дорад, аслан бартараф сохтани таваҷҷуҳи шаҳрвандони кишвар ба китоби “Тоҷикон” аст.

Лозим ба ёдоварист, ки вижагиҳои фарҳанги ориёӣ дар зиндагии рӯзмарраи тоҷикони муосир маҳфуз мондаанд ва тавассути онҳо умр ба сар мебаранд. Масалан, ҳунари гулдӯзӣ дар шаклу рақам ва дар тасвири худ тафаккури ориёиро баён дошта, ғолибан муҳтавои мобаъдуттабиӣ доранд. Гузашта аз ин, дар баъзе манотиқи кишвар рангҳое мисли сафеду сурх то кунун дар пӯшишҳои миллӣ нақшандозӣ мегарданд, ки бори дигар иртиботи имрӯзиёнро бо фарҳанг ва тамаддуни ориёӣ муаррифӣ мекунад, чунки ақвоми ориёӣ рангҳои мазкурро мунтахаб медонистанд. Дигар аз аносири фарҳанги замони ҷаҳонишавӣ бештар татбиқшавии андешаҳои утопиявӣ аст, ки чунин иқдоми башар таърихи дуру дароз дошта, вазъи нави ҷомеаро қудрат дорад баррасӣ кунад. О. Шпенглер нишон медиҳад, ки навъҳои шахсият ва навъҳои фарҳанг ба ҳамдигар вобастаанд. Ҳар як фарҳанг афсонаҳои худро дар бораи худ эҷод мекунад ва хусусияти вобаста ба давра, мавҷудият ё набудани буҳрон ва ғайра, ки дар фарҳангҳои гуногун вуҷуд доранд, падидаҳои табиатро шарҳ медиҳанд. Кумак ба бунёди муносибатҳо,

меъёрҳои ахлоқӣ, кумак ба зинда мондан навъе аз вижагиҳои фарҳангист. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки худшиносии инсон вобаста ба заминаи фарҳангӣ ва таърихӣ, зерфарҳангӣ ва дар айни замон, афсонасозӣ зарур аст. Худи ҳаёт як ҳикоя аст, аммо дар умқи ҳар як шахс пинҳон аст, зеро тасвири ҷомеа дар рӯйи замин нест. Таҳлили чунин вазъият моро нохост ба хулосае меорад, ки мо бар асоси экзистенсиализми муосир ирфонӣ сухан меронем ва тамоили бозгаштан ба замони бостон мекунем, чунки нодонӣ ва хурофот дар ҳар як утопия мавҷуд аст. Бинобар ин, аз вижагиҳои таҳқиқу баррасии ҳувияти фарҳангии дилхоҳ ҷомеа зеҳнияти ҳамон миллат нақши калидӣ дорад, ки низоми давлатӣ дар дасти ӯст ва истилоҳи менталитет – (аз вожаи лотинии mentalis – равонӣ) – тарзи тафаккур, маҷмӯаи маҳоратҳои равонӣ, муносибатҳои равонӣ ва анъанаҳои фарҳангии хоси шахсият ё ҷомеаи инсонӣ маҳсуб мешавад. Истилоҳи «менталитет» -ро файласуфи амрикоӣ Р. Эммерсон (1856) ҳамчун истилоҳи илмӣ ворид кардааст. Ҷоиз ба тазаккур аст, ки менталитет як намуди мушаххаси тафаккур аст ва сатҳи шуури фардӣ ва коллективиро инъикос мекунад. Он дар зери шуур таваллуд мешавад, аммо тадриҷан умумиятеро, ки аз маълумоти табиӣ ва унсурҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ асоснокшуда иборат аст ва дар ниҳоят дар ғояи ҳаёт ва ҷаҳони атроф ифода

ёфтааст, азхуд мекунад. Баръакси муносибатҳои зудтағйирёбандаи идеологӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ, менталитет бештар табиати доимӣ дорад, зеро дар он одатҳои устувор, одоб ва шаклҳои рафтор инъикос меёбад. Бинобар ин, тоҷикон менталитети хоси худро доранд, ки онро аз ниёи худ мерос гирифтаанд ва вижагии он ба ҳайси зеҳнияти такмилёфта дар гузашта ва имрӯз пазироии дунё алайҳи дунёбезории сомӣ мебошад. Агар ба вижагиҳои зиндагӣ ва тарзи тафаккури тоҷикон таваҷҷуҳ кунем, дер ё зуд дармеёбем, ки онҳо бинобар иқрори лафзии пайрави ислом буданшон, боз аз падидаҳое дастгирӣ мекунанд, ки хоси ориёиҳои қадим мебошанд. Асолати миллӣ ҷиҳати баён доштани тарзи тафаккур дар тоҷикон вижагиҳои дунявӣ дорад, чунки осори гаронқадри ориёӣ ва адабиёти паҳлавӣ гетиороиро чун падидаи аслии созвораи иҷтимоӣ муаррифӣ мекунанд. Аммо андешаи марбут ба исломгароӣ ва пазироии ақидаи аҷнабӣ тоҷиконро дар созишу иртиқои дугунае ба унвони ҳамоҳангии дунявият бо хиради раҳбонӣ, ки маҳсули тафаккури сомӣ мебошад, олуда сохтааст. Ирқан тоҷикон ориёӣ ҳастанд ва лаҳни онҳо ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ворид мегардад, аммо бовариҳои динӣ онҳоро бо ақвоми бадавии нимҷазираи Арабистон ва соири тангчашмони қитъаи Осиё наздик кардааст. Бинобар ин, ҳувияти фарҳангии

тоҷикӣ вижагиҳое махлут дар заминаи олудагии ду навъи тафаккур (дунявӣ ва раҳбонӣ, ориёӣ ва сомӣ) аст ва таҳқиқи чунин вижагиҳо аз ҳадафҳои аслии нигоранда маҳсуб мешавад.

Дигар омили тақвият ёфтани ҳувияти фарҳангӣ ва ҳифзи анъанаҳо дар ҷаҳони муосир тавассути муосирсозӣ кам кардани он тафовутест, ки байни ҷомеаҳои тавсеаёфта ва рӯ ба инкишоф вуҷуд дорад, аммо татбиқи он агар каме беаҳамияӣ нисбат ба фарҳанги миллӣ бошад, оқибат дардҳои мухталифро дар ҷомеа ба вуҷуд оварда, боис ба инҳитоти арзишҳои маънавӣ хоҳад гардид. Кишварҳои рушдкарда ҳувияти фарҳангии хешро бартар дониста, дар садад ҳастанд, ки онро бар дигарон таҳмил кунанд ва ҷиҳати роҳандозии он ҳатто маблағҳои гӯшношуниде сарф менамоянд то ки дигар ҷомеаҳо, ки рӯ ба инкишоф доранд, модели онҳо гарданд, аммо истиқболи он фарҳангҳои таҳмилӣ барои миллатҳои ҳануз тавсеанаёфта маҳви фарҳанги миллӣ аст. Аз ҳамин хотир, аз масъалаҳои басе ҷолиб дар замони муосир ба ворисият бурдани мероси фарҳангии гузашта аст, ки аҷдоди мову шумо онро офаридаанд.

Фарҳанг арзише тақвиятёфта аст, ки роҳҳои ба ворисият додани онро аз насле ба насли дигар дар бар мегирад. Бинобар ин, тоҷикон меросбари фарҳанги ғанӣ ҳастанд, ки бо вижагиҳои мухталиф то кунун ба ёдгор монда, тавассути

муҳтаво ва шаклгирии давраҳои гуногун дар хотираи фарҳангӣ маҳфуз мондааст. Бархе аз ҷомеашиносони ватанӣ чунин мероси фарҳангиро ба шахсе нисбат медиҳанд, ки манобеи исломӣ ӯро асотир хондааст ва ҳақиқати таърихӣ бо дарназардошти маълумоти ҷадиди бостоншиносӣ шахсияти Ҷамшедро хориҷ аз устура медонад. Бояд тазаккур дод, ки пас аз ғасби сарзамин аз ҷониби аъроб ва густариши тамаддуни исломӣ фарҳанги қабл аз исломии тоҷикон дар шакли таҳриф пешниҳод шудаанд ва агарчи бештари мероси хаттии то исломӣ дар пӯшиши исломӣ таблиғ мешаванд, аммо арзишҳои ориёӣ ҳамеша бо арзишҳои сомӣ бархурд хоҳанд кард. Яке аз манобеъ, ки ин бархурдро воқебинона инъикос намудааст, "Муқаддима" – и Ибни Халдун маҳсуб мешавад, аммо асли манобеъ ҷиҳати баррасии тафовутҳои ориёию сомӣ аввалан, "Шоҳнома", пасон "Маснавии маънавӣ" мебошанд.

Табиат на фақат макони зист барои инсон аст, балки он ба мартабаи ниҳодест, ки вижагиҳои моддию маънавии башарро муайян мекунад. Аммо инсон бинобар хаёлпардозиҳои зоид ва худхоҳиҳои ғайри қобили дастгирӣ табиати хешро мункир шуда, ҷиҳати таҷовуз ба муҳиту табиати ҳамгирой замина ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, инсон дар табиат мавқеъ ёфта, паси панҷараи манофеъ табиати худро

инкор менамояд. Ин мавзуъ барои пайгирӣ ва таҳқиқ қобили қабул хоҳад буд. Хаёлбофтаҳо моро аз табиат дур сохта, бо ормонҳое наздик мекунанд, ки асли табиӣ надоранд. Масалан, дунёбезории аҳди қадим ва тахрибкории муосир... Дар баробари ин, аз сабаби хусусияти худ таҷрибаи воқеӣ аксар вақт ҳадафи асосии худ - ҳамчун манбаи дониш хидмат карданро амалӣ намекунад. Бисёр равандҳои биологӣ мураккабанд. Кӯдакони дорои тафаккури хаёлӣ дар азхудкунии умумияти абстрактӣ душворӣ мекашанд, бидуни расм онҳо равандро дарк карда наметавонанд, падидаро меомӯзанд. Инкишофи тафаккури абстрактии онҳо тавассути образҳо ба амал меояд. Моделҳои мултимедиявии аниматсионӣ имкон медиҳанд, ки дар шуури донишҷӯ тасаввуроти мукаммали раванди биологӣ ташаккул дода шавад, моделҳои интерактивӣ имкон медиҳанд, ки раванд мустақилона «тарҳрезӣ» карда, хатогиҳояшон ислоҳ карда, мустақилона омӯхта шаванд. Фарҳанг қабл аз ҳама эҳёшавӣ аст, ки дар тасодуми андешаҳо, арзишҳо ва анъанаҳо пайхас мешавад. Бинобар ин, беназмӣ ва ҳар гуна тамоили хараҷу мараҷ дар иҷтимоъ мухолифи фарҳанг буда, аз омилҳои фарҳангсозӣ дар зеҳният маҳсуб мешаванд. Ба ибораи саҳеҳтар агар ин масъаларо пайгирӣ кунем, чунин хулоса дар зеҳн ҳувайдо мегардад, ки бефарҳангӣ

вижагиҳои фарҳангзо дорад, чунки он қабл аз ҳама ба унвони иртиботу иттилоот, шинохту арзишҳо ва созандагиву эҳёшавӣ мухолифат мекунад. Фарҳанг маҳсули тафаккури инсон аст ва махсус ба ӯ талаққӣ меёбад. Буҳрони фарҳангҳо бештар дар заминаи бархурди тамаддунҳо ба вуҷуд меояд, чунки ҳадафҳое, ки тамаддунҳо айни замон ҷиҳати рушд ва таъмини волоияти хеш роҳандозӣ мекунанд, бар муҳтавои фарҳангҳо зарба мезанад. Бинобар авзои имрӯза дар ҷомеаҳои тавсеаёфта рушди гӯшношуниди тамаддун омили асосии харобшавии фарҳанг маҳсуб мешавад. Алҳол, шаҳрванди кишварҳои рушдкарда ниёзҳои моддӣ надорад ва дар табиати ӯ фақат ҷанбаҳои маънавӣ инқилоб мекунанд, яъне ӯро муҳити маънавӣ лозим аст, ки тавассути он ормонҳои ботинии худро татбиқ созад, аммо чунин муҳитро надорад ва маънаван косташавии табиати даруниаш оғоз мегардад. Ҳама гуна тараққӣ боз буҳронҳои мухталифро эҷод менамояд ва фалсафаи ҳаёт ҳастиро бидуни нестӣ баррасӣ нахоҳад кард, чунки тамоилҳо бозгӯкунандаи ҷонибҳое мебошанд, ки дар муқобили ҳамдигар қарор доранд. Освалд Шпенглер муътақид аст, ки азбайнравии фарҳангҳо гузариши онҳоро ба тамаддун таъмин хоҳад кард. Баръакси ин, ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ҳастанд, ки дар онҳо фарҳанг бар тамаддун таъсиргузор буда, заъфи ҳар ду

мушоҳида мешаванд. Яке аз омилҳои рӯоварӣ ба фарҳангҳои тавсеаёфта ҳамин заъф ва дар ҳоли инҳитот қарор доштани фарҳангҳои миллӣ мебошанд. Чун инсон дар фарҳанги хеш, ки ба он бештар дин, забон ва ҳунар бо тафаккури асил дохил мешаванд, ормонҳои дарунии худро амалан татбиқ сохта наметавонад, бегуфтугӯ ба фарҳанги бегона муроҷиат мекунад, вале дар фарҳанг ду вожаро мудовим мутазаккир мешаванд: меросбар ва иҷрогар. Барои баррасии онҳо ҳунари мақомҳоро ба ҳайси мисол меорем, ки дар он меросбар ҳамонҳое муаррифӣ мешаванд, ки дар гузашта ин ҳунарро эҷод намудаанд, аммо яҳудиёни минтақа зимни иҷрои "Шашмақом" ҳунари олӣ нишон медиҳанд. Бо вуҷуди ин, онҳо фақат иҷрокунанда мебошанд. Бо ҳамин монанд, ҳунари ҷоз дар фарҳанги Ғарб аст, ки меросбари он аврупоӣ мебошад, аммо миллатҳои ғайри аврупоӣ дар муносибат ба он иҷрогар ҳастанд, яъне ҳунарро меросбар дарк мекунад, на иҷрогар, чунки иҷрогар дар ин маврид фақат муқаллид аст ва фикр мекунад, ки бо иҷрои ҳунаре мансуб ба Ғарб метавонад дар назари дигарон мутамаддин бошад, аммо чунин андеша иҷрогарро фарсаҳҳо аз тамаддун дур мепартояд, чунки андеша дар чунин шакл бо табиати инсони худогоҳ созгор нест ва истиқлол дар тафаккур мушоҳида намешавад. Дар ин маврид ҷоиз ба тазаккур аст, ки андешаи яке аз

назарияпардозони фароиндустриалӣ Збигнев Бжезинскийро мисол орем, ки номбурда омили васеъ паҳншавии фарҳанги Амрикоро аз ғалабаи ӯ бар соири фарҳангҳо донистааст: “Бартарии фарҳангӣ як ҷанбаи дастикам гирифташуда аз қудрати ҷаҳонии Амрикост. Фарҳанги оммаи амрикоӣ бо дарназардошти арзишҳои зебошинохтӣ кашиши магнитиро, ба вижа барои ҷавонон дар саросари ҷаҳон мунташир мекунад. Ҷазбияти ҷаҳонии фарҳанги амрикоӣ ғайри қобили инкор аст ва барномаҳову филмҳои телвизионии амрикоӣ тақрибан се-чаҳоруми бозори ҷаҳониро ба хеш ихтисос додаанд. Саргармиҳои амрикоӣ чун мусиқӣ, одоти ғизохӯрӣ ва ҳатто либоспӯшӣ дар сартосари ҷаҳон тақлид мешаванд”. Ин иқтибос бештар ба даъват монанд аст ва ба таҳқиқ иртибот надорад, чунки маводи ғолиб дар фарҳанг вуҷуд надорад ва ҳар кӣ вижагиҳои фарҳангиро чун хусусияти фарҳанги ғолиб баррасӣ мекунад, бештар ҷанбаҳои таблиғиро адо хоҳад кард. Бинобар ин, ҳангоми пажӯҳиши илмӣ бархурди фарҳангҳо мушоҳида мешаванд, агарчи баъзан тақлид аз аносири бефарҳангӣ муаррифӣ мешавад. Аммо аҷиб дар пажӯҳиши Бжезинский Осиёи Марказӣ ва майли геополитикаи қудратҳои ҷаҳонӣ ба он мебошад. Гузашта аз ин, мавсуф аз панҷ кишваре, ки дар минтақа ҳузур доранд, чаҳор давлатро туркзабон муаррифӣ карда, Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дар иртибот бо Афғонистон мавриди таҳлил қарор додааст: "Дар Осиёи Марказӣ авомили дохилӣ нақши муҳимтаре дар эҷоди бесуботӣ бозидаанд, чунки аз нигоҳи фарҳангӣ ва забонӣ чаҳор кишвари тозаистиқлолёфтаи минтақа туркзабон маҳсуб мешаванд. Нуфузи забони порсӣ дар Тоҷикистон эҳсос мегардад ва бо дарназардошти Афғонистон, ки дар он пуштуҳо, тоҷикҳо ва дигар милал иқомат мекунанд, аҳолии шаш кишвар мусалмон мебошанд. Аммо барои муддати тӯлонӣ бисёре аз онҳо таҳти нуфузи Эрон, Туркия ва імперотурии Русия буданд, вале ин таҷриба рӯҳияи манофеи муштаракро дар онҳо тақвият набахшидааст"[156].

Падидаи дигар аз зуҳури нохудогоҳии фарҳангӣ фарҳанграбоӣ аст. Фарҳанги бегонаро чун фарҳанги миллӣ муаррифӣ кардан барои миллатҳое тааллуқ дорад, ки дар таърих аз фарҳанги дигарон баҳравар шудаанд ва фарҳанги миллии онҳо айни замон рақобатпазир нест. Ҳамчунин, шахсиятҳои ба худ бегонаро аз худ пиндоштан ва баҳси одамрабоии маънавӣ низ натиҷаи заъфи фарҳангист. Ба қавли академик Раҳим Масов, чунин омилҳои рӯоварии бегонагон ба фарҳангу афроди ориётабор дар гузашта низ эҳсос мегардад: "Султон Маҳмуди

---

[156] Бжезинский З. Великоешахматное дела, - М.: АСТ, 2018, 368 с.

Ғазнавӣ ҳатто аслу насиби турку муғулии худро инкор кард ва монанди Сомониён муддаӣ буд, ки Баҳроми Чубин аз ниёкони дури ӯст, хонҳои Қарахонӣ таҳти таъсири достонҳои ҷовидонии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, худро аз табори Афросиёб медонистанд. Вале ҳамон гуна, ки маълум аст Афросиёб набераи Фаридун буд ва дар шарёни ӯ хуни туркӣ набуд. Аз манобеи хаттӣ мо медонем, ки донишмандони форсу тоҷик барои хонҳои мухталифи турку муғул ойинномаҳо ва дастуруламалҳои гуногуне таҳия мекарданд, дар бораи созмони давлат ва шеваҳои идораи он китобҳо менавиштанд"[157].

Ба андешаи Вамбери, фарқи тоҷик аз дигарон нақши фарҳангофаринӣ буд, ки тоҷикон дар таърих мерос гузоштаанд. Дар замони муосир ин нукта мушаххас аст, ки фарҳанг новобаста аз ҷанбаҳои тааллуқии худ гузаштаи худро бозофаринӣ мекунад ва онро мутобиқ ба меъёрҳо ва талаботи нав дар заминаи иҷтимоӣ бозсозӣ менамояд. Ҳар навоварие, ки вижагиҳои фарҳангӣ дошта, вориди майдони иҷтимоӣ шуд, ҳатман ном иваз карда, ба як унсури дарунии фарҳангӣ табдил меёбад. Фарҳанг дар шаклҳои гуногун бозтавлид мешавад, чунки он бо вижагиҳои мухталифи хеш ғайритабиӣ буда, маҳсули тафаккури инсонҳост. Бинобар ин,

[157] Масов Р. Таърихи тоҷикон бо мухри "комилан сиррӣ", с. 116.

фарҳангро бо аносири зертобеъ ва маҳдудиятҳои анъанавии он ба унвони фарҳанги воҳиди умумибашарӣ баррасӣ карда намешавад. Ақидаи Освалд Шпенглер ҷиҳати номумкин будани чунин фарҳанге боиси дастгирист, чунки ҳар мавҷуде бо тавлиду марг алоқаманд буда, оқибат саҳнаи ҳастиро тарк мекунад. Дигар ҷонибдори ин ақида Карл Ясперс маҳсуб мешавад, ки аз дидгоҳи ӯ эътиқод танҳо бовариҳои динӣ нестанд. Ба андешаи Зигмунд Фрейд, фарҳанг маҷмӯаи дастоварҳоро мушаххас кард ва муҳофизати инсонро дар табиат таъмин намуд. Бояд тавзеҳ дод, ки мафҳуми "фарҳанг" дар Руми бостон ба унвони мухолиф бо истилоҳи "табиат" мутаваллид шуд ва ин вожаро дар муқобили табиат истифода мекарданд. Ҷудо кардани фарҳанг аз тамаддун дар аксар пажӯҳишҳои нодир мушоҳида шуда, ин ду мафҳум бинобар вижагиҳои худ аз ҳам ҷудо баррасӣ шудаанд. Ҳамаи дастовардҳои фарҳангӣ ё маънавӣ мероси фарҳангӣ номида мешаванд ва меросият ба лутфи диалектикӣ байни кӯҳнаву ҷадид анҷом мешавад. Ин вижагии асосии замон монанди ваҳдати нопайваста ва пайваста, гузашта, имрӯза ва ояндаро мунъакас мекунад. Дар пешсухани китоби "Чеҳраҳои мондагор" Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи ворисият ва иртиботи дирӯзу имрӯзро чунин баррасӣ менамояд: "Мо дар

ҷаҳони имрӯз фарҳанги беназир дорем ва ворisi тамаддуни беш аз шашҳазорсола ҳастем. Баробари ин шахсиятҳои бузурги фарҳангию таърихие дорем, ки ҳар кадоми онҳо мавриди эҳтироми хосу ом мебошанд. Вале замони муосир моро водор месозад, ки баробари ифтихор доштан аз гузаштагони хеш дар арсаи зиндагии имрӯза қаҳрамонҳои корзори замонро ба воя расонем, Ватанамонро боз ҳам обод гардонем, чароғи маърифатро партавафшон созем ва ба наврасону ҷавонони соҳибзавқи хеш ба дастовардҳои тоза ноил гардем то онҳо шукуфоии миллатро таъмин намуда, кишвари моро ба як сарзамини аз ҳар ҷиҳат пешрафта табдил диҳанд"[158]. Барои шинохти худ инсон бояд ба гузаштаи дур мурочиат кунад ва хотираи таърихии хешро ҳифз намояд, вагарна ҳамаи дастовардҳо ва бурдбориҳои инсон натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Ҳифзи мероси хаттии гузаштагон на бар ин маъност, ки ҳар чӣ дар гузашта аҷдоди шумо ба қалам овардаанд, онҳоро ҳифз кунед, балки воқиф будан зарур аст, ки ниёгони шумо дар гузашта кӣ буданд ва чӣ гуфтаанд, яъне инсон бояд аз дидгоҳи пажӯҳиш ба гузаштаи худ мурочиат бинмояд ва дар ин маврид дар китоби "Чеҳраҳои мондагор" ин ҳарфҳоро мутолиа мекунем: "Ҷомеа то хотираи

[158] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор, - Душанбе: Эр-граф, 2016, - с. 5.

қавии таърихиро, ки дар осори фарҳангиву илмии бостон маҳфуз аст, аз худ накунад, аз хираду заковати гузаштагон баҳраманд нашавад, дар тамоми риштаҳои зиндагӣ ба дастовардҳои дилхоҳ ноил шуда наметавонад”[159].

Ба қавли файласуфи тоҷик Усмонзода Х.У., “фарҳангҳо на танҳо гузаштаву ҳозираро дарбар мегиранд, балки барои ояндагон низ ба мерос расида, сарнавишти минбаъдаи қавму миллатро муайян мекунанд”[160]. Мавсуф муътақид аст, ки фарҳангҳоро инсон меофаринад ва ин созандагӣ хусусияти тадриҷӣ дорад. Аммо тафаккури созандаро эҳтироми гӯшношуниде ба гузаштаи хеш маҳв месозад, чунки фард ҳамаи ормонҳои дарунии худро дар гузаштаи аҷдодӣ мебинад ва барои ӯ ақли созанда тадриҷан бо фарогирии мероси хаттии ниёкон оқибат ба хотири ҳифзкунанда табдил хоҳад ёфт. Фарҳанги мо бошад, бо гузаштаи хеш ифтихор дорад ва чун сухан аз таҳқиқ оғоз гардид, муҳаққиқон ғолибан ба шарҳу тафсири фарҳанги гузаштагон мепардозанд. Усмонзода низ тамоили мазкурро зикр намуда, ин ҳарфҳоро иқрор кардааст: “Омӯзиши ин масъала моро ба он рӯ ба рӯ месозад, ки дар

---

[159] Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор, - Душанбе: Эр-граф, 2016, - с. 333.

[160] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, - Душанбе: Дониш, 2020, - с. 166.

фарҳанги мо имрӯз ҳисси эҳтироми баланд нисбат ба фарҳанги гузаштаамон мушоҳида мешавад ва ин таъсири худро дар фазои эҷоду роҳандозии ҳаёти маънавии ҷомеа аён месозад”[161]. Бо нишонаи эҳтиром ниёи худро ҷойи таҳқиқу баррасӣ ҳифз намудем ва бархе ҳамватанон дар ин амр хеле фарохтар рафта, ҳатто девонҳоро ҳифз кардаанд, аммо аз ҳифзи ҳикмати аҷдодӣ моро чӣ суд, вақте ки муҳтавои он ҳикматро надонем. Чун пажӯҳиш нест, тафаккур асли созандаро гум мекунад ва ба зеҳне табдил меёбад, ки ҳамеша аз андешаи ғайр таъсирпазир хоҳад буд. Агар фарҳанги Ғарбро баррасӣ кунем, бешубҳа хоҳем дид, ки дар он таърих ашхосе чун Мартин Лютер, Рене Декарт ва Фридрих Нитше гузаштаро бо имрӯза омезиш надода, балки имрӯзаро аз гузашта наҷот додаанд. Саввумӣ дини насрониро ба ҳайси шиканандаи инсон муаррифӣ кардааст. Аввалӣ бошад, бар фарҳанги ҳамонвақтаи аврупоӣ эътироз кард ва протестантизм ҳосили ҳамон эътирозест, ки Лютер алайҳи католитсизм доштааст. Саймумин Ятимов дар мақолае таҳти унвони “Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат”, ки дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” дар соли 2021 нашр шудааст,

---

[161] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, - Душанбе: Дониш, 2020, - с. 173.

чунин меорад: “Мартин Лютер (асри XVI) дар натиҷаи таҳлили таҷрибаи рӯзгори мардумони Ғарб, аз ҷумла, таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии миллати хеш, ба хулосае омадааст, ки бузургтарин неъмат барои халқ истиқлоли миллӣ аст. Вале нуктаи муҳимтарин ин аст, ки чунин мақомро танҳо тавассути истиқлоли зеҳнӣ таъмин кардан имкон дорад. То миллат аз рӯҳияи ғуломӣ озод набошад, вобаста ва идорашавандаи бегонагон хоҳад буд. Оқибатҳои фоҷиабори он ба дӯши халқ, аз насл ба насл хоҳад гузашт. Вобаста ба ин рӯҳонии соҳибандеша мардонавор шиори машҳури худро эълом дошт: “Озод шудан аз зери султаи папаи Рим кори тамоми миллат аст!” Мантиқи хизматҳои таърихии Мартин Лютер посух додан ба саволе буд, ки “чӣ тавр оилаи бузурги умумидавлатӣ бояд сохт?”. Ташкил шудани давлатҳои миллӣ дар Аврупо намунаҳои беҳтарини тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро ба бор овард. Амният ва суботи ин давлатҳо ҳам, натиҷаи сохти давлатдории миллии онҳост, ки бар пояи ҷаҳонбинӣ ва идеяҳои Мартин Лютер асос ёфтаанд. Аз ақидаҳои миллатхоҳонаи ҳамин рӯҳонӣ сарчашма гирифтаанд”.Посдорони фарҳанги миллии тоҷикон бошанд, дар гузашта барои аз қудрат рафтани намояндагони халқи хеш мусоидат карданд ва онҳоро дар ин ҷода

рӯҳониёни мазҳабӣ ҳидоят намуданд, аҳли қалам бошад, бинобар авзои моддию молиявӣ ба даргоҳи аҷнабӣ рафта, онҳоро дар тазъиқу истеъмори миллати худ ҳампаймонӣ карданд ва чунин авзоъ имрӯз низ дар муҳити нашъунамои фарҳанги миллӣ ҳукумат мекунад. Имрӯз низ баъзе аз шаҳрвандони кишвари мо хориҷ аз Меҳани худ ба тахрибкорӣ машғуланд, ки намунаи олии таассуб ва хурофот аст. Дар замони муосир фарҳанги имрӯзро бо гузашта набояд муқоиса кард, агарчи бийни онҳо иртибот вуҷуд дорад, чунки муҳтавои фарҳангӣ ва масъулияти афроди соҳибфарҳанг дигар шудаанд, чунонки Усмонзода Х.У. мегӯяд: “Дар ҷомеаи воқеан мутамаддин фарҳанг на ҳамчун соҳаи фароғату дилхушӣ, балки пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи тавонои ташаккули идеологияи миллӣ, рушди маънавӣ, муаррифгар ва муайянкунандаи мақому манзалати мамлакат дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад”[162]. Барои исботи ин фикр эҳёи тафаккури ҷашниро мисол меоварем ва дар масоили матраҳшудаи имрӯзу дирӯзи Наврӯз онро баррасӣ мекунем. Манобеъ дар ин маврид агарчи бисёранд, аммо як ақидаро дунбол кардаанд, агарчи Наврӯзи муосир бештар фароғату дилхушии мардумро

[162] Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, - Душанбе: Дониш, 2020, - с. 175.

инъикос менамояд, аммо дар асли хеш ҷашни хуҷаста бештар ба аносире иртибот доштааст, ки илми фалсафа онро метафизика ном бурдааст. Яъне, тозакории ботинӣ ва зоҳирӣ асли Наврӯзи замони Ҷамшед аст ва ҷаҳиш аз алангаи оташ беш аз пеш ба самти дувуми тозакории наврӯзӣ мусоидат мекунад. Дигар ин ки дар Наврӯз инсонҳо ба якдигар ҳадяҳо тақдим менамуданд, аммо тақдими мавод ба ғайри худ ва бегона ба ин маъност, ки фарди ҳадяпазир эҳтироми шуморо нисбат ба хеш истиқбол мекунад ва ҷавобан ба ин иззати шуморо изҳор менамояд. Имрӯз низ тамоили ҳадядиҳӣ афзудани меҳрро дар қалби инсонҳо бозгӯ мекунад. Чаро ақвоми ориётабор қабл аз фарорасии Наврӯз мавзеи иқоматии худро тозакорӣ карда, маҳсулоти ба талабот ҷавобгӯ набударо ба партовгоҳ мепартофтанд? Ҳамаи ин анъанаҳо эҳёи маънавии ориёҳо буд, бинобар ин, ин ҷашн новобаста аз фишору тазъиқ ва тӯҳмату бадгӯиҳои муслимини асримиёнагӣ то имрӯз идома ёфта, дар осори хаттӣ мавриди баррасӣ ва пажӯҳишҳои мухталиф қарор гирифтааст. Аз он ки кутуби луғот вожаи "фарвардин"-ро моҳи сари сол гуфтаанд ва Наврӯз рӯзи аввали ин моҳ аст, пас дар ин мавврид тамоми муҳаққиқон иқроранд, ки Наврӯз ба сифати ҷашн ба рӯзи аввали моҳи фарвардин баробарӣ дорад, чӣ Ҳурмуз номи рӯзи аввал аст аз

ҳар моҳи шамсӣ. Абӯрайҳони Берунӣ низ дар "Осорулбоқия" ба ин ҳақиқатнигории аҳли қалам ихтилоф надорад. Хайёми Нишопурӣ Наврӯзро аз нигоҳи илми нуҷум баррасӣ карда, пайдоиши онро аз дастрасии бархе аз ниҳонҳои илми солшуморӣ медонад. Ибни Балхӣ низ дар “Форснома” ба мавзуи фавқ дахолат варзида барпо кардани Наврӯзро тааллуқоти эътиқодии ориёҳои қадим донистааст. Расми дигари ориёиҳои қадим ин аст, ки онҳо рӯзи нав ҳафт намуди ғалларо дар канори хона мекоштанд ва аз рӯидани ин ғалла ба натиҷаи зироат дар оянда пешгӯӣ менамуданд. Дар ин рӯз шустушӯи бадан ҳатмӣ буд. Ҳамчунин, мардум ба якдигар об мепошиданд, то ки рӯзи нав тозаю хуҷаста бошад. Фалсафаи Наврӯз низ эҳёи ботиниро дарбар мегирад. Ориёиҳои аҳди бостон ҳамасола дар баҳманмоҳ, ки байни Садаву Наврӯз қарор дорад, аз истеъмоли гушт парҳез менамуданд ва ғолибан, маводи гиёҳу рустаниро дар ғизо истифода мекарданд. Агар ба тарзи омодасозии ғизо аз ҷониби тоҷикони муосир назар афканем, хоҳем дид, ки онҳо дар ин моҳ имрӯз низ гиёҳҳоро беш аз пеш истифода менамоянд. Аммо ин иқдомҳо заминаи табиӣ доранд, чунки аксар ҳайвонҳои хонагӣ дар ин муҳлат лоғар гардида, ниёз ба эҳёи дубора доранд ва шояд ҳамин омил ориёиҳои қадимро водор сохтааст, ки аз хӯрдани гушт парҳез кунанд. Дар қиёс бо чунин ҳашмати

фарҳанг, ки ҳазорсолаҳо давом пазируфтаанд, баъзе аз анъанаҳои дар Шуравӣ ва генерал-губернатории Туркистон падидомадаро матраҳ месозем. Масалан, барпо намудани ҷашнҳои идулфитр ва қурбон, баргузории маъракаҳои афроди равоншод, ки бо ибтикори ашхоси рӯҳонӣ роҳандозӣ мешаванд ва бар ҳамагон бармалост, ки эшон аз ин маъракаҳо манфиат мебинанд, аммо дар чунин анъанаҳои маснӯӣ ҷойи фарҳанги ниёгон бефарҳангӣ мушоҳида мешавад ва маълум мегардад, ки анъанаҳои зиёновари бебаҳра аз фарҳанги миллӣ низ аз ҷониби шаҳрвандон посдорӣ мешаванд. Ба ибораи дигар таҳмил шудани анъанаҳои бесуд дар давраҳои гуногуни таърихӣ миллати моро аз арзишҳои фарҳангӣ дур андохтааст. Бинобар тамоили омезиш ва баҳамоии фарҳангҳою тамаддунҳо фард дарк нахоҳад кард, ки кадом вижагиҳо бар ӯ таҳмил шудаанд ва кадом хусусиятҳо бар ӯ аз ниёкон мерос мондаанд? Муҳаққиқони замони бостон дар ин ақидаанд, ки бо вуҷуди ғасб намудани сарзамини аҷдодии мо ба Искандари Румӣ муяссар нашуд, ки фарҳанги юнониро ба ақвоми эрониасл бор кунад, агарчи дар сарчашмаҳои исломии асримиёнагӣ аз Искандари ғосиб шахси адлпеша сохтанд, дар ҳоле ки нобудкунандаи мероси хаттии бостонии мо маҳз ҳамин Искандар буд. Ақидаи дигар басе маъмул гардидааст, ки омили зуҳур кардани

мутафаккирони сатҳи ҷаҳонӣ аз миёни тоҷикон чун Бӯалии Сино, Берунии Хоразмӣ, Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ва дигарон аз пайравии эшон ба ислом бархостааст, дар ҳоле ки Берунӣ омили асосии азбайнравии мероси илмии мансуб ба хоразмиёнро дар бефарҳангии афроди ғосиб таҳти сарварии Қутайба ибни Муслим медонад ва аҳволи паноҳандагии Ибни Сино низ бо дарназардошти оворагии ӯ таассуб ва розҷӯии муслимини давр будааст. Наметавон гуфт, ки тоҷикон афкори таҳмилшударо пайгирӣ карда, бар пояи нубуғ расидаанд. Агар нақши фарҳангофаринии тоҷикӣ намебуд, ҳеҷ тоҷике дар олам пазируфта намешуд ва гузашта аз ин, онҳоро дигарон моли худ намепиндоштанд. Ҳатто ҳастии вожаи тоҷикро дар шакли пеш аз исломӣ таҳти унвони “тожик” инкор мекунанд ва бар манобеъ, ки мустаъмал будани ин вожаро дар забонҳои бохтарӣ ва суғдӣ бо истидлол исбот намудаанд, эътироз намуда, вижагиҳои ба он мансубро мехоҳанд бо замони нуфуз ёфтани фарҳанги арабӣ бибаранд. Ба қавли Ғулом Ҷелонии Доварӣ забони ориёӣ мансуб ба забони санскритии ведоӣ буда, калидвожаи “тоҷик” шакли арабгардидаи “тожик” аст.

Ин фикр аз ҷониби файласуф Комил Бекзода ва бостоншинос Юсуфшо Ёқубов низ

матраҳ шуда, мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Ин гуна баррасиҳои илмӣ низ гувоҳ аз бархурдҳои зеҳние ҳастанд, ки шаҳрванди кишвар ҳамеша бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад. Бинобар ин, барои фарди зиёӣ ду андеша падидор мегардад, ки яке асолати нажодӣ (ориёӣ) ва эҳёи фикри миллист, ки замони ҳукумати араб ва соири ғосибони сарзамини аҷдодии мо дар шаклҳои таҳмилхӯрда пешниҳод шудаанд. Дувумӣ буридан аз фарҳанги ориёӣ ва пайвастан ба бегонагироӣ аст, ки моро дар муқобили худ вомегузорад, яъне мо барои истиқболи партовҳои Ғарб чун интиқоли инқилоби исломӣ ва бозгашт ба аҳди муслимини садри ислом бо дарназардошти роҳандозӣ шудани давлати воҳид ба унвони "Хилофати муслимин" кӯшиш бояд кунем, ё худ ҳадди аққал пайравӣ аз дини арабро идома дода, таърихи пешазисломиро лағв мекунем, ки мутаассифона ҳеҷ миллате ё қавме то кунун аз баҳри мероси маънавии гузаштагон даст набардоштааст. Ақвоми асримиёнагӣ, ки бештар ба фарҳангҳои барояшон бегона рӯ овардаанд, дар ҳоли бадавияти нимавахшӣ қарор доштанд ва барои онҳо пайгирӣ кардани фарҳанги бегона роҳи наҷот ва ягона заминаи рушд маҳсуб мешуд. Зимни таҳқиқ ҳеҷ фарҳангеро намебинед, ки аносири бегона надошта бошад, ҳар фарҳанги зинда ва муосир

бо мо бо фарҳангҳои дигар махлут ёфта, дар пояи табодул бо ғайри худ омезиш ёфтаанд. Бинобар ин, падидаи муосир ҷиҳати баррасии ҳувияти фарҳангӣ махлут шудани фарҳанг бо сиёсат аст ва ин падида беш аз пеш дар кишварҳои абарқудрат ба унвони чандфарҳангӣ (multikultur) мушоҳида мешавад. Клинтон сиёсати чандфарҳангиро алайҳи идеяи қаблан вуҷудошта, ки таҳияи миллати воҳиди амрикоӣ буд, оғоз кард, ки он аз лиҳози муҳтаво бо падидаи ба расмият пазируфтани гугогунии фарҳангӣ бархурд менамуд, аммо ҳадаф аз роҳандозӣ шудани чунин сиёсати фарҳангӣ ҷалби аққалиятҳо ва ҳимояи онҳо дар интихобот буд. Файласуфи муосир Бенҳабиб муътақид аст, ки "ҳар навъи фарҳанггироӣ худро тавзеҳ намедиҳад, зеро тавассути қаринаи иҷтимоии хос муайян мегардад, аммо маҳкумшавии вижагиҳои чандфарҳангӣ дар миқёси бузург аз заъфи ҷомеашиносӣ гувоҳӣ медиҳад"[163].

Равобити фарҳангии ом на ба сурати табиӣ, балки ба навъи татбиқшавӣ дар муҳити сиёсии иҷтимоӣ анҷом мепазирад. Сиёсати мазкур ҳам дар Иёлоти Муттаҳида ва ҳам дар Федератсияи Россия мубтанӣ бар омилҳои фарҳангӣ нестанд ва агарчи ба гуногунии фарҳангӣ асос ёфтааст,

[163] Бенхабиб С. Притязания культуры, - с. 135.

аммо ба унвони идғоми сиёсӣ ва асли шаҳрвандӣ нуфуз кардааст. Мушкили Чин дар гузариш аз ҳувияти фарҳангӣ ба ҳувияти миллӣ арзёбӣ мешавад, мушкили русҳо тасодум байни гироишҳои авруосиёӣ (славянӣ) ва ғарбзадагӣ мебошад, аммо мушкили ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳёи фарҳанги миллӣ бо дарназардошти ғолибияти ангезаҳои динӣ маҳсуб мешавад. Инсоншиноси тоҷик Маҳмадалӣ Музаффарӣ бамаврид қайд кардааст: "Ба қавли Зартушт, сарнавишти ҳар фарде дар дастони ӯст, зеро дар ниҳоят чизе ҷуз маҷмӯаи пиндор, гуфтор ва кирдори солеҳ нест. Танҳо натиҷаи муштараки се мазҳари номбурда метавонад масири чархи сарнавишти инсонро тағйир диҳад"[164]. Ин ҷо мо ба муҷиби набудани саҳеҳият дар манобеъ маънаван гуфта наметавонем, ки Зартушт поягузори асли фалсафаест, ки алҳол ба он илми муосир такя мекунад, вале муроҷиат ба тафаккури ӯ уламои Ғарбро дарки саҳеҳтари ҷамъиятӣ ато намудааст. Алорағми ҷаҳонбинии муосири илми ватанӣ дар таълимоти ориёӣ тафаккури дунявӣ баррасӣ шуда, масъалаҳои гуногуне дар пояи идроку такомули инфиродӣ пажӯҳиш ёфтаанд.

Ба ибораи дигар, чун мо ба якдигар бештар андарзҳо мегӯем ва суҳбатҳоямон вижагиҳои пандомез доранд, бешубҳа ин омил аз нуқсони

---

[164] Музаффари М. Системная антропология, - с. 89.

маънавӣ дар тафаккури мо гувоҳӣ медиҳад ва новобаста аз ин ки меросбари фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳастем, андарзгӯйӣ ва суханбозиҳои бемавриде, ки алҳол дар пӯшиши назм интишор мекунем, нишона аз мушкили маънавии мост. Зимни баррасии фалсафаи ориёӣ мавсуф ҷаҳонбинии мушахассеро таҳлил карда, ҷиҳати тафовути неку бад ба чунин хулосаи амиқ омадааст: “То замоне, ки инсон дар ҷисми биологии худ маҳдуд аст, ҳисси “Ман”-и худӣ ҳамеша бо ӯст”. Номбурда бо таваҷҷуҳ ба манобеъи ориёӣ, ки “Қонуни Мануҳ” мебошад, асли афкори басе интишоршударо бо номи ориёиҳои аҳди бостон таҳқиқ намуда, зимни баррасии он баъзе бардоштҳоро мутазаккир шудааст. Масалан, тафаккуре, ки дар қонуни мавҷуд зикр ёфтааст: “Ҳама чиз, ки дар натиҷаи иродаи шахси дигаранд, бадӣ ва ҳар чиз, ки аз иродаи худи шахс аст, некист”. Аз ин фалсафа, ки ба ориёҳо мансуб мебошад, донишманди муосири тоҷик натиҷагирӣ карда, онро дуруст арзёбӣ мекунад, чунки инсон фақат бо тафаккур ва фаҳмишҳои хоси хеш метавонад нақши инфиродии босазое дошта бошад. Агар фикр дар фард таҳмил гардад, пас маълум мегардад, ки инсон маънаван мавҷуд набуда, ҷисман инъикоскунандаи афкор ва ҳадафҳои шахси бегона аст. Чун инсон ба ҳайси мавҷуди биологӣ дар асорати маънавии бегона ва аҷнабӣ қарор

дорад, дар ҳеҷ сурат ӯро инсон пазируфтан нашояд ва яке аз омилҳои бартарӣ пайдо кардани тафаккури ориёӣ бар ақидаи сомӣ баррасии воқебинонаи масоили марбут ба ҷаҳонбинии дунявии ниёкони мо, тоҷикон аст, ки чандин маротиб аз ҷониби ғосибони марзбуми аҷдодӣ сӯзонида шудаанд. Онҳое, ки мутақоид ба дуаслӣ ва баррасии неку бад дар маҳалли худ ҳастанд, сахт иштибоҳ мекунанд, чунки тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии мансуб ба ориёиҳои қадим неку бад дар замини тафавути нисбат ба якдигар доштаашон матраҳ насохтаанд ва ин ки дини Зартушт оташро меҳвари парастиш қарор додааст, ҳақиқати воқеӣ надошта, ҳарфе аз қабили туҳмат ба шахсияти ӯст. Ба қавли Музаффарӣ, "фикр ҷаҳонро офаридааст, на ҷаҳон фикрро". Гузашта аз ин, Музаффарӣ бад-ин бовар аст, ки тасодуми фикр ва гуногунии биологӣ омили пешрафт ва якрангиву яккасолорӣ нишони маҳвшавӣ маҳсуб мешавад. Аз ҳамин хотир, зимни таҳқиқи андеша ва ҷаҳонбинии ориёӣ чунин менависад: "Агар ҳамаи одамон дар тафаккури худ андешаи зинда мондан ва мутобиқ шуданро парваранд, зиндагӣ моҳияти худро гум мекунад"[165].

Ориёҳои қадим "Мани номаҳдуд"-ро нодиданӣ пиндоштаанд ва ин тамоили худогоҳии

[165] Музаффари М. Системная антропология, - с. 47.

фалсафӣ то кунун истиқбол мегардад, чунки ҳар шайъ, ки диданӣ нест, барои шинохтан эҳтиёҷ пайдо мекунад ва фақат дидаӣҳо андоми зоҳирии шайъ маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, муҳаққиқ аз тафаккури ориёӣ ин фикри бикрро иқтибос кардааст: “Нодонӣ, зулмот – роҳи таҳаввул аст”[166].

Тибқи баррасии масоили фалсафӣ дар “Ригведа”, ки аз зумраи интишороти ориёӣ аст, “нодонӣ” зулм аст ва инсон дар як сурат инсон номида мешавад, ки фаҳмиши инфиродӣ дошта бошад. Дар сурати дарк накардани шайъ инсон аз соири ҷонварон мутафовит нест ва чун сутур баррасӣ мешавад. Шояд ҳамин омил аст, ки Музаффарӣ ҳини таҳқиқи ҳикмати ориёӣ ба якчунин хулосаи дақиқ меояд ва мефармояд: “Зӯроварӣ хоси табиати ҳайвонӣ аст”[167].

Афкори ориёӣ чунонки аз манобеъи мухталиф бармеояд, алорағми тафаккури раҳбонӣ, ки ба гӯяндагони забони ибрӣ тааллуқ доштааст, ё амиқтараш бархурди андешаи ориёӣ бо ақидаи сомӣ аз дерзамон аз омилҳои тақвият ёфтани тамаддуни башар маҳсуб мешавад. Новобаста аз ин ки китоби Зартушт бо унвони “Апастак” чандин маротиб аз сӯйи ғосибони кишвари ориёиҳо нобуд гардид, аммо ниёкони

---

[166] Музаффари М. Системная антропология, - с. 54.

[167] Ҳамон ҷо, с. 93.

тоҷикон он мероси ғании хаттиро дигарбора барқарор менамуданд ва аз эҳтимол дур нест, ки китобсӯзон дар мисоли мақдуниҳо ва аъроби дар ҷаҳлу торикӣ қарордошта афкори ба ислом тааллуқдоштаи хешро аз манобеъе чун “Абасто” ва баъдан “Менуи хирад”, ё худ “Шаҳристони Эрон” ва амсолашон, ки феълан таҳти унвони “адабиёти паҳлавӣ” интишор мешаванд, бардошт намудаанд, чунки тафаккури ориёӣ дар баробари ақоиди сомӣ дар осори хаттии исломӣ мушоҳида мегардад ва чунин дидгоҳ дигарбора исбот мекунад, ки китобҳо чун ганҷинаи пурбаҳо аз якдигар баҳрабардорӣ кардаанд. Масалан, рост истодану ҳамон лаҳза пешоб рондан, ки дар “Менуи хирад” маҳкум мешавад, дар дигар китоб ва эътиқодот интиқод ёфтааст ва чунин такроршавии тарзи тафаккур ҷиҳати бадгӯии дунявият низ бесабаб намебошад, чунки агар мо тафаккури мансуб ба Зартушт ва ориёиҳои аҳди бостонро дар заминаи майл пайдо кардани онҳо ба дунявият пиндорем, пас ягона тафаккуре, ки бо он тафаккур қиёспазир асту андешаи сомӣ donиста мешавад, дар пояи ақоиди раҳбонӣ то кунун баррасӣ мешавад. Чунин бархурдҳо дар андешаронӣ ва рушди ҷаҳонбиниҳо имрӯз низ идома дорад ва басе муҳлатҳост мушоҳида мекунем, ки ҳамин ду тарзи тафаккур аз ҷониби милалу дували муосир пайгирӣ хоҳад ёфт, агарчи ба унвони мудерн ва постмудерн паҳн карда

мешавад. Махсусан, муҳаққиқоне чун Алии Шариатӣ ва манобеъе чун “Муқаддима” – и Ибни Халдун бархурди мазкурро дар ду истилоҳ: яке бадавӣ ва дигаре шаҳрнишинӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Идораи қудрат бидуни истифода аз дину эътиқодот ва баръакс, ҳукумат кардани ақвоми бадавӣ бо истифода аз боввариҳои динӣ, ё худ амиқтараш тавассути диндорӣ аз зумраи афкори басе шигифт аст, ки мо ҷиҳати баррасии калидвожаи “дунявӣ” вомехӯрем. Тафовути қобили қабули таълими Зартушт аз соири адён таваҷҷуҳи ӯ бар дунявият ва табиати инсон маҳсуб мешавад ва бар хилофи динҳои насронӣ ва ислом Зартушт таъини сарнавишти башарро дар дӯши вай мегузорад.

Бинобар эҳсоси нохуш ба ориёиҳо, аксар қавмҳои бадавӣ ҷиҳати таҳрифи осори хаттии онҳо рафторҳои номақбулро раво дидаанд. Масалан, туҳматҳое, ки бадгӯён ба шоҳаншоҳи Ҳахоманиш ҷиҳати вуҷуд доштани “никоҳи маҳорим” раво донистаанд, то кунун дар зеҳни бештаре аз инсонҳо маънии ҳақиқатро пазируфтааст. Дигар он буҳтонҳое, ки бар Мониву Маздак нисбат додаанд, бавижа, ҷиҳати умумият доштани занон дар таолими Маздак дар аксар манобеъ, ки ба тамаддуни исломӣ ихтисос мепазиранд, ба таври дастур мунташир ёфта, ҷиҳати бад нишон додани мадракҳои авастоӣ ва паҳлавӣ иқдоми басе бадбинона дар таърих

мебошад. Дар номаи дифоъ аз ҳуқуқи Зартушт, ки “Абасто” маҳсуб мешавад, барпо кардани оила барои марду зани ҷавон зарур арзёбӣ шуда, низоми хонаводагӣ дар беҳбуд гардидани вазъи иҷтимоӣ тазаккур ёфтааст. Ба ибораи дигар, никоҳи марду зани ҷавон ва аз синни 15-сола боло дастгирӣ меёфт ва ин ки бархе аз муҳаққиқини Эрони бостон бо такя бар манобеъи сохташуда никоҳи маҳоримро дар дини Зартушт дуруст пиндоштаанд, боис ба тааҷҷуб мебошад, чунки никоҳи маҳорим ва далелҳои вуҷуд доштани он дар Эрони қадим фақат аз таассуб ва эҳсоси нафрат алайҳи эрониён пайдо шудааст. Ҳамаи сарчашмаҳое, ки никоҳ бо модарро дар мисоли баъзе шоҳони Ҳахоманиш ироа намудаанд, на танҳо бар оини Зардуштия, балки бар тамаддуну фарҳанги ориёӣ нигоҳи муғриз доштаанд ва хушунат дар ҳамоҳангӣ бо ҳасад ононро кӯр сохтааст. Яке аз далоили радкунандаи инчунин никоҳ боби 53-и ояти панҷуми “Готҳо” мебошад, ки издивоҷро танҳо ба марду зани бегона ҷоиз медонад: “Ба шумо мегӯям, эй мардони домодшуда ва эй занони арӯсшуда! Ҳамеша ҷуфти худро дар хотир дошта бошед ва бо якдилӣ ва якҷиҳатӣ тариқаи поки оинро раҳпаймо шуда, бо дасти иттиҳод ва иттифоқ хешро мулаббас бо либоси ростӣ ва ошӯӣ намоед, зеро ба яқин зиндагии саҳеҳ ва орзуи шодмонӣ хоҳед дошт”. Дидгоҳи

мутазаккир ҷиҳати вуҷуд доштани никоҳ бо модар ҳамон тӯҳматеро мемонад, ки афроди мутаассиб пас аз чандин садсола ба Маздак нисбат дода, номбурдаро бо он муҷрим медонистанд, ки дар дини овардааш занонро умумӣ кардааст. Дар ин маврид, дар китоби “Сиёсатнома” буҳтонҳо кам нестанд.

Ҳеродот, ки рисолае бо унвони “Таърих” нигоридааст, баъзе вижагиҳои фарҳанги ориёиро баррасӣ карда, мутмаин аст, ки онҳо ҳувияти хосро такмил додаанд. Номбурда андар навиштани хулқу одот ва анъанаоти эрониён таваққуф карда, тарбияи кӯдакони эрониро бо шавқ нақл мекунад ва бузургтарин гуноҳро барои эронии мазҳабӣ муаррифӣ менамояд: “Эрониён ҳеҷ чизро ба қадри дурӯғ мӯҷиби шармсорӣ намедонанд ва баъд аз дурӯғ қарз гирифтанро, зеро мегӯянд: он кас, ки қарз дорад, дурӯғ ҳам мегӯяд”.

Тибқи пешниҳоди муҳаққиқи чандфарҳангӣ Гёран Терборн, тамоили мазкур дар се қаринаи фарҳангӣ истифода шудааст. Аввалӣ, сиёсӣ аст, ки дар он истидлол “барои” ва “алайҳи” сиёсати чандфарҳангӣ ва равиши муносиб ба мудирият аз ин истилоҳ ба унвони пуштибон истифода мешавад. Мухолифини сиёсати чандфарҳангӣ дар солҳои 60-уми садаи гузашта дар Канада дар ҳамин қаринаи чандфарҳангӣ зуҳур карда буданд. Қаринаи дувуми чандфарҳангӣ таҷрибӣ,

тавсифӣ ё таҳлилӣ дар нигоришҳои илмӣ ҷиҳати ноҳамгунии фарҳангии ҷомеа аст. Қаринаи савум ба омилҳои иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат тадохул дошта, масоили низомҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро дарбар мегирад[168]. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи чандфарҳангӣ бидуни дахлварзиҳои сиёсӣ ва дар таҷрибаи гузашта ва имрӯз мушоҳида мешавад, ки дар боло аз дугунагии он мутазаккир шудем, аммо фарҳанги ғолиб дар муҳити иҷтимоӣ ҳамон фарҳанги миллӣ аст, ки бинобар эҳёшавии он дар чаҳорчуби танзим ва тадвини муосир қарор дорад. Бинобар таҳқиқи Ҳантингтон, мавқеиятҳои шадиди иҷтимоӣ қодиранд, ки ҳувиятро аз байн бибаранд ё онро ба шиддат тағйир диҳанд. Баҳогузории зайл авзои иҷтимоии кишварро дар солҳои 90-уми садаи XX ба хотир меорад, чунки ҳаводиси он солҳо то андозае ногувор буданд, ки азбайнравии на танҳо ҳувият, балки миллату давлатро ба вуҷуд оварда, каме нофаҳмӣ имкон дошт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро чун давлати мустақил аз харитаи сиёсии ҷаҳон ҳазф кунад, аммо тадбирҳое, ки Ҳукумати кишвар ҷиҳати бозоварии фирориҳо ва сулҳ хостан бо мухолифин имкон фароҳам овард, ки Тоҷикистон масъалаи ҳастиву нестии хешро

---

[168] Тернборн Г. Мультикультуральние общества, - 2001, - №1, с. 50-67.

бартараф намояд. Заъфи ҳувияти фарҳангӣ инҳитоти давлатӣ аст ва агар ҳувиятҳо дар буҳрон қарор дошта, ба нестӣ мубтало шаванд, давлатҳо низ аз байн мераванд, чунки аз авомили рушди кишварҳо тақвият ёфтани ҳувият аст, ки дар миқёси ҳамон давлат шакл гирифтааст.

Дар замони муосир нуфузи шабакаҳои иртиботӣ дар ҳамаи ҷомеаҳо ба назар мерасад. Беҳуда муосириятро "ҷомеаи иттилоотӣ" нагуфтаанд. Зуҳуру интишори Интернет дар дигаргуниҳои (трансформатсия) фарҳангӣ ва инфиродӣ хеле чашмрас аст. Ҳатто бархурдҳои геосиёсӣ ва омезиши фарҳангҳою тамаддунҳо бидуни он тасаввурнопазир мебошанд. Аммо метавон чунин иртиботи маҷозиро фарҳанг пиндошт? Бештарини муҳаққиқин онро чун "фарҳанги маҷозӣ" баррасӣ намудаанд. Яке аз машҳуртарин таҳқиқгари чунин фарҳанг ҷомеашиноси марксизми навзуҳуркарда Мануэл Кастелс мебошад, ки ба унвони "Асри иттилоот" рисолае нигошта, он ҷо ғайр аз иқтисоду ҷомеаи шаҳрвандӣ, боз ҷиҳати фарҳанги маҷозӣ пажӯҳиш намудааст. Ба қавли мавсуф, агар иттилооти иртиботиро ба унвони фарҳанг баррасӣ мекунем, аммо дар асли воқеа монанд ба фарҳанг, лек зудгузар аст: "Пас ин рӯҳи иттилоотгарӣ чист? Албатта фарҳанги ҷадиде ба маънои арзишҳои суннатӣ нест, зеро теъдоди

бозигарони шабака ва ихтилофи муҳтавои онҳо чунин чизеро ба унвони шабакаҳои воҳиди иртиботӣ рад мекунад. Ҳамчунин, маҷмуае аз ниҳодҳо нест, зеро мо тавсеаи мутафовите аз ширкатҳои шабакавиро дар ниҳодҳои мухталиф мушоҳида кардаем... Воқеан, фарҳанг аст, аммо фарҳанги зудгузар, фарҳанги маҷозӣ аст. Як нерӯи фаъол аст, зеро дар ҳар лаҳза иттилоотро барои қудрати иқтисодӣ фароҳам месозад"[169]. Шояд чунин иртиботро бархе аз муҳаққиқин аз ҳудуди фарҳанг хориҷ бинмоянд, чунки дар назар чунин менамояд, ки он маснӯист ва бар қудрати созандаи инсон дахл надорад, аммо он бархурдҳову низоъ ва даргириҳое, ки Интернет пахш мекунад, маҳсули қудрати созандаи инсонҳост, дар ҳоле ки низошиносӣ дар замони муосир ба ҳайси илм омӯхта мешавад. Ҳақиқат ин аст, ки Ғарб дар таҳмили фарҳанги хеш бар ҷаҳони ғайр маҳз ҳамин фарҳанги маҷозиро сохтаву ба кор овардааст то тавассути он фикри хешро дар ҳамаи гӯшаву канори олам бор кунад, вале ин он маъноро надорад, ки чун афроди рӯҳонӣ Интернетро маҳсули тахайюли кофар пиндошта, аз истифодаи он сарпечӣ кунем. Баръакс, мо низ метавонем тавассути шабакаҳои иртиботӣ фарҳанги миллии худро бар ҷаҳониён муаррифӣ намоем ва бо истифода аз он ҳувияти

[169] Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общества и культура, - М.: ГУ ВШЭ, 2000, - с. 197.

фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистонро тақвият бубахшем. Интернет ва шабакаҳои иртиботӣ, ки ба унвони фарҳанги маҷозӣ баррасӣ шуданд, аз воситаҳои асосии раванди баҳамоии фарҳангҳо ва махлутшавии ҷомеаҳои фарҳангӣ дар асри ҳозир аст, аммо омили фарҳангсозӣ ва рушди тафаккури инфиродӣ табиати инсон мебошад. Чунонки муҳаққиқи рус Лев Гумилев мегӯяд: "Ҳар андоза агар технология тараққӣ карда бошад ҳам, ҳама чизҳои тақвиятдиҳандаи ҳаётро инсон аз табиат мегирад"[170]. Мафҳуми "ҷомеаи иттилоотӣ" мавриди интиқоди файласуфон ва донишмандони инсонгаро қарор дорад, ки ба ноҳамоҳангии технологӣ ва паёмадҳои манфии компутеркунонии ҷомеа ишора мекунанд. Назарияпардозон бо истифода аз мафҳуми мутазаккир чун Даниел Белл, Элвин Тоффлер ва дигарон муътақиданд, ки "асри оянда дар таърихи башар на танҳо як ҷомеаи иттилоотӣ, балки як ҷомеаи фароиндустриалӣ номида мешавад"[171]. Гузашта аз ин, мавсуф зимни баррасии қудратҳои муосир ва чигунагии онҳо дар садаи XXI донишҳоро қудрати аслӣ муаррифӣ карда, бозиҳои мазҳабии қудратҳои ҷаҳониро мутазаккир мешавад ва ин андеша дар замони муосир бармало мушоҳида мегардад, агарчи заминаи истифода аз адён алайҳи адён

---

[170] Гумилев Л.Н. Этногенез и биосфера Земли, - М.: Мысл, 1960, - с. 6.
[171] Тоффлер Э. Метаморфозы власты, - М.: АСТ, 2003, - с. 44.

тафаккури ҷомеашиноси амрикоӣ Самюэл Ҳантингтон буд. Инак, андешаи Тоффлерро ин ҷо баррасӣ мекунем: “Истидлоли баҳсбарангез ва он чи ки усулан баҳсбарангез нест, ба ҳамон андоза маҳсул ва аслиҳаи даргириҳоест, ки дар ҷомеаи муртабит бо қудрат рух медиҳад. Ҳақиқати ҷалъӣ ва дурӯғ ва ҳамчунин, монанд ба далелҳои воқеӣ, қонунҳои илмӣ ва адолати пазируфташудаи мазҳабӣ таҷҳизоти бозиҳои мудовими қудрат маҳсуб мешаванд”[172].

Таконбахши фарҳанг табиат аст, на технология, аммо рушди ҳангуфти ҷомеаи муосир бо технология иртибот дорад ва дар миқёси истифода аз интеллекти маснӯӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ минбаъд рушд хоҳад кард. Сарнавишти фарҳанги башар дар фалсафаи Ғарб ба унвони худсозӣ ва фаъолияти айнӣ ба ин далел хоҳад буд, ки ҳастию воқеият ба сурати дубахшӣ ва ҳамоҳангии табиат ва ҷамъият талаққӣ мешавад. Синтези табиат ва ҷамъият ба лутфи “ихтироъ”-и фарҳангии инсон имконпазир шуд. Шаклгирии худогоҳии фард ба унвони ҷонваре, ки тафовути худро аз дигар ҷонварон дарк кард, бисёр ҷолиб мебошад. Яъне аз авомили густариши ҳувияти фарҳангӣ яке дарки тафовутест, ки фарҳангҳою тамаддунҳоро аз ҳам ҷудо кардааст. Барои бештар баррасӣ ёфтани масъала ба мутафаккири

---

[172] Тоффлер Э. Метаморфозы власты, - М.: АСТ, 2003, - с. 43.

маорифпарвар Аҳмади Дониш рӯ меорем. Мавсуф дар "Меёр-ут-тадайюн" ба масъалаи тафовути неку бад дахолат дошта, онро омили худогоҳӣ медонад: "Пас, он камол, ки ба худ гумон карда, аз фарти татаббӯъ ва варақгардонӣ ва донише, ки ба худ иснод менамоӣ, бедори хоболуда аст, ки тамизи неку бад натавонад кард"[173]. Аҳмади Дониш на танҳо ихтилофи байни мазҳабии муслиминро баррасӣ мекунад, балки аз ин мунокишаҳо дуртар рафта, ихтилофи адёнро низ таҳқиқ менамояд ва ҳамчунин ба хулосае меояд, ки аз ихтилофи мазҳабҳо як идда афроди манфиатҷӯ истифода карда, ин ихтилофро ба ҳадди ҷангу хархаша мерасонанд. Махдуми Бухорӣ дар иртибот бо нигораҳои мазҳабии Мирзо Абдулқодири Бедил чунин мегӯяд: "Одамӣ, ки бори таклиф ба дӯш дорад, ба ҳазор меҳнату машаққат ҳамоғӯш, агар дар авқоти шабу рӯз соате ба заъми худ фароғат ёбад, дар ин соат кори ӯ тавбату инобат ва истиғфор аст, бояд ки тадоруки нуқсону ҷароими хеш кунад, на ки ба мадҳу замми хешу бегона ва шумора кардани неку бади ғайр ин соатро зоеъ кунад ва маъсам бар масоим афзояд"[174]. Ин ихтилофи мазҳабӣ, ки 150 сол муқаддам вуҷуд доштааст, айни замон дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф идома меёбанд, аммо аз ин ихтилофҳо

---

[173] Аҳмади Дониш. Меъёр-ут-тадайюн, - Душанбе: Эр-граф, 2010, - с. 56.
[174] Аҳмади Дониш. Меъёр-ут-тадайюн, - Душанбе: Эр-граф, 2010, - с. 155.

қудратҳои ҷаҳонӣ истифода карда, муслиминро фарсахҳо аз фарҳангу тамаддуни муосир дур мепартоянд. Суоле пайдо хоҳад шуд, ки ғарбӣ чӣ мехоҳад? Шояд аз хостаҳои ӯ ин бошад, ки ғайри ӯ бар ӯ мутаваҷҷеҳ шавад, аммо ҷалби бегона бар худ аз ормонҳои Ғарб нест. Онҳо бо дарназардошти фалсафаи постмодернизм талош доранд бартарии хешро аз соири ҷомеаҳои барояшон бегона қавӣ гардонанд. Бинобар ин, дар аҳди баҳамоии фарҳангҳо ва масоили меросбарии фарҳангӣ ихтилофи мазҳабии кишварҳо эҳё мегардад. Тибқи андешаронии ҷомеашинос Шоназар Шоисматуллоев, "аслитарин арзишҳои маънавӣ барои фарҳанги суннатӣ, ки густариши онҳо садсолаҳо давом пазируфтаанд, садоқати холис ва ҳубби Ватан ҳастанд"[175]. Номбурда фарҳанги ашхоси солхурдаро аз ҷавонон мутафовит медонад ва муътақид мебошад, ки фарҳанги насли ҷавон дар ҳоли номуайянӣ қарор дошта, омили ташаккули якчанд хурдафарҳангҳо дар ҷомеаи муосири тоҷикистонӣ гардидааст. Ҷаҳони муосир чунон печида ва номуайян аст, ки ҳатто дар масъалаҳои робитаи байни давлатӣ мавқеи ин ё он давлатро ташхис намудан амри муҳол гардидааст. Дар вебгоҳи АМИТ мақолаи ҷомеашинос интишор шуда, ин иқтибос аз он мақола аст, ки ҷиҳати

---

[175] Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в годы независимости: социальные и социокультурные трансформации, - Душанбе: Дониш, 2018, - с. 81.

ҳувиятшиносии ҷавонон навиштаи беҳтарин маҳсуб мешавад: “Ҳувияти миллӣ ин алоқаҳо, салиқаҳо, андешаҳо, ойинҳо ва арзишҳои муштарак дар як ҷомеа мебошанд. Ҳоло се дидгоҳ: миллӣ, динӣ ва ғарбӣ дар ҷомеа нисбат ба таърифи ҳувият мавҷуд аст. Ҳувияти фардӣ ва иҷтимоӣ, ҳувияти таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ, динӣ ва ғайра, падида ва унсурҳои асосии ба вуҷудоваранда ва шаклдиҳандаи ҳувияти миллӣ мебошанд. Масъалаи мубрам ва мураккаби имрӯза барои ҳар як миллат дар раванди худшиносӣ ҳифз ва нигоҳдошти ҳувияти фарҳангӣ дар шароити ҷаҳонгароӣ мебошад. Хатари асосии ҷаҳонгароӣ бо унсурҳои асосии ҳувияти миллӣ: забон ва фарҳанг мерасад. Масъалаи асосие, ки дар ин замина пешорӯйи миллат қарор мегирал, роҳ надодан ба бегонашавӣ, бегонапарастӣ ва беэҳтиромӣ ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат парвариши шахсиятҳои фарҳангии худогоҳ, асил, парварда бо ормонҳои волои ҷомеаи анъанавӣ ва ғояҳои бузурги замони нав, миллатпарвар, меҳнатдӯст ва фидокор, нахустин ва муҳимтарин марҳалаҳои худшиносии иҷтимоию маънавӣ ва худогоҳии миллии шахс дар рафти таҳсилоти миёнаву олӣ бояд бошад. Тарбияи шахсиятҳои миллии ҷаҳоншумул, донанда ва дорандаи фарҳанги миллӣ, асолату ҳувияти миллии тоҷикон чун маҷмӯи унсуру

арзишҳои тоисломӣ, исломӣ, шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ ба манфиати ҳамагон аст. Ҳуввияти ташаккулёфтаи миллӣ синтез ё омезиши маҷмӯи арзишҳо ва унсурҳои муайяни ҳувият ва фарҳанги миллат мебошанд” (https://www.anrt.tj).

Аз як ҷониб, мусоидат бо раванди ҷаҳонсозӣ ва дар ин замина таъмин намудани гуногунии фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар назми ҷомеаҳо роҳандозӣ мешаванд, аз тарафи дигар гиравидан ба марказҳои асосии тамаддуни Ғарб ҷиҳати пайдо кардани шуғл ва синтези вижагиҳои фарҳангӣ татбиқ мешаванд, аммо новобаста ба авзоъ ва аҳволи ҷомеаҳо, ки онҳоро Алии Шариатӣ ба се гуруҳ ҷудо кардааст (а-ҷомеаи бадавӣ, б-ҷомеаи таърихӣ ва в-ҷомеаи муосир), гироиши гушношуниде ҷиҳати иқомат доштан дар бузургтарин шаҳрҳои Аврупо аз ҷониби насли ҷавони ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ҳамчун ҳадаф парварида мешавад. Аз ин хотир, суоле пайдо мешавад, ки тафовути насли ҷавон аз насли кӯҳансол чист ва чаро насли ҷавон бар хилофи калонсолон амал карда, ғолибан аз идеяи миллӣ маҳрум мондаанд? Чунки нохудогоҳӣ ва номуайянӣ айни замон ормонҳои дарунии ҷавононро баррасӣ мекунанд ва онҳо дар қиёс бо насли кӯҳансоли ҷомеа, ки ғолибан тарбияи Шӯравиро дидаанд, зиндагиро таҳти шиори “зистан танҳо барои худ” қабул карда, бинобар

орзуҳо ва тахаюли хеш кишварҳои тавсеаёфтаро асос қарор дода, зистан дар минтақаҳои рушдкардаи ҷаҳонро бар худ муносиб дидаанд. Бинобар ин, интихоби онҳо бештар ба бегонагироии афроди рӯҳонӣ шабеҳ буда, ҷиҳати таъини сарнавишти худ зудбумро фаромӯш мекунанд. Гузашта аз ин, онҳоро масъалаи миллӣ дар хиҷолат намегузорад, чунки мавқеи сиёсии онҳо номуайян буда, рафторҳояшон бештар ба ҳадафҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Шояд ҳамин омил, ки намояндагони хурдафарҳангҳо чандон эътимод ба арзишҳои фарҳанги хос ба миллати муайян надоранд, файласуф Комил Бекзодаро водор сохт, ки наҳзади шуубияро муҳаққиқ шуда, тамоили миллатгароиро алорағми аксар ҷомеашиносон навъе аз худогоҳии миллӣ тавзеҳ диҳад. Мавсуф дар китоби хеш бо унвони “Аз таърихи худшиносии тоҷикон” зимни пажӯҳиши комил дар ҳақиқати ҳаракати шуубия чунин менависад: “Ақидаи нависандаи ин сатрҳо аз ин қарор аст, ки миллатпарастии мусбат як навъ худшиносӣ аст. Ин навъи худшиносӣ хоси ҳамаи қавму миллатҳо ва хоси ҳамаи давру замонҳо мебошад. Мушкилӣ ин ҷост, ки инсонҳо дар ҳар давру замоне ба сабаби хомии иҷтимоӣ ва таърихии худ миллатпарастиро танҳо дар шакли

ифротӣ ва манфиаш мавриди таҳқиқ ва татбиқ қарор додаанд”[176].

Воқеан, инсон ба ҳайси ҷонвари гӯё ҳамеша гумшудаи хешро меҷуяд ва зимни ҷустуҷӯҳо ҳатто эҳсос ҳам намекунад, ки лаҳзае моқабл метавонист арзишҳои фарҳангии ба ӯ мансубро гум кунад. Бинобар ин, инсон новобаста аз синну сол, мавқеи иҷтимоӣ ва макони будубошаш тааллуқи худро эҳтиром мекунад ва агар ин эҳсос бинобар тағйирёбии авзоъ ва аҳволи ӯ каме таназзул ёбад, бегуфтугӯ фард дар баробари гумшуда, боз гумкардае хоҳад буд, ки ҳастии ӯ ба меъёрҳои ҳастӣ муқовимат карда, раванди гузариши ӯро аз ҳастӣ ба нестӣ далолат менамояд. Гироиши нохудогоҳонае ба фарҳанги бегона ҳамин авзоро мемонад, ки инсон бидуни дарк кардани арзише онро бар ивази ҳастии худ соҳиб мешавад. Тафаккур ва таърихи фарҳанги тоҷикон аз замонҳои хеле қадим то имрӯз инсонсозӣ ва давлатсозиро мемонад, ки бо вуҷуди ғасбкориҳои мудовими аҷнабӣ ба арсаи ҳалокат расида, боз аз нав эҳё мешаванд. Аммо домҳои муосир ҷиҳати боздоштани ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф қабл аз ҳама бо ниқоби понисломизм нуфуз пайдо кардани понтуркизм мебошад ва ин гуна домҳоро дар даҳсолаҳои аввали садаи XX мушоҳида намудем. Майли беш

---

[176] Бекзода К. Аз таърихи худшиносии тоҷикон, - Душанбе: Дониш, 2006, - с. 21.

аз андозаи тоҷикон ба дин омили асосии эҷод шудани домҳое ҳастанд, ки дар зоҳир ба ислом алоқаманд мебошанд, аммо дар асли худ онҳо барои лағви миллатдӯстӣ ва ватанпарастӣ дар шаҳрвандони ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф нигаронида шудааст. Агар дар замони мудерн маводи маънавии таҳмилшуда иборат аз ин буд, ки тоҷикон қабл аз қабули ислом дини худро доштанд ва дар замони асримиёнагӣ бо нишони эътироз ба тасаввуфи исломӣ гиравиданд, аммо дар замони постмодерн онҳо моро гӯшзад мекунанд, ки ислом маслаки сиёсӣ аст ва муслимин ҷиҳати ҳифзу интишори он бояд исломгаро бошанд, яъне дар ҳар ду маврид бегона барои татбиқ намудани манфиатҳои геополитикии худ мехоҳад тоҷикро истифода кунад.

Баррасии қаринаи ба ворисиятгирии анъанаҳои фарҳангӣ бар асоси равишҳои гуногуни таҳқиқӣ дар замони соҳибистиқлолӣ зуҳур кард ва муҳтавои он бинобар тавзеҳи арзишҳои таърихии фарҳанги миллӣ боз ҳифзу тавсеаи он ба унвони интиқоли арзишҳои фарҳангиро дарбар мегирифт. Тоҷикон фарҳанги ғаниро мерос гирифтаанд, аммо тамоили меросбарӣ бар ҳар фарди тоҷик созгор нест, чунки на ҳама намояндагони миллат мероси фарҳанги миллиро дарк хоҳанд кард. Масалан, ҷашнҳое ки алҳол дар кишвари мо истиқбол

мегарданд, барои ҳамагон ошкор нест, ки ин ҷашнҳо кай ва ба хотири кадом ормоне пайдо шудаанд. Ё худ анъанаҳое, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаашон мустаъмал аст. Алҳол, ҷавонон, ки издивоҷ мекунанд, расмҳои навро ихтироъ карда, дигаронро водор месозанд то фаъолияти онҳо таҳти контрул гирифта шавад. Ба ин монанд ихтирокориҳо, ки дар ҳама самтҳои анъанавии фарҳангҳо ба назар мерасанд, ҳолати нохудогоҳии фарҳангиро махсусан, дар рафтори ҷавонон исбот менамояд ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷомеаи Тоҷикистон барои роҳандозӣ шудани раванди муосирсозии фарҳанги миллӣ ҳануз омода намебошад. Бо вуҷуди ин, аз зумраи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон инсонҳое ҳастанд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ масоили ниёз ба матраҳшавиро баррасӣ мекунанд ва дар дигаргуниҳои глобалии ҷаҳони муосир фаъолона ширкат мекунанд.

Ҳангоми тавзеҳи арзишҳои мансуб ба ҷомеаи Тоҷикистон дар қаринаи ба ворисиятгирии анъанаҳои фарҳангӣ дугунагии афкор ва интихоби равишҳое, ки дар тӯли таърих падид омадаанд, такрор мешаванд ва барои исботи ин фикр лаҳзае ба таърихи бостон рӯ оварда, дар мисоли муҳофизон ва созандагони Меҳан чун Спитамон, Томириси масагет, Деваштич, Ибни Муқаффаъ ва Ибни Муқаннаъ, сапедҷомагону сарбадорон, наҳзатҳои шуубиву ҳаракати

озодандешӣ чун Форобӣ, Беруниии Хоразмӣ, Фирдавсии Тӯсӣ, Бӯалӣ Сино, Носири Хусрав ва амсолашон ин падидаи ватандӯстиро исбот мекунем. Гузашта аз ин, фарҳанги девондории ориёӣ имрӯз дар ҷаҳон мунташир мешавад ва ҳоҷат барои муаррифии он намебинем, чунки мероси фарҳангии онҳо имрӯз ба ҷаҳониён марбут мебошад. Иловатан, иқрор мекунем, ки таассуби динию ҷинсии одамон дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф ҳадҳоро таҷовуз мекунад, ки аксар мавридҳо ин тамоил бар зидди худи эътиқодмандон истифода мешавад. Эҳёи тафаккур дар қиёс бо фарҳанги анъанавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки инсон зимни риоя аз анъана ва ҷашну маросим ихтиёрро соҳиб гардида, ба бархе аз мушкилиҳои падидомада дар фарҳангсолории муосир озодандешии аҷдодиро тақвият бахшад. Агар мо дар асри ҳозир кур-курона аз тамоили ҷаҳонишавӣ ва раванди муосирсозӣ пайгирӣ кунем, оқибат мавҷудеро шабеҳ мегардем, ки ҳастию нестиашро ғайри ӯ ҳаллу фасл менамояд. Баъзан баҳсҳои тунде барпо мешаванд, ки интиқоли анъанаҳои пукро бо дарназардошти фарҳанграбоӣ мемонад ва мисоли чунин бадалкориҳои муосир тавзеҳи фарҳанги таблиғии аксулинқилобӣ мавсум ба “босмачӣ” аст, ки онро тадриҷан тоҷикони ба Ғарб фироркарда анҷом доданд. Ё худ баҳси маҳрум аз муҳтаво ҷиҳати

моли бадавӣ пиндоштани баъзе ғизоҳои миллӣ. Ахиран, шарик донистани миллати бегона дар истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллии тоҷикон, аммо ахирӣ басе сиёсӣ аст ва ин ҷо онро баррасӣ хоҳем кард. Аввалан, дар масъалае, ки ба тоҷикон марбут бошад, дигар миллатро шарик донистан он маъноро дорост, ки тоҷик бидуни дахолати бегона бо ҳам созиш намекунад. Сониян, муҳимтарин аҳдофи стратегияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамон ваҳдати миллӣ ва тавофуқи маданӣ аст, ки бо ибтикор ва саъйю талошҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шудааст. Пас чаро иқдомҳои фиребанда ё худфиребӣ ба шаҳрвандони кишвари муайян таҳмил мешавад? Ин гуна тамоили низобарангезро бархурди холис номидан чандон қонекунанда нест, яъне дар Аврупо ва Амрико аҳкоми диниро ҷиҳати рушди аносири дунявӣ маҳбус сохтанд, аммо моро барои андешаи дунявӣ маҳкум мекунанду боз мисол меоваранд, ки мисли мо динро аз дунё ҷудо накунед. Бинобар ин, интишори мероси хаттии ниёгон зарурати якум аст, чунки ошноӣ бо муҳтавои он мероси гаронбаҳо моро аз истеъмоли партовҳои маънавии замони постмодерн бозмедорад. Сониян, дарк мекунем, ки босмачӣ аксулинқилобӣ набуд, балки ғоратгареро мемонд, ки ҷавонтуркон онҳоро суйиистифода мекарданд. Илова бар ин, ғизоҳои

миллати мо аз унсурҳои бадавӣ орӣ ҳастанд ва ҷараёни баҳамоварии тоҷикон бо раҳбарии Сарвари давлат аз қудратҳои фарҳанги миллии мо шаҳодат медиҳад, чунки дар достони дувоздаҳ рухи "Шоҳнома" Фирдавсӣ тамоили сулҳҷуёнаи эрониёну туронниёнро ба унвони "баҳамоварӣ" инъикос кардааст, ки ба ваҳдати миллӣ хеле шабоҳат дорад, яъне ҳар як иқдом дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ мисоли хешро дар гузашта соҳиб мебошад ва чунин тавзеҳи арзишҳо дигарбора маҳорати ирсии тоҷиконро дар масоили давлатсозӣ  баён мекунад. Воқеан, тоҷикон мероси гаронбаҳои таърихиро соҳибанд, ки аксар миллатҳои бегона ҷиҳати аз худ кардани он мерос иқдом доранд ва чунин фарҳанграбоӣ дар замони шуравӣ низ мушоҳида мешуд, чунки қабоили бадавӣ, ки ба ғасби сарзамини мо оғоз карданд, аз арзишҳои фарҳангӣ бебаҳра буданд, агарчи ғизои онҳоро Фирдавсӣ ва Носири Хусрав шири шутуру сустмор гуфтаанд.

Тафовути Шарқу Ғарб дар осори гаронмояи суханварони порсизабон низ дарҷ шудааст. Агар ҳувияти муосири ғарбӣ дар пӯшиши нохудогоҳӣ интиқол ёфта, чун мавод дар гӯшаву канори кураи Замин интишор мешавад, пас асли худшиносӣ дар Шарқ  сарманша аз адаб мегирад, дар ҳоле ки ба ин калидвожаи марбут ба забони арабӣ бузургони илму дин ғолибан баҳогузории нодурустро воҷиб дида, онро меъёре ҷиҳати

танзими хулқу атвор беш надидаанд, аммо дар ҳикмати Мавлоно Ҷомӣ истилоҳи мутазаккир ҷои махсусе дорад ва агар тарзи тафаккур ва дидгоҳи ӯро бо соири мутафаккирони порсизабон қиёс кунем, хулоса ин мешавад, ки доктринаи Ҷомӣ дар мавриди адаб аз ҳамаи суханварон мутафовит аст. Чаро? Чунки калидвожаи "адаб" дар осори Ҷомӣ ба ин маъност, ки асли ҳастии башарро муайян мекунад. Барои исботи ин фикр иқтибосе аз "Баҳористон" меорем, ки бар ин минвол аст: "Адаб он аст, ки худро бишносӣ". Дар ин сухани мӯҷаз, ки фикр ба таври конкрет изҳор шудааст, як ҷаҳон фалсафа ва ҳикмат ниҳон аст ва бидуни тардид метавон гуфт, ки ҳамаи таълимотҳои фалсафӣ ва аҳкоми дар динҳои мухталиф мавҷудбуда ҳадафи худро дар худогоҳӣ муаррифӣ намудаанд, яъне асоси онҳоро худогоҳии инфиродӣ ташкил мекунад, аммо Мавлоно Ҷомӣ алорағми ҳамаи суханварони дунё адабро ба худшиносӣ итлоқ медорад, дар ҳоле ки адаб дар осори бузургони қуруни гузашта ба ҳайси меъёре тасвир ёфтааст, ки хулқу атвори фардро дар ҷомеа инъикос менамояд. Акбари Набипури Турсон аз афроди пажӯҳанда аст, ки бо дарназардошти системҳои мутафовит аз якдигар дар гузашта ва имрӯз фаъолияти илмӣ доштааст. Бавижа, чиҳил соли фаъолияти мавсуф ба замони Шуравӣ иртибот дошта, номбурда

ғолибан, аз бархурдҳои Шарқу Ғарб беш аз пеш изҳори ёдоварӣ мекунад. Минҷумла, солҳои 60-уму 70-уми садаи сипаришуда академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба нашри китобҳои хурд қонеъ гардида, бархе аз мушкилоти аҳди Шӯравиро натиҷаи тасодуми фикрии Ғарбу Шарқ мавриди арзёбӣ қарор медиҳад, дар ҳоле ки он замон бинобар истифода аз вожаи Шарқ кишварҳои ба лагери сусиёлистӣ ҳамоҳангро дарк менамуданд ва бо истифода аз Ғарб фақат ҷомеаи тавсеаёфтаи Аврупои Ғарбӣ ва Иёлоти Муттаҳидаро дар назар доштанд, аммо аксар уламо чун Акбар Турсон бо истифода аз номвожаҳои шарқу ғарб қитъаҳои Осиё ва Аврупоро фаҳм карда, омили таназзули зеҳнии якеро дар дигарӣ меҷустаанд. Ҳамчунин, сатҳи андешаронӣ дар нахустин монографияи илмии мавсуф ва ихтисосӣ бо унвонии "Эҳёи Аҷам" мушоҳида мешавад, ки Ғарб дар муқобили Шарқ баррасӣ ёфтааст. Лозим ба ёдоваист, ки тарзи тафаккур ва баёни андешаи мавсуф дар замони соҳибистиқлолӣ тақвият ёфта, таносуби қитъавӣ аз байн рафтааст ва ҷойи он мунокишаҳоро мунозираҳои ҷадиде андар чигунагии инсони муосир ишғол намудаанд, вале бояд мутазаккир шуд, ки афзал донистани як ҷониб аз мунокишаҳову мунозираҳо чӣ дар гузашта ва чӣ дар замони муосир мушоҳида мешаванд. Масалан, солҳои 80-ум зимни баррасии андешаи

ҳукуматкунанда дар муҳити илмии Ғарб ба манфиатҷӯён истинод оварда, баъзан баҳогузории муғризонаро дар сухани эшон ошкор месозад: “Дар адабиёти илмии Ғарб ҳангоми аз нашъунамои илму фалсафаи халқҳои эронинажод андеша рондан аввал онро ҳамчун “афрузиши ногаҳонии камолоти ақлии муслимин” қаламдод мекунанд ва сонӣ, танҳо як худи омилҳои беруна(баст ёфтани фарҳанги Юнон ва ҳатто дини ислом) – ро заминаи асосии падидаи мазкура ҳисоб мекунанд. Вале дар тамоми дунёи ҳастӣ оё заминеро метавон дарёфт, ки бидуни тухми амал, бо таъсири як худи обу ҳавои мусоид ҳосил дода бошад?”[177] [87, с. 14]. Номбурда бо чунин суолгузории мантиқӣ қаноат накарда, ба пайкари ҳикмати Юнони бостон ворид мегардад ва аз ин пайкар андешаи авастоиро ҷустуҷӯ менамояд: “Муаррихони хориҷӣ ҳангоми тавсифи сарчашмаи фалсафаи Бӯалӣ асосан ба таълимоти Арасту ва навафлотуния истинод мекунанд. Аз ҷумла, мегӯянд, ки ӯ яке аз рукнҳои асосии космологияаш – ғояи қадим будани оламро аз натурфалсафаи Арасту гирифтааст. Баъзе мусташриқони Ғарб айнан ҳамин сароби таърихиро сурати ҳол донистаанд. Ва ҳол он ки ғояи мазкур дар замини улуми ақлии худи Аҷам

[177] Турсунов А. Эҳёи Аҷам, - Душанбе: Ирфон, 1984, - с. 14.

решаи чуқуре дошт. Сарчашмаи аслии он космологияи дуалистии Авесто буд”[178].

Пажӯҳиши нодири Акбар Турсон алайҳи фарҳанграбоӣ ва ҳикмати пуки авлавият, ки дар садаи гузашта дар сартосари Урупо шабеҳ меҷуст, дар рисолаи “Эҳёи Аҷам” инъикос шуда, мушкили тафаккури фалсафӣ дар миёни башар мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Мавсуф дар пояи таҳқиқи анҷомдода ин андешаро ошкор менамояд, ки фалсафа чун фаъолияти фикриву амалӣ барои аҳли Аҷам дар мароҳили таърихӣ бегона набудааст. Дар мавриди синтези фарҳангҳо ва тамаддунҳо номбурда чунин меандешад, ки “иртиботи фарҳангии халқу миллатҳои мухталиф аксаран дар шакли муколама сурат гирифтааст ва барои ҳар ду тараф судманд будааст. Ба махзани тамаддуни ҷаҳонӣ ҷамеи халқҳои дунё – хоҳ кабиру хоҳ сағир, хоҳ “куҳанпир”-у хоҳ “ҷавонрой” – мувофиқи имкону ҳиммати хеш саҳм гузоштаанд”[179].

Акбар Турсон дар монографияи мазкур такя бар тасаввуроти космологӣ карда, куравишаклии Коинотро бо далоили дар Авасто сабтшуда исбот менамояд ва ба як хулосаи муҷам андешарониро анҷом медиҳад, ки бозистӣ дар тафовути Шарқу

[178] Ҳамон ҷо, с. 19.
[179] Турсунов А. Эҳёи Аҷам, - Душанбе: Ирфон, 1984, - с. 42.

Ғарб моро воқеан аз рушду тараққӣ бозмедорад. Яъне, фарҳангшиноси тоҷик фикри бартарӣ ҷустан ё худ бартарӣ ёфтанро намунаи ғайрисаҳеҳи ақли инсонӣ медонад ва мутмаин аст, ки андешаи космологӣ ҷиҳати баррасии хотираи фарҳангии дилхоҳ миллати соҳибтамаддуне ӯро аз дигарон мутафовит намесозад, чунки асли ҳувияти фарҳангии муосир низ масъалаи омехташавӣ ё худ гибритгардии фарҳангҳоро ба унвони асли дониссташавии хеш ва олам намедонад. Таърих гувоҳ аст, ки ҳар чизе ки тавлид мешавад, оқибат аз байн меравад. Масалан, бузургтарин омехташавии фарҳангҳоро дар давраи интишори ислом метавонем мавриди арзёбӣ қарор диҳем, ки фарҳангҳои қаблӣ аз ҷониби фарҳанги нави зӯран паҳнгардида дучори ҳалокат шуданд.

## 2.3. Баррасии масоили худогоҳӣ ва афкори фалсафии Ибни Сино бо пайравонаш аз мактаби машшоия

Масъалаи худогоҳӣ яке аз муҳимтарин масоиле аст, ки фалсафа дар тӯли таърих бо истифода аз равишҳои мухталиф ба он пардохтааст. Шояд дар таърихи фалсафа ҳеҷ баҳсеро натвон ёфт, ки то ин ҳад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта бошад. Равиши фалсафии Бӯалии Сино баҳси худогоҳиро матраҳ карда, тибқи меъёрҳои он худогоҳӣ бар ҳаргуна маърифати дигар бартарӣ дорад. Ба қавли Ибни Сино, ин дарк аз худ бояд бевосита бошад ва ҳеҷ қудрати дигаре наметавонад воситаи байни инсон ва дарки ӯ аз хеш бошад. Аз назари Ибни Сино, вижагиҳои худогоҳӣ ва тамоизи он бо соири анвои огоҳӣ дар ин аст, ки дар ин навъ аз идрок бояд байни мадрак ва мударрик навъе аз ҳувият барқарор бошад. Ба иборои дигар, дар ин навъ аз огоҳӣ "худ" дар айни ин ки фоили шинос аст, айнан мавзӯи шиносоӣ низ воқеъ мешавад. Аммо ҷолиби диққат дар равиши фалсафии Бӯалӣ Сино дараҷабандии худогоҳист ва ба қавли мавсуф, ҳайвонот дорои навъи худогоҳӣ ҳастанд ва тамоизи онҳо бо инсон дар ин аст, ки худогоҳии онҳо ҷанбаи инъикосӣ надошта, вижагии шинохт аз ваҳм сарчашма мегирад, ки дувумӣ навъи эҳсос аст ва идроки ҳиссӣ агар

пажӯҳиши хешро дар таълифоти Ибни Сино пайдо карда бошад ҳам, аммо аз тарзи тафаккур нест ва иллати он адами ақл аст. Бинобар ин, нохудогоҳие, ки Фрейд баён медорад, бештар ба ҳамон худогоҳии ба ваҳм иртиботдоштаи Ибни Сино ҳамоҳанг мебошад, аммо ҳувияти матраҳ дар равиши фалсафии Ибни Сино дар муқоиса бо андешаҳои дар заминаи нохудогоҳӣ ба вуқуъ пайвастаи Зигмунд Фрейд ҷанбаҳои инфиродӣ дошта, дар зот ва дар нафси воҳид мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Ба таъбири мутафаккир, худогоҳӣ вижагии зотии нафс аст то ҷое ки наметавон нафсро бидуни худогоҳӣ тасаввур кард. Номбурда дар мубоҳисот дар посухи шахсе бо номи Кирмонӣ, ки аз ӯ пурсида буд, ки оё нафс дар ҳолати хоб низ худогоҳӣ дорад? Бар ин нукта таъкид мекунад, ки нафс дар ҳама ҳолат ба худ огоҳ аст ва усулан ин худогоҳии зотии нафс аст, аммо мумкин аст нафс натвонадин худогоҳиро ёдоварӣ кунад. Равиши фалсафии Ибни Сино муътақид аст, ки нафси инсонӣ ҳамвора дарки бевосита аз худ дорад, дарке ки дар он ҳеҷ як аз олоту васоити моддӣ нақше надошта ва зоти нафс бевосита ба худ воқиф аст. Масалан, мавсуф дар китоби "Таъликот" ҷиҳати ҳувияти муҷаррад чунин андеша дорад: "Худо ақл аст, зеро ӯ ҳувияти муҷаррад аст, ӯ оқил аст, чунки зоташ ба худаш оид аст, ӯ маъқул аст, зеро ба зоти худ ҳувияти

муҷаррад аст. Оқилу маъқул будани худо дархост накунад, ки ин ҷо дар зоту эътибор дугонагӣ бошад”[180]. Алорағми чунин ҳувият ҳувияти муосир аст, ки дар он вижагиҳои динӣ ғолиб омада, авомили миллӣ дар он ноқис аст. Ин масъаларо метавон дар мисоли ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дод, ки дар ингуна ҳувияти фарҳангӣ таассуби динӣ муқаддам мебошад, аммо худогоҳӣ дар равиши Бӯалӣ аз ҳар гуна таассубот орист, чунки бо сарнавишт иртиқо дошта, омили ҳастӣ маҳсуб мешавад. Ба ибораи дигар, худогоҳии дар тафаккури Ибни Сино роиҷгардида маърифати нафс аст, ки омилҳои ботинӣ дошта, ба замони мавсуф аз умури тақвиятёфта пазируфта мешуд ва чунонки он замон андешаи матраҳ ҷиҳати шиносоӣ ба махлуқ будани инсон иртибот дошт, пеш аз ҳама масъалаи идрок ба маърифати Холиқ пайвастагӣ дошт. Бинобар ин, худогоҳии инфиродӣ дар пояи худошиносӣ баррасӣ мешуд ва аз ҳувияти фарҳангии замони постмодерн фарсахҳо дур афтода буд. Шояд худогоҳии равиши фалсафии Ибни Сино маърифати нафсро аз соири маърифатҳо муқаддам бо ҳамин омил медонист, ки дар китоби “Таълиқот” овардааст: “Агар ду тасаввур мухталиф набошанд, ҳаракат пайдо

---

[180] Абӯалӣ ибни Сино, Таълиқот, - Душанбе: “Ирфон”, 1992 - с. 113.

намешавад. Вазъе нест, ки бартар бошад, ки дар вуҷуд аз вазъи дигар барояд, магар ба сабаби мухассис, ки он ваҳми муассир аст”[181].

Ибни Сино қудратро дар дарки худ дар чандин вазъ матраҳ намуда, бешак ҷиҳати баррасии сатҳи худогоҳии ом низ таваққуф намудааст. Аз ҷумла, дар “Китоби Шифо” зимни баррасии ин вижагиҳо менависад: “Ва мардум дар шинохти тобеи омма ва аҷнос ҳама монанди якдигаранд. Ва тафовути онҳо дар ин аст, ки баъзе аз эшон ба анвоъ мерасанд ва онҳоро мешиносанду дар тафсили онҳо ворид мешаванд ва баъзе дар аҷнос мемонанд. Чунонки масалан, баъзе фақат дар ҳайвонияти мутлақ шиносо мешаванд ва баъзе ба шинохти инсону асб ва ғайра низ ноил мегарданд. Ва чун шиносоӣ ба табоеъи анвоъ расид, баҳс тамом мешавад ва ба шиносоии ашхосу афрод эътиное нест ва нуфуси мо ба он рағбат надорад”[182]. Ин ҷо масъалаи нафс матраҳ аст ва мутафаккир сатҳи шиносоии оммаи мардумро гуногун арзёбӣ мекунад. Ҳамчунин, таъкид менамояд, ки инсонҳо дараҷаи шиносоии мухталиф доранд ва аксар вақт раванди шиносоӣ ба вижагиҳои маърифати нафс нарасида, бо матраҳсозии масоили марбут ба

---

[181] Абӯалӣ ибни Сино, Таълиқот, - Душанбе: “Ирфон”, 1992 - с. 145.

[182] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз 10 ҷилд), Ҷилди 3, - Душанбе: Ирфон, 1985, - с. 23.

қилу қол анҷом меёбад. Суоли матраҳ низ иборат аз ин аст ки инсон чун ҷонвари гӯё магар аз соири ҷонварон мутафовит аст? Ва бо дарназардошти равиши фалсафии Ибни Сино посух мегирем: на дар ҳамаи мавридҳо, яъне ҳастанд инсонҳое, ки дараҷаи худогоҳии онҳо баробар бо сутурон аст. Бо дарназардошти инчунин вижагиҳои худогоҳӣ Шайхурраис худогоҳии ҳайвонро низ баррасӣ кардааст ва то кунун ин андеша, ки муҳтавои он аксариятро аз худогоҳии инфиродӣ маҳрум сохта, онҳоро дар як саф бо ҷонварон мегузорад, тарвиҷ ёфта, дар зеҳни пиру барно ғолиб омадааст. Ин ки мо аксар афроди ҷомеаро маҳрум аз худогоҳӣ мебинем, ба заъфи идроки минбаъдаи миллат мусоидат мекунад ва намегузорад, ки бештарини мо ба таҳқиқи худ пардозанд ва "онҳо", ки худро аз "мо" бартар медонанд, бо чунин матраҳёбии раванди худогоҳии миллӣ хушҳол мешаванд, чунки моро онҳо ғайри худ пиндоштаанд ва тавассути мо онҳо ба дарки худ дастрасӣ меёбанд. Ин аз як ҷониб таҳқиқ мешавад, аммо аз ҷониби дигар бояд мутазаккир шуд, ки мутлақбаёнӣ зимни баррасӣ ва пажӯҳиши осори Ибни Сино густариши дарки осори фалсафии мутафаккирро барҳам мезанад, бавижа, ҳангоме ки мо бидуни таҳқиқ ва дар заминаи мутлақбаёнии афрод ба Бӯалии Сино наздик мешавем ва ӯро бинобар андешаи басе

тақвиятёфтаи дигарон пайрави Арасту мебинем, дар ҳоле ки Ибни Сино аз ҳеҷ касе ва маохизе пайравӣ нанамудааст. Масалан, тибқи маълумоти ҳасбиҳолие, ки дигарон овардаанд, Ҳусайни хурдсол Қуръонро ҳифз мекунад, аммо боре дидаед, ки мавсуф аз ин китоб бамавриду бемаврид истифода кунад? Такмили донишҳои фалсафӣ якест ва он ҳам инкори он андешаҳоест, ки қабл аз шумо эҷод шудаанд ва Ғарб дар замони мудерн танҳо бо истифода аз равиши мазкур андешаи ҷаҳонсозиро тақвият бахшида, дигаронро водор хоҳад кард, ки аз ҷомеашиносии Ғарб барои хеш иқтибос матраҳ намоянд. Оқибати ҷустуҷӯи миёнаравҳо бобати мавриди омӯзиш қарор додани равиши фалсафии Ибни Сино якест ва он низ мутлақбаёнӣ ва муаллақ мондани ҳарфҳоямон маҳсуб мешавад. Ибни Синоро дар осмонҳо ҷустан намунаи олии бехабарӣ аст ва ин ки фарде муҳаққиқ гуфта ба ин минвол, ки бар "Арастуву Ибни Сино эътироз кардӣ, аз зумраи аҳли хирад таҷовуз хоҳӣ кард" (Низомии Арӯзии Самарқандӣ), гувоҳ бар мутлақбаёнӣ асту муаллақ мондани афкор ва гурез аз пажӯҳиши фалсафӣ муаррифӣ мегардад. Ин тарзи тафаккур ҳамон баҳогузории хушку холиро ёдоварӣ мекунад, ки зимни санҷиши фалсафӣ суолгузорӣ мекунанд бидуни донистаниҳо: кадом муаллими аввал буду кадоме муаллими сонӣ шуд? Воқеан, ҳангоми пажӯҳиш

дар дилхоҳ маврид ба зоҳир иктифо мекунанд ва боре намеандешанд, ки Ибни Сино бештар тавaққуф бар зоҳири ашёро истиқбол намекард ва зоҳирбиниро аз зумраи шиносоии ҳайвонӣ донистааст. Ба таъбири Ибни Сино, фасоди ақвол ин ҳарфҳоро мутаноқиз сохтаанд ва аз ҳадди илм хориҷ намудаанд, мисли ин ки муқаддамотро бо натиҷа яксон дид: “Ва ман намефаҳмам чӣ гуна метавон муқаддамотро мавзӯи натиҷа қарор дод”[183]. Дигар ин ки мутафаккир дар оғози “Китоби Шифо” моро воқиф мекунад, ки улум пажӯҳандаро ҷиҳати интихоби васоити сусту андаки таҳқиқӣ водор хоҳад кард: “Аз аҳли илм бисёр дидаем, ки чун ба баҳси умури суст ва масоиле, ки дурустии онҳо ба осонӣ ошкор мегарданд, мепардозанд, ҳамаи қувваи худро масруфи он месозанд ва ҳар қисм бурҳоне меоваранду таҳқиқ менамоянд. Аммо чун ба масоили душвор ва умуре, ки ҷои шубҳа аст, мерасанд, ба зудӣ аз он мегузаранд. Ва мо умедворем, роҳи дигар дар пеш бигирем ва кӯшиш хоҳем кард, ки он чиро пеш аз мо дуруст ёфтаанд, интишор диҳем ва аз он чӣ ба назари мо саҳв кардаанд, рӯ бигардонем”[184]. Акнун ба он мепардозем, ки Бӯалӣ Сино чун ҳакими

---

[183] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз 10 ҷилд), Ҷилди 3, - Душанбе: Ирфон, 1985, - с. 55.

[184] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз 10 ҷилд), Ҷилди 3, - Душанбе: Ирфон, 1985, - с. 19.

оламшумул анвоъи худогоҳиро табиӣ медонад ё ғайри табиӣ? Чунки истилоҳи табиат дар тафаккури ӯ сатҳи муайяни хирад аст ва ба таъбир аз осори барҷомондаи номбурда метавон хулоса кард, ки ҳаракат навъҳои табииву иродӣ дорад ва вижагиҳои ҳувият аз назари Ибни Сино ҳаракати иродӣ маҳсуб мешавад: "Ва агар ҷисми мутаҳаррик шуур дошта бошад ва тағйири ҳайизи ҷисми мутаваҷҷеҳунилайҳи худро дарк кунад, ҳаракат иродӣ хоҳад буд, на табиӣ"[185]. Гузашта аз ин, Ибни Сино дар равиши фалсафии хеш ба маърифати нафс ва чигунагии он диққати махсус дода, вижагиҳои худогоҳиро тавассути нафс баррасӣ мекунад. Масалан, дар "Ҳикмати машриқия" ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ намуда, онро сабаби ҳастии бадан муаррифӣ мекунад. Дар воқеъ, нестӣ аз ҳастӣ муқаддам аст ва ҳар кӣ ин ҳикматро пазируфт, бегумон маргро фақат нестии ҷисм медонад, чунки нафс нодидаписту ниёз ба шиносоӣ дорад ва чизе, ки идроки он ҷоиз нест, тавассути дигар ҳастии хешро идома медиҳад: "Нафс ба низоми муносиб нигоҳдорандаи бадан аст ва то даме, ки нафс дар бадан аст, ба он ба он тағйироти берунӣ ғолиб намеояд. Агар нафс набошад, бадан дар ҳолати

---

[185] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз 10 ҷилд), Ҷилди 3, - Душанбе: Ирфон, 1985, - с. 118.

сиҳати худ боқӣ намемонад”[186]. Афкор ва тарзи тафаккури Абӯалӣ ибни Сино агар дар аксар осори фалсафии ӯ натиҷаи тарҷима аз забони ғайр маҳсуб шавад, аммо дар рисолаи “Донишномаи Алоӣ” бештар бо вожаҳое вомехӯрем, ки асли паҳлавӣ доранд, чунки асари мазкур бо забони ноби тоҷикӣ нигошта шуда, агар мушкил зимни интишори он пайдо шуда бошад, пас мушкили баргардонӣ маҳсуб мешавад. Он ҷо шинохту идрокро андарёфт мебинем ва бамаврид аст, ки танро фақат ақл андарёфта ва сурат дар маънӣ инъикос мешавад: “Агар қуввати андарёфтанро олате бувад аз олатҳои ҷисмонӣ ё ӯро андарёбад, ё андарнаёбад. Валекин андар тани мо ҳеҷ чиз нест, ки ақл ӯро андар натавонад ёфт. Ва чун андарёбадаш шак нест, ки сураташ ва маънияшро бипазирад”[187]. Аммо дар идомаи он мубоҳиса, ки Ибни Сино дар “Донишнома” матраҳ карда, таносуби ақлу нафс ва ҳис мушоҳида мегардад, лекин мутафаккир чунонки иброз медорад, ҳеҷ маъқулро хуштар аз маонӣ дарнаёфтааст: “Ва пайдо омадааст, ки хушии ҳар қуввате андарёфти вай аст, мар он чиро, ки вай ба табъ пазирои вай

[186] Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз 10 ҷилд), Ҷилди 4, - Душанбе: Ирфон, 1992, - с. 183.

[187] Абӯалӣ ибни Сино. Осор (иборат аз 15 ҷилд), Ҷилди 1, - Душанбе: Дониш, 2005, - с. 338.

аст. Ва падид омадааст, ки ҳеҷ чиз хуштар аз маонӣ маъқул нест. Ва зоҳир шудааст пештар, ки маҳсус чандон хушӣ надорад, ки маъқул, балки варо ба вай қиёс нест"[188]. Яъне, ба таъбири Шайхурраис Бӯалии Сино, эҳсос қобили қиёс бо ақлро нашояд ва дарки маънӣ бештар ба ақл иртибот дорад, на бар нафс, дар ҳоле ки кулли амр ба маъруфкунандагон нафси одамиро василаи худошиносӣ пиндошта, фақат ба ҳадис иктифо мекунанд, ки тибқи пиндорҳои илмӣ ба эътимод созгор нест. Масалан, шиносои Бӯалӣ ҳастед ва ҳамчунин, медонед, ки варо дар ҷаҳон чун мутафаккир қабул доштаанд. Гузашта аз ин, ба ақли шумо дастрас шудааст, ки теъдоди муайяни рисолаҳои ӯро бидонед, аммо донистани ин ки Ибни Сино кадом рисолаҳоро навиштааст ва надонистани маънии матолибе, ки дар рисолаҳои таълифкардаи донотарин инсон дар таърихи тамаддуни башар баррасӣ ёфтаанд, танҳо ошноисту ҳеҷ равобите ба дарки матолиби ифшошуда пайдо намекунад. Пас ин ки мо мегӯем: ғолибан аз муҳтаво бохабар ҳастем, сухане бас фоҳиш ва мутаноқиз аст ва ҳақиқати табиати инсониро намепазирад. Чун ҳарфҳо бо табиати инсон бархурд мекунанд, нишона аз ғафлат аст, ки адами худогоҳӣ маҳсуб мешавад.

[188] Абӯалӣ ибни Сино. Осор (иборат аз 15 ҷилд), Ҷилди 1, - Душанбе: Дониш, 2005, - с. 440.

Лекин мутафаккир рисолае бо унвони “Сарнавишт” таълиф карда ва агарчи он рисола андак асту боз илова бар он, қисмати бештаре аз ин таълифотро Абуубайди Ҷузҷонӣ ба қалам овардааст, бархе аз вижагиҳои мутааллиқ ба ҳувияти инфиродии Шайхурраис Бӯалӣ Сино он ҷо арзёбӣ шудаанд. Аввалан, мавсуф аз афроду таълифоти онҳо ёдоварӣ карда, иқрор менамояд, ки ҷиҳати густариши тафаккур ва равиши илмии ӯ нақше бозӣ кардаанд. Масалан, кутуби “Исоғуҷӣ” (Исагоге), “Миҷастӣ”, “Мобаъдуттабиа”, “Қуръон” ва асомии уламои пешин чун Арасту, Уқлидус, Зимиқротис, Форобӣ ва амсолашон. Сониян, номбурда аз улуми муосиронаш ҳарф кушода, таъкид мекунад, ки назди доное илми ҳисоби ҳиндиро омӯхт ва ҷои дигар истилоҳи “ҳикмати юнонӣ” – ро матраҳ месозад ва зимни баррасии илми адаб ба аъроб ишора мекунад ва зимни рӯоварӣ ба улуми тиб мутазаккир мешавад, ки омӯхтанаш душвор нест, аммо ҳикояти ҷолиб дар рисолаи “Саргузашт” бешак, китобхонаи дарбори Сомониён аст ва агар мавсуф аз ному асомии пешиниён ёдоварӣ накардааст, лекин бармалост, ки Абӯалии ҷавон дар ин китобхона мероси хаттии ниёгонро дарёфта буд: “Феҳристи китобҳои пешиниёнро мутолаа намуда, он чиро ки бад-он ниёз доштам, хостам. Китобҳоеро дидам, ки бисёр касон ҳатто номашонро

нашунидаанд ва ман онҳоро на пеш аз ин ва на баъди ин надидаам. Он китобҳоро хонда, судҳо бурдам ва андозаи дониши ҳар мардеро шинохтам”[189]. Чаро ин китобҳо берун аз китобхона набуд? Чунки бинобар ғасби сарзамин аз ҷониби aқвоми бадавии аъроб ва ҷорӣ гардидани низоми хилофат дар Ховари Миёна ҳамаи кутуби таснифшуда дар аҳди Ҳахоманиш ва Сосониҳо тавассути оташ сӯзонида шуданд ва араб нисбат ба эрониҳо ва фарҳанги онҳо хусумати хосе мепарвариданд. Бинобар ин, он замон, ки аглаби муҳаққиқин ин давраи таърихиро замони густариши фарҳанги миллӣ ба қалам овардаанд, аммо дар асли ҳақиқати хеш ин давраи таърихӣ дар шакли арабгардида пешкаш сохтани вижагиҳои фарҳангии ориёиҳои аҳди бостон аст. Аз зумраи вижагиҳое, ки хос бар ҳувияти Бӯалии Синост, шогирдаш Абуубайди Ҷузҷонӣ тасвир намудааст. Яке ин аст, ки Шайхурраис қариб тамоми умри гаронмояи худро дар муолиҷаи бемориҳои гуногун, бавижа қуллинҷ (дарди рудаҳо) сипарӣ мекунад, аммо зимни сафарҳо оқибат худ ба ин беморӣ гирифтор мешавад. Чаро фарде, ки беморонро сиҳат мекард, зимни гирифторӣ ба қуллинҷ нотавон монд ва чаро пизишконе, ки

[189] Абӯалӣ ибни Сино. Осор (иборат аз 15 ҷилд), Ҷилди 1, - Душанбе: Дониш, 2005, - с. 158.

Шайхурраисро ҳуқна мекарданд, миқдори доруро аз меъёр бештар истифода карда, вазъи беморро боз ҳам шадидтар сохтанд? Ё худ чаро чокарон дар дору зимни истеъмолаш афюнро зам карда, Ибни Синоро ба марг мувоҷеҳ сохтанд? Ҷузҷонӣ аз авомили марги нобаҳангомро дар сарнавишти Бӯалӣ Сино аз нерумандии фавқулодае медонад, ки мутафаккир онро дошт: "Шайх бисёр неруманд буд. Аз қувваҳои шаҳвонияш қувваи муҷомаат қавитару ғолибтар буд ва ӯ бо он бештар машғул мешуд, ки дар натиҷа дар мизоҷаш таъсир намуд"[190]. Дар баъзе кутуби луғот низ Шайхурраисро "ҳариси ҷимо" гуфтаанд ва ҳадаф аз бозгӯ намудани он ин маънист, ки нерумандии ақлӣ ва равонӣ дар аксар мавридот нерумандии баданиро низ фароҳам меорад. Лозим ба ёдоварист, ки Бӯалии Сино бо таҳия ва тадвини мактаби сирф фалсафӣ пайрави мутааддиде пайдо карда, нуфузи ақли инсониро аз эҳсос афзуд, аммо вокуниши имом Ғаззолӣ алайҳи улуми табииёт рушди идмҳои дақиқро дар садсолаҳои минбаъда боздошт ва тарҳи нави пажӯҳишҳоро роҳкушоӣ намуд, ки ба адабу ахлоқ муртабит буданд. Дигар файласуфи номовар Насируддини Тӯсӣ аст, ки бинобар пайравӣ аз равиши илмии Бӯалии Сино алайҳи

[190] Абӯалӣ ибни Сино. Осор (иборат аз 15 ҷилд), Ҷилди 1, - Душанбе: Дониш, 2005, - с. 168.

таассуб вокуниш намуда, фикри Синоро тақвият бахшидааст. Номбурда дар “Ахлоқи Носирӣ” ин масъаларо ба таври муҷаз баён намудааст: “Пас илм мабдаъ аст ва амал тамом”[191]. Ба қавли Насируддини Тӯсӣ, майли оқил ба ҳақиқат, ки табиати ӯст, бидуни ҳадд баҳогузорӣ мешавад, чунки мазмуни зиндагӣ аз худогоҳӣ сарчашма мегирад: “Чӣ зоҳиртарин ва возеҳтарин чизҳо ба наздики оқил зоту ҳақиқати ӯст ба ҳадде, ки хуфта дар хоб ва бедор дар бедорӣ ва маст дар мастӣ ва ҳушёр дар ҳушёрӣ аз ҳама чизҳо ғофил тавонад буд ва аз худии худ ғофил натавонад буд. Ва чӣ гуна сурат бандад, ки далел гӯянд бар ҳастии худ? Чӣ хосияти далел он аст, ки восита шавад то мустадилро ба мадлул расонад. Пас, агар ба ҳастии худ далел гуфта ояд, далел восита шуда бошад миёни як чизи танҳо. Пас, далел гуфтан бар худии худ маҳолу ботил бошад”[192].

Мероси илмии Абӯалӣ ибни Сино тамоми ҷанбаҳои илмро фаро гирифта, дар бахши назария агар осори фалсафиро дар бар гирад, пас дар бахши амалия дар рушди илми тиб нақши арзандае доштааст. Аммо ҷиҳати бозшинохти мероси илмии Бӯалии Сино нигоҳи наву муосире лозим аст, ки андешаҳои бозгуфтаву бозшустаро,

---

[191] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ, - Душанбе: Шуҷоиён, 2009, - с. 57.

[192] Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ, - Душанбе: Шуҷоиён, 2009, - с. 40.

ки дар пайгирӣ ва пайравии системҳои сиёсӣ изҳор шудаанд, интиқод кунад, чунки равиши интиқодӣ аз маъмултарин равишҳои муосири илмӣ аст, ки бо истифода аз он метавон масъаларо саҳеҳтар баррасӣ кард. Яке аз ақидаҳои чандон мунташиршуда ҷиҳати бозшинохти Бӯалӣ Сино чун файласуф юнонигиройӣ, ё худ, чунонки ба таври маъмул гуфта шуда ва мешавад, донишманди тоҷик аз равиши фалсафии Арасту пайравӣ намудааст, гӯё рӯоварии ӯ ба фалсафаи Юнон далели раднопазир ба паҳншавии иҷбории ислом будааст. Лозим ба ёдоварист, ки бинобар таҳия ва татбиқи равиши фалсафӣ мутафаккир аз осори юнониёну ҳиндуёну чиниён воқиф будааст ва мантиқан вуқуфи ӯ аз фалсафаи онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ он маъниро надорад, ки Ибни Сино дар бахши фалсафа пайрави мактабҳои Юнони бостон маҳсуб мешавад. Агар ҳол ҳамин маъниро мегирифт, имрӯз бо Бӯалӣ Синоро ба ҳайси шахсияти бузургтарини фалсафӣ намешинохтем ва гузашта аз он миллатҳое, ки тамоили фарҳанграбойӣ дар таърихи сарнавиштсози хеш доранд, номбурдаро аз зумраи намояндаи миллати хеш намедонистанд. Одамрабоии маънавӣ айни замон ба бузургтарин ва фарҳехтатарин шахсиятҳои ҷаҳонӣ дилбохтагӣ дорад ва мутафаккири тоҷик аз ин мавзеъ дур наафтодааст.

Омили дигар аз иртиботи Сино бо Арасту сарчашма мегирад. Масалан, Насируддини Тӯсӣ якеро “муаллими аввал” ва дигариро “муаллими сонӣ” ном бурдааст. Яъне, чунин ақидаҳо ҷиҳати пайвастани Синову Арасту ғолибан, аз ҷониби пайравону ҳаммаслакони мутафаккир сурат пазируфтааст, агарчи ибораи “муаллими аввал” мансуб ба Бӯалӣ Синост. Муҳаққиқини фалсафа аз пайвастнамоии Арастуву Сино ин андешаро собит мехостанд кунанд, ки донишманд тавассути забони арабӣ ба юнонигирой майл намудааст ва ба забону дини араб иртиботе надорад. Пажӯҳишгарони Ғарб бошанд, мероси фалсафии Абӯалӣ ибни Синоро ба араб пайваста, иштибоҳи наве дар илмро мунташир сохтанд, ки ба онҳо академик А. Баҳоваддинов дар миёнаҳои садаи XX посухи сазовор гуфтааст. Гузашта аз ин, чунонки дар бахши дувуми боби ду мутазаккир шудем, ҳануз Акбар Турсон зимни навишти “Баҳори Аҷам” исбот намудааст, ки манобеъ ҷиҳати пайдоиши фалсафаи Ибни Сино осори паҳлавӣ ва муқаддам аз он “Авасто” буда, фикри ҷамшедии дунявӣ дар афкори мутафаккир бар андешаҳои аҷнабии раҳбонӣ ғолиб омадааст, дар ҳоле ки анъана ва расму оини бадавӣ дар ҳеҷ сурат имкон фароҳам намеоранд, ки пажӯҳише чун Китоби шифо ва Китоби тиб офарида шавад. Агар пажӯҳишҳои дунявии Бӯалӣ Сино ва соири макотиби фалсафаи машшоия намебуданд, ислом

чун масеҳият сад фисад раҳбонӣ мешуд. Аз ин хотир, ҷанбаи дунявӣ бахшидану касб намудани ислом хидмати донишмандоне чун Ибни Сино маҳсуб мешавад.

# ХУЛОСА

Хулосаи муаллиф ҷиҳати баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарордоштаи хусусиятҳои ташаккули ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ бар ин минвол аст:

-Таҳқиқи афкори фалсафии ҷомеашиносони Ғарб ва аз зумраи андешаи номақбул пиндоштани ин фикр, ки тибқи он ҳувияти амрикоӣ бар соири ҳувиятҳо ғолиб омадааст. Ақидаи мазкурро аксар ҷомеашиносони Ғарб дастгирӣ карда, махсусан С. Ҳантингтон онро беш аз дигарон бозгӯ кардааст;

-Таъкид намудани ҷанбаи дунявии ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои муосир ва бо дарназардошти бархурдҳои байни ҷомеаҳо баррасӣ намудани раванди ҷаҳонишавӣ. Омилҳои буҳрони ҳувият ва таъсири раванди ҷаҳонисозӣ, ки бартарии ҷомеаҳои тавсеаёфтаро аз ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф таъмин менамояд, натиҷаи тағйир ёфтани муҳтавои ҳувиятҳо дар замони постмодерн мебошад;

-Баррасии дуализми тафаккур ва ҳувияти фарҳангӣ дар тоҷикон ва ғалабаи ҷаҳонбинии динӣ бар ҷаҳонбинии дунявӣ. Чӣ бояд кард, ки низоми мазкур таъсири ҷаҳонбинии диниро кам карда, нигоҳи шаҳрвандонро бобати таъмини рушди инсонӣ такмил диҳад? Андешаи ориёӣ дар рисола бо дарназардошти муҳтавои дунявӣ доштан пажӯҳиш ёфтааст;

-Инкори “бародарбузургӣ” дар мисоли гироиши маҳвкунанда ба Эрон ва соири кишварҳое, ки имкон дорад аз таваҷҷуҳ суиистифода кунанд;

-Вижагиҳои ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар пояи гуфтугӯи тамаддунҳо ва синтезу баҳамоии фарҳангҳо густариш ёфта, алҳол тамоили иртиботҷӯёнае ба кишварҳои мусулмоннишин дорад. Бинобар ин, сатҳи таассуби динӣ ва мавқеи розҷӯйии исломӣ бояд дар ҷомеаи Тоҷикистон ҷилавгирӣ гардад;

-Ҷомеаи Тоҷикистон аз чаҳор ҷониб бо кишварҳое ҳамсоя аст, ки дар масъалаи забону нажод ва фарҳангу тамаддун дар муқобили тоҷик баррасӣ мешаванд. Аз ин хотир, ҷиҳати тақвият додани афкори миллӣ ин ҷомеаро зарур аст ҷиҳати густариш ёфтани ҳувияти фарҳангии худ бо кишварҳое, ки дар таърих ҳамоҳангии фарҳангӣ доштаанд, робита пайдо намуда, аз иртибот бо давлатҳое, ки зери парчами ислом муттаҳид шудаанд, канорагирӣ кунад;

Ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон вижагиҳои ориёӣ дорад ва такмил додани бахши дунявии ин хусусиёт айни муддаост.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навъи дувуми ҷомеаҳо шомил буда, ҳувияти фарҳангӣ дар он дар пояҳои арзишии хос ба дину давлат такмил ёфтааст, аммо вижагиҳои муосири ҳувияти фарҳангии дилхоҳ ҷомеа бартарии ҷаҳонбинии

сиёсиро аз динӣ иқрор мекунад, чунки ҷаҳонбинии динӣ инсонро аз амал боздошта, ӯро аз кӯшишу такмилёбӣ ва рушди худогоҳии миллӣ маҳрум месозад. Бинобар ин, бозиҳои сиёсии қудратҳои ҷаҳонӣ ва ҳавасмандии онҳо ба тақвият пазируфтани раванди ҷаҳонишавӣ баррасӣ меёбад. Ин ҷо суоли матраҳ иборат аз ин аст, ки чаро ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф аз ҷомеаҳои тавсеаёфта пайравӣ мекунанд? Бинобар арзёбии раванди ҷаҳонишавӣ кишварҳои тавсеаёфта ҷомеаҳои рӯ ба инкишофро майдони роҳандозӣ шудани ҳадафҳои геосиёсии худ қарор додаанд ва дар ин бахш дар мисоли ислоҳоти Пётри Кабир тамоили "ғарбзадагӣ" чун унсури таҳмилии ҷомеаҳои тавсеаёфта баррасӣ шудааст.

Дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ пажӯҳиши фалсафӣ-иҷтимоӣ масъалаи ҳувияти фарҳангӣ аз масоили актуалӣ мебошад. Ин таҳқиқи вижа имкон медиҳад, ки тасвири воқеияти иҷтимоӣ ва низоми муосири ҷаҳониро дигарбора арзёбӣ кунем. Дар таҳқиқоти мазкур мафҳумсозии фалсафӣ – иҷтимоӣ бобати таъсиргузории раванди ҷаҳонишавӣ бар ҳувияти фарҳангии ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф татбиқ шудааст. Бар асоси таҳқиқоти анҷомшуда муаллифи рисола бар ин хулоса меояд, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба унвони як падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ мутаноқиз аст, ки таъсири ҷиддӣ бар воқеияти ҳувияти фарҳангӣ дорад.

Диссертант бар ин бовар аст, ки бо вуҷуди раванди фаъоли ҷаҳонишавӣ, ҳамчунон гироиши ағлаб мардумони сайёра ба ҳифзи ҳувияти фарҳангии худ талош меварзанд.

Дар оғози садаи XXI ҷаҳон дар вазъи басе азими нобаробарии глобалӣ қарор гирифта, беш аз пеш печидатар ва осебпазир гардид. Дар таҳқиқоти мазкур нигорандаи ин сатрҳо ба таҳлили осори мутафаккирони тоҷик ва ғайри тоҷики ахири садаи XIX ва аввали қарни XX пардохта, тавассути осори гаронҳаҷми онҳо масъалаи ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистонро, ки дар ҳоли ҳозир аҳамияти худро аз даст надода аст, ҷиҳати ҳифзи арзишҳои миллӣ мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор медиҳад.

Мушкилоти ҳифз ва тақвият бахшидани ҳувияти фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон бо воруд ба воқеияти иҷтимоии ҷадид ва нуфузи рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ дигаргуниҳои навро ба арсаи ҳастӣ падид меорад. Ҷаҳонишавӣ аз як сӯ, боиси воридшавии ҷомеаи кишвар дар фазои иқтисоди ҷаҳон мусталзим шуда, аз сӯйи дигар, дар ҷомеаи Тоҷикистон вижагиҳои фарҳангӣ, суннатгароӣ ва густариши худогоҳии миллӣ тақвият меёбад. Роҳи ҳалли ин мушкил дар эътирофи раванди ҷаҳонишавӣ ва ниёз бар гузор ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ бо ҳифзи хусусияти фарҳангии ҷомеа арзёбӣ мегардад.

Дар кори таҳқиқӣ ба сурати густурда авомили тақвияти фарҳангиро ҳавзаҳои маънавӣ, омӯзишӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иттилоотии ҷомеаи Тоҷикистон ошкор мекунад. Ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ дар бистари ҷаҳонишавӣ тибқи андешаи нигоранда аҳамияти нахустмартабаро бархурдор аст. Ормонҳои миллии чандсадсолаи тоҷикон ва мероси фарҳангии онҳо дар ҳоли эҳёшавӣ қарор дошта, ваҳдати миллии бадастомада натиҷаи ҳамон омилҳои ба ворисиятгириест, ки тоҷикон тӯли ҳазорсолаҳо онро тақвият додаанд. Ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ шарти аслии эҳё ва ҳамоҳангӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Баррасии ҳувияти фарҳангӣ дар чаҳорчуби фалсафаи иҷтимоӣ барои сохтани тасвири комилтар аз воқеияти иҷтимоӣ аз аҳамияти хоссе бархурдор аст.

Ҳар як кишвар бояд тамоми кӯшишу чораҳоро ба ташаккули шуури таҳаммулпазирӣ тавассути омӯзиш ва фарогирии донишу таҷрибаи сатҳи ҷаҳонӣ дар рӯҳияи сулҳсозӣ ва вокуниш ба зӯроварӣ, ташаккули маҳорат дар соҳаи бунёди сулҳ равона созад. Инро танҳо тавассути нигаҳ доштани тафаккури меросии аҳолии кишвар чун арзиши муҳими фарҳангӣ, таҳкими он дар заминаи истиқлолияти давлатӣ, асолати хотираи фарҳангӣ ва таърихӣ, шаъну шараф, эҳтиром ба гузаштаи беҳтарини он

метавон анҷом дод, чунки ҷаҳон на танҳо ба кишварҳо тақсим шудааст, балки онро бо ташаккули тамаддунҳои гуногуни ҷаҳонӣ фаро гирифтааст. Дар марҳалаи имрӯза ҳеҷ кишваре дар ин дунёи печида бидуни татбиқи зеҳнияти таҳаммулпазирӣ боқӣ намемонад, чунки замони постмодерн аз лиҳози худмуайянкунии миллатҳо беш аз пеш таҳоҷуми хабарии ҷомеаҳои тавсеаёфтаро бар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф арзёбӣ менамояд. Фикр кунед, ки шумо ақаллият ҳастед ва зарурати хориҷ шудан аз он минтақаро доред, чунки ақалият таҳти фишори аксарият қарор дорад. Чун шумо барои баромадан аз мавқеи ақалият, ки муҳити шуморо ташкил мекунад, кӯшиш мекунед, иқдомҳоятон оқибат шуморо аз вартаи тангназирӣ берун хоҳанд кард, аммо муҳити иҷтимоии қаблан дошта ҳамеша нигаронкунанда аст ва қонуни ҷомеаҳо новобаста аз навъҳояшон тобеъ будани ақаллият бар аксарият маҳсуб мешавад.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

### I. Сарчашмаҳо:


1.Абӯалӣ ибни Сино. Осор, (Иборат аз 15 ҷилд), Ҷилди 1, Душанбе, “Дониш”, - 2005, 854 с.

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (Иборат аз 10 ҷилд), Ҷилди 3, Душанбе, «Ирфон”, - 1985, 448 с.
2. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (Иборат аз 10 ҷилд), Ҷилди 4, Душанбе, “Ирфон”, - 1992, 320 с.
3. Абӯалӣ ибни Сино. Таълиқот, Душанбе, “Ирфон”, - 1992, 255 с.
4. Авеста. – СПб.: Филологический факультет СПбГУ, Нестор-История, 2013, - 544 с.
5. Ахмад Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург, - Сталинабад: Таджикгосиздат, 1960, - 296 с.
6. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби I, -Душанбе: “Дониш”, 1988, - 287 с.
7. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ, Китоби II, -Душанбе: “Дониш”, 1989, - 334 с.
8. Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития, - Душанбе: “Сарват”, - 1992, - 99 с.
9. Аҳмади Дониш. Меёр-ут-тадайюн, - Душанбе: “Эр-граф”, 2010, - 308 с.
10. Ибн Сина (Авиценна). Избранные философские произведения, - М.: Наука, 1980, - 558 с.

11. Ибни Халдун. Муқаддима. Иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1, - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2019, - 688 с.
12. Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ, - Душанбе: Шуҷоиён, 2009, - 386 с.
13. Фирдоуси. Шахнаме. Т. VI, - М. Наука, 1989, - 655 с.

II. **Адабиёти илмӣ:**
1. Адорно Т. Негативная диалектика, -М.: “Научный мир”, 2003, - 350 с.
2. Анисимов Е.В. Культурные реформы Петра Великого, - М.: Центрполиграф, 2010, - 424 с.
3. Ардаконӣ Р. Дар бораи илм, - Душанбе: “Дониш”, 2010, - 350 с.
4. Ашуров Г.А. Актуальные вопросы просветительства. – Известия АН РТ, - 1995, №2 (14), с. 49-60.
5. Бадрийяр Ж. Общество потребления, -М.: Республика, 2006, - 269 с.
6. Баллер Э. А. Преемственность в развитии культуры, -М.: “Наука”, 1969, - 294 с.
7. Баллер Э. А. Социальный процесс и культурное наследие, - М.: “Наука”, 1987, - 225 с.
8. Баҳоваддинов А. Очерки по истории таджикской философии, - Душанбе: 1961, - 332 с.

9. Бауман З. Глобализация. Последствия для человека и общества, - М.: «Весь Мир», 2004, - 188 с.
10. Бауман З. Спор о постмодернизме, Социальний журнал, 4 ноября 1994 г., - с. 69-80.
11. Бауман 3. Глобализация. Последствия для человека и общества. — М.: Логос, 2004. -215 с.
12. Бауман 3. Индивидуализированное общество. М.: Аспект-Пресс, 2002. -281 с.
13. Бек Ульрих. Что такое глобализация? Ошибки глобализма – ответы на глобализацию, - М.: Прогресс-Традиция, 2001, - 304 с.
14. Бекзода К. Шуубия: диссиденты средневекого ислама, - Душанбе: “Дониш”, 2017, - 400 с.
15. Бекзода К. Аз таърихи худшиносии тоҷикон, -Душанбе: “Дониш”, 2006, - 148 с.
16. Белл Д. Грядущее Постиндустриальное Общество, -М.: “Академия”, 2004, - 790 с.
17. Бенхабиб С. Притязания культуры, равенство и разнообразие в глобальную эру, - М.: «Логос», 2003, -350 с.
18. Бергсон А. Творческая эволюция, - М.: “Эксмо”, 2018, - 320 с.
19. Берунӣ А. Осор-ул-боқия, - Душанбе: “Ирфон”, 1990, - 432 с.
20. Бжезинский З. Великое шахматное дела, - М.: АСТ, 2018, - 384 с.

21. Бред Гуч. Секрет Руми, - Душанбе: “Эр-граф”, 2021, -368 с.
22. Валлерстайн И. Анализ мировых систем и ситуация в современном мире, - Санкт-Петербург: Издательство “Университетская книга”, 2001, - 415 с.
23. Вебер М. Протестантская этика и дух капитализма, -М.: АСТ, 2020,
24. Гегель Г.В.Ф. Философия права, - М.: Мысль, -1990, -527 с.
25. Гидденс Э. Устроение общества, - М.: Академический Проект, 2005, - 528 с.
26. Гидденс Э.Модерн и самоидентичность, - М.: 1991, - 19 с.
27. Гидденс Э. Ускользающий мир: как глобализация меняет нашу жизнь. - М.: Весь мир, 2004. - 120 с.
28. Гумилев Л.Н. Энтогенез и биосфера Земли, - М.: “Мысль” 1960, - 399 с.
29. Гуревич А.Я. Категории средневековой культуры, -М.: «Искусство», 1984, - 320 с.
30. Деррида Ж. Письмо и различие, - М.: 2000, - 495 с.
31. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино, -Душанбе: “Дониш”, 2011, - 408 с.
32. Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино, -Душанбе: “Эр-граф”, 2017, - 656 с.
33. Доварӣ Ғ. Таҳлили забонӣ ва таърихии вожаи “тожик” бар мабнои осори кашфшуда, - Душанбе: 2021, - 200 с.

34. Додихудоев Х. Культура и цивилизация. Истины и парадоксы традиций, - Душанбе: 2006, - 393 с.
35. Дюргейм Э. О разделение общественного труда, - М.: 1996, - 432 с.
36. Закунов Ю.А. Наследование ценностей культуры и цивилизации: о новом содержания НИР в Институте наследия, Журнал Института наследия, 2018/3 (14).
37. Зарринкӯб А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон, - Душанбе: Ирфон, 1992, - 400 с.
38. Ибни Халдун. Муқаддима. Иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1, - Душанбе: “Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик”, 2019, - 688 с.
39. Ибни Қурбон. Фавоҳиш ва раҳоиш, - Душанбе: “Эр-граф”, 2003, - 200 с.
40. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим, - Душанбе: “Эр-граф”, 2007, - 480 с.
41. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ, - Душанбе: “Дониш”, 2013, - 380 с.
42. Информационное общество: проблемы становления и закономерности развития, - Новосибирск: ЦРНС, 2014, - 184 с.
43. Каган М.С. Философия культуры, - М.: “Юрайт”, 2020, - 353 с.
44. Камю А. Бунтующий человек, - М.: Издательство политической литературы, 1990, - 418 с.

45. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общества и культура, - М.: ГУ ВШЭ, 2000, - 608 с.
46. Конт О. Дух позитивной философии, - М.: «Феникс», 2003, - 256 с.
47. Культура Имеет Значение. Под ред. Л. Харрисона и С. Хантингтона, - М.: Московская школа политических исследований, 2002, - 320 с.
48. Линдси Б. Глобализация: повторение пройденного. Неопределенное будущее глобального капитализма, -М.: Интермедиатор, 2005, - 415 с.
49. Лиотар Ж. –Ф. Состояние постмодерна, - М.: Алетейя, 1998, - 160 с.
50. Лихачев Д.С. Избранные работы в трех томах, Том 1, - Ленинград: «Художественная литература», 1987, - 655 с.
51. Лоҳурӣ Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом, - Душанбе: “Эр-граф”, 2010, - 270 с.
52. Мавлавӣ. Маснавии маънавӣ, - Теҳрон: Нашри Замон, 2001, - 730 с.
53. Масов Р.М. История топорного разделения, - Душанбе: Ирфон, 1991, - 192 с.
54. Масов Р. Таърихи тоҷикон бо мӯҳри “комилан сиррӣ”, - Душанбе: “Дониш”, 1996, - 195 с.
55. Мароғаӣ. Сайёҳатномаи Иброҳимбек ё балои таассуби ӯ, - Душанбе: “Адиб”, 1991, - 672 с.

56. Морлен Ларюэль, Внешняя политика и идентичность в Центральной Азии, “Центральная Азия и внешние державы”, - М.:  2013, - 130 с.
57. Музаффари М. Системная антропология, - Душанбе: “Дониш”, 2021, - 218 с.
58. Музаффарӣ М. Шаклҳои маърифат ва сохтори равонии инсон, - Душанбе: 2021.
59. Муъин Муҳаммад. Фарҳанги амид, Ҷилди 2, - Теҳрон: 1363, - 2000 с.
60. Муҳаммад А.Н. Инсон, сиёсат ва ҷомеа, Империал-Групп, - Душанбе: 2018, - 240 с.
61. Муҳаммад А.Н. Тоҷики тоҷдор, - Душанбе: “Эр-граф”, 2018, - 168 с.
62. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих, дар 7 ҷилд, ҷилдҳои 1 ва 2, - Душанбе: “Ирфон”, 1990, - 480 с.
63. Наврузов С. Наука: развитие и кризис? – Душанбе: 2012.
64. Наврузов С. Синдром деформированного сознания, -Душанбе: «Санадвора», 2016,
65. Назри Яздонӣ. Ҳикмати Озодагон, - Душанбе: 2009, 176 с.
66. Негматов Н.Н. Таджикский феномен: История и теория, - Душанбе: 1997, - 448 с.
67. Ницше Ф. По ту сторону добра и зла, - М.: ЭКСМО,  2008, - 848 с.
68. Ницше Ф. Сочинение в 2 томах, том первый, - М.: 1990, - 830 с.

69. Нора П. Мест памяти, - СПб: Издательство Санкт-Петербургского Университета, 1999, - 328 с.
70. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ ва худшиносии миллӣ, - Душанбе: 2013.
71. Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ, - Душанбе: 2014.
72. Поппер К. Открытое общество и его враги (в 2 томах), - М.: Культурная инициатива, 1992, - 437 с.
73. Рахимов С. Актуальные проблемы таджикской культуры, - Душанбе: "Дониш", - 2020, - 388 с.
74. Розӣ Закариё. Мунтахаби осор. – Душанбе: "Адиб", - 1989, - 160 с.
75. Рубанов В. Г. Преемственность в научной деятельности, - Томск: "Дельтаплан", 2005, - 284 с.
76. Саидзода Ҷ. Гар хусрави курт бар далерон назадӣ. Рӯзномаи "Минбари халқ", 2021, №46 (1340).
77. Терборн Г. Мультикультуральние общества // Социологическое обозрение, 2001, -№1, с. 50-67.
78. Тойнби А. Постижение истории (сборник), - М.: Рольф, 2001, - 640 с.
79. Тойнби А., Хантингтон С. Вызовы и ответы. Как гибнут цивилизации, - М.: Алгоритм, 2016, - 288 с.

80. Турсон А. К смене культурных эпох Средней Азии. – Очерки истории и теории искусств таджикского народа, - Душанбе: 2018, с. 13-67.
81. Турсунов А. Эҳёи Аҷам. - Душанбе: “Ирфон”, 1984, - 208 с.
82. Тоффлер Э. Метаморфозы власты, - М.: АСТ, 2003, -669 с.
83. Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият, -Душанбе: Дониш, 2020, - 212 с.
84. Усмонзода Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйирёбии иҷтимоӣ, - Душанбе: 2016, - 120 с.
85. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома, иборат аз 9 ҷилд, ҷилди 6, - Душанбе: “Адиб”, 1989, - 552 с.
86. Фрейд З. Я и Оно, - М.: “Эксмо”, 2015, - 160 с.
87. Фрейд З. Психология масс и анализ человеческого Я, - М.: «Азбука», 2016, - 192 с.
88. Фридман Т. Плоский мир: краткая история XXI века, - М.: АСТ, 2007, - 608 с.
89. Фромм Э. Иметь или быть? - М.: «Издательство АСТ», 2009, - 442 с.
90. Фуко М. Воля к истине: по ту сторону знания, власти и сексуальности. Работы разных лет. – М.: Касталь, 1996, - 448 с.
91. Фукуяма Ф., Бродель Ф. Триумф глобализма. Конец истории или начало? - М.: Алгоритм, 2019, - 240 с.
92. Хайдеггер М. Бытие и время, - Харьков: Фолио, 2003, - 503 с.

93. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций, - М.: АСТ, 2016, - 640 с..
94. Хантингтон С. Кто мы? Вызовы американской национальной идентичности, - М.: АСТ, 2004, - 635 с.
95. Хантингтон С. Политический порядок в меняющихся обществах, - М.: Прогресс-Традиция, 1968, - 240 с.
96. Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне, - М.: Весь Мир, 2003, - 248 с.
97. Хабермас Ю. Техника и наука как «идеология», - М.: Параксис, 2007, - 208 с.
98. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо, - Душанбе: “Дониш”,  2009, - 576 с.
99. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоиву маънавӣ, - Душанбе: 1999, - 160 с.
100. Шариатӣ А. Сухане дар бораи китоб, суханронӣ дар рӯзи ифтитоҳи анҷумани китоб, - Теҳрон, “Интишороти чопхуш”, 1356, - 40 с.
101. Шозимов П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство, - Душанбе: “Ирфон”,  2003, - 208 с.
102. Шоисматуллоев Ш. Таджикистан в годы независимости: социальные и социокультурные трансформации, - Душанбе: “Дониш”, 2018, - 159 с.
103. Шпенглер О. Закат Европы. Очерки морфологии мировой истории, - М.: 1993, - 165 с.

104. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор, - Душанбе: “Эр-граф”, 2016, - 364 с.
105. Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис, - М.: Прогресс, 1996, - 344 с.
106. Эпштейн М.Н. Парадоксы новизны, - М.: Советский писатель, 1988, - 416 с.
107. Ясперс К. Смысл и назначение истории, - М.: Политиздат, 1991, - 527 с.
108. Ясперс К. Введение в философию, - М.: Пропилеи, 2000, - 192 с.
109. Ясперс К. Бадрияр Ж. Призрак толпы, - М.: Алгоритм, 2007, - 272 с.
110. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ, -Душанбе: “Ганҷ нашриёт”, 2015, - 144 с.
111. Ятимов С. Идеология ва манфиатҳои миллӣ, - Душанбе: 2015.
112. Ятимов С. Пойтахти давлат ва истиқлоли миллат, “Ҷумҳурият”, 24.11.2021.
113. Яъқубов Ю. Таърихи пайдоиши этноним ва забони тоҷик, - Душанбе: 2018, - 200 с.
114. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав, - Душанбе: “Нашриёти муосир”, 2020, - 976 с.
115. Ҷамшедов П. Фарҳанги ориёии бостон аз дирӯз то имрӯз, - Душанбе: “Эр-граф”, 2021, - 492 с.
116. Қурбонова Ш., Абдуллоҳ М.С. Чеҳраҳои академикӣ, -Душанбе: “Дониш”, 2022, - 278 с.

117. Ҷомӣ Абдураҳмон. Осор. Иборат аз 8 ҷилд, ҷилди 7, -Душанбе: “Адиб”, 1989, - 544 с.

## III. Васоити ахбори коммуникатсионӣ:

а) (https://www.anrt.tj).
б) (www.ifanrt.tj).

**АБДУЛЛОҲ МАШРАБ САЙФУЛЛОҲ**

# БУҲРОНИ ҲУВИЯТ

Ба чоп ______________ иҷозат дода шуд.
Андозаи ________ коғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Гарнитураи Times New Romans Tj.
Ҷузъи чопӣ шарти ________
Теъдоди нашр ________ нусха.
Супориши №_____.

М.Н “Дониш”-и АМИТ
________________________
________________________
________________________
________________________